ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 351.763



МИРЗОДА ФИРӮЗ САФАРАЛӢ

ҲУҚУҚ ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ИҶТИМОӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ УСТУВОРИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН (ТАҲЛИЛИ СОТСИОЛОГӢ)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси
5.4.3. – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва
равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ)

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон Шоназар Шоисматуллоев

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО 4

МУҚАДДИМА 5

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ 13

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ҲУҚУҚ ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ИҶТИМОӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ УСТУВОРИ ҶОМЕАИ МУОСИР 28

1.1. Таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ **..... 28**

1.2. Таҳқиқи назариявии масъалаҳои ҳуқуқӣ дар сотсиологияи классикӣ ва равишҳои муосири сотсиологӣ **..... 52**

1.3. Ҳолат ва амали иҷтимоии ҳуқуқ дар марҳилаи гузариши ҷомеа **..... 73**

БОБИ 2. ВАЗИФАҲОИ ИҶТИМОИИ ҲУҚУҚ ВА ТАТБИҚИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН 101

2.1. Мафҳуми «вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ» ва таснифи он дар равиши сотсиологӣ 101

2.2. Нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва рафтори иҷтимоии шаҳрвандон 118

2.3. Ҳуқуқ ҳамчун замина ва омили ҷойивазкунии иҷтимоӣ дар ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд 146

БОБИ 3. ТАЪСИРИ ҲУҚУҚ БА СОХТОРИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН 171

3.1. Масъалаҳои азнавсозӣ (модернизатсия)-и ҳуқуқ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд 171

3.2. Ҳамбастагии татбиқи ҳуқуқ ва ташаккули синфи миёна дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон 187

3.3. Ҷойгоҳи ҳуқуқ дар барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ . 207

БОБИ 4. НИГИЛИЗМИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБИ ҶОМЕАИ МУОСИР 226

4.1. Мафҳуми «нигилизми ҳуқуқӣ» ва сабабҳои пайдоишу паҳншавии он дар ҷомеаи муосир.....226
4.2. Оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон.....250
БОБИ 5. МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ҲУВИЯТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН 271
5.1. Хусусияти рушди шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 271
5.2. Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ҳамчун омили ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон 298
5.3. Ҳувияти ҳуқуқӣ ва нақши он дар ҳамгироии иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон.....321
ХУЛОСА.....343
ТАВСИЯҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ 350
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ 354
II. Рӯйхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ 393

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

МТС – Маркази таҳқиқоти сотсиологӣ

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Пас аз истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати иҷтимоӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва ҷомеаи шаҳрвандиро интихоб намуд. Ин раванд ба татбиқи ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ замина гузошта, барои таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва рушди устувори ҷомеа шароити мусоид фароҳам овард. Эъмори воқеан давлати демократию ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонун, иқтисоди бозоргонӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, азнавсозии соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандиро талаб менамояд.

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи оқилонаи неруи барқ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, инчунин, саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафҳои стратегии рушди Тоҷикистон муайян гардидаанд [14, с. 5]. Ҳамзамон ба ин, таҳкими идоракунии демократӣ, таъмини волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ, такмили фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва вусъати имконоти шаҳрвандон самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии мамлакат арзёбӣ шудаанд.

Раванди ташаккули низоми демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз истиқлоли давлатӣ дар шароити буҳрони амиқи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ оғоз гардид. Дар натиҷаи гузариш аз сохтори тоталитарӣ ба амсилаи демократии идоракунӣ, аз иқтисоди нақшавӣ ба муносибатҳои бозоргонӣ ҷомеаро мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва буҳрони амиқи сиёсӣ фаро гирифт. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар давраи гузариши ҷомеа таҳияшуда манфиату талаботи тағйирёфтаи шаҳрвандонро таҷассум намекарданд ва муносибатҳои нави иҷтимоӣ таъҷилӣ танзим намешуданд.

Давлати навистиқлоли Тоҷикистон неруманд набуд, вазифаҳои иҷтимоии худро дар сатҳи зарурӣ иҷро карда наметавонист, «тамоми ниҳодҳои марказӣ ва маҳаллии давлатдории мо пурра фалаҷ гашта, низоми идораи давлатӣ барҳам хӯрда буд» [27, с. 10]. Аз ин сабаб, арзиши иҷтимоии ҳуқуқ коҳиш ёфта, падидаҳои ғайриҳуқуқӣ ҷомеаро якбора фаро гирифтанд. Маҳз ба шарофати барқароршавии Ваҳдати миллӣ ва фаъолияти созандаи ватандӯстони асили ватанамон паёмадҳои номатлуби давраи гузариш бартараф ва фазои ҳуқуқии мусоид фароҳам гардиданд. Дар низоми ҳуқуқии кишвар тағйироти куллӣ ба амал омада, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фарҳанг ва ҳувияти миллии халқи тоҷик мувофиқ қабул шуданд.

Дар шароити муосир раванди такмил ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон идома дошта, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқи талаботи нави ҷомеа тағйир меёбанд. Имрӯз институти иҷтимоии ҳуқуқ заминаи асосии ташаккули давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро ташкил медиҳад, ки нисбат ба меъёрҳои ахлоқӣ ва динӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд. Фаъолияти шаҳрвандон, сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ амалӣ гардида, ҳуқуқ ҳамчун воситаи асосии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, қонеъ гардонидани манфиату талаботи иҷтимоӣ ва таъмини шароити муносиб барои ҷойивазкунии иҷтимоӣ амал мекунад.

Бо вуҷуди ин, дар роҳи татбиқи самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон як қатор мушкилот ва монеаҳо, мисли сатҳи нокифояи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, таззоди мазмунии баъзе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, мушкилоти раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, густариши нигилизм ва синизми ҳуқуқӣ, афзоиши шаклҳои гуногуни рафтори ғайриқонунӣ, аз қабили ҷинояткорӣ, шомилшавӣ ба ҳаракатҳои экстремистию террористӣ, амалҳои коррупсионӣ ва дигар падидаҳои номатлуб мушоҳида мешаванд. Ҳамаи ин зуҳуроти иҷтимоӣ ба ташаккули ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ таъсири манфӣ расонида, ба

таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ монеа эҷод менамоянд, инчунин, татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди кишварро низ душвор мегардонанд.

Барои бартарафсозии масъалаҳои болозикр ва татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлат баланд бардоштани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Аз ҳамин ҷиҳат, масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар меҳвари Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар соли 2023 қарор дошт. Роҳбари давлат раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпешаро ба дараҷаи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, таҳкими қонуният, фаъолияти шаффофи мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд алоқаманд донистаанд. Дар Паём махсус таъкид гардид, ки маҳз амалӣ гардидани меъёрҳои Конститутсия ба сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, рушди иқтисоди миллӣ, шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи шаҳрвандон мусоидат намуд. Бо дарназардошти нақши калидии ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» [16, с. 59] эълон гардид.

Мутаассифона, то кунун на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар давлатҳои пасошуравӣ ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва вазифаҳои иҷтимоии он дар шароити ҷомеаи дигаргуншаванда бо равиши сотсиологӣ таҳқиқ нагардидааст. Дар ҳолате, ки бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд бевосита ба фаъолияти самараноки институти ҳуқуқ вобастагӣ дорад ва ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ вазифаҳои муҳимми иҷтимоиро ба анҷом мерасонад, омӯзиши мавзуи диссертатсияи мазкур, махсусан, таҳқиқи сотсиологии он мубрам буда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Ҳуқуқ ҳамчун муҳимтарин институт ва падидаи иҷтимоии ҷомеа дар ҳама давру замон таваҷҷуҳи ҷомеашиносону равшанфикронро ба худ ҷалб намудааст. Таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар

доираи назарияҳои мухталифи фалсафӣ, ҳуқуқӣ ва сотсиологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Сарчашмаи қадимтарини афкори иҷтимоӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик «Авесто» аст, ки андешаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии тоисломии аҷдодони тоҷикро инъикос менамояд [309]. Рушди минбаъдаи андешаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар таълимоти бузургтарин мутафаккирони Юнону Рими Қадим, мисли Афлотун [131], Арасту [38], Сисерон [181] ва дигарон ифода ёфтаанд.

Дар осори илмӣ-фалсафии мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик, аз қабили А. Сино [30; 31; 71], А. Форобӣ [36; 37], Ф. Розӣ [130] ва дигарон масъалаҳои иҷтимоию ҳуқуқии ҷомеа хеле амиқ баррасӣ гардидаанд. Онҳо дар бораи нобаробариҳои иҷтимоӣ, моҳият ва нақши иҷтимоии ҳуқуқ, алоқамандии ҳуқуқ ва ахлоқ, маърифати ҳуқуқӣ ва адолати иҷтимоӣ фикрҳои илман асосноки хешро баён доштаанд. Дар бораи ислоҳоти ҷомеа, вазъи иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷомеаи Аморати Бухоро ва инкишофи илму маориф таҳқиқоти маорифпарвар ва файласуфи тоҷик А. Дониш [63] қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Ташаккули минбаъдаи назарияҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба таҳқиқоти илмии бузургтарин мутафаккирони Даврaҳои Эҳё, Замони Нав ва намояндагони фалсафаи классикии Олмон – Н. Макиавелли [104], Т. Гоббс [52; 53], Ҷ. Локк [101; 102], Ш. Монтеске [114; 115; 116], Ж.Ж. Руссо [146], И. Кант [78; 79; 80; 81], Ф. Гегел [49] ва дигарон алоқамандӣ доранд. Онҳо дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, амали иҷтимоии ҳуқуқ, омилҳои ташаккули ҳуқуқ, маърифати ҳуқуқӣ, шартномаи ҷамъиятӣ, тақсимоти ҳокимият, таносуби ахлоқ ва ҳуқуқ, тартиботи ҳуқуқӣ, давлати ҳуқуқбунёд, озодии виҷдон ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқоти арзишмандеро ба анҷом расонидаанд.

Нақши сотсиологҳои классики аврупоӣ – О. Конт [89], Г. Спенсер [163; 164; 165], Э. Дюркгейм [64; 65; 66], М. Вебер [45; 46; 47], К. Маркс [105; 106; 107] ва дигарон дар таҳқиқи ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, вазифаҳои

иҷтимоии ҳуқуқ, ҳолати ҳуқуқ дар давраи гузариши ҷамъият ва ҷойгоҳи ҳуқуқ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа хеле бузург аст. Маҳз сотсиологҳои классики Аврупо аввалин шуда, ҳуқуқро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ таҳқиқ намуда, нақш ва таъиноти онро дар рушди устувори ҷомеа нишон додаанд. Минбаъд, дар рушди сотсиологияи ҳуқуқ ва омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ҷомеашиносони асрҳои XIX-XX-и Россия С.А. Муромсев [367], Б.А. Кистяковский [87; 238], Л.И. Петражиский [369; 370], П.А. Сорокин [154; 155; 156; 157; 158] ва дигарон саҳми шоён гузоштаанд.

Аз сотсиологҳои муосири хориҷӣ, ки ҳуқуқро дар доираи равишҳои функсионализми сохторӣ, таҳлили системавӣ ва назарияи низоъ омӯхта, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, ҷойгоҳи ҳуқуқ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа, амали самараноки ҳуқуқ, адолати ҳуқуқӣ, шароити татбиқи қонун, ҷаҳонишавии ҳуқуқ, азнавсозии ҳуқуқ, мушкилоти ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои сотсиологияи ҳуқуқро таҳқиқ намудаанд, Т. Парсонс [128], Р. Мертон [112; 261], Р. Дарендорф [57], П. Бурде [361], К. Поппер [132], Э. Гидденс [50; 51], П. Штомпка [186], С. Хантингтон [177] ва дигаронро номбар намудан мумкин аст.

Омӯзиши ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар алоқамандӣ бо таҳқиқи масъалаҳои сотсиологӣ ба вуҷуд омадааст. Масъалаҳои ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, ҳолати ҳуқуқ, буҳрони ҳуқуқӣ, иҷро ва амалӣ шудани вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ дар шароити тағйироти куллӣ ва давраи гузариши ҷомеа, зуҳуроти номатлуби ҳуқуқии давраи гузариши ҷомеа ва аномияи ҳуқуқӣ аз тарафи ҷомеашиносони собиқ шуравӣ ва россиягӣ, мисли Н.И. Алексеева [200], Д.Г. Герашенко [332], В.В. Горшенин [334], А.Н. Данилов [56], В.Н. Кудрявсев [91], В.А. Кузменков [246], Л.Е. Лаптева [250], Р.З. Лившис [252], В.В. Сорокин [352], С.Г. Харлова [308] ва дигарон таҳқиқ гардидаанд.

Бояд таъкид намоем, ки яке аз масъалаҳои марказии сотсиологияи ҳуқуқ азнавсозӣ ва ҳувияти ҳуқуқӣ мебошад, ки дар таҳқиқи ин масъалаҳо саҳми ҷомеашиносони хориҷӣ, махсусан, Россия Е.В. Астапова [327], А.В. Белинков [328], Ю.Ю. Ветютнев [364], В.В. Денисенко [227], В.Д. Зоркин [231], Н.В.

Исаева [337], Ф.Г. Камкия [236], Л.В. Карнаушенко [237], Е.В. Резников [142; 280; 348; 371], О.Ю. Рибаков [282], Т.В. Шатковская [316], Э. Эриксон [187] ва дигарон хеле назаррас мебошад.

Дар раванди омӯзиши маводи диссертатсияи докторӣ маълум гардид, ки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, таснифи онҳо, масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ, нақши ҳуқуқ дар ҷойивазкунии иҷтимоӣ, ҳамбастагии амали самараноки ҳуқуқ ва синфи миёна, нақши ҳуқуқ дар барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро ҷомеашиносони хориҷӣ, махсусан, Россия А.И. Абрамов [326], С.С. Алексеев [33; 34], Н.Н. Гордеев [333], И. Карнер [84], А.А. Косих [90], В.В. Лапаева [97], С.И. Лошкарева-Имгрунт [338], В.С. Нерсесянс [121], Т.Н. Радко [139], Ҷ. Ролз [144], П. Сонеъ [153], М.В. Султанова [353], А.Г. Чернявский [315] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор додаанд ва корҳои илмии онҳо дар ин самтҳо арзиши баланди илмиро соҳиб ҳастанд.

Яке аз масъалаҳои марказии сотсиологияи ҳуқуқ нигилизми ҳуқуқӣ мебошад. Дар бораи мафҳум, моҳият, сабабҳои пайдоишу ташаккул, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ, омилҳои пешгирӣ ва коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, махсусан, рушди шуур ва маданияти ҳуқуқӣ, иҷтимоишавии ҳуқуқӣ файласуфон, сотсиологҳо ва ҳуқуқшиносон Р.Э. Арутюнян [202], Г.Д. Гритсенко [335], В.Н. Гуляихин [55], А.Н. Зрячкин [336], Н.И. Матузов [257; 258], Н.В. Никишова [269], И.Н. Сенин [350], М.Б. Смоленский [291], А.А. Соколова [351], Ю.А. Тихомиров [299], И.П. Усимова [356] ва дигарон таҳқиқоти арзишманди илмию сотсиологӣ ба анҷом расонидаанд.

Масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии файласуфон, сотсиологҳо, ҳуқуқшиносон ва иқтисодшиносони Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Махсусан, афкори иҷтимоӣ-ҳуқуқии мутафаккирони форсу тоҷик, марҳилаҳои таҳаввулоти ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, вазъи ҳуқуқии ҷомеа дар давраи гузариш ва тағйироти куллӣ, зуҳуроти гуногуни иҷтимоию ҳуқуқӣ (коррупсия, иқтисоди пинҳонӣ, камбизоатӣ, бекорӣ ва ғайра) дар давраи гузариши ҷомеа дар таҳқиқоти илмии муҳаққиқони ватанӣ

Г.С. Азизкулова [197], В.А. Баҳромбеков [40], И.Х. Бобоҷонзода [43], Э.Б. Буризода [217], С. Наврӯзов [117; 118], Э.С. Насриддинзода (Э.С. Насриддинов) [267], М.З. Раҳимов (М.З. Раҳимзода) [277], Х.Қ. Сафарализода [149; 349], Б.А. Сафаров [288], Р.Ш. Сотиволдиев [159; 160; 161; 162], Ф.Т. Тоҳиров [171; 298], А.Ғ. Холиқзода (А.Ғ. Холиқов) [179; 306; 311], Ш. Шоисматуллоев [185] ва дигарон таҷассум ёфтаанд.

Дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносони тоҷик М.С. Абдуллоҳ [29], Э.С. Насриддинзода [120; 266], А.К. Пиров [345], М.З. Раҳимзода [276], А.Х. Самиев [285], Х.У. Усмонзода (Х.У. Идиев) [72; 174], А.Ғ. Холиқзода [179], П.Д. Шозимов [359], Ш. Шоисматуллоев [323], С. Ятимов [194] ва дигарон баъзе аз ҷанбаҳои раванди азнавсозии ҳуқуқӣ, таносуби анъана ва азнавсозӣ, зарурат ва шароити азнавсозии ҳуқуқӣ, ҳувияти иҷтимоӣ, моҳияти ҳувияти ҳуқуқӣ ва омилҳои ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтаанд.

Вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, махсусан, вазифаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, нақши ҳуқуқ дар ҷойивазкунии иҷтимоӣ, ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, ҳамбастагии синфи миёна ва вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, ҷанбаҳои ҳуқуқии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин, масъалаҳои татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби файласуфон, сотсиологҳо ва ҳуқуқшиносони Тоҷикистон И.Х. Бобоҷонзода [136], А.М. Диноршоев [62], Г.Н. Зокиров [68], Ш.Т. Каримов [83], А.Ш. Қурбонов [94], Ғ.Ғ. Қаҳҳоров [42], А.Н. Муҳаммад (А.Н. Маҳмадов) [109], М.А. Маҳмудзода (М.А. Маҳмудов) [259], М.А. Назар [339], А.Ш. Одинаев [343], Д.Ш. Сангинзода (Д.Ш. Сангинов) [147], Р.Ш. Сотиволдиев [286; 287], М.Т. Таваллоев [169], Р.Ҷ. Ҳайдарзода (Р.Ҷ. Ҳайдаров) [358], Ш. Шоисматуллоев [183; 324] ва дигарон дар сатҳи муайян омӯхта шудаанд.

Масъалаҳои мафҳум, моҳият, сабабҳои пайдоиш, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ, инчунин, рушди шуур ва маданияти ҳуқуқӣ, иҷтимоишавӣ ва маърифати ҳуқуқӣ дар корҳои илмии З.Ш. Ғафуров

[224], А.М. Мансурзода [255], П.С. Назарзода [340], Э.С. Насриддинзода [341], Л.М. Нусратов [125; 342], М.З. Раҳимзода [276], Р.Ш. Сотиволдиев [162], Ф.Т. Тоҳиров [171], Н.С. Шоев [182] ва дигарон таҳқиқ гардидаанд.

Бояд изҳор намоем, ки масъалаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, эъмори ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, фаъолияти пурсамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, маърифати ҳуқуқӣ ва ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии Тоҷикистон дар китобҳои илмӣ, Паёмҳои солона, суханрониҳо ва вохӯриҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикос гардидаанд.

Бо арҷгузорӣ ба аҳаммияти бузурги илмӣ ва арзиши методологии таҳқиқоти номбаршуда, сарфи назар аз мавҷуд будани адабиёти илмии соҳавӣ мавзуи рисолаи докторӣ, яъне ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ бо равиши сотсиологӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳою шароити хоси Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ва кофӣ таҳқиқ нагардидааст. Ҳарчанд баъзе аз таҳқиқот ва корҳои илмии олимони соҳа ба ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуи диссертатсияи докторӣ дахл кардаанд, аммо онҳо маҳдуд буда, моҳияти масъалаи таҳқиқшавандаро ҳамаҷониба инъикос накардаанд. Аз ин рӯ, бо равиши сотсиологӣ таҳқиқу таҳлили ҳамаҷонибаи институти иҷтимоии ҳуқуқ ва ҳаёти иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷомеаи Тоҷикистон торафт мубрамии хосаро касб менамояд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ё мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсияи пешниҳодшуда дар доираи иҷроиши мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Таҳлили сотсиологии омилҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии рушди ҷомеаи баъдишуравии Тоҷикистон» (барои солҳои 2021-2025) анҷом дода шудааст. Яке аз қисматҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур ба масъалаи «Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушд ва устувории ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)» бахшида шуда, ҳамзамон бо ин, мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи докторӣ низ мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот – дар доираи равиши сотсиологӣ таҳқиқи хусусиятҳои ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон аст.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади гузошташуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷроиши вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шудаанд:

- таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар устувории ҷомеаи муосир;
- тасвири ҳолат ва амали иҷтимоии ҳуқуқ дар марҳилаи гузариши ҷомеа;
- муайян кардани вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва таснифу тағйироти онҳо;
- таҳлилу баррасии нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва рафтори иҷтимоии шаҳрвандон;
- ошкор сохтан ва шарҳи раванди ҷойивазкунии иҷтимоии ҳуқуқ дар ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд;
- таҳлили масъалаҳои азнавсозӣ (модернизатсия)-и ҳуқуқ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд;
- ошкор сохтан ва шарҳи ҳамбастагии татбиқи ҳуқуқ ва ташаккули синфи миёна дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон;
- муайян намудани ҷойгоҳи ҳуқуқ дар барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- шарҳ додани мафҳуми «нигилизми ҳуқуқӣ» ва ошкор сохтани сабабҳои пайдоишу паҳншавии он дар ҷомеа;
- муайян намудани роҳҳои пешгирӣ ва бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон;
- таҳқиқи масъалаҳои рушди шуур ва маданияти ҳуқуқӣ ҳамчун омили пешгирӣ ва бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон;
- омӯзиши раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ҳамчун омили рушди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон;

– шарҳи моҳияти ҳувияти ҳуқуқӣ ва нишон додани нақши он дар ҳамгироии иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот. Ба сифати объекти диссертатсия ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ баромад менамояд.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот – хусусиятҳои ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Доираи таърихии таҳқиқот марҳилаи муосири рушди ҷомеаи Тоҷикистонро фаро гирифта, таҳқиқоти диссертатсионӣ тайи солҳои 2018-2024 дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷиҳати назариявӣ ба асарҳои аслии мутафаккирони гузаштаи форсу тоҷик ва аврупоӣ, таҳқиқоти сотсиологҳои классик, таҳқиқоти илмии ҷомеашиносони муосири ватанию хориҷӣ, ки ба таҳқиқи ҳуқуқ, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, рисолати ҳуқуқ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа, нигилизми ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ бахшида шудаанд, асос ёфтааст. Дар омӯзиши мавзуи диссертатсияи докторӣ равишҳои сотсиологии функсионализми сохторӣ, низои иҷтимоӣ, позитивизм ва ғайра васеъ истифода гардиданд. Равишҳои мазкур имконият доданд, ки ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва зуҳуроти гуногуни иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир ба таври фарогир ва амиқ таҳлил шаванд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Дар таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ методҳои таърихӣ, диалектикӣ, таҳлили системавӣ, таҳлили муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ, оморӣ ва дигар методҳои умумиилмӣ истифода шудаанд. Барои таҳлили сотсиологии мавзуи диссертатсионӣ таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд, ки дар он методҳои сотсиологии миқдорӣ ва сифатӣ, аз қабили пурсиши сотсиологӣ (анкетаи сотсиологӣ тариқи барномаи «Microsoft Forms» дар режими онлайн), мушоҳидаи сотсиологӣ ва таҳлили ҳуҷҷатҳо ба

таври васеъ истифода гардиданд. Маълумоти аз таҳқиқоти сотсиологӣ ҷамъоваришуда тавассути барномаи таҳлили омории SPSS коркард гардида, натиҷаҳои таҳқиқот таҳлил шуданд. Инчунин, ба сифати сарчашмаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ адабиёти илмии соҳавӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва таърихӣ, мақолаҳои илмӣ ва маводи сомонаҳои интернетӣ (махсусан, омори расмӣ), шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ истифода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ҳосилшуда муайян ва ба таври зерин мушаххас шудаанд:

1. Аввалин маротиба ҷанбаҳои иҷтимоии ҳуқуқ бо равиши сотсиологӣ ва таърихӣ дар таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқии бузургтарин мутафаккирони Юнони Қадим, Рими Қадим, мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик, мутафаккирони Давраи эҳё ва Замони нав, сотсиологҳои классикӣ ва замони муосир таҳқиқ гардид ва андешаҳои онҳо нисбат ба ҳуқуқ ботафсил мавриди таҳлилу муқоиса қарор гирифт. Муайян гардид, ки аксарияти мутафаккирону ҷомеашиносон ҳуқуқро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ эътироф намуда, тартибот ва рушди ҷомеаро ба амали самараноки он марбут медонанд.

2. Аввалин маротиба дар илми сотсиологияи ватанӣ бо равишҳои сотсиологӣ (функсионализми сохторӣ, низои иҷтимоӣ ва позитивизм) ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва институти иҷтимоӣ муфассал таҳқиқ гардид. Муайян шуд, ки ҳуқуқ яке аз муҳимтарин институти иҷтимоӣ буда, дар ҷамъият як зумра вазифаҳои муҳимму мушаххасеро ба анҷом мерасонад, инчунин, ҳуқуқ ба ҳаёту фаъолияти одамон алоқамандии зич дошта, талабот ва манфиати иҷтимоии онҳоро таҷассум менамояд.

3. Таҳқиқот муайян намуд, ки ҳуқуқ на иродаи синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии ҳукумрон ва шахсони алоҳидаи ҷомеа, балки иродаи халқро ифода менамояд, ба рушди шахсият, ҳифзи амният ва манфиатҳои шаҳрвандон, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти иҷтимоӣ ва рушду устувории ҷомеа нигаронида шудааст.

4. Муайян шуд, ки бо пешрафти ҷамъият, ҷаҳонишавӣ, шаҳришавӣ ва дастовардҳои илмию техникӣ ва технологӣ нақши ҳуқуқ ҳамчун воситаи танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ меафзояд ва таъсири дигар меъёрҳои иҷтимоӣ, мисли ахлоқ, дин, анъанаҳо ва ғайра коҳиш меёбанд. Дар чунин шароит ҳуқуқ ҳам муносибатҳои иҷтимоии уфуқӣ ва ҳам амудиро танзим намуда метавонад.

5. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки давраи гузариш ба иҷрои самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ халал мерасонад, падидаҳои номатлуби ҳуқуқӣ, мисли нигилизми ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайрокуниҳо ва каҷрафтории иҷтимоӣ меафзоянд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар давраи гузариш муносибатҳои нави пайдошударо саривақт танзим карда наметавонанд, қонунҳои бо шитобкорӣ қабулшуда зиддиятноканд ва низоми ҳуқуқӣ ниёз ба ислоҳот ва азнавсозӣ доранд. Барои шарҳу тавзеҳи хусусиятҳои ҳуқуқ дар давраи гузариши Тоҷикистон назарияҳои гуногуни сотсиологӣ, махсусан, назарияи классикии «аномия»-и сотсиологи франсавӣ Э. Дюркгейм истифода гардиданд.

6. Таҳқиқот муайян намуд, ки ҳуқуқ вазифаҳои назорати иҷтимоӣ, тарбиявӣ (иҷтимоишавии ҳуқуқӣ), ҳамгироӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ҷойивазкунии иҷтимоиро иҷро менамояд. Бори аввал ошкор шуд, ки вазифаи ҷойивазкунии иҷтимоии ҳуқуқ барои устуворӣ ва рушди ҷомеа аҳаммияти муҳим дорад, зеро ҳуқуқ ба шаҳрвандон барои муайян ва дар амал татбиқ намудани қобилияту истеъдод ва тавоноии худ мусоидат мекунад, инчунин, ба ташаккули сармояи инсонӣ оварда мерасонад. Шаҳрвандон ҳуқуқ ва озодиҳои худро амалӣ намуда, бо ин восита дар низоми табақабандии иҷтимоӣ мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии худро тағйир дода метавонанд.

7. Дар заминаи таҳлилу баррасии назарияҳои илмӣ ошкор гардид, ки азнавсозии ҳуқуқӣ ва пайваст намудани низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба фазои ҳуқуқии ҷаҳонӣ зарурати ҷомеаи муосир мебошад ва он бояд бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқии ҷаҳонӣ, маданияту ҳувияти миллӣ ва

талаботи иҷтимоии шаҳрвандон сурат гирад. Аввалин маротиба ҳамбастагии синфи миёна ва ҳуқуқ таҳқиқ шуд ва ошкор гардид, ки амали самараноки ҳуқуқ, иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва сатҳи қонунпазирии шаҳрвандон, риоя ва иҷрои талаботи қонунҳои амалкунанда, сатҳи рушди шуур ва маданияти ҳуқуқӣ ба вазъи ташаккули синфи миёна вобастагӣ доранд. Муайян шуд, ки аксарияти намояндагони синфи миёна қонунпазиранд, ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои худро медонанд ва дарк мекунанд, ба тарбияи ҳуқуқии аъзоёни оилаи худ диққат медиҳанд ва аз ҳуқуқу озодиҳои худ самаранок истифода мебаранд.

8. Натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ намуданд, ки ҳуқуқ, волоияти қонун ва амали самараноки қонунҳо ба барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд. Маҳз ба шарофати ҳуқуқ шаҳрвандон ба суъбъектони созандаю эҷодкори ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил меёбанд. Ҳуқуқ нахуст барои барқароршавии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ роҳ мекушояд ва минбаъд дараҷаи рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иҷрои самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқро таъмин карда метавонанд.

9. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум гардид, ки амали самараноки ҳуқуқ ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ба як зумра шароиту омилҳо, мисли дараҷаи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, сифати қонунҳои амалкунанда, сатҳи рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа, ташаббускорию фаъолӣ ва созандагии шаҳрвандон, вазъи сиёсии ҷомеа (ваҳдати миллӣ) ва ҳолати рушди синфи миёна вобастагии зиёд дорад. Таҳлилҳои илмӣ ва мушоҳидаҳо нишон доданд, ки маҳз ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти шаҳрвандон ва бартарафсозии таҳдиду хатарҳои замони муосир барои амалӣ гардидани вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ мусоидат менамоянд.

10. Дар заминаи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ сабабҳои пайдоишу паҳншавӣ ва паёмаду таҳдидҳои нигилизми ҳуқуқӣ муайян шуданд. Аз ҷумла маълум гардид, ки нигилизми ҳуқуқӣ дар байни ҳамаи табақаҳои

аҳолӣ, ҳатто хизматчиёни давлатӣ, зиёиён ва намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мушоҳида мерасад. Маҳз сатҳи баланди нигилизми ҳуқуқӣ боис гардидааст, ки баъзе аз шаҳрвандон ба неруи ҳуқуқ, қонун ва намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътимод надоранд, дар ҳолати поймол шудани ҳуқуқу озодиҳои худ ба мақомоти дахлдор мурочиат намекунанд, бо роҳҳои ғайриҳуқуқӣ масъалаҳои ҳаётии худро ҳал кардан мехоҳанд.

11. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ маълум гардид, ки шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон дар сатҳи кофӣ ташаккул наёфтаанд ва раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ низ қаноатмандкунанда нест. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд. Махсусан, пешниҳод гардид, ки барои таълими фанҳои ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ танҳо ҳуқуқшиносони касбӣ ҷалб шаванд.

12. Муайян шуд, дар шароити омехташавӣ ва буҳрони ҳувияти ҷомеаи муосир маҳз ҳувияти ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ҳамгироии ҳувиятҳои мухталиф (этникӣ, динӣ, шаҳрвандӣ, сиёсӣ, гендерӣ ва ғайра), омили бартарафсозии шиддати низоъҳои иҷтимоӣ-этникӣ ва нигилизми ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии ҷомеа баромад карда метавонад. Дар асоси таҳлилу омӯзиши адабиёти илмию назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ барои ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ ва таҳияву татбиқи қонунҳои миллӣ хулосаҳои зарурӣ пешниҳод шудаанд.

13. Дар заминаи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ барои иҷрои самаранок вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои ҳуқуқии ҷомеа тавсияҳо пешниҳод шуданд. Аз ҷумла, пешниҳод гардид, ки барои эъмори ҷомеаи воқеан демократию ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон бояд муқовимат бо коррупсия боз ҳам тақвият дода шавад, шаффофияти фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин гардад, иқтисоди пинҳонӣ аз байн равад, барои ташаккули синфи миёна тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд ва аз ҳама муҳим, ба раванди

иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Ҳуқуқ ҳамчун унсури сохтори иҷтимоии ҷомеа ва яке аз институтҳои асосии ҷамъият пас аз пайдоиши нобаробариҳои иҷтимоӣ, моликияти хусусӣ ва давлат дар байни дигар меъёрҳои иҷтимоӣ аз афзалияти хос бархӯрдор гардид. Аз замонҳои қадим то ба имрӯз донишмандон, файласуфон ва намояндагони илмҳои ҷомеашиносӣ падидаҳои гуногуни ҳуқуқиро омӯхта, дар бораи онҳо назари хешро баён намудаанд. Намояндагони равишҳои гуногуни сотсиологӣ, мисли функсионализм, функсионализми сохторӣ, назарияи низоъ, позитивизм ва ғайра ҳуқуқро ҳамчун институти иҷтимоӣ таҳқиқ намуда, ба соҳаи махсуси донишҳои сотсиологӣ – сотсиологияи ҳуқуқ асос гузоштанд. Классикони илми сотсиология – аз О. Конт сар карда, то П. Сорокин ҳуқуқро ба сифати яке аз пояҳои бинои ҷамъият, воситаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, нигоҳдошти ҳамоҳангӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, механизми тавонои тағйирот, таҳаввулот ва рушди ҷомеа арзёбӣ кардаанд. Дар асоси таҳлили назарияҳои гуногуни сотсиологӣ ва назари донишмандони соҳавӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳуқуқ институти иҷтимоист, ки тавассути иҷрои вазифаҳои иҷтимоии худ барои қонеъ гардидани талаботи моддӣ ва маънавии одамон мусоидат менамояд.

2. Ҷомеа доимо дар ҳолати тағйиру рушд аст, сохтори иҷтимоии ҷомеа ва унсурҳои он пайваста тағйир меёбанд ва ҳуқуқ низ ҳамчун унсури таркибии ин сохтор дигаргун мегардад. Махсусан, давраи гузариши ҷомеа, ки натиҷаи тағйироти куллӣ мебошад, фазои ҳуқуқии ҷамъиятро комилан дигаргун месозад. Танҳо дар асри XX халқи тоҷик ду марҳилаи гузариш: аз Аморати Бухоро ба Тоҷикистони Шуравӣ ва аз он ба Тоҷикистони соҳибистиқлолро аз сар гузаронидааст, ки ҳар яке аз онҳо дар шуур, маданият ва ҳувияти ҳуқуқии аҳолӣ таъсири назаррас расонидаанд. Дар охирин марҳилаи гузариш, яъне пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС Тоҷикистон Истиқлоли давлатиро ба даст овард,

аммо ҷомеаро ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони шадиди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, умуман, ба истилоҳи сотсиологӣ «аномияи ҳуқуқӣ» фаро гирифт. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии аввали давраи гузариш тамоми муносибатҳои нави иҷтимоиро танзим карда наметавонистанд, давлат низ ҳанӯз неруманд набуд, баъдан, шаҳрвандон иҷтимоишавии ҳуқуқии даврони аввали соҳибистиқлолиро муътадил нагузашта буданд. Аз ин сабаб, дар ҷомеа якбора сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва дигар намудҳои каҷрафтории иҷтимоӣ боло рафт. Ба шарофати Ваҳдати миллӣ мо тамоми пайомадҳои номатлуби давраи гузаришро бартараф намудем ва имрӯз ҳуқуқ ҳамчун неруи муқтадири дигаргуниҳои созандаи Тоҷикистон амал менамояд.

3. Дар равишҳои сотсиологии таҳқиқи ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст, ки нақш, таъинот ва самти таъсири ҳуқуқро ба ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ифода менамояд. Моҳият ва аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқ дар сатҳи иҷро ва татбиқу амалӣ гардидани вазифаҳои иҷтимоии он ҳувайдо мегардад. Дар сатҳи зарурӣ иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ барои амали пурсамари дигар институтҳои иҷтимоӣ (оила, маориф, иқтисодиёт, сиёсат, ВАО ва ғайра), ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон ва умуман, рушди устувори ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат менамояд. Дар асоси таҳлили нуқтаи назари донишмандони соҳа оид ба таснифи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳуқуқ дар ҷамъият вазифаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, ҷойивазнамоии иҷтимоӣ, назорати иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, иҷтимоишавӣ, муттаҳиднамоӣ, идоракунӣ ва ғайраро иҷро менамояд. Муҳимтарин вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ танзими муносибатҳои иҷтимоист. Меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба дигар меъёрҳои иҷтимоӣ (ахлоқӣ, динӣ ва ғайра) ҳам муносибатҳои уфуқӣ ва ҳам амудии ҷамъиятиро танзим намуда, ба дастгирии давлатӣ таъминанд.

4. Ҷойивазкунии иҷтимоӣ зуҳуроти муҳимми ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявист, ки ба табақабандии кушода, ҷомеаи кушода ва амали иҷтимоии ҳуқуқ ҳамбастагӣ дорад. Таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки

омили асосии пешрафти давлатҳои мутараққии ғарбӣ ба ҳамаи намояндагони табақаҳои иҷтимоӣ дастрас гардидани восита ва роҳҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ мебошад, ки бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд алоқамандӣ доранд. Маҳз ҳуқуқ ба ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз ҷинс, эътиқод, миллат, вазъи иқтисодӣ, мақоми иҷтимоӣ ва ғайра имконият медиҳад, ки ҳуқуқу озодиҳояшонро истифода бурда, қобилият ва истеъдоди хешро амалӣ гардонанд ва дар низоми табақабандии иҷтимоӣ мавқеашонро тағйир диҳанд.

5. Дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ мутобиқати қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами ҳуқуқии давлатҳои мутараққии ҷаҳонӣ дар қонунҳои миллӣ мебошад. Имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҳаёту фаъолияти иҷтимоии Тоҷикистон дигаргуниҳои ҷиддӣ босуръат идома доранд, бо пешрафти илму техника ва технологияи иртиботӣ муносибатҳои сифатан нави иҷтимоӣ ба миён омада, танзими ҳуқуқии саривақтиро талаб мекунанд. Масъалаҳои нави ҳуқуқиро, ки ба рушди ҷомеаи Тоҷикистон ва раванди ҷаҳонишавӣ алоқаманданд, тавассути азнавсозии ҳуқуқӣ ҳалли намудан мумкин аст. Азнавсозии ҳуқуқ тағйироти тадриҷию сифатии ҳуқуқ бо дарназардошти таҷрибаи муфиди ватанию умумиҷаҳонӣ ва талаботи рӯзафзуни шаҳрвандон аст. Агар азнавсозии ҳуқуқ самаранок анҷом пазирад, манфиат ва талаботи нави иҷтимоии шаҳрвандон дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум меёбанд, мухолифати мазмунии меъёрҳои ҳуқуқӣ бартараф гардида, ҳуқуқ ба фазои ҳуқуқии ҷаҳонӣ мепайвандад ва низоми мукаммалу пешрафтаи ҳуқуқи миллӣ ташаккул ёфта, барои азнавсозии дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ имконияту шароити мусоид фароҳам меояд. Ҳангоми азнавсозии ҳуқуқ бояд манфиатҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ, таҷрибаи ҳуқуқии миллӣ ва ҳувияти ҳуқуқӣ аз мадди назар дур намонанд.

6. Байни ҳуқуқ ва синфи миёна ҳамбастагии мутақобила вуҷуд дорад, зеро бо шарофати татбиқи самараноки ҳуқуқ намояндагони синфи миёна дар

Тоҷикистон, ки аксарият қонунпазиранд, шуур ва маданияти ташаккулёфта доранд, ботадриҷ зиёд мегарданд, ба иҷрои самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон ташаккули синфи миёна мусоидат менамояд. Шаҳрвандон дар натиҷаи амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои хеш ба муваффақиятҳои шахсию касбӣ ноил мегарданд ва тавассути ҷойивазкунии амудии болораванда дар низоми табақабандии иҷтимоӣ вазъи иқтисодӣ ва мақоми иҷтимоии худро тағйир дода метавонанд. Баъдан, аксарияти кулли намояндагони синфи миёна талаботи қонунҳоро пурра риоя ва иҷро менамоянд, дар асоси қонун фаъолияташонро ба роҳ мемонанд, барои онҳо рафтори қонунӣ арзиши ҳаётӣ ба ҳисоб меравад. Ин сифатҳои иҷтимоии намояндагони синфи иҷтимоӣ барои ҳукумронии ҳуқуқ ва қонун дар ҷомеа мусоидат менамоянд. Ҳуқуқ, ҷойивазкунии иҷтимоӣ ва синфи миёна занҷираест, ки ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ оварда мерасонад. Ҳуқуқ субъектҳои фаъолу ташаббускори ҷомеаи шаҳрвандиро ба вуҷуд меорад, тавассути ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар идораи ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ дар шарикӣ бо давлат фаъолона иштирок ва дар рушди устувори ҷамъият нақши назаррас мегузоранд.

7. Зуҳуроти иҷтимоӣ-ҳуқуқие, ки торафт дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, паҳн мегардад ва ба амнияти миллӣ таҳдид менамояд, нигилизми ҳуқуқӣ мебошад. Нигилизми ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии шуури ҳуқуқӣ, нишондиҳандаи муносибати шаҳрвандон нисбат ба ҳуқуқ, қонун ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, дар коҳиши арзиши иҷтимоии ҳуқуқ, инкори қонунҳои амалкунанда ва эътимод надоштан ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳувайдо мегардад. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки пайдоиш ва интишори нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа ба поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, пурра риоя нашудани талаботи қонун аз ҷониби намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мансабдорони давлатӣ, коррупсия, истифодаи ҳуқуқ ҳамчун воситаи зӯроварӣ, таҷассум наёфтани манфиату талаботи иҷтимоӣ дар санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ ва дуруст ба роҳ монда нашудани раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ (паст будани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ) ҳамбастагӣ дорад. Нигилизми ҳуқуқӣ боиси хароб гардидани раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, баста шудани роҳҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифодаи механизмҳои ғайриҳуқуқӣ ва афзудани каҷрафтории иҷтимоӣ мегардад. Бартарафсозӣ ва коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ба раванди амалӣ ва татбиқи низоми тадбирҳо ва чорабиниҳои давлатие вобастагӣ дорад, ки ба решакан кардани сабабҳои ин зуҳуроти иҷтимоӣ равона шудаанд.

8. Татбиқи ҳуқуқ дар ҷомеа ба рушди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, инчунин, самаранок ба роҳ мондани раванди иҷтимоишавии ҳуқуқии аҳолӣ алоқамандӣ дорад. Аксарияти шаҳрвандоне, ки шуур ва маданияти баланди ҳуқуқӣ доранд, неруманд ва фаъолу ташаббускоранд, ҳуқуқу озодиҳои худро амалӣ ва ҳифз мекунанд, уҳдадориҳои хешро содиқона иҷро менамоянд, дар рушди устувори ҷомеа саҳми назаррас мегузоранд. Сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон ба раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Маҳз дар раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ одамон донишҳо, арзишҳо ва меъёрҳои ҳуқуқиро меомӯзанд, рафтору фаъолияти ҳуқуқӣ содир менамоянд ва ҳувияти ҳуқуқиашон ташаккул меёбад. Ҳувияти ҳуқуқӣ, ки ба одатҳои ҳуқуқии миллӣ, шуури таърихӣ ва фарҳанги миллӣ такя намуда, мансубияти шахсро ба умумияти муайяни иҷтимоӣ ифода менамояд, мушкилиҳои буҳрони ҳувият, ҳамгироии байни ҳувияти иҷтимоӣ, низоъҳои нақшӣ ва мутобиқшавии муҳоҷирони меҳнатии хориҷии Тоҷикистонро бартараф карда метавонад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро барои таҳқиқи минбаъдаи ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, татбиқи самараноки вазифаҳои иҷтимоии он, бартарафсозии масъалаҳои ҳуқуқӣ, махсусан, нигилизми ҳуқуқӣ ва умуман, татбиқи самараноки сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ ва тавсияҳои диссертатсияи докторӣ барои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти қонунбарор, ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати таъмини иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ислоҳоти ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҷолиб буда метавонанд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣро мутахассисони соҳаи сотсиология ва дигар ҷомеашиносон дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ (навиштани диссертатсияҳои номзадию докторӣ ва гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ) ва омӯзгории худ, махсусан, дар таълими фанҳои сотсиология, сотсиологияи ҳуқуқ, сотсиологияи шахс, сотсиологияи каҷрафторӣ ва дигар фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ истифода бурда метавонанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз мувофиқати методология ва методҳои илмии интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, репрезентивӣ (намояндагӣ) будани интихобнома ва мониторинги натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ, коркарду таҳлил ва тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, маърӯза ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ҳувайдо мегардад. Диссертатсия дар асоси омӯзишу баррасӣ ва таҳлили сарчашмаҳои мухталифи илмӣ, адабиёти илмии соҳавӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, маводи оморӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, суханрониҳо ва Паёмҳои солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия гардидааст. Дар раванди гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ қоидаҳои ҳатмии методологӣ, методӣ ва техникии гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ ҷиддӣ риоя шудаанд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин мекунанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.4.3. – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона анҷом дода шудааст. Дар раванди омӯзишу таҳқиқи мавзуи диссертатсияи илмӣ муаллиф маводи зиёди илмӣ-назариявӣ ва таҳқиқотиро таҳлил карда, ба таҳияи мақола ва маърӯзаҳои илмӣ машғул шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дастоварди бевоситаи муаллифи диссертатсия буда, корҳои илмии нашршуда ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ салоҳияти ӯро доир ба масъалаҳои баррасишаванда дар диссертатсия тасдиқ мекунанд. Тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси хулосаҳои илмии диссертатсия, маводи таҳқиқоти сотсиологӣ ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф пешниҳод шудаанд.

Муҳаққиқ шахсан дар таҳқиқоти сотсиологии аз ҷониби кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронидашуда дар мавзуъҳои «Сабабҳо ва дарёфти роҳҳои имконпазири пешгирии рушди зуҳуроти экстремизм» (соли 2018), «Омӯзиши вазъият ва шароитҳои татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2021), «Масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон» (2022) ва «Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон» (2023), «Масъалаҳои экстремизм дар Тоҷикистон: сабабҳо, хатарҳо ва роҳҳои пешгирӣ» (2024) ва «Механизмҳои асосии ташаккули ҳувияти аҳолӣ дар Тоҷикистон» (2025) ширкат варзида, натиҷаҳои бадастомадаро коркард ва таҳлил намуда, дар навиштани диссертатсияи доктории худ бомаврид ва самаранок истифода бурдааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсияи докторӣ дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, натиҷаҳои он дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар монографияи нашршуда, мақолаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ инъикос гардидаанд, аз ҷумла: конференсияи ҷумҳуриявӣ «Нақши маориф дар мубориза бар зидди экстремизми сиёсӣ ва терроризм» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 22 феврали соли 2022) дар мавзуи «Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муқовимат бар зидди паҳншавии идеологияи экстремистӣ ва террористӣ (дар асоси маводи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ)»; конференсияи байналмилалӣ «Раванди ташаккули институтсионалии кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо, масъалаҳо ва тамоюлҳо» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 ноябри соли 2022) дар мавзуи «Сиёсати иҷтимоӣ ва масъалаи татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат ва рушди неруи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 26 апрели соли 2022) дар мавзуи «Омилҳои ҳуқуқии рушди неруи инсонӣ дар Тоҷикистон»; конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Сармояи инсонӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 майи соли 2023) дар мавзуи «Рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ»; конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Институти оила дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва нақши он дар рушди сармояи инсонӣ» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 17 майии соли 2024) дар мавзуи «Масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии оила дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон»; конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ «Таҳлили омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии рушди ҷомеаи пасошуравии Тоҷикистон» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 29-уми апрели соли 2025) дар мавзуи «Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди

ҳувияти ҳуқуқии шахс»; конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Механизмҳои иҷтимоии ташаккули ҳувияти аҳолӣ ва рушди сармояи иҷтимоӣ» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 майи соли 2025) дар мавзуи «Омилҳои ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон» ва ғайра. Натиҷаҳои таҳқиқот дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи ДМТ ҳангоми таълими фанни «Сотсиологияи ҳуқуқ» истифода шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 2 монография ва 43 мақолаи илмии муаллиф нашр шудаанд. Аз ҷумла 23 мақолаи илмии муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, ки мазмуни диссертатсияро ифода менамоянд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, панҷ боб, чордаҳ зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, 1 ҷадвал, 33 расм, 406 саҳифа, 382 номгӯйи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашударо дар бар мегирад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ҲУҚУҚ ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ИҶТИМОӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ УСТУВОРИ ҶОМЕАИ МУОСИР

1.1. Таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ

Дар заминаи тағйироту таҳаввулоти доимии ҷомеа, тақвияти бесобиқаи нобаробариҳои иҷтимоӣ, мураккаб гардидани сохтори нақшу мақоми иҷтимоӣ, афзудани талаботи иҷтимоӣ ва авҷ гирифтани низоъҳои иҷтимоӣ масъалаи ба мувозинат овардани манфиатҳои гуногуни аъзои ҷомеа аҳаммияти хос пайдо менамояд. Дар чунин шароит ташаккули амсилаҳои рафтори ҳуқуқӣ ва таҳкими нақши ҳуқуқ ҳамчун механизми асосии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон бо ин, дар давлатҳои пасошуравӣ равишҳои гуногуни сотсиологии таҳқиқи ҳуқуқ, мисли функсионализми сохторӣ, позитивизм, постмодернизм, глобализм ва ғайра роҳ меёбанд, ки дар доираи онҳо вазъи фазои ҳуқуқии ҷомеа, таъсири ҳуқуқ ба сохтори иҷтимоии ҷамъият ва омилҳои рушди ҳуқуқ бо дарназардошти талаботи нави иҷтимоӣ шарҳ дода мешаванд.

Пажуҳиши табиати иҷтимоии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ торафт таваҷҷуҳи муҳаққиқони илмҳои ҷамъиятшиносии Тоҷикистон, аз ҷумла сотсиологҳои кишварамонро ба худ ҷалб менамояд. Яке аз ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ҷомеаи соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва шаҳрвандист ва барои расидан ба ин ҳадафи олӣ ҳуқуқ ҳамчун заминаи устувори бунёдӣ амал менамояд.

Ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва шакли шуури ҷамъиятӣ аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи аҳли илму донишро ба худ ҷалб намудааст. Ҳанӯз дар аввалин маҷмуаи қонунҳои шоҳи Бобулистон Ҳаммурапӣ (1792-1750 то милод) вазифаҳои асосии ҳуқуқ барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, муҳофизати молу мулк, танзими тиҷорат ва дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқии халқи тоҷику форс аз замонҳои қадим сарчашма мегирад, «ниёгони мо хеле пештар аз интишори дини ислом аз донишҳои ҳуқуқӣ ва қазоӣ бохабар будаанд» [88, с. 62], ки дар манбаъҳои қадимтарини таърихӣ, аз ҷумла «Худойномак», «Корнамоии Ардашери Бобакон», «Ёдгори зарирон», «Авесто» ва ғайра ифода ёфтааст. Дар қатори муҳимтарин сарчашмаи хаттии таърихӣ, ки андешаҳои иҷтимоӣ, динӣ ва ҳуқуқии мардуми ориённажодро таҷассум менамоянд, дини Зардуштия (асри VI пеш аз милод) ва китоби «Авесто» ҷойгоҳи махсус доранд.

Зардуштия на танҳо таълимоти динӣ ва ахлоқӣ, балки як низоми мукаммали ҳуқуқӣ низ будааст. Ба андешаи ҳуқуқшиноси маъруфи тоҷик А.Ғ. Холиқзода, бахши махсуси «Вандидод»-и китоби «Авесто» ба масъалаҳои ҳуқуқӣ бахшида шуда, дар он мафҳуми «дод» ба маънои қонун ва мафҳуми «дев» ба маънои поймолкунандаи қонун истифода гардида, «Вандидод» маънои қонун ба муқобили ҳуқуқвайронкунандагонро дорад: «Авесто ҳамчун китоби илоҳии Аҳуро-Маздо дар баробари меъёрҳои динӣ талаботи ҳуқуқиро муқаррар намуда, ҳамчун иродаи Худо Аҳуро-Маздо барои тамоми зардуштиён ҳуқуқу уҳдадориҳоро муқаррар мекунад» [306, с. 12].

Мувофиқи таълимоти Зардуштия истисмори одам ва поймол намудани ҳуқуқи он зишттарин амали инсонӣ дониста мешавад, ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд барои интихоби озоди ҷойи истиқомат ва дахлнопазирии манзил муқаррар шудааст, ки «бешубҳа, аз оқилона будани низоми ҳуқуқии зардуштӣ шаҳодат медиҳад» [311, с. 55]. Ин меъёрҳои ҳуқуқӣ имконият доданд, ки ориёиҳои қадим дар сартосари кишвар сафар кунанд ва бо мардумони зиёди ин минтақаҳо озодона муошират карда, робитаҳои хешро ба роҳ монанд. Зардуштия дар ташаккул ва рушди давлатдории тоҷикон таъсири назаррас расонидааст ва таҷрибаи дуҳазорсолаи рушди давлат ва ҳуқуқи халқҳои ориёнажодро ҳифз намудааст.

Дар марҳилаи рушди барвақтаи Эрони Қадим ба мақомоти судӣ руҳониён таъсири зиёд мерасонидаанд. Бо пайдоиши давлати Ҳахоманишиён

мақомоти судӣ нисбатан аз таъсири дин озод гардида, низоми қонунгузорӣ ва кодексҳои ҳуқуқӣ пайдо мешаванд. Махсусан, дар замони ҳукумронии Куруши Кабир аввалин санади меъёрии ҳуқуқӣ – Эъломияи Куруши Кабир (539 то мелод) қабул гардидааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» таъкид менамоянд, ки Эъломияи Куруши Кабир аз фарҳанги ориёӣ ва арзишҳои инсондӯстона маншаъ гирифта, ҳамчун нахустин ҳуҷҷати таърихӣ принсипҳои эҳтироми ҳуқуқи инсон, озодии мазҳабу эътиқод ва ҳифзи моликияти шаҳрвандонро дар бар мегирад. Ба андешаи Сарвари давлат, «Шояд дар таърихи аҳди қадим ин эъломия нахустин иқдомест сӯйи ҷомеаи дунявию адолатпарвар, ки дертар тавассути рӯшанфикрони Юнону Рим ба Аврупо роҳ ёфта, заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстонаро падид овард» [14, с. 6, 20-21].

Эъломияи мазкур яке аз санадҳои муҳимми ҳуқуқие буд, ки ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, манзил, озодии интихоби ҷойи истиқомат ва озодии виҷдонро кафолат додааст. Ҳуқуқшиноси тоҷик Э.С. Насриддинзода дар бораи аҳаммияти Эъломияи Куруши Кабир чунин менависад: «Дар замони Ҳахоманишиён аллакай низоми ҳуқуқӣ ва тартиботи ҳуқуқии мустақил дар асоси «маълумот» («Қонуни Шоҳ») вуҷуд дошт, ки намоди ҳозираи худро дар Эъломияи Куруши Бузург оид ба ҳуқуқи инсон пайдо кардааст» [120, с. 113; 267, с. 58; 288, с. 215].

Подшоҳи дигари Ҳахоманишиён – Дорои I (522-486 п.м.) низ аз пайравонаш даъват мекард, ки қонунҳоро вайрон накунанд ба кишвари худ вафодор бошанд. Масалан, дар катибаи Бесутуни шаҳри Кирмоншоҳи Эрон, ки бо фармони ин шоҳи бузурги Ҳахоманишиён ҳаккокӣ гардидааст, чунин навишта шудааст: «Дар ин кишварҳо касе, ки [ба ман] вафодор буд, мукофоташ додам; ҳар кӣ хиёнаткор буд, ҷазои сахт додам. Ба лутфи Аҳуро Маздо ин кишварҳо қонуни маро риоя карданд. Тавре ки ман ба онҳо гуфтам, онҳо низ ҳамин тавр карданд» [176, с. 147].

Дар давраи ҳукумронии Сосониён, ки дини Зардуштӣ дини расмӣ эътироф гардида буд, коҳинон дар таҳияи масъалаҳои умумии мурофиаи судӣ низ нақши фаъол мебозиданд. Дар «Қонунномаи Сосониён» низоми ҳуқуқии он давра инъикос гардида, ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои инсон муқаррар шуда буданд. Дар нимаи дуюми давраи ҳукумронии Сосониён барои муассисаҳои судӣ маҷмуаҳои махсуси дастурҳо тартиб дода мешуданд, ки дар онҳо «баробари маълумоти умумӣ оид ба ҳуқуқу уҳдадориҳои баъзе идораҳо, рутбаҳо ва мансабдорон, инчунин, иқтибосҳо аз фармону низомномаҳои расмӣ ҷой дода шуда буданд» [129, с. 274].

Рушди низоми ҳуқуқии ҷаҳон ба таълимоти ҳуқуқии мутафаккирони Рими Қадим робитаи ногусастанӣ дорад. Римиҳои қадим ҳуқуқро санъати ҳақиқат ва адолат номида буданд, ҳуқуқи римӣ сарчашма ва намунаи низомҳои ҳуқуқии давлатҳои зиёди минбаъда будааст. Ҳикмати ҳуқуқии машҳур: «Хоҳи ки озод бошӣ, ғуломи қонун бош!» ба ҳуқуқшинос ва арбоби сиёсии Рими Қадим М.А. Сисерон (106-43 то милод) тааллуқ дорад. «Ҳуқуқи Рим, пеш аз ҳама, ҳуқуқи хусусии шаҳрванд мебошад» [203, с. 72]. Ба сифати нахустин манбаъҳои хаттии ҳуқуқӣ дар Рими Қадим қонунҳои подшоҳони Рим, аз ҷумла маҷмуи қонунҳои дувоздаҳ ҷадвал (миёнаҳои асри V то милод)-ро номбар намудан мумкин аст. Қонунҳо дар Рими Қадим дар маҷлиси халқӣ баррасӣ гардида, бо овоздиҳии умумихалқӣ қабул мешуданд.

Рушди минбаъдаи таълимоти ҳуқуқӣ ба Юнони Қадим рост меояд. Махсусан, қонунҳои арбоби давлатии афинагӣ – Солон (соли 594 то мелод) дар Афинаи Қадим заминаи демократияро гузошт. Яке аз бузургтарин файласуфи Юнони Қадим Афлотун (427-347 то мелод) дар китобаш «Қонунҳо» таъкид кардааст, ки қонунҳо бояд бо дарназардошти манфиати умумии ҷомеа қабул гардида, принсипи адолати иҷтимоиро таҷассум намоянд ва нисбат ба ҳамаи қишрҳои ҷомеа таъсири баробар дошта бошанд. Қонунгузор бояд шахсони қонунпазирро иззату эҳтиром намояд ва нофармонҳоро ҷазои сазовор диҳад. Мувофиқи таълимоти Афлотун агар қонунҳо ба манфиати гурӯҳҳо ва шахсони

алоҳида хизмат кунанд, раванди таназзули давлатро метезонанд: «Ман марги наздики он давлатеро мебинам, ки қонун қуввае надорад ва зери ҳокимияти ягон кас аст. Дар он ҷое, ки қонун ҳоким бар ҳокимон аст ва ҳокимон ғуломи қонун ҳастанд, ман наҷоти давлат ва тамоми неъматҳоеро мебинам, ки худоён ба давлатҳо ато мекунанд» [131, с. 317-318].

Афлотун амали самараноки ҳуқуқро ба ҳокимияти сиёсӣ ва сатҳи рушди давлат алоқаманд дониста, таъкид кардааст, ки агар қонунҳо ба талабот ҷавобгӯ бошанд ҳам, дар сурати фароҳам набудани шароити татбиқшавиашон ба давлат ҳеҷ манфиате намеоранд. Мутафаккир муътақид будааст, ки бо солхӯрда шудани қонунгузорон таҷрибаи касбиашон меафзояд, аммо бояд муҳлати фаъолияти қонунгузории ҳуқуқшиносон маҳдудият дошта бошад. Аз дидгоҳи ӯ, ҳомиёни қонун аз 20-сол зиёд дар қудрат монда наметавонанд ва онҳо бояд ба ин вазифа танҳо пас аз 50-солагӣ интихоб шаванд.

Ҳанӯз Афлотун пешниҳод кардааст, ки тарбияи инсон бояд тавассути қонун танзим шавад ва мақсаднок сурат гирифтани он зери назорати қонун бошад. Қонунгузорон дар тарбияи фарзандон роҳнамо бошанд, рафтори онҳоро ислоҳ карда, ба роҳи нек ҳидоят намоянд. Ба андешаи донишманд, бояд моҳият ва мазмуни қонунҳо ба шаҳрвандон шарҳ дода шуда, фаҳмонида шаванд. Танҳо дар ҳолате қонун барои дигарон намунаи ибрат шуда метавонад, ки агар он ягон масъалаи муҳимро сарфи назар накунад ва ҳар як калимаи он ба одамон дақиқ шарҳу тафсир гардад.

Файласуфи дигари Юнони Қадим – Арасту (384-322) ҳифзи ҳуқуқ ва моликияти хусусиро асоси устуворӣ ва рушди давлат номида, берун аз қонун амал карданро дур рафтан аз шаклҳои мутамаддини идоракунӣ ва наздик шудан ба зӯроварии истибдодӣ номидааст. Ба андешаи мутафаккир, адолатнок будани ҷомеа аз риоя ва иҷрои талаботи қонун вобастагӣ дорад. Ноодил шахсест, ки талаботи қонунро поймол намуда, манфиатҳои шахсиро боло мегузорад. Адолат ба қонуният ва рафтори одилона пайваст аст, аммо беадолатӣ поймол намудани қонун ва рафтори ғайриқонунист.

Арасту боварӣ дошт, ки ҳуқуқ ва шакли ифодаи он, яъне қонунҳо воситаи танзими муносибатҳои иҷтимоиянд ва давлат тавассути қонунҳо адолати иҷтимоиро дар ҷомеа таъмин менамояд. Донишманд мустақилияти ҳокимияти қонунбарорро кафолати волоияти ҳуқуқ ва объективию адолатнок будани қонунҳо номидааст: «Қонунгузории хуб бояд ҳокимияти олӣ бошад ва мансабдорон бояд танҳо дар ҳолатҳое нақши ҳалкунанда дошта бошанд, ки қонунҳо ҷавоби аниқ дода наметавонанд..., қонунҳое, ки ба намудҳои дурусти ҳукумат мувофиқанд, одилона хоҳанд буд» [38, с. 467].

Мувофиқи таълимоти Арасту, дар сохтори демократии давлатӣ ҳама дар назди қонун баробаранд, ҳама дар идораи давлатӣ иштирок карда метавонанд ва ҳуқуқи ишғоли мансабро доранд. Дар сохтори демократии тасвиркардаи Арасту халқ сарчашмаи ҳокимият буда, қарорҳои ҳалкунанда дар асоси қонун қабул мешаванд. Аз назари мутафаккир, «... дар он ҷое, ки қонун ҳукумрон нест, он ҷо сохтори давлатӣ нест. Қонун бояд бар ҳама чиз ҳукмронӣ кунад» [38, с. 496-497].

Арасту ҳамон сохтори иҷтимоӣ ва низоми сиёсиеро устувор номидааст, ки агар дар он синфи миёна вуҷуд дошта бошад ва дар рафти қонунгузорӣ бояд талаботи синфи миёна ба инобат гирифта шаванд. Ба андешаи ӯ, ҳар як давлат аз се қисм: сарватмандон, камбизоатон ва миёнаҳолон иборат аст, ҳуқуқвайронкунӣ дар байни намояндагони табақаи миёна нисбат ба дигар қишрҳои иҷтимоӣ камтар аст. Арасту ба ин назар будааст, ки дар давлатҳои дорои низоми демократӣ намояндагони табақаи миёна меафзоянд, зеро онҳо имкони истифодаи ҳуқуқҳои хешро дошта, сатҳи некуаҳволии худро таъмин карда метавонанд ва «беҳтарин қонунгузорон аз ҷумлаи шаҳрвандони доираи миёна ба вуҷуд омадаанд» [38, с. 509]. Донишманд қонунро тартибот номидааст ва муътақид будааст, ки «ҳокимият рондан бар мардуми озод назар ба ҳукмронӣ бар ғуломон зеботар ва бо фазилат мувофиқтар аст» [38, с. 618].

Мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик, ба мисли Абӯалии ибни Сино, Абунасри Форобӣ, Фахриддини Розӣ ва дигарон, оид ба моҳият ва

вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, робитаи ҳуқуқ бо ахлоқ, маърифати ҳуқуқӣ ва нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ осори илмии арзишмандеро ба мерос гузоштаанд.

Донишманди барҷастаи форсу тоҷик Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) масъалаи идора ва танзими қонунҳои динӣ ва сиёсатро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, чунин андешаро баён намудааст: «... Ва ин [илм] ду навъ аст: 1) дар бораи он, ки қавонини динӣ чӣ гуна бояд бошад, 2) сиёсат. Якумаш асос ва дуюм шоха ва натиҷа аст» [71, с. 103]. Абӯалӣ ибни Сино барои таъмини устувории низоми ҷомеаи одилона мавҷудияти ду навъи қонунро зарур мешуморад: қонунҳои дунявӣ ҳаёти иҷтимоию рӯзмарраи одамонро танзим менамоянд ва қонунҳои илоҳӣ ба ҳаёти маънавию охирати мардум равона гардидаанд. Мутафаккир оид ба аҳаммият ва ҷойгоҳи қонунҳои илоҳӣ чунин ибрози назар намудааст: «Мақсуди ҳакимон (файласуфон) аз шариат он чӣ нест, ки авом мепиндоранд» [30, с. 14].

Абӯалӣ ибни Сино фарқи хусусиятҳои идоракунии ҳаёти шаҳрӣ ва деҳотиро нишон дода, таъкид кардааст, ки як мансабдор ҳамзамон ҳокими шаҳр ва деҳот буда наметавонад, зеро идораи самараноки ҳар яке аз ин мавзеъҳои аҳолинишин хусусияти худро дорад. Аз ин рӯ, қонунҳо низ бояд бо дарназардошти шароити мушаххаси иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маъмурии шаҳру деҳот таҳия ва қабул шаванд. Муҳаққиқи осори Абӯалӣ ибни Сино, файласуфи тоҷик А. Умаров ин матлабро чунин тасвир кардааст: «Ба назар чунин мерасад, ки ин табиби бузург аз илми сиёсат ва ҳуқуқ низ хуб огоҳӣ дошта, аввалин шуда назарияи тақсимоти ҳокимиятро дар Шарқ пайрезӣ намудааст» [173, с. 34].

Ба андешаи Абӯалӣ ибни Сино, қабули қонунҳо ва таъмини амалигардии онҳо вазифаи муҳимми давлат буда, табақаҳо ва гурӯҳҳо бояд мутобиқ ба мақоми ишғолнамудаашон бо ҳам тобеъ бошанд: «Барои ҳифзи ҳаёти ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ) қонунгузор бояд ба ҳар як гурӯҳ роҳбар гузорад, аз паси он боз дигар роҳбар ва ин таъинот то он даме давом намояд, ки зинаҳо то

инсони зинаи поёнӣ хотима наёбад» [30, с. 45]. Донишманд ҳуқуқро бо адолат алоқаманд дониста, нобаробариҳои иҷтимоиро ҳамчун омили рушди ҷомеа арзёбӣ намудааст.

Дигар донишманди форсу тоҷик Абунасри Форобӣ (872-950) қонунро омили пешгирии каҷрафторӣ ва рафтори ҷоҳилона номидааст ва таъкид кардааст, ки баъзе аз шаҳрвандон нафаҳмида ё дидаю дониста қонунҳоро ба манфиати худ истифода бурдан мехоҳанд. Донишманд қонунгузоронро муҳимтарин шахсиятҳои ҷомеа номида, таъкид кардааст, ки онҳо бояд тафаккури фалсафӣ дошта бошанд, қонунҳоро мувофиқ ба манфиатҳои инсон амалӣ созанд ва тавассути қонунҳо барои саодати инсонӣ шароити заруриро фароҳам оваранд: «Аз ин рӯ, касе, ки ба сифати қонунгузор амал мекунад, ... бояд файласуф ҳам бошад» [36, с. 340]. Ба андешаи А. Форобӣ, агар қонунгузор аз маърифату дониш бархӯрдор набошад, пас қонуни барои мардум манфиатоварро таҳия ва муқаррар карда наметавонад ва «касе, ки худ ба қонунҳо беэътиноӣ мекунад ва зердастонашонро ба ин кор ташвиқ менамояд, бо ин амали худ боиси бесарусомонии бузург мешавад» [37, с. 146-147]. Дар ҷомеаи идеалии тасвирнамудаи А. Форобӣ волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ ченакҳои олии ахлоқи инсон ба ҳисоб мераванд.

Файласуфи тоҷик Фахриддини Розӣ (1150-1210) ба масъалаи қонунгузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба ин назар будааст, ки ҳокимону қозиён бояд дар асоси қонун ҳукм бароранд, адолати иҷтимоиро риоя намоянд ва нисбат ба даъвогарон ҷабру зулм ва ноҳақиро раво набинанд. Мутафаккир ҳанӯз дар асрҳои миёна рафторҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла ришваситонии шахсони мансабдор ва қозиёни замони худро шадидан маҳкум намуда, аз қонун дур шудан ва гирифтани ришваро амали куфр номида, ба ин ҳадис ишора кардааст: «Чун яке аз шумо ба мансаби қазоват (ҳукм кардан) қарор гирад, пас набояд дар ҳоли хашм ҳукмеро содир намояд ва ҳамчунин, бояд, ки дар ҳолати мурофиаи ҷонибайн баробариро дар нигоҳ кардан, нишастан ва ишора кардан риоят намояд» [130, с. 206-207].

Дар ташаккули афкори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии форсу тоҷик саҳми маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш (1827-1897) низ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Ӯ барномаи ислоҳоти ҷиддии низоми давлатдории Аморати Бухороро пешниҳод карда, дар асараш «Наводир-ул-вақоеъ» падидаҳои беқонунӣ ва беадолатӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, ақибмондагии соҳаҳои маорифу фарҳанг, ҷаҳолат ва бемаърифатӣ, инчунин, рафторҳои ғайриқонунии табақаҳои ҳукумрони ҷомеаи замони худро мавриди танқид қарор додааст. Мутафаккир боварӣ дошт, ки ба вуҷуд овардани дигаргуниҳои мусбат дар ҷомеа, пеш аз ҳама, тавассути тағйири ҷаҳонбинӣ ва тафаккури аҳолӣ, рушди илм ва маориф имконпазир мегардад.

А. Дониш фаъолияти ҳокимияти судӣ (қозӣ)-и Бухороро мавриди танқид қарор дода, қозиёнро шахсони фосид, бесавод ва беинсоф меҳисобид, зеро онҳо арзу шикояти мардумро дар доираи шариат ба таври одилона ва боинсофона ҳал намекарданд, барои расидан ба мансаби қозигӣ ришваи калон дода, минбаъд бо мақсади ба даст овардани фоида аз корафтодагон фатвоҳои ғайришаръӣ содир менамуданд. Аз ин рӯ, маорифпарвар аз мансабдорон эътирофи ҳуқуқи мардум, даст кашидан аз зулм ва риояи адолати иҷтимоиро талаб менамуд: «Султон агар хоҳад, ки дар раият адл кунад, мавориди эҳтиёҷи эшон шуморад ва бидонад, то зулм раво надорад ва ҳуқуқи он бишносад, то адо кунад» [63, с. 155].

Бо дарназардошти шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии Аморати Бухоро, А. Дониш ба чунин натиҷа расидааст, ки низоми ҳуқуқии давлат ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад. Ба андешаи ӯ, татбиқи адолати судӣ бояд аз ҷониби қозиёни инсонпарвар, донишманд ва одил сурат гирифта, салоҳият ва ҳуқуқҳои мансабдорони давлатӣ аз нав мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Ҳамзамон, тамоми табақаҳои ҷомеа, новобаста аз мақоми иҷтимоӣ, бояд барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ба ҷавобгарии муносиб кашида шаванд. Мутафаккир тағйири сохтори иҷтимоии ҷомеаро ба рушди маориф, баланд

гардидани сатҳи саводнокии аҳолӣ ва ташаккули тафаккури илмӣ алоқаманд медонист.

Рушди назарияҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба корҳои илмии бузургтарин мутафаккирони Давраҳои Эҳё ва Нав – Никколо Макиавелли (1469-1527), Томас Гоббс (1588-1679), Ҷон Локк (1632-1704), Шарл де Монтеске (1689-1755), Жан-Жак Руссо (1712-1778) ва дигарон ҳамбастагӣ доранд. Яке аз мутафаккирони бонуфузи давраи Эҳёи Аврупо Н. Макиавелли мафҳуми «манфиати давлат»-ро пешниҳод карда буд, ки тибқи он давлат бо мақсади ҳифзи манфиатҳои олии худ ва таъмини амнияти ҳаёти шаҳрвандон берун аз доираи қонунҳои мавҷуда амал карда метавонад. Ӯ таъкид кардааст, ки ҳангоми ба миён омадани зарурати ҳифз ва наҷоти Ватан шаҳрвандон бояд баҳсҳо ва ихтилофоти худро оид ба адолат ва беадолатӣ, зулм ва инсоф муваққатан канор гузошта, барои озодӣ, наҷот ва ҳимояи Ватан муттаҳид шаванд.

Н. Макиавелли ниёзмандиро яке аз омилҳои ихтирокорӣ дониста, қонунро воситаи муҳимми анҷом додани амалҳои нек ва нигоҳдории тартиботи иҷтимоӣ арзёбӣ кардааст: «Аз ин рӯ, мегӯянд, ки гуруснагӣ ва ниёзмандӣ одамонро ихтироъкор ва қонунҳо онҳоро хуб мекунанд. Дар он ҷое ки коре худ аз худ хуб анҷом дода мешавад, бидуни қонун, қонун лозим нест; вале вақте ки одати хуб аз байн меравад, қонун фавран зарур мешавад» [104, с. 27]. Андешаҳои ҳуқуқии Н. Макиавелли дар бораи прагматизм, афзалияти манфиати давлат, ҷудоии сиёсат аз ахлоқ ва зарурати мавҷудияти давлати неруманд дар хусусияти навоварона дошта, ба ташаккул ва рушди минбаъдаи назарияҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии таъсири назаррас расониданд.

Дар инкишофи ғояҳои ҳуқуқии Аврупо саҳми файласуфи англис Т. Гоббс, ки яке аз асосгузорони назарияи «шартномаи ҷамъиятӣ» ба шумор меравад, хело бузург аст. Ба андешаи ӯ, инсон дар ҳолати табиӣ дорои ҳуқуқҳои фитрӣ, бахусус, ҳуқуқ ба ҳаёт ва ҳифзи он мебошад. Ҳуқуқ ҳудуди рафтору амали одамонро муайян намуда, онҳоро барои иҷрои амалҳои муайян

уҳдадор месозад. Донишманд одамонро махлуққои худхоҳу бераҳм меҳисобид, ки дар сурати набудани ҳукумат ё низоми ҳуқуқӣ барои қонеи манфиати шахсии худ ба ҳар гуна амал даст зада, дар ҳолати табиии «ҷанги ҳама бар муқобили ҳама» ҳатто аз нобуд сохтани якдигар худдорӣ намекунанд. Аз ин рӯ, бо мақсади маҳдудсозии худхоҳии фардӣ ва таъмини амнияти шахсӣ одамон ба бастани «шартномаи ҷамъиятӣ» розӣ гардидаанд. Дар натиҷа барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини ҳамзистии осоиштаи мардум қонунҳо қабул шуданд, ки риояи онҳо барои ҳамаи аъзои ҷомеа судманд буданд.

Т. Гоббс исбот кардан мехост, ки одам бо тақлид ба табиат «ҳайвони сунъӣ», яъне давлатро ба вуҷуд меорад. Ӯ давлатро ба мори азиму боҳайбати тавоно, даҳшатнок ва бераҳми баҳрии инҷилӣ бо номи «Левиафан» монанд намуда, тавассути ин ташбеҳ қудрат ва тавоноии онро тасвир кардан мехоҳад. Мутафаккир муътақид будааст, ки иҷрои қонун танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки он ба неруи маҷбуркунанда таъмин бошад ва чунин неру давлат ба шумор меравад. Аз ин рӯ, давлат барои пешгирии исёнҳо, ҳифзи суботи ҷамъиятӣ ва нигоҳ доштани тартибот бояд дорои қудрати кофӣ ва тавоно бошад. Дар ҳолати зарурӣ давлат ҳуқуқ дорад, ки барои ҳимояи шаҳрвандон ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз воситаҳои зӯроварӣ истифода барад.

Т. Гоббс дар масъалаи маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши қонунҳо низ андешаҳои ҷолиберо баён кардааст, аз ҷумла ба андешаи ӯ, «қонун танҳо барои онҳое қонун аст, ки онро дарк карда метавонанд» [53, с. 115]. Донишманд таъкид кардааст, ки бояд қонунгузорон мазмуни қонунҳоро ба аҳолӣ шарҳ диҳанд, зеро ҳар як қонун ба шаҳру тафсир ниёз дорад ва баъзе аз мафҳуму калимаҳо ба маъноҳои мухталиф фаҳмида мешаванд. Ба андешаи мутафаккир, надонистани қонун шахсро аз ҷавобгарӣ озод намесозад ва рафтор танҳо дар ҳолате ҷиноят эътироф мегардад, ки агар пас аз қабули қонуни дахлдор содир шуда бошад. Т. Гоббс қонунеро босифат ва самарабахш меҳисобид, ки барои одамон ҳамчун роҳнамои рафтор хизмат намуда, пеши

роҳи кирдорҳои номатлубро гирад ва муносибатҳои байни одамонро ба манфиати тарафҳо танзим карда тавонад, зеро «дар ҳолати табиӣ ченаки ҳуқуқ манфиат аст» [52, с. 32].

Дигар назариётчии либерализм ва шартномаи ҷамъиятӣ Ҷ. Локк низ ба ин назар будааст, ки одамон дар ҳолати танҳоӣ ҳаёти шахсӣ ва моликияти хусусии худро дар сатҳи кофӣ ҳифз карда наметавонанд. Аз ин рӯ, онҳо бо роҳбарон ё давлат шартнома мебанданд, дар ивази маҳдуд намудани қисме аз ҳуқуқҳои худ ҳимояи ҳаёт, амният ва моликияти хусусии худро ба давлат вогузор менамояд: «Бинобар ин, вазифаи қонунгузор ҳифз кардани моликияти шахсии шаҳрвандони алоҳида, ғамхорӣ ба тамоми халқ ва манфиатҳои умумии он мебошад, то ки халқ дар сулҳу осоиш зиндагонӣ намояд, сарваташон афзояд ва худро аз истилои хориҷӣ муҳофизат карда тавонад» [102, с. 121]. Ҳокимият дар ҳолате қонунӣ буда метавонад, ки агар талаботи «шартномаи ҷамъиятӣ»-ро иҷро карда тавонад.

Ба андешаи Ҷ. Локк, қонунҳо хоҳишҳои номатлуб ва чандлаҳзаинаи одамонро ҷилавгирӣ менамоянд, ҳарчанд баъзе қонунҳоро поймол мекунанд, аммо онҳоро аз тарси атрофиён ва ҷазо комилан инкор намекунанд, нисбат ба ҳуқуқ ҳамеша эҳтироми нисбӣ боқӣ мемонад. Аз назари Ҷ. Локк, баъзе аз одамон қонунҳоро дидаю дониста поймол мекунанд, ба умеде, ки рафтори онҳо пинҳон мемонад: «Надонистани қонун ё шакку шубҳа ба он, умеде, ки ҳама чиз аз назари қонунгузор пинҳон монда метавонад, бо ин васила аз муҷозот раҳоӣ меёбанд ва амсоли инҳо мардумро ба дода шудан ба ҳавасҳои лаҳзаина водор месозад» [101, с. 124].

Ҷ. Локк қонунгузориро танҳо ҳуқуқе номидааст, ки халқ ба ҳокимияти қонунгузор додааст ва танҳо халқ шакли давлатро муайян карда метавонад. Ӯ таъкид кардааст, ки ҳокимият бояд фаъолияти идоракуниро дар асоси қонун амалӣ созад. Қонунҳо бояд бо назардошти манфиатҳои умумии ҷомеа қабул гардида, нисбат ба тамоми табақаҳои ҷомеа, аз ҷумла сарватмандону камбизоатон баробар татбиқ шаванд. Мутафаккир қонунро на танҳо воситаи

маҳдудсозии рафтор, балки шакли ифодаи озодӣ ва роҳнамои инсони оқилу озод барои расидан ба манфиати шахсӣ ва хизмат ба манфиати умум арзёбӣ намудааст. Ба андешаи ӯ, озодӣ маънои ихтиёрдорӣ ва соҳибӣ намудани шахсият ва моликияти худ дар доираи меъёрҳои қонунро дорад.

Аз назари Ҷ. Локк дар ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ягон нафар қонунҳо истисно нестанд, ҳама дар назди қонун баробаранд ва одамон барои раҳоӣ ёфтан аз ҳукумронии шахсони алоҳида қонунҳоро қабул карда, ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои хешро муқаррар намуданд. Донишманд қонунро воситаи муҳимми пешгирии зӯроварӣ, зулм ва поймол шудани ҳуқуқу озодиҳо номидааст: «дар ҷое, ки қонун тамом мешавад, зулм оғоз мешавад, агар қонун ба зарари дигарон вайрон карда шавад» [102, с. 379]. Умуман, идеяҳои Ҷ. Локк ба ташаккул ва рушди демократияи либералӣ, консепсияи ҳуқуқи инсон ва принсипҳои давлати муосири конститутсионӣ таъсири амиқ расонидаанд.

Файласуф ва ҳуқуқшиноси давраи маорифпарварии Франсия, назариётчии принсипи тақсимоти ҳокимият Ш.Л. Монтеске дар асари машҳураш «Оид ба руҳи қонунҳо» андешаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии хешро баён намудааст. Ӯ озодии сиёсиро яке аз арзишҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ дониста, таъкид менамояд, ки чунин озодӣ танҳо тавассути қонунҳои одилона таъмин мегардад. Аз дидгоҳи Ш.Л. Монтеске, озодӣ ҳуқуқи иҷрои ҳар амалест, ки қонун иҷозат медиҳад. Донишманд ба масъалаи детерминизми ҷуғрофӣ низ таваҷҷуҳ намуда, шакли идоракунии давлатро ба муҳити ҷуғрофӣ, аз ҷумла иқлим, релеф, хусусияти хок ва дигар омилҳо алоқаманд медонист. Ба андешаи ӯ, маҷмуи омилҳое чун иқлим, релеф, хусусияти хок, ахлоқ, урфу одат, анъана, қонун ва дин рафтору фаъолияти одамонро муайян намуда, «руҳи халқ»-ро ташаккул медиҳанд. Аз ин рӯ, қонунгузорӣ бояд ба хусусиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва равонии мардум мутобиқат дошта бошад.

Ш.Л. Монтеске ғояи тақсимоти ҳокимиятро асоснок намуд, ки ҳадафи асосии он пешгирии суиистифода аз ҳокимият ва таъмини мувозинати байни

шохаҳои гуногуни он мебошад. Аз назари мутафаккир, муттаҳид гардидани ҳокимияти қонунбарор ва иҷроия дар ихтиёри як шахс ё ниҳод ба маҳдудшавии озодӣ оварда расонида метавонад, зеро дар чунин ҳолат эҳтимоли қабул ва татбиқи қонунҳои дорои хусусияти истибдодӣ бештар мегардад. Агар се шохаи асосии ҳокимият: қонунбарор, иҷроия ва судӣ дар ихтиёри як шахс мутамарказ шавад, низоми давлатдорӣ зери хатар қарор мегирад, зеро дар чунин вазъ як шохаи ҳокимият ҳам қонунро қабул мекунад, ҳам иҷрои онро таъмин менамояд ва ҳамзамон, баррасии баҳсҳо ва ҷиноятҳоро ба уҳда мегирад.

Ш.Л. Монтеске қонунро ҳамчун воситаи ҷилавгирии худсарии афроди ҳукумрон ва таъмини баробарии шаҳрвандон арзёбӣ менамояд: «Дар ҳолати табиӣ одамон баробар таваллуд мешаванд, аммо онҳо ин баробариро нигоҳ дошта наметавонанд: ҷомеа баробариро аз онҳо мегирад ва онҳо танҳо ба шарофати қонунҳо дубора баробар мешаванд» [115, с. 103]. Аз нигоҳи донишманд, дар давлатҳои истибдодӣ қонун ба маънои воқеии худ вуҷуд надорад, зеро дар чунин низом судя худ қонун аст. Мутафаккир қонунҳоро тағйирёбанда номидааст ва «тағйири қонунҳо ба он вобаста аст, ки тафаккури пешниҳодкунандагони қонун ва тафаккури халққои онҳоро риоякунанда то кадом дараҷа тағйирёбанда аст» [116, с. 158].

Дар ташаккули назарияҳои ҳуқуқии Аврупо саҳми маорифпарвари франсавӣ Ж.Ж. Руссо хеле назаррас аст. Ӯ, қонунро ифодаи иродаи халқ, ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва пешгирии фишору зӯроварии одамон номида, таъкид кардааст, ки агар қонун аз ҷониби халқ қабул ва дастгирӣ наёбад, он эътибор надорад. Ба андешаи мутафаккир, «одамон, ки аз ҷиҳати неруи ақл нобаробаранд, бо шартнома ва қонун баробар мешаванд» [146, с. 19].

Ж.Ж. Руссо назарияи тақсимоти ҳокимиятро дастгирӣ намуда, қонуниятро омили устуворӣ ва рушди давлат номидааст. Ба андешаи файласуф, маҳз ҳокимияти қонунгузор омили асосии ҳифз ва пойдории мавҷудияти давлат ба шумор меравад: «Ҳокимияти қонунгузор қалби давлат

аст; ҳокимияти иҷроия майнаи сари он, ки тамоми қисмҳои онро ба ҳаракат медарорад. Майна метавонад фалаҷ шавад, аммо шахс зиндагӣ мекунад» [146, с. 77]. Мутафаккир ба ин назар буд, ки қонунҳо бояд хусусияти чандир дошта бошанд, муносибатҳои нави ҷамъиятиро сари вақт танзим намоянд ва ба шароити нав зуд мутобиқ гарданд.

Умуман, мутафаккирони даврaҳои Эҳё ва Нав дар рушди афкори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии замони худ дигаргунии ҷиддӣ ба вуҷуд оварда, ғояҳои инсонгароӣ ва илммеҳвариро тарғиб намудаанд. Ин андешаҳо барои ташаккул ва рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ, принсипҳои ҳуқуқи инсон ва низоми ҳуқуқии муосир заминаи муҳим фароҳам оварданд.

Назарияҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии аврупоӣ минбаъд дар таълимоти намояндагони фалсафаи классикии Олмон, махсусан, дар осори илмии И. Кант (1724-1804) ва Ф. Гегел (1770-1831) таҳаввул ёфтаанд. Дар таълимоти фалсафии И. Кант ахлоқ ва ҳуқуқ ду зуҳуроти бо ҳам алоқаманданд, ахлоқ ҳамчун асос ва заминаи рушди ҳуқуқ номида шудааст. Аз назари И. Кант қонунҳо он вақт адолатноканд, ки агар одамон дар асоси онҳо озодона зиндагонӣ кунанд: «Ҳар амале ҳақ аст, ки агар мувофиқи қонуни умумихалқӣ озодии як кас ба озодии каси дигар мувофиқ аст» [81, с. 139-140].

И. Кант давлатеро ҳуқуқбунёд номидааст, ки дар он иродаи халқ сарчашмаи қонунҳо буда метавонад, қонунгузорӣ аз намояндагони халқ таркиб ёфтааст, ҳокимият ба қонун тобеъ аст, ҳокимияти судӣ мустақил мебошад, ҳар як шахс ҳуқуқи овоздиҳӣ ва ҳуқуқи иштирок дар баровардани қарорҳои умумиро дорад. Давлат, аз назари И. Кант, «як иттиҳодияи одамони зиёдест, ки ба қонунҳои ҳуқуқӣ итоат мекунанд» [81, с. 233] ва аз се шохаи ҳокимият: қонунгузорон, иҷроия ва судӣ таркиб ёфтааст. Ба ақидаи мутафаккир, барои он ки қонун неруманд бошад ва ба тарғиби хушку холӣ табдил наёбад, бояд неруи маҷбуркунӣ дошта бошад.

И. Кант қонунро муҳимтарин арзиши давлати ҳуқуқбунёд шуморида, волоияти махсуси онро таъкид кардааст. Ба андешаи донишманд, «Ҳуқуқи

инсонро муқаддас донистан лозим аст, новобаста аз он ки ба чӣ гуна қурбониҳои ҳокимияти ҳукмрон рост ояд... бояд ҳама сиёсат дар назди ҳуқуқ зону занад» [80, с. 302]. Донишманд махсус таъкид кардааст, ки эҳтироми ҳуқуқи шаҳрвандон уҳдадории ҳар як шахс буда, ҳуқуқ бояд амнияти аҳолиро таъмин карда тавонад: «Лаънат бод бар касе, ки ҳуқуқи дигаронро поймол менамояд ва онҳоро зери по мекунад! Ҳуқуқи инсон бояд амнияти ӯро таъмин кунад, он аз ҳар силоҳ қавӣ ва аз ҳама деворҳо боэътимодтар аст» [81, с. 402].

Файласуфи дигари олмонӣ Ф. Гегел дар асари машҳури худ «Фалсафаи ҳуқуқ» ҳуқуқро ҳамчун зоҳиршавии объективии руҳи озод тавсиф намудааст. Ба андешаи ӯ, мафҳуми «руҳи объективӣ» зинаи худшиносии руҳи мутлақро дар шаклҳои ҷамъият, ҳуқуқ ва давлат ифода менамояд. Ҳамзамон, ҳуқуқ ҳамчун шакли амалишавии иродаи озоди шахс баррасӣ гардида, дар чунин институтҳо, мисли ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба шартнома ва ҳуқуқи ҷазо таҷассум меёбад. Мутафаккир ҳуқуқро имконияти иҷрои коре ё худдорӣ аз амале номидаст, ки озодии воқеии инсонро таъмин менамояд.

Ҳуқуқ, ба андешаи Ф. Гегел, дар он ифода меёбад, ки ҳар як шахс ҳуқуқи ба даст овардани молу мулк, бо ашхоси дигар бастани шартнома ва дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳояш талаби барқарорсозии онҳоро дорад. Аз назари мутафаккир, қонун ба принсипи озодӣ асос ёфтааст ва на моликияти хусусӣ, балки озодӣ ҳадафи ниҳоии инсон мебошад. Моликият танҳо воситаест, ки барои қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ зарур аст ва он бояд шахсӣ бошад. Ф. Гегел ҳарчанд идеяҳои либералистиро танқид кардааст, аммо асоси бунёдии он – волоияти қонунро ҳаматарафа ҷонибдорӣ намудааст.

Ф. Гегел қонун гуфта, шакли давлатию расмии мушаххас гардидани ҳуқуқро фаҳмидааст. Аз назари мутафаккир, қонун худ ба таври мустақил амал намекунад, балки татбиқи он тавассути фаъолияти шахсони воқеӣ сурат мегирад. Қонунҳо дар амалу рафтори одамон таҷассум ёфта, дар он сурат амалӣ мегарданд, ки агар манфиатовар ва фаҳмо бошанд, ба неруи онҳо аҳолӣ эътимод намуда, ба мақсадҳои худ ноил гарданд. Ф. Гегел қонуни босифатро

муҳимтарин воситаи тарбияи инсон номидааст: «Ба саволи беҳтарин роҳи тарбияи ахлоқии писараш чист, пифагорӣ (ин ҷавобро ба дигарон низ нисбат медиҳанд) ҷавоб дод: ӯро шаҳрванди давлате созед, ки дар он қонунҳои хуб амал мекунанд... Агар қонунҳо бад бошанд, пас ахлоқ ҳам бад аст» [49, с. 207, 422].

Ф. Гегел эътироф мекунад, ки дар қонунҳо характери миллии халқи муайян, зинаи рушди таърихӣ ва шароити табиии ҳаёти он таҷассум меёбанд, инчунин, дар ҷараёни қонунгузорӣ мазмуни ҳуқуқ таҳриф ёфта метавонад. Аз ин рӯ, ӯ на ҳамаи қонунҳоро шакли ифодаи ҳуқуқ мешуморид ва мавҷудияти қонунҳои зиддиҳуқуқиро рад менамуд: «Ҳуқуқ бо мазмуни худ аз он чизе, ки қонун аст, фарқ карда метавонад» [49, с. 444].

Дар таҳқиқи ҳуқуқ ҳамчун институт ва падидаи иҷтимоӣ саҳми сотсиологҳои классик ва муосир хело бузург аст, аз сабаби он ки ин масъалаи марказии диссертатсияи доктории мо аст, тасмим гирифтем, ки таълимоти ҳуқуқии намояндагони илми сотсиологияро дар параграфи 2-юми ҳамин кор ба таври муфассал баррасӣ намоем.

Дар таҳқиқи ҷанбаҳои иҷтимоии ҳуқуқ саҳми файласуфи олмонӣ К. Маркс (1818-1883) хеле назаррас аст. Ӯ, зери мафҳуми «ҳуқуқ» ба қонун ворид намудани иродаи синфи ҳукумронро фаҳмида буд. Мутафаккир ба давлатҳои буржуазӣ муроҷиат намуда, навиштааст: «... ҳуқуқи шумо танҳо иродаи ба қонун воридкардашудаи синфи шумост, иродаест, ки мазмуни онро шароити моддии ҳаёти синфи шумо муайян мекунад» [106, с. 282]. Ба андешаи мутафаккир, ҳуқуқ дар маҷмуъ нобаробарӣ аст: «Ҳар як қонун татбиқи якхела нисбат ба одамони гуногун аст, ки дар асл якхела нестанд, ба ҳамдигар баробар нестанд; ва аз ин рӯ, «ҳуқуқи баробар» беадолатӣ ва поймол кардани баробарӣ аст» [100, с. 352-353].

К. Маркс муътақид будаст, ки дар ҳолати ба моликияти умумӣ табдил ёфтани воситаҳои истеҳсолот нобаробариҳои ҳуқуқи буржуазӣ аз байн намераванд, зеро маҳсулоти зарурӣ вобаста ба меҳнат ва кори одамон тақсим

мешавад. Ба андешаи файласуф, дар марҳилаи аввали коммунизм (сотсализм) нобаробариҳои иҷтимоӣ ногузиранд, ҳуқуқ ҳеҷ гоҳ аз сохтори иқтисодӣ ва рушди фарҳангии ҷомеа болотар буда наметавонад. Ҳуқуқи буржуазӣ дар даврони сотсализм на пурра, балки қисман вобаста ба дигаргуниҳои иқтисодӣ ва ба моликияти умумӣ табдил ёфтани моликияти хусусӣ аз байн меравад.

К. Маркс дар масъалаҳои поймол шудани ҳуқуқи меҳнатии кормандон, шароити ногувори меҳнат, давомнокии аз ҳад зиёди вақти корӣ ва шароити номусоиди санитарӣ таҳқиқоти арзишмандеро ба анҷом расонида буд. Файласуф натиҷаи таҳқиқоти худро нисбат ба поймол гардидани ҳуқуқи меҳнатии кормандон дар асараш «Сармоя» чунин ба риштаи тасвир кашидааст: «Меҳнате, ки зиёда аз 12 соат давом мекунад, боиси вайрон шудани саломатии коргар, пиршавӣ ва марги бармаҳал мегардад ва ҳамин тавр, ба бадбахтии оилаҳои меҳнаткашон оварда мерасонад ва дар натиҷа оилаи коргар аз нигоҳубин ва дастгирии сардори оила маҳрум мешавад... Қонунгузорӣ барои пешгирии марги бармаҳал, дар ҳар шакле набошад, зарур аст» [105, с. 170, 198, 597].

Таҳқиқи ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ минбаъд дар корҳои илмии донишмандони шуравӣ ва пасошуравӣ баррасӣ гардиданд. Дар ИҶШС таърифи расмии ҳуқуқро ба тезиси машҳури В.И. Ленин (1870-1924) мувофиқ гардонида буданд, ки гуфта буд: «диктатура қудратест, ки мустақиман ба зӯроварӣ асос ёфтааст ва бо ҳеҷ гуна қонун алоқаманд нест» [99, с. 245]. В.И. Ленин ҳарчанд ҳуқуқро зуҳуроти иҷтимоӣ эътироф мекард, аммо дар ҷомеаи сотсиалистӣ онро бемоҳият ва бемақсад меҳисобид.

Маҳз бо ин сабаб ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносони шуравӣ моҳияти иҷтимоии ҳуқуқро ҳамчун воситаи зӯроварӣ маънидод карда, ба таълимоти марксистӣ мувофиқ мегардонданд. Ҳуқуқшиноси рус М.А. Рейснер (1868-1928) дар солҳои нахустини дигаргуниҳои куллии давлатҳои сотсиалистӣ арзиши иҷтимоӣ доштани ҳуқуқро дар сохтори иҷтимоӣ рад мекард, аммо минбаъд аз

ин ақидааш даст кашида, навиштааст: «Ҳанӯз дар соли ҳафтуми инқилоб дар Россияи Шуравӣ таваҷҷуҳ ба ҳуқуқ хеле афзуд. Дар соҳаи муносибатҳои воқеӣ мо рушди мусбати қонунгузорӣ ва кодификатсияро мебинем» [372].

Умуман, дар таълимоти марксистӣ-ленинӣ ҳуқуқ маҷмуи санадҳои меъёрие арзёбӣ гардидааст, ки ирода ва манфиатҳои синфи ҳукумрони ҷомеаро ифода намуда, зӯроварии давлатиро таъмин менамояд. То ҳол чунин фаҳмиши ҳуқуқ дар зеҳни бисёре аз пайравони таълимоти марксистӣ-ленинӣ ҷойгоҳи хоса дорад. Албатта, чунин таъриф додани ҳуқуқ ба шуури ҳуқуқии шаҳрвандон таъсири манфӣ мерасонад, дар онҳо нисбат ба ҳуқуқ ва қонун муносибати нигилистӣ пайдо мегардад.

Дар асл, таъиноти иҷтимоии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ на таъмини ҳукумронии синфи идоракунандаи ҷомеа, балки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва танзими қонеъгардии талаботи онҳост. Ин воқеиятро сотсиологи рус Ж.Т. Тошенко хеле дуруст ифода намудааст: «Вақте ғояи ҳуқуқ рад мешавад ва он зӯроварӣ арзёбӣ мегардад, пас дар ин ҳолат ҳуқуқро ҳамчун маҳсули зӯрию худсарӣ мефаҳманд ва фаромӯш мекунанд, ки ҳуқуқ ҳамеша ифодаи адолат, илҳомбахши мардонагию мубориза ва дастоварди муқаддаси одамон ҳисобида мешуд» [368].

Дар ҳақиқат, ҳуқуқ он вақт иродаи синфи идоракунандаро ифода менамояд, ки агар аз талаботи шаҳрвандон дур гардад, дар хизмати гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ қарор дошта бошад. Дар ин ҳолат, он ҳуқуқ нест, ба ҳама дастрас намегардад, балки кадом як воситаи зӯроварӣ ва пахш намудани иродаи шаҳрвандон мебошад, баръакс, ба рушди ҷомеа монеа мегардад. Аммо ҳуқуқ дар ҳама давру замон то дараҷае садди роҳи рафтори худхоҳонаи одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ мегардад. Дар давлатҳои тоталитарию авторитарӣ ва замони низоъҳои пуршиддати мусаллаҳона низ ҳуқуқ вазифаҳои худро то дараҷае иҷро карда, мавҷудияти ҷомеаро ҳифз менамояд. Иқтидор ва неруи созандаи ҳуқуқ танҳо дар шароити ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ ошкор мешаванд.

Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» мафҳуми «ҳуқуқ» чунин шарҳ дода шудааст: «Ҳуқуқ – ба маънои иҷтимоӣ озодии (имконияти) рафтори инсон аз нигоҳи ахлоқ, одатҳо, талаботи иҷтимоии ҷомеа аст (ҳуқуқи маънавӣ ё ахлоқӣ, ҳуқуқи миллат ба худмуайянсозӣ ва ғ.) ва ба маънои ҳуқуқӣ (аслӣ) – озодии рафтори инсон бо дарназардошти нишондодҳои ҳуқуқӣ (Конститутсия, қонунҳо ва ғ.) аст (ҳуқуқ ба меҳнат, интихобот ва м.и.)» [175, с. 514]. Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ низоми томи меъёрҳои махсусест, ки аз тарафи давлат муқаррар, тасдиқ ва ҳифз мешавад, инчунин, қувваи махсуси давлатии таъсиру маҷбурсозӣ дорад ва муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамояд.

Ҳуқуқ падидаи иҷтимоиест, ки бевосита дар раванди таъсири мутақобилаи иҷтимоӣ ташаккул меёбад, дар низоми иҷтимоӣ амалӣ мегардад, қонунгузор моҳияти ин муносибатҳоро дар шакли меъёрҳои ҳуқуқӣ ифода ва мураттаб месозад. Тавассути ҳуқуқ самти рафтору амал ва фаъолияти одамон дар ҷомеа муайян ва ба тартиб дароварда мешаванд. Ба андешаи ҳуқуқшиноси тоҷик Р.Ш. Сотиволдиев, «Ҳуқуқ дар марҳилаи ташаккули нахустин ҷамъиятҳои иҷтимоӣ-табақавӣ ҳамчун тарзи меъёрии танзими хоҷагидории истеҳсолкунанда, меҳнати зироатпарварон ва ҳунармандон пайдо шудааст. Аз тарафи дигар ҳуқуқ ба ҳайси шакли расмии ташкилу фаъолияти ҳокимияти давлатӣ лозим мешавад» [159, с. 54]. Мутафаккир дар ҳуқуқро чунин таъриф додааст: «Ҳуқуқ – ин ифода ва инъикоси арзишу талабот ва нишондоди меъёрист, ки баҳри таъмини ҳаёти арзанда ва пешрафти тамаддуни инсонӣ хизмат мекунад» [161, с. 50].

Ҳарчанд давлат меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, аммо ҳамчун субъекти асосии низоми ҳуқуқӣ вазифадор аст, ки ҳифз ва татбиқи онҳоро таъмин намояд. Ба ин маъно, давлат ба ҳуқуқ хизмат карда, фаъолияти худро дар доираи қонун ба роҳ мемонад, зеро «давлат аз назари ҳуқуқӣ мавҷудияти худро аз лаҳзаи пайдоиши Конститутсия оғоз менамояд» [111, с. 197]. Ба андешаи Б.А. Кистяковский, давлат муҳофизати ҳуқуқро ба уҳда гирифтааст ва оянда тамоми ихтилофҳои давлатию байнидавлатӣ бо воситаҳои ҳуқуқӣ ҳал

мешаванд: «Воқеан, ҳуқуқ баробари табдил ёфтан ба такягоҳи давлат, тадриҷан худи давлатро вазифадор мекунад, ки меъёрҳои ҳуқуқиро риоя намояд. Бо ин роҳ, ҳуқуқ бо мурури замон ҳукмронии худро бар давлат торафт васеъ мекунад. Натиҷаи ниҳоии ин раванд он аст, ки ҳуқуқ давлатро аз нав сохта, онро ба падидаи ҳуқуқӣ табдил медиҳад» [87, с. 347].

Раванди риоя ва иҷрои талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз тарафи давлат ва мақомоти қудатии он назорат мегардад. Дар мавриди аз тарафи субъектҳои иҷтимоӣ риоя ва иҷро нагардидани талаботи ҳуқуқ маҷбурнамоии давлатӣ истифода мешавад. Вобаста ба ин масъала ҳуқуқшиноси россиягӣ В.С. Нерсесянс чунин менависад: «Ҳуқуқ маҷмуи меъёрҳои ба принсипҳои баробарии расмӣ мувофиқест, ки аз ҷониби давлат муқаррар ё иҷозат дода шудааст ва бо имконияти истифодаи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ таъмин гардидааст» [268, с. 9]. Ҳуқуқшиноси олмонӣ Р. Йеринг (1818-1892) низ дар асараш «Мақсад дар ҳуқуқ» дар бораи ба зӯроварии давлатӣ таъмин будани меъёрҳои ҳуқуқӣ навиштааст, ки «меъёри ҳуқуқӣ бе маҷбурсозӣ монанди оташест, ки намесӯзад ва нурест, ки намедурахшад» [48, с. 27-28].

Барои эъмори ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд давлати неруманд лозим аст ва давлати демократӣ он вақт неруманд мегардад, ки ба ҳуқуқ такя намояд. Нерумандии давлат дар некуаҳволӣ ва боигарии шаҳрвандон ифода меёбад. Ҳуқуқшиноси рус И.А. Илин ин маъниро хело воқеӣ ташбеҳ додааст: «Қонун гӯё ҳавоест, ки давлат аз он нафас мекашад» [75, с. 115]. Ё ҷомеашиноси россиягӣ М.В. Султанова андеша дорад, ки барои татбиқи қонун мавҷудияти давлат зарур аст, зеро маҳз давлат иҷрои қонунҳоро таъмин намуда, амали воқеии онҳоро дар ҳаёти ҷомеа кафолат медиҳад: «Иҷро нашудани қонунҳо нишонаи аввалини таназзул ва фанои давлат аст. Агар қонун кор накунад, пас чунин маъно дорад, ки давлат рисолати аввалин ва асосии худро иҷро намекунад» [353, с. 46].

Ҳарчанд ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ фаъолияти намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатиро танзим ва назорат намояд ҳам, аммо нисбат

ба давлат мустақил нест. Ҳатто агар гӯем, ки ҳуқуқ бе давлат ё давлат бе ҳуқуқ вуҷуд дошта наметавонад, хато намекунем. Аз як ҷониб, давлат риоя ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқиро таҳти назорат қарор дода, ҳифзи онҳоро таъмин менамояд, аз ҷониби дигар, худи давлат барои фаъолияти устувор ва самараноки худ ба мавҷудияти низоми мустаҳками ҳуқуқӣ ниёз дорад. Дар ин замина, давлат ҳамчун иттифоқи ҳуқуқии шаҳрвандон баррасӣ гардида, ҳар як шаҳрванд дар доираи он ҳамчун субъекти ҳуқуқ амал менамояд. Ҳуқуқ ҳамчун шакл ва воситаи амалигардии ҳокимияти давлатӣ хизмат карда, фаъолияти давлат ва мақомоти он тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад, инчунин, «ҳуқуқ воситаи асосии институтсионализатсияи ҷомеа мегардад» [227, с. 50].

Давлат аз институти ҳуқуқ барои амалӣ намудани вазифаҳо ва сиёсати пешгирифтаи худ ҳамчун восита истифода мебарад ва давлат низ дар навбати худ ҳамчун воситаи татбиқи самараноки ҳуқуқ амал менамояд. Файласуфи олмонӣ И. Кант давлатро иттифоқи одамони зиёд зери ҳукумронии ҳуқуқ номида, андеша дошт, ки «беҳтарин низом он аст, ки ҳокимият на ба одамон, балки ба қонунҳо тааллуқ дорад» [80, с. 283]. Ба андешаи сиёсатшиноси маъруфи тоҷик А. Раҳнамо, «ҳукумат ҳамчун ниҳоди олии иҷроияи давлат, маҳз дар асоси қонунгузории давлат ташкил мешавад, маҳз дар доираи қонунҳои таъйиннамудаи давлат фаъолият мекунад ва маҳз вазифаҳоеро, ки қонунгузории давлатӣ барои ҳукумат вогузор кардааст, амалӣ менамояд» [141, с. 59].

Баъзе аз муҳаққиқон ҳуқуқро ҳамчун падидаи нисбатан консервативӣ арзёбӣ менамоянд, зеро тавассути меъёрҳои ҳуқуқии дар қонунҳо таҷассумёфта муносибатҳои иҷтимоии замони муосир ва дурнамои ҷомеа амалӣ мегардад. Консерватизми ҳуқуқ барои устувории меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҷомеа ниҳоят зарур мебошад, аммо консервативӣ будани меъёрҳои ҳуқуқӣ чунин маъно надорад, ки ҳуқуқ тағйир намеёбад. Ҳаёти ҳуқуқӣ доимо дар ҳолати тағйиру рушд аст, баробари ҷомеа дигаргун мегардад ва ҳангоми

пайдо шудани муносибатҳои нави иҷтимоӣ ҳуқуқ низ мазмуни наву тоза касб менамояд. Сотсиолог ва ҳуқуқшиноси рус Б.А. Кистяковский низ ба хусусияти консервативии ҳуқуқ таваҷҷуҳ намуда, навиштааст: «Ҳар як меъёри ҳуқуқӣ доимӣ, пойдор ва консервативӣ буда, бо ҳаёт пайваста ҳаракат мекунад, тағйир ва инкишоф меёбад» [87, с. 216].

Рушди ҳаёти ҳуқуқӣ дар он зоҳир мешавад, ки меъёрҳои куҳнаи ҳуқуқие, ки талаботи шаҳрвандонро қонеъ гардонида наметавонанд, ҷойи худро ба меъёрҳои нав иваз менамоянд. Ивазшавии меъёрҳои ҳуқуқӣ тадриҷан сурат мегиранд, зеро меъёрҳои куҳнаи ҳуқуқӣ зуд фаромӯш намешаванд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳолате тағйир меёбанд, ки агар дар ҳақиқат ба меъёрҳои нави ҳуқуқӣ талабот пайдо шавад ва баъдан, ҳуқуқэҷодкунандагон зарурати тағйири меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқиро дарк карда тавонанд.

Аз дидгоҳи сотсиологӣ ҳуқуқ институти иҷтимоист, аз ҳама хусусиятҳое, ки бояд ҳар як институти иҷтимоӣ дошта бошад, барҳӯрдор аст, ба воситаи амалӣ намудани вазифаҳои худ ба дигар институтҳои иҷтимоӣ ва ҳаёти иҷтимоии одамон таъсири назаррас мерасонад. Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ низоми рушди ҷомеа ва мувозинати манфиатҳои беҳаду канори одамонро таъмин намуда, дар давоми мавҷудияти худ тамаддуни пешрафтаи инсониро ба вуҷуд овард ва барои зиндагии сазовори инсоният роҳ кушод. Маҳз ҳуқуқ ҳамчун унсури асосии сохтори иҷтимоии ҷомеа равандҳои ҳаёти иҷтимоии одамонро ташкил ва идора менамояд, устувории онро нигоҳ дошта, рушди минбаъдаи онро таъмин ва раванди қонеъ гардондани талаботи моддӣ ва маънавии одамонро зери назорат мегирад.

Ба шарофати амали иҷтимоии ҳуқуқ одамон соҳиби ҳуқуқу озодиҳо мегарданд, онҳоро истифода ва амалӣ менамоянд. Тавассути ҳуқуқ муносибат ва робитаҳои иҷтимоӣ рушд меёбанд, дар чунин шароит одамон бе тарсу ҳарос ва озодона муносибат менамоянд ва боварӣ доранд, ки давлат тавассути низоми ҳуқуқӣ онҳоро дар ҳама гуна вазъият ҳифз менамояд. Мақсади ниҳоии ҳуқуқ баланд бардоштани арзиши инсон, таъмини ҳамзистии осоиштаи аҳолӣ

ва тартиботи ҷамъиятист. Ҳуқуқ ба одамон тарзи зиндагӣ, ҳифзи манфиати қонунии одамон ва қоидаҳои амалу рафторро меомӯзонад. Муҳаққиқон ҳуқуқро масуният (иммунитет)-е меноманд, ки ҷомеаро аз хатари инқироз ва шикаст нигоҳ дошта, рушди устувори ҳаёти иҷтимоиро таъмин месозад.

Арзиши иҷтимоӣ доштани ҳуқуқ дастоварди бузурги тамаддуни инсонист, ки аз таҷрибаю муборизаҳои пайвастаи наслҳо сарчашма мегирад. Арзиши иҷтимоии ҳуқуқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки тавассути он рафтори барои ҷомеа муфид ва муҳимми иҷтимоӣ дастгирӣ ёфта, пеши роҳи зӯроварӣ, беадолатию худхоҳии одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ гирифта мешаванд. Ҳуқуқ озодии фаъолияти одамонро дар доираи қонун таъмин ва адолати иҷтимоиро барқарор менамояд.

Хулоса, ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар тӯли таърих ҳамчун воситаи муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини адолати иҷтимоӣ шинохта шудааст. Дар афкори мутафаккирони классик ва таълимоти ҷомеашиносони муосир ҳуқуқ ба ҳайси падидаи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ таҳқиқ гардидааст. Сотсиологҳо ва файласуфони машҳур ҳуқуқро на танҳо маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки таҷассумгари иродаи умум ва унсури муҳимми устувории ҷомеа медонанд. Таҷрибаи таърихии башарият гувоҳӣ медиҳад, ки волоияти қонун ва татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ аз омилҳои асосии таъмини тартиботи иҷтимоӣ, рушди иқтисодӣ ва фароҳам гардидани шароити зиндагии арзандаи шаҳрвандон ба шумор мераванд.

Ҳуқуқ ҳамчун сарвати иҷтимоии ҷамъият ва меъёри некуаҳволии шаҳрвандон барои ҳамгироии иҷтимоӣ, назорати иҷтимоӣ, тағйироти мусбати иҷтимоӣ, муттаҳидӣ ва ягонагии одамон мусоидат менамояд. Мувозинати манфиатҳо, тартиботи ҷомеа, пешгирӣ ва ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ, таъмини ҳамзистии осоиштаи одамон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ба амали қонун вобастагӣ доранд. Ҳукумронии ҳуқуқ дар ҷомеа барои ҳаёти наслҳои минбаъда низ хело

муҳим мебошад, зеро нерумандии давлат, таъмини шароити зиндагии шоиста, рушди моддӣ ва маънавии ҷомеа ба он вобаста мебошад, ки ҳуқуқ ва шакли ифодаи он – қонунҳо то кадом андоза дар амалияи ҳаёти иҷтимоӣ воқеан татбиқ мешаванд.

Ҳуқуқ бояд, пеш аз ҳама, ифодагари орзӯ, манфиату хоҳиш ва талаботи одамон бошад ва аз воқеияти иҷтимоӣ берун намонад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти иҷтимоии қонунро ба таври зерин шарҳ додаанд: «Қонун бояд дар навбати аввал инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро ҳамчун арзиши олӣ эътироф ва ҳифз намояд, яъне барои зиндагии хубу шоистаи афроди ҷомеа, фаъолияти пурсамари ташкилоту корхонаҳои давлативу ғайридавлатӣ, соҳибкорону тоҷирон, пешрафти иқтисодиёти кишвар, сулҳу субот, оромии сиёсӣ шароити мусоид фароҳам орад ва самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро ҳаматарафа танзим намояд» [18].

1.2. Таҳқиқи назариявии масъалаҳои ҳуқуқӣ дар сотсиологияи классикӣ ва равишҳои муосири сотсиологӣ

Таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқии намояндагони сотсиологияи классикӣ ва равишҳои муосири сотсиологӣ яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти илмист. Дар он ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, иртиботу алоқамандии ҳуқуқ ва ҷомеа, иртиботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва сохтори иҷтимоии ҷомеа таҳқиқу баррасӣ гардидаанд. Дар байни аввалин сотсиологҳое, ки дар пайдоиш ва рушди сотсиологияи ҳуқуқ саҳми назаррас гузоштаанд, О. Конт (1798-1857), Г. Спенсер (1820-1903), Э. Дюркгейм (1858-1917), М. Вебер (1864-1920), О. Эрлих (1862–1922) ва дигаронро номбар намудан мумкин аст. Ҳар яке аз ин муҳаққиқон дар бораи ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеа назари хешро изҳор намудаанд.

Дар корҳои илмии сотсиологи франсавӣ О. Конт таҳқиқи ҳуқуқ ҷойгоҳи хоса надорад, зеро мутафаккир ҳуқуқро падидаи теологию метафизикӣ номида, онро дар марҳилаи рушди позитивии ҷомеа унсури нолозим

шуморидааст. Аз дидгоҳи сотсиолог бояд ҳуқуқ ба уҳдадориҳо иваз шавад, то ин ки шахс ба ҷомеа ҳамоҳанг гардад. Ӯ ҳангоми баррасии назарияи навъбандии марҳилаҳои рушди ҷамъият ба хулосае расидааст, ки дар давраи рушди позитивӣ ҳуқуқ аз сохтори иҷтимоии ҷомеа берун мемонад ва ҷойи онро уҳдадориҳо мегиранд.

Ба андешаи О. Конт, ягона ҳуқуқе, ки ҳамаи одамон соҳибанд, пеш аз ҳама, иҷрои уҳдадориҳост. Давлате, ки дар асоси принсипҳои позитивӣ сохта шудааст, бояд ба уҳдадориҳо бартарӣ диҳад, зеро ҳуқуқҳо танҳо оромии ҷомеаро халалдор мекунанд. Мутафаккир фикри худро дар бораи ҳуқуқ чунин баён карда буд: «Дар сохтори позитивӣ, ки ба ҳокимияти осмонӣ хизмат намекунад, идеяи қонун бебозгашт нест мешавад. Ҳар кас дар назди ҳама уҳдадорӣ дорад, аммо ба маънои дурусти калима ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад. ... Ба ибораи дигар, ягона ҳуқуқе, ки ҳар як шахс дорад, ҳуқуқи иҷрои вазифаи худ аст» [89, с. 173].

О. Конт таъкид кардааст, ки дар асрҳои миёна ва марҳилаи теологии рушди ҷомеа қонун ва меъёрҳои иҷтимоӣ бештар ба дастуроти илоҳӣ такя мекарданд, аммо дар марҳилаи метафизикии рушди ҷомеа ҳуқуқ тадриҷан хусусияти оқилонатар гирифта, ба ғояҳои адолат асос меёбад. Дар марҳилаи рушди позитивии ҷомеа уҳдадориҳои одамон дар назди ҷомеа бештар аз аҳаммият бархӯрдор мегарданд. О. Конт ин матлабро чунин баён карда буд: «Дар асрҳои миёна принсипҳои умумии рафтори ахлоқӣ ва сиёсӣ тавассути дин тасдиқ мешуд... Позитивизм ниҳоят ба дини ҳақиқӣ табдил меёбад, ягона, комил ва воқеист, бар тамоми низомҳои нокомил ва муваққатӣ, ки аз теологизми аслӣ бармеояд, пирӯз мебарояд» [89, с. 150].

Ҳарчанд О. Конт назарияи муфассали ҳуқуқиро пешниҳод накардааст, аммо ҳуқуқро то фаро расидани марҳилаи рушди позитивии ҷомеа ҳамчун унсури асосии сохтори иҷтимоии ҷомеа, воситаи нигоҳдошти ҳамоҳангии иҷтимоӣ номидааст.

Сотсиологи англис Г. Спенсер низ ҳуқуқро ба сифати институти иҷтимоӣ ва унсури муҳимтарину таркибии сохтори иҷтимоии ҷомеа таҳқиқ кардааст. Мутафаккир бехатарии шахс, ҳаракати бемамонияту озодонаи шахс, озодии виҷдон, озодии сухан, озодии нашр ва ғайраро аз муҳимтарин ҳуқуқҳои инфиродии инсон номидааст. Ба андешаи сотсиолог, ҳуқуқ механизми муҳимми мутобиқшавии ҷомеа ба тағйирот ва нигоҳ доштани ҳамоҳангии иҷтимоист, ки муносибати байни одамонро танзим, низоъҳои иҷтимоиро коҳиш ва тартиботи иҷтимоиро таъмин менамояд. Донишманд таъкид кардааст, ки ҳуқуқ бояд баробари ҷомеа таҳаввул ёбад, тағйироти иҷтимоӣ дар меъёрҳои ҳуқуқӣ инъикос гарданд ва қонунгузорӣ чандир бошад, то ба мушкилот ва талаботи нав мутобиқ шавад.

Г. Спенсер қонунгузорони замони худро танқид карда, баён доштааст, ки онҳо қонунҳои ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯйро қабул намекунанд, ягон масъулият ва ҷавобгарӣ надоранд. Ба андешаи ӯ, фаъолияти қонунгузорӣ бояд ба дониши кофӣ ва салоҳиятнокӣ асос ёбад, қонунгузор бе омодагии кофии илмӣ ба қабули қонун машғул нашавад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки бисёре аз қонунҳои дар дохил ва хориҷи кишвар қабулшуда боиси паёмадҳои фоҷиабор гардидаанд. Бо вуҷуди ин, аз таҷрибаи гузашта хулосаҳои зарурӣ бароварда намешавад ва қонунҳои нав таҳия мегарданд, касе қонунгузорро маҳкум намекунад, баръакс мақоми иҷтимоии ӯро боло мебардоранд. Сотсиолог дар бораи иштибоҳоти қонунгузорон чунин навишта буд: «Зимнан, як нигоҳе ба таърих кифоя аст, то ба мизони фалокату иштибоҳоти қонунгузори нодон бовар кунед... Аср ба аср қонунҳои зидди судхӯрӣ қабул мешуданд, ки вазъи қарздорро бадтар мекард, дар ҳоле ки ҳадаф беҳбудии он буд. Гузашта аз ин, бавосита, онҳо боиси бисёр бадиҳои ғайричашмдошт шуданд» [293, с. 129,136].

Яке аз нуктаҳои муҳимми таълимоти Г. Спенсер тарбияи ҳуқуқӣ аст, зеро бо пешрафти ҷомеа санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ торафт меафзоянд ва масъалаи дарку дарёфти ин меъёрҳо ба миён меояд. Сотсиолог таъкид намудааст, ки дар

ҷомеа қонунҳои зиёде қабул мешаванд, аммо онҳоро шаҳрвандон аз худ карда наметавонанд: «…дар бораи бемаънӣ будани он ҳукме бишнавед, ки ҳар як англис вазифадор аст, ки 20 000 моддаи қонунро бидонад, вале ҳеҷ як англис онҳоро намедонад» [163, с. 1153].

Г. Спенсер боварӣ доштааст, ки рафтори одамон новобаста аз қонун аллакай муайян аст, қонунҳо аз хислатҳои табиати инсонӣ сарчашма мегиранд ва бо қабули қонун ҳеҷ гоҳ рафтори номатлуб рафтори мақбул шуда наметавонад, қонунҳо бояд ба воқеият, ҳақиқат ва адолат мувофиқат намоянд, рисолати онҳо таъмини шароити фаъолияти мусоиди одамон аст. Ӯ таъкид намудааст, ки арзёбии рафтору амалҳои инсон на танҳо бо қонун, балки бо моҳияти ахлоқии онҳо такя намояд. Дар сурати мувофиқат накардани қонун бо адолати ботинӣ хусусияти ноодилонаро касб менамояд.

Сотсиолог ба ин назар буд, ки маҳдуд сохтани озодии афроди ҷудогона ба хотири ҳифзи озодии умумӣ ба вазъияти мушаххаси иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, маҳдуд сохтани баъзе аз ҳуқуқҳои гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ ба хотири таъмини ҳуқуқҳои умумӣ ё баръакс ба воқеияти иҷтимоӣ созгор набуда, ҳатто «дар замонҳои пеш барои нигоҳ доштани «ҳуқуқ»-и шахс барои соҳиб шудан ба тахт дарёҳои пур аз хун мерехтанд» [164, с. 472]. Г. Спенсер давлатро сарчашмаи асосӣ ва офарандаи ҳуқуқ дониста, таъкид кардааст, ки суиистифодаи шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ аз ҳуқуқ руҳияи нобоварӣ ба қонунҳоро ба вуҷуд меорад. Ҳуқуқ чунин маъно дорад, ки одамон аз озодиҳои баробар бархӯрдоранд ва «қонунгузорӣ сарчашмаи қонун нест, балки қонун асоси қонунгузорист» [164, с. 472].

Г. Спенсер ҷонибдори маҳдуд намудани дахолати ҳукумат ба ҳаёти шахсӣ ва фаъолияти иқтисодии шаҳрвандон буд. Ба андешаи ӯ, ки танзим ва назорати аз ҳад зиёди давлатӣ ба раванди табиии таҳаввулоти иҷтимоӣ халал расонида, рушди озоди муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро бозмедорад. Мутафаккир муътақид будааст, ки вазифаи асосии давлат ва ҳуқуқ ҳифзи ҳуқуқу озодҳои шахс буда, маҳдуд намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ба ҷузъ

ҳолатҳои ҳимояи манфиатҳои давлат қобили қабул нест: «Мо бояд як мавридеро зикр кунем, ки дар он маҳдудияти озодии баён ва озодии матбуот ҷоиз аст, яъне: дар замони ҷанг барои манъ кардани нашри ҳар чизе, ки ба душман кумак карда метавонад, сабаби кофӣ вуҷуд дорад» [164, с. 482].

Аз нигоҳи Г. Спенсер ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки корҳояшро вобаста ба шуғли худ мувофиқи хоҳишаш пеш барад, ба шарте ки ба озодии дигарон халал нарасонад. Ба андешаи ӯ, моҳияти қонунҳои одилона дар он ифода меёбад, ки онҳо ба шахс имкони фаъолияти озод, мақсаднок, ихтиёрона ва манфиатоварро фароҳам меоранд. Сотсиолог эътироф кардааст, ки мавҷудияти ҳуқуқ ба давлат алоқаманд аст, давлат бояд иҷрои қонунҳоро назорат намояд ва ҳамзамон бо ин, фаъолияти худро мутобиқ ба талаботи қонун ба роҳ монад. Сотсиолог волоияти қонунро дар ҷомеа махсус таъкид карда, навиштааст: «Аз ин рӯ, қонун нисбат ба ҳукумат мақоми волотар дорад ва аз ҳукумат пеш аст, ҳукумат бояд ба он хидмат кунад, бояд ба он итоат кунад» [165, с. 202].

Ба масъалаи озодии виҷдон низ Г. Спенсер дахл карда, онро аз ҳуқуқҳои муҳимми аҳолӣ номида, маҳдуд намудани онро маҳдуднамоии озодиҳои қонунии одамон ҳисобидааст. Донишманд ҳатто дар давраи худ ақидаҳои ифротгароии диниро маҳкум намудааст: «Дар мавриди ҳуқуқи озодона баён кардани эътиқоди динӣ бошад, маълум аст, ки он ҳуқуқи иҷрои озодона расму оини диниро ифода менамояд, албатта, агар ин расму оинҳо озодии баробари шахсони дигарро вайрон накунанд... Ягона маҳдудияти қонунии ин ҳуқуқ манъи ошкорои таблиғи чунин ақидаҳое хоҳад буд, ки бевосита ба коҳиши қудрати дифоии ҷомеа нигаронида шудаанд» [164, с. 481].

Г. Спенсер бовар дошт, ки бо таҳаввулоти ҷомеа таъсири меъёрҳои динӣ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ кам мегардад ва ҷойи онҳоро бояд қонунҳои дунявӣ иваз намоянд. Мутафаккир ҳанӯз дар давраи худ ба коҳиши таъсири меъёрҳои динӣ ва ҷойи онҳоро гирифтани меъёрҳои ҳуқуқӣ ишора карда, навиштааст: «Дар он ҷое, ки эҳтиром ба қонуни илоҳӣ нокифоя аст,

онро бояд эҳтироми қонуни инсонӣ иваз кунад, вагарна беқонунӣ ва ваҳшигии комил ҳукмфармо хоҳад шуд» [165, с. 420]. Умуман, Г. Спенсер ҳуқуқро омили мутобиқшавии одамон ба тағйироти иҷтимоӣ ва неруи ҳаракатдиҳандаи таҳаввулоти ҷомеа номидааст.

Дигар намояндаи сотсиологияи классикӣ, сотсиологи франсавӣ Э. Дюркгейм ҳуқуқро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва яке аз намудҳои меъёри иҷтимоӣ дониста, ба амали ҳуқуқ дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро масъалаи марказии сотсиология номидааст. Мутафаккир муътақид будааст, ки ҳуқуқ дар ҷомеа зери таъсири талабот ва зарурати иҷтимоӣ ташаккул ёфта, қонунгузор ҳамон равандеро ба расмият медарорад, ки бе иштироки ӯ сурат гирифтааст. Ба андешаи сотсиолог, ҳуқуқ дар ҷомеа нақши иҷтимоиро мебозад ва онро ба нақши низоми асаб дар бадани инсон муқоиса намудааст, ки ҳамеша дар ҳолати тағйирот ва рушд қарор дорад.

Э. Дюркгейм андешаҳои ахлоқиро яке аз заминаҳои асосии ташаккули ҳуқуқ арзёбӣ намуда, таъкид кардааст, ки бо тағйир ёфтани шароити ҳаёти коллективӣ меъёрҳои ахлоқӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил меёбанд. Ба ақидаи сотсиолог, «ҳуқуқ, пеш аз ҳама, падидаи иҷтимоист…ягон меъёри ҳуқуқие вуҷуд надорад, ки бо ахлоқ пурра нашавад» [64, с. 118; 123]. Донишманд вазифаи асосии сотсиологияи ҳуқуқро чунин тавсиф намудааст: «Характери иҷтимоии институтҳои ҳуқуқиро исбот кардан лозим нест. Онҳоро сотсиологияи ҳуқуқ меомӯзад. Аммо охирин бо сотсиологияи ахлоқ алоқаманд аст, зеро ғояҳои ахлоқӣ руҳи қонунанд» [66, с. 135].

Барои Э. Дюркгейм қонун ифодаи виҷдони коллективии ҷомеаест, ки муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим дароварда, тартиботи иҷтимоиро нигоҳ медорад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ эътиқод ва арзишҳои ахлоқии ҷомеаро инъикос ва онҳоро дар сатҳи институтсионалӣ мустаҳкам мекунанд. Поймол намудани талаботи қонун на танҳо ҷиноят, балки таназзули маънавӣ низ буда, ба ҳамрайъии ҷамъият таҳдид менамояд. Аз назари Э. Дюркгейм, баъзе аз

ҷиноятҳо ба тағйироти ҷомеа роҳ кушода, дар таҳаввулоти ҷомеа нақши мусбат бозида метавонанд. Сотсиолог дар ин маврид ҷиноят гуфта, манъи амали иҷтимоиеро номидааст, ки риоя нагардидани он боиси зуҳури падидаҳои мусбати иҷтимоӣ гаштааст ва барои собит намудани ақидаи худ озодии суханро мисол меорад: «Озодии фикрие, ки айни замон мо истифода мебарем, ҳеҷ гоҳ эълон намешуд, агар қоидаҳое, ки онро манъ мекарданд, пеш аз он ки ботантана бекор шаванд, вайрон намешуданд. Дар ҳамин ҳол, он вақт ин вайронкунӣ ҷиноят буд. Аммо ин ҷиноят фоидаовар буд, зеро ҳамчун муқаддима ба дигаргуниҳо хизмат мекард» [66, с. 43-44].

Аз назари Э. Дюркгейм ҷиноят вазифаи муайяни ҷамъиятиро иҷро мекунад, ҷомеаро ба ислоҳот ва тағйирот омода месозад, дар баъзе ҳолатҳо ҷинояткорӣ шиддати ҷомеаро бартараф менамояд. Мутафаккир эътироф намудааст, ки дар ҷомеа ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳо ногузир содир мешаванд, дар ҳама ҷомеа мавҷудоти нокомил вуҷуд доранд ва ин ҳолати табиии ҳаёти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ, фикри худро чунин баён кардааст: «Мо ҷамъиятеро намедонем, ки дар он ҷиноятҳо дар шаклҳои гуногун мушоҳида нашаванд. Халқе вуҷуд надорад, ки ахлоқаш ҳар рӯз вайрон нашавад... Бинобар ин, чизи муқаррарӣ аст» [65, с. 189].

Мафҳуми «сотсиологияи ҳуқуқ»-ро аввалин маротиба сотсиологи олмонӣ М. Вебер истифода бурдааст. Ба ақидаи ӯ, ҳуқуқ тартиботи иҷтимоиро барқарор ва муҳофизат менамояд, одамон тавассути ҳуқуқ натиҷаҳои амалу фаъолият ва имконоти расидан ба мақсадҳои гузоштаи хешро пешбинӣ менамоянд. Аз назари мутафаккир, ҳуқуқ унсури сохтори иҷтимоии ҷомеа буда, дараҷаи баланди мухторият дорад, мувофиқи мантиқи дохилии худ рушд мекунад ва ҷомеаро ба шаклу тартиби муайян тағйир медиҳад. Низоми идораи бюрократии ҷомеа дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ амалӣ мешаванд, давлати ҳуқуқии муосир ба ҳуқуқи оқилона асос ёфтааст, зеро рушди устувори муносибатҳои иқтисодии ҷомеаи сармоядориро қонуни расмӣ таъмин карда метавонад.

Сотсиологияи ҳуқуқ, ба андешаи М. Вебер, тасаввурот ва рафтори ҳуқуқии одамонро таҳқиқ менамояд. Мутафаккир давлатро яке аз омилҳои амали иҷтимоии ҳуқуқ шуморида, дар мавриди хусусияти маҷбурнамоии ҳуқуқӣ чунин навиштааст: «мо қонунро тартиботе мешуморем, ки аз ҷиҳати аҳаммияти сотсиологӣ бо «дастгоҳи маҷбуркунӣ» кафолат дода мешавад» [46, с. 546] ва «ҳуқуқ мавҷудияти худро тавассути маҷбурсозӣ нигоҳ медорад ва ба ҷуз маҷбурсозӣ ҳуқуқ вуҷуд дошта наметавонад» [313, с. 8].

М. Вебер оқилона баҳо додан ба ҳуқуқ ва зуҳуроти ҳуқуқиро яке аз рисолати сотсиологияи ҳуқуқ шуморида, изҳор доштааст, ки «бартарии қонуни қолабии динӣ яке аз монеаҳои ҷиддитарин дар роҳи ақлгароии тартиботи ҳуқуқӣ ва хоҷагидорӣ мебошад» [45, с. 232]. Ҷомеашинос ақлонисозӣ (ратсионализатсия)-и ҳуқуқро маҳсули ду неруи амалкунанада: «манфиатҳои сармоядорӣ ва мансабҳои ҳокимияти давлатӣ» [47, с. 276] номидааст. Ба андешаи ҷомеашинос, манфиатҳои сармоядорӣ ҳуқуқи пешгӯишаванда ва суди адолатнокро ба вуҷуд оварданд, ҳокимияти давлатӣ ба низоми қонунгузорӣ ва имконоти якхела дар мансабҳои давлатӣ ҳавасманд буд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ маънои «имконият» барои шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҷиҳати амалӣ гардондани манфиатҳои моддию идеалии худро дорад. М. Вебер боварӣ доштааст, ки ҳуқуқ то замони муосир қисман сохтори табақавӣ ва сохтори иҷтимоию касбии ҷомеаро аз нав тавлид ва муайян кардааст.

Умуман, М. Вебер ҳуқуқро заминаи амали самараноки бюрократия номида, ҳуқуқҳои оқилонаро барои фаъолияти иқтисодии одамон, ҳифзи моликияти хусусӣ ва озодии соҳибкорӣ ниҳоят зарур шуморидааст. Андешаҳои М. Вебер ба рушди минбаъдаи сотсиологияи ҳуқуқ таъсири назаррас расонида, барои дарки амиқи хусусияти низоми ҳуқуқии ҷомеаи муосир низ кумак мерасонанд.

Яке аз машҳуртарин намояндагони сотсиологияи ҳуқуқ сотсиолог ва ҳуқуқшиноси австриягӣ О. Эрлих (1862–1922) аввалин шуда қонунҳоро бо

методҳои сотсиологӣ таҳқиқ намудааст. Ба андешаи донишманд, ҳуқуқ омили рушди ҷомеа буда, ҳамаи муносибатҳои иҷтимоии байни одамон моҳияти ҳуқуқро ташкил медиҳад ва «маркази асосии инкишофи ҳуқуқ дар замони мо чун дар ҳама давраҳо на дар қонунгузорӣ, на дар ҳуқуқшиносӣ ва на дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ, балки дар худи ҷамъият аст» [188, с. 64].

О. Эрлих сотсиологияи ҳуқуқро илме номидааст, ки бояд ҷудоии байни ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти ҳуқуқшиноси амалиро бартараф созад, яъне ҳуқуқшинос ҳам ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳам ба шароити воқеии ҳаёти иҷтимоӣ такя намояд. Аз назари ӯ, ҳуқуқ «низоми мукаммали қоидаҳоест, ки амалҳои инсонро дар ҳама шароити имконпазир пешакӣ муайян мекунанд» [188, с. 79]. Донишманд рисолати ҳуқуқро дар барқарор намудани тартиботи иҷтимоӣ ва рисолати сотсиологияи ҳуқуқро дар омӯзиши ин тартибот дидааст.

Аз назари О. Эрлих, ҳуқуқ фаъолияти муназзам ва муътадили иттиҳодияи ҷамъиятии одамонро таъмин намуда, дар дохили онҳо низоми иерархӣ ва тартиботро ташаккул медиҳад, ҳаёти иҷтимоиро пешгӯишаванда мегардонад ва шахсонеро, ки қоидаҳои ин иттиҳодияро рад мекунанд, маҳкум менамояд. Ӯ ҳуқуқро падидаи иҷтимоии мухтор аз давлат номидааст, ҳарчанд амали самараноки он аз давлат вобастагӣ дорад. Ба андешаи донишманд, ҳуқуқ он вақт «зинда» аст, ки агар «тарафҳо онро мунтазам риоя кунанд, ҳатто агар кор ба муҳокимаи судӣ ҳам наравад» [188, с. 487].

Барои рушди сотсиологияи ҳуқуқ ва омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ҷомеашиносони асрҳои XIX-XX-и Россия саҳми шоён гузоштаанд. Зери таъсири назарияҳои сотсиологҳои олмонӣ, франсавӣ ва англис дар Россия мактаби сотсиологии ҳуқуқ ташаккул ёфт, ки намояндагони пешбари он С.А. Муромсев (1850-1910), Б.А. Кистяковский (1868-1920), Л.И. Петражиский (1867-1931), П.А. Сорокин (1889-1968) ва дигарон буданд.

Дар самти таҳқиқи илмӣ-иҷтимоии ҳуқуқ саҳми сотсиолог ва ҳуқуқшиноси рус С.А. Муромсев хело бузург аст. Ҷомеашиноси рус Б.А.

Кистяковский нақши С.А. Муромсевро дар омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоии ҳуқуқ чунин арзёбӣ намудааст: «Олами илмии рус метавонад аз он фахр кунад, ки маҳз дар адабиёти илмию ҳуқуқии рус пештар аз дигарон талаби омӯзиши ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба миён гузошта шуда буд. Дар нимаи дуюми солҳои 70-уми асри XIX С.А. Муромсев назарияи муносиби илмӣ-иҷтимоии ҳуқуқро таҳия намуд» [87, с. 200].

С.А. Муромсев дар байни донишмандони рус яке аз аввалинҳо шуда, табиати иҷтимоии ҳуқуқро омӯхта, равиши сотсиологии таҳқиқи ҳуқуқро пешниҳод кардааст. Ба андешаи донишманд, «ҳуқуқшиносӣ бояд қонуниятҳои инкишофи он соҳаи падидаҳои ҷамъиятиро омӯзад, ки бо номи ҳуқуқ маълум аст» [367, с. 14, 164]. Донишманд ҳуқуқро падидаи иҷтимоӣ номида, таъкид кардааст, ки «ҳуқуқ падидаи иҷтимоист ва аз ин рӯ, онро ҳамчун унсури таркибии ҳаёти ҷамъият ҳисоб кардан лозим аст» [251, с. 7]. Аз назари мутафаккир, ҳуқуқ зери таъсири ақидаҳои ахлоқӣ ва таҳаввулоти иҷтимоӣ тағйир ёфта, такмил меёбад ва ба рафтори худхоҳонаи одамон вокуниш нишон дода, бо ин восита, онҳоро аз хатарҳои эҳтимолии иҷтимоӣ муҳофизат менамояд.

Мувофиқи таълимоти С.А. Муромсев ба ташаккули тартиботи ҳуқуқӣ қонунгузорӣ, ғояҳои адолат, муносибати шахс ба ҳуқуқ ва манфиати гурӯҳҳои иҷтимоӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Ба андешаи ӯ, пояи ҳуқуқро манфиати афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд, ки натиҷаи онҳо муносибатҳои иҷтимоиянд. Донишманд муътақид будааст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ «ба инкишофи муносибатҳои муайян мусоидат мекунанд ё онҳоро бозмедоранд ва тамоюли инкишофи тамоми ҷомеаро муайян месозанд» [215, с. 118], инчунин, ҳуқуқ дар ташкил ва рушди ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоӣ иштирок дорад.

Ақидаи С.А. Муромсев нисбат ба таъсири давлат ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ хело ҷолиб аст, зеро донишманд ба ин назар аст, ки неруи водорнамоии давлат беҳудуд нест ва падидаи гуногуни ҷамъиятӣ ба тартиботи ҳуқуқӣ таъсири назаррас расонида метавонанд. Ҳамзамон бо ин,

мувофиқи эътимоди ҳуқуқшинос, меъёрҳои ҳуқуқие, аз ҷониби шаҳрвандон эътироф намегарданд, дар сатҳи зарурӣ татбиқи иҷтимоии худро намеёбанд. «Чуноне ки С.А. Муромсев пешбинӣ кардааст, меъёрҳои ҳуқуқие, ки давлат ба вуҷуд овардааст, на ҳама вақт ба тартиботи ҳуқуқии дар ҷамъият амалкунанда мувофиқат мекунанд... ҳуқуқ ё уҳдадориро ҷомеа бояд эътироф кунад, яъне қонунӣ бошад. Дар акси ҳол, меъёри ҳуқуқӣ дар ҷомеа татбиқ намегардад» [214, с. 8].

Сотсиолог ва ҳуқуқшиноси дигари рус Б.А. Кистяковский ҳуқуқро бо равиши сотсиологӣ таҳқиқ намуда, сотсиологияи ҳуқуқро илме номидааст, ки сабабҳои умумии пайдоиш ва инкишофи ҳуқуқро таҳқиқ менамояд. Ба андешаи ӯ, ҳуқуқшиносон бояд қонунро дар алоқамандӣ ба ҳаёти муосир омӯзанд ва дар ин замина фаъолияти соҳавии худро пеш баранд: «... ҳуқуқшинос барои дар сатҳи баланди донишҳои муосир қарор доштан чуноне ки дар гузашта мегуфтанд, бояд на танҳо ҳаётро фаромӯш накунад, балки «ҳаёти ҳуқуқӣ»-ро аз ҷиҳати илмӣ омӯзад» [238, с. 238].

Б.А. Кистяковский ҳуқуқро меъёри иҷтимоие номидааст, ки ба фаъолияти огоҳонаи одамон алоқаманд буда, табиати иҷтимоӣ дорад ва тарзи мавҷудияти муштараки одамонро танзим менамояд. Ба андешаи донишманд, мавҷудият ва инкишофи ҳуқуқ бо ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамбастагӣ дорад, зеро маҳз муносибат ва равандҳои иҷтимоӣ заминаи пайдоиши падида ва зуҳуроти гуногуни ҳуқуқиянд. Ба таъкиди ӯ, моҳияти иҷтимоии ҳуқуқ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки он танҳо дар ҷомеа вуҷуд дошта метавонад ва «дар ҳар ҷое, ки ҷомеа ҳаст, ҳуқуқ ҳаст» [87, с. 203].

Аз назари Б.А. Кистяковский меъёрҳои ҳуқуқӣ на барои як шахс, балки барои гурӯҳҳои иҷтимоӣ муқаррар гардидаанд ва маҳз таҳқиқи сотсиологии ҳуқуқ имконият медиҳад, ки онҳо дар алоқамандӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ баррасӣ шаванд. Ба ақидаи мутафаккир, ҳуқуқ на танҳо маҷмуи меъёрҳои расмӣ, балки он падидаи ҳаётан муҳим аст ва барои он ки ҳуқуқ ба маънои воқеии худ ба неруи тавоно табдил ёбад, бояд пайваста дар ҳаёти ҷамъиятӣ татбиқ шавад.

Дар акси ҳол он ҳуқуқ нест ва ҳанӯз ба ҳуқуқ табдил наёфтааст. Мувофиқи таъкиди донишманд, «ба ҳуқуқе, ки дар байни одамон зиндагӣ мекунад ва дар рафтору кирдор, дар муомилоти онҳо ифода ёфтааст, назар кардан лозим аст, на ба ҳуқуқе, ки дар бандҳои кодексҳо муқаррар шудааст» [87, с. 206, 212].

Б.А. Кистяковский дар бораи адолатнок будани ҳуқуқ ва ҳукумронии адолат дар ҳаёти иҷтимоӣ таъкид кардааст: «зарурати ҳаётӣ аст, ки қонун аз адолат дур нашавад ва одилона бошад» [238, с. 238]. Муҳаққиқ ҷонибдори назарияи давлати ҳуқуқбунёде буд, ки ҷамъият тавассути ҳуқуқ ва иштироки бевоситаи халқ идора мешавад. Ҳокимияти давлатӣ дар сурате эътироф мегардад, ки агар он ба ҳукумронии ҳуқуқ мусоидат намояд ва ҳокимият хусусияти ҳуқуқӣ гирад. Донишманд яке аз вазифаҳои муҳимми давлати ҳуқуқбунёдро маҳдуд намудани ҳокимияти давлатӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ номидааст.

Аз назари Б.А. Кистяковский давлат бояд дахлнопазирӣ ва ҳуқуқу озодиҳои шахсро эътироф намояд, ҳуқуқҳои инсон ҳудуд ва доираи фаъолияти конститутсиониро муайян созад. Дар чунин давлат одамон бояд ҳамчун субъекти асосии ҳокимияти давлатӣ баромад намуда, ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти озод ва қонунии шаҳрвандон монеа эҷод накунад. Мақсад ва манфиати давлат бояд бо манфиати халқ мувофиқ ва ҳамоҳанг бошанд, фаъолияти қонунгузории давлат ба сатҳ ва хусусияти шуури ҳуқуқии халқ мутобиқат намояд. Ӯ, ҷамъияти сотсиалистиро ба он хотир танқид намудааст, ки дар он ҳуқуқи шахсӣ маҳдуд гардида, ҳуқуқу озодиҳои одамон амалӣ намешаванд.

Аз дидгоҳи равиши функсионалӣ ҳуқуқро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ сотсиологҳои рус Л.И. Петражитский ва П.А. Сорокин таҳқиқ намудаанд. Аз назари сотсиолог ва ҳуқуқшиноси русу поляк Л.И. Петражитский ҳуқуқ на танҳо дар рафтори берунии инсон, балки ба ҷаҳони ботинии ӯ низ таъсир мерасонад ва «ҳуқуқ маҳсули амали равандҳои муайяни иҷтимоию психологӣ мебошад» [370, с. 641]. Ба андешаи сотсиолог, меъёрҳои ҳуқуқӣ «меъёрҳоеанд,

ки аз ҷониби давлат муқаррар шудаанд ва ё иродаи давлат (ё мақомоти ҳокимияти давлатӣ)-ро инъикос менамоянд» [370, с. 524].

Дар рушди сотсиологияи ҳуқуқ саҳми П. Сорокин хеле арзанда аст. Ҷомеашинос ҳуқуқро ҳамчун неруи тавонои ҷомеа арзёбӣ намуда, чунин назар дошт, ки он тавассути танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ тартибот, субот ва рушди сохтори иҷтимоии ҷамъиятро таъмин месозад. Ҳамзамон, ҳуқуқ ба шахс таъсири психологӣ ва тарбиявӣ расонида, дар раванди ташаккул, инкишоф ва тағйири шахсияти инсон нақши муҳим мебозад. Ба андешаи мутафаккир, ҳуқуқ механизми асосии тағйироти иҷтимоӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва воситаи муҳимми танзими равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

П. Сорокин барои посухи асоснок додан ба саволи «ҳуқуқ чист?» чунин назарияҳои ҳуқуқиро аз мавқеи назарияи интиқодӣ таҳлил намудааст:

- ҳуқуқ ҳамчун қоидаҳои рафтор, ки аз ҷониби Худо муқаррар шудааст;
- ҳуқуқ ҳамчун қонуни расмии давлат;
- ҳуқуқ ҳамчун маҷмуи қоидаҳои ҳатмии рафтор, ки аз ҷониби давлат муқаррар ё эътироф гардидааст;
- ҳуқуқ ҳамчун низоми қоидаҳои маҷбурии рафтор;
- ҳуқуқ ҳамчун ифодаи иродаи умумӣ;
- ҳуқуқ ҳамчун воситаи ҳифзи озодӣ;
- ҳуқуқ ҳамчун механизми ҳифз ва маҳдудсозии манфиатҳо [154, с. 24-28].

Нахуст П. Сорокин назарияи илоҳии пайдоиши ҳуқуқро танқид карда, таъкид менамояд, ки падидаҳо ва корҳои заминиро бо сабабҳои заминӣ шарҳ додан лозим аст ва иродаи Худоро ба корҳои зиёди фосиқона ва нодуруст омехта кардан мумкин нест. Баъдан, «илм бояд ва метавонад ҳама чизро ба таври табиӣ, на сабабҳои фавқултабиӣ, ки он иродаи Худо аст, шарҳ диҳад» [154, с. 24]. Мутафаккир назарияи ҳуқуқ ҳамчун қонуни расмии давлатро қисман дастгирӣ карда, аммо ҷанбаи таркибии он: ҳуқуқ ва қонун як чиз ҳастанд, эътироф намекунад.

Назарияи ҳуқуқ ҳамчун қоидаҳои ҳатмии рафтори аз ҷониби давлат муқаррар ё эътирофгардидаро низ П. Сорокин қисман ҳақ дониста, ба ин андеша будааст, ки то пайдоиши давлат ҳам дар шаклҳои барвақтии ҳамзистии одамон қоидаҳои ҳатмии рафтор вуҷуд доштанд ё муассисаҳои динӣ (маслан, калисоҳо) мустақилона аз давлат ҳуқуқҳои гуногуни шаҳрвандонро муқаррар менамуданд. Дар ин мавриД П. Сорокин чунин навиштааст: «Агар ҳолате, ки бе давлат ҳуқуқ вуҷуд дошта наметавонад, дуруст бошад, пас чунин маъно дорад, ки одамон асрҳо бе ҳуқуқ зиндагӣ мекарданд ва дар ҷамъиятҳои тотемӣ ва авлодӣ ҳуқуқ тамоман вуҷуд надошт. Чунин тахмин комилан нодуруст аст» [154, с. 25].

П. Сорокин мавҷудияти давлатро ба амали ҳуқуқ алоқаманд дониста, таъкид менамуд, ки давлат дар асл шакли муташаккили халқ аст. Ба андешаи ӯ, ҳуқуқ сохтори давлат, волоияти ҳокимияти давлатӣ, қонунӣ будани ҳокимият, доираи амал ва тобеияти шаҳрвандонро муайян менамояд ва «бе ҳуқуқ давлат нест, на баръакс» [154, с. 26]. Мутафаккир таъкид мекунад, ки ҳуқуқро бо қонунҳои аз ҷониби давлат навишташуда як чиз донистан лозим нест, зеро «маҷмуи қонунҳо» агар ҳуқуқ мебуданд, пас аксарияти одамон ин қонунҳоро намедонанд, пас бе ҳуқуқ зиндагӣ мекунанд.

Дар мавриди назарияи ҳуқуқ ҳамчун қоидаҳои маҷбурии рафтор низ П. Сорокин нуқтаи назари интиқодӣ дорад, онро ҳам қисман дуруст ҳисобидааст. Ба андешаи ҷомеашинос, ҳуқуқ доимо маҷбурӣ шуда наметавонад, зеро баъзан шахс аз рӯйи эҳсосоти ботинӣ меъёрҳои ҳуқуқиро риоя менамояд, баъдан, маҷбурнамоиро нафарони неруманд низ анҷом дода метавонанд ва «дар ин ҳолат рафтори ҳуқуқии ғоратгарро эътироф намекунем, ки қурбонии худро барои додани моликияташ маҷбур менамояд» [154, с. 27].

Назарияи ҳуқуқ ҳамчун иродаи умум ё иродаи тамоми халқро низ П. Сорокин беасос номидааст, зеро агар ҳуқуқ ифодаи иродаи умум бошад, пас барои қабули ҳар як қонун зарурати ба инобат гирифтани мавқеи ҳар як узви ҷомеа ба миён меояд, «бештари қонунҳо на танҳо бе огоҳии аксарияти аҳолӣ

ба нашр мерасанд, балки охирин ҳатто қисми бештари қонунҳои қабулшударо намедонанд» [154, с. 27]. Мутафаккир иброз доштааст, ки ҳуқуқ ҳамеша ифодагари ҳифзи ҳуқуқ, манфиат ва озодиҳои ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ буда наметавонад, зеро ҳокимиятҳои истибдодӣ ба мафҳумҳои «иродаи умум» ва «иродаи халқ» такя карда, қонунҳои зидди манфиати халқи худро қабул кардаанд, «ҳазорҳо ҷиноятҳо ба номи иродаи умум анҷом ёфтаанд, садҳо вайронкунии ҳуқуқи халқ зери калимаи «чунин аст иродаи халқ» пинҳон шудаанд» [154, с. 27].

П. Сорокин назарияи ҳуқуқ ҳамчун ҳифз ва маҳдуднамоии манфиатҳоро танқид карда, ба ин андеша будааст, ки ҳуқуқ бештар озодӣ ва манфиати табақаҳои ҳукумронро ҳифз менамояд, аз ин сабаб, ҳуқуқро муҳофизи манфиату озодии ҳамаи одамон тавсиф намудан ғайриодӣ менамояд. Аз назари сотсиолог, қонуне, ки ба истисморгар нисбат ба халқ, хуҷаин нисбат ба ғулом, соҳиби деҳқон нисбат ба деҳқон ҳуқуқҳои номаҳдуд медиҳад, бешубҳа, озодӣ ва манфиати ин гурӯҳҳоро ҳифз менамояд ва онро ҳимояи манфиати тамоми аҳолӣ арзёбӣ намудан имконнопазир аст: «Ҳама гуна қонун бартарии ин ё он гурӯҳи муайяни одамон, манфиат ва озодиҳои гурӯҳҳои нерумандро ифода менамояд» [154, с. 27].

П. Сорокин пас аз таҳлили назарияҳои гуногуни ҳуқуқ ба чунин натиҷа мерасад, ки дар ҳама таърифҳои мафҳуми «ҳуқуқ» ибораи «қоидаҳои рафтор» такрор мегардад, аммо фарқи ин назарияҳо дар он ифода меёбад, ки кадом навъи қоидаҳои рафтор ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқӣ эътироф шуда метавонанд. Маҷмуи чунин қоидаҳо кодекси ҳуқуқӣ ё низоми қонунҳоро ташкил медиҳанд, ки дар ҳаёти инсон ҳамчун дастурамал, роҳнамо ва шакли муайянкунандаи рафтору амали иҷтимоӣ хизмат мекунанд. Ба андешаи ҷомеашинос, мафҳуми «қоидаҳои рафтор» мазмун ва доираи меъёрҳои ҳуқуқиро пурра ифода намекунад, балки ин мафҳум мазмунан васеъ буда, қоидаҳои ахлоқӣ, динӣ, техникӣ ва ғайраро фаро гирифта метавонад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ маҷмуи

қоидаҳои рафтор буда, аз як тараф, ба шахс ҳуқуқ медиҳад ва аз тарафи дигар, ӯро барои иҷрои рафтори муайян уҳдадор менамоянд.

П. Сорокин ба масъалаи фарқи байни меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, меъёрҳои ахлоқиро ҳамчун қоидаҳои рафторе тавсиф намудааст, ки бар хилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ хусусияти ҳатмӣ надошта, бештар тавсиявӣ мебошанд, аммо риоя ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳатмист. Ба андешаи сотсиолог, дин ҳам қоидаҳои рафтор буда метавонад, аммо меъёрҳои динӣ дар алоҳидагӣ амал накарда, вобаста ба сохтори ҷамъият ва давлат ба меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии рафтор табдил меёбанд. Ҷомеашинос муътақид будааст, ки бештари меъёрҳои динӣ қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқиро ифода намуда, меъёрҳои аввалини ҳуқуқию ахлоқӣ дар ибтидо маҳз дар дин пайдо шудаанд. Аз ин сабаб, то ҳол меъёрҳои динии рафтор дар баробари меъёрҳои ҳуқуқӣ қисми таркибии шуури ҳуқуқии одамонро ташкил медиҳанд ва иштибоҳан меъёрҳои динӣ аз меъёрҳои ҳуқуқию ахлоқӣ ҷудо арзёбӣ мегарданд.

Пас аз таҳқиқоти зиёд П. Сорокин ҳуқуқро чунин таъриф додааст: «Ҳуқуқ маҷмуи қоидаҳои рафтор аст, ки рафтори мақбулу ҳатмиро тавассути тақсимоти салоҳият ва уҳдадориҳо нишон медиҳад» [154, с. 43]. Мутафаккир ҳуқуқро воқеияти зинда номидааст, он «мисли неруи барқест, ки ҳарчанд намоён ҳам набошад, аммо одамонро ба ҳаракат медарорад, амалиёти мубориза ва сулҳро ба ҳаёт татбиқ менамояд, нафрат ва муҳаббатро ба вуҷуд меорад, тахтро ба вуҷуд меоварад ва сарнагун мекунад, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятиро барпо карда, вайрон мекунад. Хулоса, ҳуқуқ неруи иҷтимоӣ ва неруи тавоно аст» [154, с. 43].

П. Сорокин ҳуқуқи расмию амалкунандаро қонун номидааст, яъне қонун меъёри расмии ҳуқуқист, ки аз тарафи ҳокимияти олии давлатӣ дар асоси тартиботи муайян қабул ва нашр шудааст. Ба андешаи ӯ, ҳуқуқ омили рушди иқтисодӣ буда, рушди ҷомеа ба рафтори ҳуқуқии одамон алоқамандӣ дорад. Мутафаккир маҷмуи ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқии дар ҷомеа амалкунандаро

ҳамчун низоми ҳавасмандгардоние арзёбӣ намудааст, ки ба фаъолияти истеҳсолии аҳолӣ таъсири мусбат ва ё манфӣ расонида метавонад. Ба ибораи дигар, самаранокии фаъолияти иқтисодӣ тавассути муҳити устувори ҳуқуқӣ, рафтори ҳуқуқии аҳолӣ ва фаъолияти намояндагони мақомоти давлатӣ таъмин мегардад.

П. Сорокин ҳуқуқро неруи ҳавасмандкунандае номидааст, ки одамонро барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ водор сохта, дар онҳо ҳисси масъулиятро ташаккул медиҳад ва барои мубориза, барқарорсозӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшудаи шахс шароит ва имконоти заруриро фароҳам меорад. Бе ҳуқуқ инсон ба ягон кори ногувор ва мушкиле даст намезанад, аз дигарон хизматҳои муайянеро талаб карда наметавонад, ба муқобили нафарони аз худ неруманд эрод намегирад ва барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои поймолгардидаи хеш мубориза намебарад. Ҷомеашинос ҳуқуқро ҳамчун омили ҳавасмандкунандае арзёбӣ кардааст, ки одамонро ба фаъолият таҳрик менамояд ва рафтори онҳоро зери назорат қарор медиҳад.

Ба андешаи П. Сорокин, амалҳое, ки дар аввал таҳти таъсири ҳуқуқ ҳамчун қувваи ҳавасмандкунанда анҷом дода мешаванд, пас аз такрори зиёд ба одат табдил меёбанд ва ҳамчун як чизи комилан маъмул иҷро мешаванд ва ҳуқуқ ба рафтори инсон таъсири амиқтар мерасонад. Ҳангоме, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби одамон риоя ва иҷро намешаванд, ҳуқуқ аз неруи ҷисмонӣ ва маҷбурсозӣ истифода бурда, «ҳамчун омили интихоби иҷтимоӣ ва аз байн бурдани «нодаркорон» амал мекунад» [156, с. 619-620]. Ҳуқуқ дар байни одамон ҳуқуқу уҳдадориро тақсим менамояд, тамоми ташкилоти ҷамъиятӣ, сохти сиёсӣ, институтҳои иқтисодӣ ва табақаҳои иҷтимоиро ташкил медиҳад.

Ба қавли П. Сорокин, дар ҳолати баланд гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ба фаъолияти самараноки истеҳсолии шаҳрвандон умедвор будан ғайриимкон аст, зеро барои тараққиёти иқтисодию маънавии ҷомеа, дар баробари ташкилотчиёни босалоҳият, соҳибкорон ва сармоя, инчунин, риояи принсипҳои ибтидоии ахлоқию ҳуқуқӣ хеле зарур аст. Мутафаккир муҳити

носолими ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро барои баъзе аз гурӯҳҳои иҷтимоии ҷинояткор ва каҷрафтор муҳити мусоиди рушд номида, чунин натиҷагирӣ кардааст. «Барои афроди аз лиҳози иқтисодӣ ношоиста чунин муҳити «ҳуқуқӣ» ва иҷтимоӣ як ангезаи беҳтаринест, ки рафтори «шағолона»-и онҳоро тақвият мебахшад. Дар чунин «обҳои лойолуд»-и ҷамъиятӣ онҳо ба таври комил «моҳӣ сайд мекунанд», худро олӣ ҳис мекунанд ва дар шароити мувофиқ бо суръати бактерияҳо зиёд мешаванд. Аммо дар ин ҷо унсурҳои пурмаҳсули хоҷагидорӣ дамгир, буғ ва об мешаванд» [156, с. 364].

Назари мутафаккир оид ба нақши ҳуқуқ дар ҷойивазкунии иҷтимоӣ хеле қобили таваҷҷуҳ мебошад, ки дар боби дуюми ин диссертатсия ботафсил мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Умуман, П. Сорокин ҳуқуқро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар ҳамбастагӣ ба ҳаёти иҷтимоии одамон ва сохтори иҷтимоии ҷомеа таҳқиқ намуда, ба хулосае расидааст, ки тамоми институтҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа меъёрҳои ҳуқуқиро татбиқ менамоянд.

Дар сотсиологияи ҳуқуқ равишҳои гуногуни сотсиологии омӯзиши ҳуқуқ ба вуҷуд омадаанд, ки дар байни онҳо равиши функсионализми сохторӣ бартарӣ дорад. Намояндагони назарияи функсионализми сохторӣ ҳуқуқро ҳамчун институти иҷтимоӣ бо дарназардошти вазифаҳои иҷтимоияш таҳқиқ намудаанд. Яке аз намояндагони машҳури ин равия сотсиологи амрикоӣ Т. Парсонс (1902-1979) мебошад, ки дар корҳои илмии худ ба таҳлили вазифаҳои ҳуқуқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ӯ ҳуқуқро яке аз институтҳои муҳимми иҷтимоӣ ҳисобида, амали самараноки онро ба давлат алоқаманд донистааст. Аз дидгоҳи сотсиолог, низоми ҳуқуқии фарогир унсури асосии ҷомеаи саноатӣ буда, дар шароити мавҷудияти давлати тавоно амал менамояд.

Дар таълимоти сотсиологии Т. Парсонс ҳуқуқ ҳамчун воситаи неруманди танзими рафтори иҷтимоӣ, назорати иҷтимоӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ, нигоҳдошти тартиботи иҷтимоӣ, мутобиқ шудан ба муҳити иҷтимоӣ ва омили асосии ҳифзу нигоҳдошти низоми иҷтимоӣ арзёбӣ гардидааст. Ба

андешаи мутафаккир, ташаккули ҳуқуқ новобаста аз доираи сиёсӣ ва динӣ марҳилаи муҳимтарини таҳаввулоти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад: «Мо, ҳуқуқро ҳамчун кодекси умумии меъёрие мешуморем, ки фаъолияти коллективӣ ва инфиродии аъзоёни ҷамъиятро танзим намуда, вазъияти онҳоро муайян мекунад» [128, с. 33].

Мувофиқи андешаи намояндаи назарияи низои иҷтимоӣ Р. Дарендорф (1929-2009) дар ҷомеа байни соҳибони ҳокимият ва гурӯҳҳое, ки аз ҳокимият маҳруманд, доимо низои иҷтимоӣ вуҷуд дорад, ки онро тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим ва идора кардан мумкин аст. Сотсиолог ҳуқуқро низоми қонун ва муҷозот номида, охиринро бо одату анъанаҳо алоқаманд донистааст, ки бо тағйироти ҷомеа одатҳо ба қонун табдил ёфта метавонанд ва нақшҳои иҷтимоии шахс аз ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян таркиб ёфтаанд. Ӯ таъкид кардааст, ки ҳуқуқ ва қонун дар аксари нақшҳои иҷтимоӣ ҳамчун интизорию манъкуниҳои ниҳонӣ зоҳир мегардад ва дар ҳолати тағйир ёфтани заминаҳои иҷтимоии қонунҳо аҳаммият ва эътибори амалии худро аз даст дода метавонанд.

Р. Дарендорф таъкид кардааст, ки ҳуқуқ шароити зарурию кофиро барои ташаккули нобаробарии иҷтимоӣ ва табақабандии иҷтимоӣ муҳайё менамояд, зеро то пайдоиши ҳуқуқ байни одамон баробарӣ вуҷуд дошт, аммо бо пайдоиш ва рушди меъёрҳои ҳуқуқӣ табақабандии иҷтимоӣ ба вуҷуд омад. Дар он ҷое, ки талаботи иҷтимоӣ ҷой доранд, пас рафтори нақшӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста ба мақоми иҷтимоӣ ба таври дараҷавӣ ба тартиб дароварда мешаванд: «Ҳуқуқ ҳаст, нобаробарӣ низ ҳаст; агар ҳуқуқ вуҷуд дошта бошад, бояд дар байни одамон нобаробарӣ вуҷуд дошта бошад... Қувваи таҳримкунандаи қонун боиси фарқи байни ҳуқуқвайронкунандагон ва нафарони қонунпазир мегардад» [57, с. 506]. Мутафаккир муътақид будааст, ки ҳокимияти давлатӣ қонунҳоро мувофиқ ба сохтор ва шакли худ қабул менамояд, дар ҷомеаи демократӣ қонунҳои демократӣ ва дар ҷомеи истибдодӣ қонунҳои золимона қабул мешаванд.

Сотсиологи франсавӣ П. Бурдё (1930–2002) ҳуқуқро ҳамчун институти нисбатан мухторе арзёбӣ намудааст, ки имрӯзро бо гузашта мепайвандад, новобаста аз таъсири омилҳои беруна ва иродаи гурӯҳҳои ҳукумрони ҷомеа муносибатҳои ҷамъиятиро танзим намуда, дар ташаккули ҷомеа ва тартиботи иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад. Ба андешаи донишманд, ҳуқуқ бе муболиға олами иҷтимоиро ба вуҷуд овардааст ва ҳамзамон, худи ҳуқуқ низ маҳсули эҷоди ҳамин олами иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, П. Бурдё махсус таъкид менамояд, ки ҷомеаро танҳо бо роҳи қабули қонунҳо тағйир додан ғайриимкон аст. Дар ин раванд бояд омилҳо ва шароити иҷтимоӣ ба назар гирифта шаванд, зеро «ҳуқуқ эътирофи иҷтимоӣ дорад, ба талабот ва манфиатҳои воқеӣ мувофиқат менамояд» [361].

Сотсиологи бузурги англис Э. Гидденс (соли таваллуд 1938) низ ба таъсири иҷтимоии ҳуқуқ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қонунро меъёри муҳимми иҷтимоӣ ва ҳуқуқвайронкуниро зуҳуроти ногузири ҷомеаи инсонӣ ҳисобидааст, зеро «дар ҷое, ки қонунҳо вуҷуд доранд, ҳамеша ҷиноятҳо хоҳанд буд, зеро ҷиноятро ҳамчун ҳар гуна рафторе муайян кардан мумкин аст, ки қонунро вайрон мекунад» [50, с. 121]. Сотсиолог муносибатҳои иҷтимоиро муносибатҳои баробарҳуқуқи демократӣ номидааст, ки дар он ҳар як тараф ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд, аз маҷбуркунӣ ё зӯроварӣ озоданд.

Дар бораи ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ нуқтаи назари сотсиологи поляк П. Штомпка (соли таваллуд 1944) ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Сотсиолог ба ин назар аст, ки ҳуқуқ муқобили анъанаҳои зараровар баромада, дар ҳолати мувофиқат бо ахлоқи ҷомеа ба сохтори иҷтимоии ҷомеа таъсири зиёд мерасонад. Аз назари ӯ, дар низомҳои тоталитарӣ, худкома ва режимҳои диктаторӣ қонунҳои зиддиахлоқӣ зиёд вомехӯранд, аз ин сабаб, қонунҳо зери таъқибу фишор риоя ва татбиқ мегарданд. Ба андешаи сотсиолог, вақте ҳуқуқ аз меъёрҳои ҳатмии ахлоқие, ки дар ҷомеаи муайян мавқеи афзалиятнок доранд, дур мешавад, ба муқовимати ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад ва «ҳуқуқ бе дастгирии ахлоқ имконияти амалӣ шуданро аз даст медиҳад» [186, с. 287].

Мувофиқи андешаи П. Штомпка, баъзе аз одамон бо сабаби боварӣ ва ниятҳои худхоҳонаю муғризона меъёрҳои ҳуқуқиро вайрон мекунанд, аммо аз эҳсоси шарм, гуноҳ ё тарс аз муҷозоти иҷтимоӣ қонуншикании худро пинҳон медоранд. Баъзан, меъёрҳо қудрати танзимкунандагии худро гум мекунанд, ки дар натиҷа баъзе рафтори манъшуда ба намунаи рафтори ҷоиз табдил ёфта метавонанд. Сотсиолог барои собит намудани ин андешаи худ вазъияти баъзе аз давлатҳои пасошуравиро мисол меорад, ки дар он ҷо ҳарчанд коррупсия расман маҳкум мегардад, аммо ба як амали муқаррарӣ табдил ёфтааст. Нафароне, ки поквиҷдону қонунпазир ҳастанд ва аз коррупсия худдорӣ менамоянд, мавриди «муҷозоти иҷтимоӣ» қарор гирифта, ба назари атрофиён шахси заифу тарсу ва аҷоиб менамоянд.

П. Штомпка таъкид менамояд, ки ҳуқуқ муҳимтарин воситаи ба амал овардани сиёсати давлатист ва аз ин рӯ, бояд низоми ҳуқуқӣ шаффофу пойдор ва ба тағйироти иҷтимоӣ кушода бошад, таъҷилӣ дар худ дигаргуниҳои иҷтимоиро инъикос карда тавонад. Мутафаккир дар ин бора чунин навиштааст: «Ҳуқуқ бояд нисбат ба ҳамаи шаҳрвандон сарфи назар аз мақоми онҳо баробар татбиқ шавад. Ба ягон истисно роҳ надода, ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандиро қатъиян иҷро кардан лозим аст» [186, с. 323]. Сотсиолог аз вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии давлатҳои пасошуравӣ огоҳ аст ва аз ин рӯ, пешниҳод мекунад, ки дар чунин давлатҳо ҳуқуқи шаҳрвандон ба моликияти хусусӣ бояд ба таври ҷиддӣ ҳифз гардида, раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ дар асоси ҳуқуқ амалӣ карда шавад.

Мазмун, сохтор ва хусусияти вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ дар таълимоти сотсиологи муосири рус В.В. Лапаева низ хеле амиқ таҳлил шудааст. Ба андешаи сотсиолог, ҳуқуқ заминаи иҷтимоӣ дорад ва барои амали самараноки он бояд меъёрҳои ҳуқуқӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ мутобиқат ва мувофиқат намоянд. Дар навбати аввал бояд талаботи объективии одамон ва ҳаёти иҷтимоии ҷомеа дар қонунҳо инъикос ёбанд. Ӯ менависад, ки ҳуқуқ «бояд ба

муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда мувофиқат намуда, қобилияти таҷассуми талаботи объективии ҳаёти ҷамъиятиро дошта бошад» [97, с. 172].

Хулоса, дар таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқии сотсиологҳои классик ва равишҳои муосири сотсиологӣ масъалаҳои муҳимтарини сотсиологияи ҳуқуқ, моҳият ва вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, амали самараноки ҳуқуқ дар ҷомеа ва дигар масъалаҳои ба институти иҷтимоии ҳуқуқ алоқаманд таҳқиқ гардидаанд. Таълифоти илмии онҳо ба доираи таҳқиқоти сотсиологияи ҳуқуқи муосир таъсир расонида, дар бораи муносибатҳои байни ҳуқуқ, иқтисодиёт ва сохти иҷтимоию табақабандии ҷомеа маълумоти зарурӣ медиҳанд.

Намояндагони мактаби сотсиологии Россия ҳуқуқро ҳамчун воситаи ҳифзи тартиботи иҷтимоӣ, ҳифзи манфиатҳои иҷтимоӣ, шакли ҳамраъйии иҷтимоӣ ва тағйири шахсияти одамон шарҳ додаанд. Аммо ягон назарияи классикии ҳуқуқ дар алоҳидагӣ ба масъалаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ҷавоби кофӣ дода наметавонанд, зеро онҳо нақши иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро дар амали иҷтимоии ҳуқуқ ба инобат нагирифтаанд. Дар маҷмуъ, таҳқиқи таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқии сотсиологҳои классикии аврупоӣ ва рус ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти иҷтимоии ҳуқуқ ва нақши онро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ беҳтар дарк намоем.

1.3. Ҳолат ва амали иҷтимоии ҳуқуқ дар марҳилаи гузариши ҷомеа

Масъалаи ҳолат, амал ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар шароити тағйироти куллии ҷомеа ё давраи гузариш торафт таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд. Халқи тоҷик дар таърихи худ низомҳои гуногуни ҳуқуқиро аз сар гузаронидааст, ки ҳар яке аз онҳо давраи гузариши худро дошта, дар шуур ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ нақши худро гузоштаанд. Аз назари мо, давраи гузариши кишварамон то ҳол ба охир нарасидааст ва барои сохтмони низоми ҳуқуқии Тоҷикистон омӯзиши таҷрибаи марҳилаи гузариши ҷомеа мубрам мебошад. Дар таҳқиқоти

ҳуқуқшинос А.Ғ. Холиқзода дар асоси равиши тамаддунӣ «таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон ба:

1. Давраи амали тамаддуни ҳуқуқии зардуштӣ ва одатӣ.
2. Давлат ва ҳуқуқи тоҷик дар аҳди амали ҳуқуқи ислом.
3. Амали ҳуқуқи империӣ дар сарзамини тоҷикон.
4. Амали ҳуқуқи шуравӣ.
5. Таҳдиди низоми нави ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол тақсим гардидааст» [216, с. 14].

Ҳуқуқшинос И.Б. Буриев қисман даврабандии зикргардидаро эътироф карда, дар баробари ин, фикру андешаҳои хешро баён менамояд. Аз назари донишманд, ҳуқуқи одатӣ ва ё тамаддуни одатии зардуштӣ баробари ҳуқуқи исломӣ то солҳои аввали давлатдории шуравӣ мавриди истифода будааст ва меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ қисман то имрӯз амал мекунанд, ҳамзамон бо ин, ҷузъе аз меъёрҳои ҳуқуқи шуравӣ дар даҳсолаи аввали соҳибихтиёрӣ дар Тоҷикистон истифода мешуданд. Аз дидгоҳи И.Б. Буриев «вобаста ба равиши тамаддун метавон чунин марҳалаҳои рушди давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистонро номбар кард:

1. Пайдоиши давлатдорӣ ва ҳуқуқ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ (ҳазорсолаи 2 ва 1 пеш аз милодӣ).
2. Давлат ва ҳуқуқи давраи ориёӣ-зардуштии тоҷикон (ҳазорсолаи 1 пеш аз милодӣ то ибтидои асри VII).
3. Давлат ва ҳуқуқи давраи исломии тоҷикон (асри VII – то солҳои 1868 / ибтидои асри XX).
4. Таърихи давлат ва ҳуқуқ дар марҳилаи тамаддуни омехтаи империявӣ ва исломӣ (солҳои 1868-1917/1920-1929 – дар ҳудуди шимолии Тоҷикистон).
5. Давлатдорӣ ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон.
6. Давлат ва ҳуқуқи миллии Тоҷикистон (1991 – то имрӯз)» [216, с. 16].

Бешубҳа, шароити давраи гузариши ҷомеаҳои муосир аз як низоми ҳуқуқӣ ба низоми дигар аз давраҳои гузариши асрҳои гузашта фарқ мекунад,

зеро ин раванд дар давраи муосир хусусияти ҷаҳонӣ касб намуда, доираи васеи давлатҳоро фаро мегирад ва дар шароити ҷаҳонишавӣ таъсири густурда дорад. Масалан, пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС тамоми давлатҳои тозаистиқлол дар ҳолати марҳилаи гузариш қарор гирифтанд ва дар натиҷа низоми ҳуқуқи миллии худро таҳия намудаанд.

Дар даврони Шуравӣ марҳилаи гузариши ҷомеа ба маънои гузариш аз як форматсияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба дигараш фаҳмида мешуд ва низоми ҳуқуқӣ дар дохили ин раванд мавриди омӯзиш қарор мегирифт. Моҳи апрели соли 1986 дар ИҶШС сиёсати азнавсозӣ эълон гардид, ки ҳамчун оғози ислоҳоти фарогир дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ арзёбӣ мешуд. Аммо ин раванд дар ниҳоят ба буҳрони амиқи иқтисодӣ ва сиёсӣ оварда, ба парокандашавии давлат анҷом ёфт. Пас аз соҳибихтиёр гардидани кишварҳои пасошуравӣ дар ҳаёти шаҳрвандон тағйироти куллӣ ба миён омаданд, ки ба рушди ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа таъсири ҷиддӣ расониданд.

Мувофиқи назарияи марксистии ҳуқуқ низоми ҳуқуқӣ аз як ҳолати сифатӣ ба ҳолати дигари сифатӣ бо роҳи инқилобӣ мегузарад. Тағйироти инқилобии ҳуқуқ тағйироти куллӣ, зудамал ва сифатии он дар назар дошта мешавад. Намояндагони ин назария муътақиданд, ки гузариш аз як навъи таърихии низоми ҳуқуқӣ ба дигар навъ танҳо бо роҳи инқилобӣ имконпазир аст. Аз ин сабаб, дар назарияи марксистӣ давраи гузариши системаи низоми ҳуқуқӣ ҳамчун як давраи зудгузар ва камаҳаммият шуморида мешуд. Таҷриба нишон медиҳад, ки роҳи рушди эволютсионии низоми ҳуқуқӣ нисбатан табиӣ ва воқеӣ сурат мегирад ва муддати дароз давом карда метавонад, аммо дар давраи гузариш тағйироти инқилобӣ сар мезананд. Дар ин ҳолат ҳам ҳуқуқ ба ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир расонида, имконоти танзимнамоии хешро пурра аз даст намедиҳад.

Давраи гузариши ҷомеа ҳамчун ҳолати буҳронӣ, мураккаб ва пурихтилоф арзёбӣ мегардад, ки дар он самтҳои минбаъдаи рушди ҷомеа номуайян шуда, имконоти амалии татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат маҳдуд

мегарданд. Давлат ба майдони муборизаи шадид барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ва иқтисодӣ табдил меёбад. Чунин ҳолат замоне ба вуҷуд меояд, ки зери таъсири омилҳои гуногун сохтори иҷтимоии ҷамъият босуръат тағйир ёфта, муносибатҳои нави иҷтимоӣ пайдо мешаванд ва тадриҷан ташаккул меёбанд, «ҷамъияти куҳна вайрон шуда, ҷамъияти нав шакл мегирад» [40, с. 72]. Ҳуқуқшиноси рус В.Н. Кудрявсев моҳияти давраи гузариши ҷомеаро чунин тавсиф намудааст: «Давраи гузариш тағйироти низоми иҷтимоист, ки танзими давлатии иқтисодиёт бо механизмҳои бозорӣ иваз мешавад... Давраеро ман давраи гузариш меномам, ки маҷмуи тағйироти сифатии сохтори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаи моро ифода менамояд» [244, с. 229; 91].

Дар давраи гузариш давлат ва ҳокимияти сиёсӣ ба дигаргуниҳои босуръати иҷтимоӣ зуд вокуниш нишон дода наметавонанд, ки дар натиҷа, бесуботии сиёсию ҳуқуқӣ ба миён омада, тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро буҳрони ҷиддӣ фаро мегирад ва шаҳрвандон барои ҳалли масъалаҳои ҳаётии хеш ба ҷустуҷӯйи роҳҳои ғайрирасмӣ рӯй меоранд. Ҳанӯз сотсиологи маъруфи франсавӣ Э. Дюркгейм ин масъаларо таҳқиқ намуда, чунин навишта буд: «Дар лаҳзаи номуташаккилии иҷтимоӣ, хоҳ он дар натиҷаи буҳрони дарднок ба амал ояд, хоҳ баръакс, дар давраи мусоид, вале дар ҳолати дигаргуниҳои хеле ногаҳонии иҷтимоӣ ҷомеа муваққатан ба инсон таъсири зарурӣ расонида наметавонад... ва аз ин рӯ, барои чанд вақт ҳар як тартибу қоида нотавон ва корношоям мегардад» [65, с. 237-238].

Дар давраи гузариш тағйири куллии меъёрҳои ҳуқуқӣ рӯй медиҳад, аз ҷониби шаҳрвандон талаботи қонунҳо риоя ва иҷро намегарданд, нигилизми ҳуқуқӣ густариш меёбад, ҳокимияти сиёсӣ то андозае қудрати худро аз даст дода, сатҳи эътимоди аҳолӣ нисбат ба институтҳои сиёсӣ коҳиш меёбад, коррупсия ба тамоми табақаҳои иҷтимоии ҷомеа густариш ёфта, ҳуқуқ вазифаҳои иҷтимоии худро пурра иҷро карда наметавонад ва дар ҷомеа ҳолати муваққатии беқонунӣ ба миён меояд.

Ҳолати давраи гузариш дар Тоҷикистон хеле шиддатнок буд ва ба буҳрони амиқи иқтисодию сиёсӣ, инчунин, сар задани ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид. Дар чунин шароит баъзе оилаҳо ҳатто имкони қонеи талаботи одитарини иҷтимоии худро надоштанд. Дар робита ба буҳрони иқтисодии давраи гузариш дар Тоҷикистон иқтисодшиноси тоҷик Н. Хоналиев таъкид менамояд, ки гузариш аз низоми иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозоргонӣ дар солҳои аввали истиқлоли давлатӣ раванди ниҳоят мураккаб, дарднок ва нисбатан тӯлонӣ буд. Дар ин марҳила зарурати ташаккули механизмҳои нави бозории фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла таҳияву татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав ба миён омад, ки бояд заминаи ҳуқуқии дигаргунсозиҳои иқтисодиро таъмин мекарданд. Ба андешаи ӯ: «Барои Тоҷикистон ин гузариш (гузариш ба бозор) ба далели ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997, ки рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳоро солҳои тӯлонӣ ба ақиб партофт, хеле мураккаб гашт» [180, с. 66].

Ҳарчанд дар оғози давраи гузариш Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибихтиёр гардид, асосҳои иқтисоди бозоргонӣ ва моликияти хусусӣ ташаккул ёфтанд, низоми бисёрҳизбӣ ба вуҷуд омад, Конститутсияи миллӣ қабул шуд ва кишвар роҳи рушди демократиро интихоб намуд, аммо вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолӣ ба таври назаррас рӯ ба таназзул овард. Ин равандҳо, пеш аз ҳама, дар шакли буҳрони шаддиди иқтисодӣ ва афзоиши сатҳи камбизоатӣ зоҳир гардиданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Уфуққои истиқлол» давраи гузариши кишварро таҳлил намуда, ба чунин хулоса мерасанд, ки гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ дар шароити ниҳоят мураккаби иқтисодӣ сурат гирифтааст. Канда шудани робитаҳои иқтисодӣ бо ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ боиси коҳиш ёфтани фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои дохилӣ гардида, афзоиши бекорӣ ва таваррум ба пастшавии сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва густариши камбизоатии аҳолӣ мусоидат намуданд. Дар ин замина, Сарвари давлат паёмадҳои фоҷиабори ҷанги шаҳрвандиро чунин арзёбӣ менамоянд: «Ноустувории вазъи

сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ барои гузаронидани ислоҳот монеи ҷиддӣ гашта, ба фазои сармоягузории кишвар халал мерасонд. Дар баробари ин, ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёти кишварамон хисороти азиме расонид, ки оқибатҳои зарар бештар аз 10 миллиард доллари амрикоӣ арзёбӣ мешавад» [27, с. 22].

Даврони гузариши ҷомеа чунин шароитеро ба вуҷуд овард, ки аксарияти аҳолӣ барои қонеъ гардонидани талаботи ҳаётан муҳимми худ рӯй ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ оварданд. Соҳибкории хурду миёна низ бо душворӣ пеш мерафт, ҳамзамон ба ин, бекорӣ, рақобати носолими иқтисодӣ, коррупсия, маҳдуд будани имконоти ҷойивазкунии иҷтимоӣ аз ҷумлаи мушкилоти асосии иҷтимоӣ ва иқтисодии давраи гузариши ҷомеа ба ҳисоб мерафтанд. Марҳилаи ибтидоии давраи гузариш то ба дараҷае пуршиддат ва мураккаб ҷараён гирифт, ки таъсир ва паёмадҳои он то имрӯз дар хотираи иҷтимоӣ, ҳувият ва рафтори шаҳрвандон эҳсос гардида, ба равандҳои минбаъдаи рушди ҷомеа монеаҳои муайян ба вуҷуд меоранд.

Албатта, дар тамоми давру замон сифатҳои баланди шахсӣ, истеъдод, лаёқат, касбият ва мутобиқат ба талаботи замон қадр мешуданд, аммо дар шароити давраи гузариш на ҳамаи ҷавонон имкони амалӣ намудани қобилият ва истифодаи самараноки имконоти ҷойивазкунии иҷтимоии амудиро доранд. Бо вуҷуди кофӣ будани қуввaҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти ватанӣ норасоии кадрҳои касбӣ эҳсос мешавад. Давраи гузариш чунин шароитеро ба вуҷуд меорад, ки дар сохтори иҷтимоии ҷомеа гурӯҳҳои ҳукумрон ва дорои захираҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ имтиёзҳои беҳудудро соҳиб мегарданд ва дар баровардани қарорҳои муҳимми сиёсӣ таъсири зиёд мерасонанд.

Қонунҳои шитобкорона қабулшудаи давраи гузариш талаботу манфиатҳои шаҳрвандонро инъикос карда наметавонанд, зеро онҳо дар муҳлати кутоҳ таҳия ва қабул мегарданд, дар ҳоле ки шуури ҳуқуқӣ дар муддати дурудароз ташаккул меёбад ва зуд дигаргун намегардад. Махсусан,

дар марҳилаи аввали давраи гузариш қисми зиёди меъёрҳои ҳуқуқӣ барои шаҳрвандон пурра фаҳмо нестанд ва дар баъзе ҳолатҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии қаблан қабулшудаи амалкунанда ихтилоф пайдо менамоянд. Ба андешаи ҳуқуқшиноси рус В.И. Розин «дар бораи раванди гузариш сухан рондан мумкин аст, ки қонунҳои он ҳанӯз ҳам кам фаҳмо ҳастанд» [143, с. 20].

Давраи гузариши ҷомеа ба ҳуқуқ бештар таъсир мерасонад, зеро ҳуқуқ нисбат ба давлат хусусияти консервативӣ дорад. Дар ҳолати зуд тағйири сохтори идоракунии давлат ва низоми сиёсӣ ҳуқуқ муносибатҳои нави иҷтимоиро фавран фаро гирифта наметавонад. Дар ин ҳолат муносибатҳои нави ҷамъиятиро меъёрҳои ҳуқуқии куҳна танзим менамоянд, ки на ҳама вақт пурсамар ҳастанд. Дар ин бора ҳуқуқшиноси рус Л.Е. Лаптева дуруст баён намудааст: «Ҳуқуқ нисбат бо дигар падидаҳои сиёсӣ бо замони гузашта алоқаманд аст. Он яке аз соҳаҳои консервативии ҳаёти ҷамъиятӣ буда, бо анъанаҳои таърихӣ алоқаманд аст» [250, с. 68]. Ҳарчанд низоми ҳуқуқии ҷомеаи гузариш ноустувор аст, аммо қонунҳои қабулшуда муносибатҳои иҷтимоиро дар сатҳи муайян танзим карда метавонанд.

Давраи гузариши ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа марҳилаи мураккаб ва зиддиятнок буда, дар дигаргуниҳои босуръати вазъи сиёсии ҷомеа, буҳрони иқтисодӣ, пурсамар амал накардани ҳуқуқ ва коҳиши саҳти зиндагии аксарияти аҳолии кишвар таҷассум меёбад. Давраи гузариш, ки низоми ҳуқуқии ҷомеаро ноустувор мегардонад, принсипи пайдарҳамӣ ва меросияти анъанаҳои ҳуқуқиро хароб месозад. Ба андешаи В.В. Горшенин, «дар шароити давраи гузариш, ки низомҳои иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ ҳанӯз ташаккул меёбанд, чунин вобастагии ҷиддии иқтисодиёти миллӣ аз манбаъҳои беруна онро хеле осебпазир мегардонад» [334, с. 16].

Дар давраи гузариши ҷомеа баъзе аз муносибатҳои муҳимми иҷтимоӣ аз доираи танзими ҳуқуқӣ берун мемонанд, таззоди мазмунии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба назар мерасанд, қарорҳои ҳокимияти иҷроия бо низоми ҳуқуқӣ мувофиқ нестанд ва ҳатто шуури ҳуқуқии шаҳрвандон зиддиятноканд. Аз

назари ҳуқуқшиноси тоҷик М.З. Раҳимов, «…низоми ҳуқуқӣ ба монанди ҳама гуна зуҳуроти иҷтимоӣ дар ҳолати ибтидоӣ қарор дошта наметавонад, он доимо тағйир ёфта ва баробари тағйирёбӣ мунтазам боиси мухолифатҳои нав мегардад» [279, с. 29].

Ҳамин тариқ, дар давраи гузариш низоми ҳуқуқии ҷомеа устувор нест, доимо тағйир ёфта, бо мурури замон ба талаботи нави иҷтимоӣ мутобиқ мегардад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии бо шитоб қаблшуда бештар манфиати гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоиро инъикос менамоянд. Дар ин марҳила ҳатто баъзе аз қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ ба Конститутсия пурра мутобиқат надошта, аз ҷиҳати мазмун ва сохтори дохилӣ низ зиддиятноканд. Дар натиҷа, чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври самаранок татбиқ намегарданд ва меъёрҳои пешбинишудаи онҳо пурра риоя ва иҷро намешаванд.

Дар давраи гузариш сарҳадҳои байни табақаҳои иҷтимоӣ то андозае норавшан мегарданд. Шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои иҷтимоие, ки қобилияти баланди мутобиқшавӣ доранд, дар низоми сиёсӣ ба мақоми баланд расида, захираҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаро ихтиёрдорӣ менамоянд. Дар чунин вазъи ноустувор қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва гурӯҳҳои ҷиноятқор фаъол гардида, барои ба даст овардани ҳокимият, мақоми иҷтимоӣ ва моликият аз тамоми воситаҳои дастрас, аз ҷумла роҳҳои ғайриҳуқуқӣ истифода мебаранд ва дар баъзе ҳолатҳо ҳатто аз ҷониби баъзе аз намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дастгирӣ меёбанд. Ба тарзи ҳаёти гурӯҳҳои каҷрафтор баъзе аз наврасону ҷавонон тақлид менамоянд. Давраи гузариш ва буҳрони сиёсӣ барои баъзе гурӯҳҳои иҷтимоӣ шароити мусоид ва имконияти васеи ташкили зиндагии шоён ва ҷамъоварии сарват ба ҳисоб меравад.

Сиёсатшиноси тоҷик Х.Қ. Сафарализода дар диссертатсияи доктории худ ба хусусиятҳои давраи гузариши ҷомеа ва таҳдидҳои он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ба ин назар аст, ки гузариши давлат аз як марҳила ба марҳилаи дигари рушд дар муддати муайян ба амал меояд, вобаста ба таъсири таҳдидҳои дохилӣ баъзе давлатҳо як марҳилаи гузаришро дар муддати 5-10 сол, аммо

давлатҳои дигар давоми 30-40 сол сипарӣ карда метавонанд ва давраи гузариши кишварамон аз лиҳози мафкуравӣ то ҳол давом дорад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ истиқлолияти давлатӣ ба даст оварда, аз як сохтори ҷамъиятӣ ба сохтори дигар гузашт. Дар кишвар чунин гузариш аз лиҳози ниҳодӣ агар дар як муддати кӯтоҳ (дар ду даҳсолаи аввал) ба амал омада бошад, аз лиҳози мафкуравӣ давраи гузариш ҳанӯз ҳам идома дорад» [349, с. 29].

Ба андешаи Х.Қ. Сафарализода, «барои давлатҳое, ки дар давраи гузариш қарор доранд, таҳдидҳои сиёсӣ хеле хатарзо ҳастанд» [349, с. 99], аз ин сабаб, солҳои аввали соҳибистиқлолӣ кишварамонро халогӣ ва буҳрони идеологӣ фаро гирифт ва аз ин вазъият радикалистони исломӣ ва экстремистони сиёсӣ истифода бурда, фазои холии идеологиро фаро гирифтанд, ки дар натиҷа ҷанги шаҳрвандӣ сар зад. Сиёсатшинос давраи гузаришро ҳамчун як раванди ниҳоят ҳассоси ислоҳотие тавсиф менамояд, ки ба қабули арзишҳои низоми нав ва тадриҷан канор гузоштани арзишҳои сохтори пешин нигаронида шудааст, аммо дар ин раванд мушкилии асосӣ «тағйироти сохторӣ, ё ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ нест, балки мушкилии асосӣ дар тафаккури одамон ва мушкил будани тағйирдиҳии шуури онҳо аст» [349, с. 117].

Барои шарҳи вазъи ҳаёти ҳуқуқии давраи гузариш дар илми сотсиология як қатор назарияҳо таҳия шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо назарияи «аномия» (калимаи юнонии «а» – инкор ва «nomos» – қонун) маҳсуб меёбад. Асосгузори ин назария сотсиологи классики франсавӣ Э. Дюркгейм дониста мешавад. Ӯ аномияро ҳамчун яке аз шаклҳои бемории иҷтимоӣ маънидод намуда, онро натиҷаи тағйироти амиқи ҷомеа ва равандҳои хоси давраи гузариш меҳисобид, ки боиси заифшавию таназзули низоми меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ мегардад.

Ба ақидаи Э. Дюркгейм, аномия натиҷаи гузариши фаврии ҷомеа аз зинаи сохтори анъанавӣ ба зинаи сохтори саноатист, ки мухолифати байни

талаботу манфиат ва имконоти қонеъгардонии онҳоро ба миён меорад, дар ҷомеа беқонунӣ ва намудҳои гуногуни каҷрафтории иҷтимоӣ (аз ҷумла худкушиҳо) меафзоянд. Сотсиолог дар асари машҳураш «Худкушӣ» навиштааст, ки «дар лаҳзаи таназзули ҷамъиятӣ, хоҳ аз сабаби буҳрони амиқ бошад ё баръакс, дар давраи дигаргунсозиҳои осоиштаи ногаҳонӣ ба амал ояд, ҷамъият ба инсон таъсири зарурӣ расонида наметавонад... Аномия натиҷаи чунин вазъиятест, ки ... барои гурӯҳҳои муташаккили ҳаёти ҷамъиятӣ роҳнамое вуҷуд надорад» [65, с. 126, 202].

Мувофиқи назарияи «аномия» дар ҳолати гузариш меъёрҳои ҳуқуқии мавҷуда хароб гардида, дигар самаранок нестанд, ба одамон таъсири назаррас расонида наметавонад, аммо меъёрҳои нави ҳуқуқӣ ҳанӯз тасдиқ нагардидаанд. Дар байни меъёрҳои муайянкунандаи мақсадҳо ва меъёрҳои танзимкунандаи тарзи расидан ба ин мақсадҳо зиддиятҳо ҷой доранд. Аз назари Э. Дюркгейм, ҳолати аномиявӣ ҳам дар шароити якбора бад гардидани вазъи иҷтимоӣ ва ҳам босуръат беҳтар шудани он рӯй дода метавонад. Дар ҳарду ҳолат ҳам тарзи ҳаёти мардум тағйир ёфта, тартиботи иҷтимоӣ ноустувор мегардад, меъёрҳои иҷтимоӣ вазифаи танзимнамоии худро дар сатҳи пурра иҷро карда наметавонанд. Дар натиҷа, тавозуни иҷтимоӣ вайрон гардида, як қисми аҳолӣ имкони беҳтар намудани шароити зиндагии худро дар муддати кӯтоҳ ба даст меоранд, дар ҳоле ки қисми зиёди шаҳрвандон ба мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ гирифтор гардида, ба вазъи душвори зиндагӣ рӯ ба рӯ мегарданд.

Мувофиқи таълимоти Э. Дюргейм, «аномия айни замон ҳолати ногувори иқтисодии ҷаҳонро ифода менамояд» [65, с. 212] ва асосан ба ҷомеаҳои саноатӣ хос аст. Маҳдудияти имконот барои қонеи талаботи инсонӣ ва норасоии меъёрҳои самараноки танзимкунанда боис мегарданд, ки қисми назарраси аҳолӣ ба шаклҳои гуногуни каҷрафтории иҷтимоӣ рӯ оварда, дар баъзе ҳолатҳо ҳатто даст ба амали худкушӣ мезананд. Ба ақидаи муҳаққиқи рус Д.Г. Герашенко, «равиши Дюркгейм ба фаҳмиши вазифаи танзимкунандаи ҳуқуқ

дар ҷомеаи муосир ва номутобиқатии байни иқтидори меъёрҳои ҳуқуқӣ ва тақсимоти номаълуми меҳнат асос ёфтааст» [332, с. 17].

Э. Дюркгейм аз ҷанбаҳои мусбати аномия низ ёдовар шудааст, зеро агар дар низоми арзишу меъёрҳои иҷтимоӣ зиддиятҳо ва номуайяниҳо аз ҳад гузаранд, ҷомеа ба сифати вокуниш аномияро ба вуҷуд меорад, ки меъёру арзишҳоро ислоҳ намуда, ба ин восита ҳамоҳангию аниқияти онҳоро таъмин мегардонад. Ба андешаи ӯ, роҳи асосии аз байн бурдани аномия ва ё кам кардани таъсири он эҷоди намунаҳои нави рафтор ва таҳияи низоми нави меъёрию арзишӣ мебошад. Мутафаккир дар асари машҳураш «Дар бораи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат» оид ба бартарафсозии аномия чунин навиштааст: «аномия як беморӣ аст, пеш аз ҳама, ҷомеа азият мекашад, зеро бе ризоият ва танзим зиндагӣ кардан номумкин аст... Барои хотима ёфтани аномия зарур аст, ки гурӯҳе вуҷуд дошта бошад ё ташкил шавад, ки низоми намунаи мавҷуднабударо ба вуҷуд оварда тавонанд» [64, с. 9].

Яке аз асосгузорони назарияи функсионализми сохторӣ, сотсиологи амрикоӣ Р. Мертон (1910-2003) аномияи иҷтимоиро ҳамчун мувофиқат накардан ё низои байни ду унсури сохтори меъёрию арзишии ҷомеа: манфиат ва мақсадҳои муайяншудаи одамон ва роҳҳо ё воситаҳои амалӣ намудани онҳо номидааст. Дар ин бора Р. Мертон дар асараш «Назарияи иҷтимоӣ ва сохтори иҷтимоӣ» чунин навиштааст: «аномия ҳамчун парокандагӣ дар сохтори фарҳангӣ баррасӣ мешавад, хусусан, ҳангоми дар байни меъёрҳою ҳадафҳои фарҳангӣ ва имконоти сохтории иҷтимоии аъзоёни гурӯҳ барои амал кардан мувофиқи ин меъёрҳои фарҳангӣ тафовути шадид вуҷуд дорад» [112, с. 284, 319].

Ба маънои дигар, дар байни унсурҳои сохтори иҷтимоӣ ду унсур хело муҳиманд. Унсури аввал аз мақсаду ният ва манфиати аз тарафи маданияти ҳукумрони ҷомеа муайяншуда таркиб ёфтааст. Унсури дуюм тарзу роҳҳои эътирофшудаи расидан ба ин мақсаду манфиатҳост. Меъёрҳои иҷтимоӣ тарзу роҳҳои расидан ба мақсадҳоро муайян, танзим ва назорат мекунанд. Дар

ҷомеаи устувор мақсадҳо ва воситаҳои расидан ба онҳо дар ҳолати мувозинат қарор дорад ва агар мувозинати байни мақсадҳо ва воситаҳо вайрон шавад, боиси шиддати иҷтимоӣ, сар задани низоъҳо ва аномия мегардад.

Мувофиқи назарияи Р. Мертон, аномия дар ҳолатате зуҳур менамояд, ки шахс барои расидан ба ҳадафҳои иҷтимоии худ имконияти кофии истифода намудани роҳҳо ва воситаҳои қонуниро надошта бошад. Дар чунин вазъият байни мақсадҳои фарҳангии пазируфташудаи ҷомеа ва воситаҳои қонунии ноилшавӣ ба онҳо номувофиқатӣ роҳ меёбад. Ин ҳолат одамонро ба ҷустуҷӯйи роҳҳои ғайриқонунии қонеи талабот ва манфиатҳои худ водор менамояд ва ҳатто ба содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ замина фароҳам месозад. Дар ин бора Р. Мертон чунин навиштааст: «норасоиҳои функсионалии сохтори расмӣ боиси ба вуҷуд омадани сохтори алтернативӣ (ғайрирасмӣ)-и қонеъ гардонидани талаботи мавҷуда бо роҳҳои самараноктар гардиданд» [112, с. 173]. Воситаҳои нави ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ на ҳамеша ба меъёрҳои расмии амалкунанда мутобиқат намуда, онҳо ба вайроншавии тартиботи иҷтимоӣ, суст гардидани механизмҳои танзим ва коҳиши интизориҳои иҷтимоии шаҳрвандон оварда расонида метавонанд.

Р. Мертон муътақид будааст, ки ҷомеа ба ҳамаи шаҳрвандон имконияти баробар ва воситаҳои қонунии расидан ба мақсадҳоро фароҳам оварда наметавонад. Масалан, дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ҳамагон барои беҳтар намудани ҳаёти моддии худ талош менамоянд. Воситаҳои қонунии расидан ба ин мақсад таҳсили босифат ва кори шоиста мебошад. Аммо на ҳамаи одамон имконияти таҳсили босифат ва ба кори сазовор таъмин шуданро доранд. Аз ин сабаб, як гурӯҳи одамон барои беҳтар намудани ҳаёти моддии худ аз воситаҳои ғайриқонунӣ истифода мебаранд.

Умуман, аномияи ҳуқуқӣ амалҳои ғайриқонунии аҳолӣ, мувофиқ наомадани рафтори шахсони алоҳидаро ба меъёрҳои ҳуқуқ ва пастравии арзиши иҷтимоии қонун, номутобиқатии меъёрҳои ҳуқуқиро ба вазъи иқтисод, ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар, «парокандагӣ, харобшавии

ҳамбастагӣ, дезадаптатсия, нигилизми ҳуқуқӣ ва таназзули шуури ҳуқуқӣ» [246, с. 112]-ро ифода менамояд, дар натиҷа як қисми муайяни аҳолӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои ҳаётӣ аз доираи танзими ҳуқуқӣ берун мебароянд.

Аномияи ҳуқуқӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон хусусиятҳои худро дошт, ки пеш аз ҳама, ба тағйири сохтори иҷтимоии ҷомеа, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, афзоиши сатҳи ҷиноятқорӣ ва шиддати нобаробариҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ алоқаманд буд. Зуҳуроти аномияи ҳуқуқӣ дигаргуниҳои харобиовареро ба вуҷуд овард, аксарияти аҳолӣ ба амалҳои ғайриҳуқуқӣ ва ғайриқонунӣ одат карда, ҳатто онҳоро баъзан ҳамчун меъёр қабул намуда, роҳҳо ва стратегияҳои гуногуни ғайриқонунии амалӣ намудани манфиати шахсӣ ва қонеъ гаронидани талаботи моддию маънавии хешро таҳия намуданд. Пас аз расидан ба Ваҳдати миллӣ Ҳукумати кишвар ва дигар мақомоти дахлдор тавассути бартарафсозии зиддиятҳои дохилии меъёрҳои ҳуқуқӣ, таҳкими волоияти қонун, ҳавасманд гардонидани шаҳрвандон ба рафтору амали ҳуқуқӣ ва ба роҳ мондани амали самараноки ҳуқуқ то сатҳи зарурӣ аномияи ҳуқуқиро бартараф карда тавонистанд.

Масъалаи дигаре, ки дар шароити давраи гузариши ҷомеа аз аҳаммияти бештар бархӯрдор мегардад, таносуби ҳуқуқ ва иқтисодиёт мебошад. Баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон самти рушди иқтисоди бозоргониро интихоб намуд. Дар ин раванд амалисозии самараноки ҳуқуқ аҳаммияти бунёдӣ касб мекунад, зеро байни ҳуқуқ ва иқтисодиёт робитаи диалектикӣ вуҷуд дорад. Ҳуқуқ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми ҳаракатдиҳандаи тағйири низоми иқтисодии ҷомеа амал намуда, тавассути маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои иқтисодӣ ва қоидаҳои фаъолияти иқтисоди бозаргониро танзим мекунад. Он барои ташаккули муҳити рақобати солим, баррасии одилона ва беғаразонаи баҳсҳои иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ҳамзамон, ҳифзи ҳуқуқии моликияти хусусии шаҳрвандонро таъмин менамояд. Ба андешаи К. Поппер (1902-1994), «ҷомеаи саноатиеро, ки дар асоси муносибатҳои бозорӣ таъсис ёфта, озодии бештари интихобро

пешниҳод менамояд, бе низоми ҳуқуқӣ, бе волоияти қонун тасаввур кардан мушкил аст» [132, с. 20].

Байни сатҳи некуаҳволии ҷомеа ва самаранокии амали ҳуқуқ ҳамбастагии зич ва устувор вуҷуд дорад. Ҳар қадар ҷомеа аз лиҳози иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва институтсионалӣ пешрафта ва босубот бошад, ҳамон андоза ҳуқуқ вазифаҳои иҷтимоии худро самаранок иҷро менамояд ва баръакс, ҷомеаи қафомонда ба зулму истибдод ва беқонунӣ роҳ мекушояд. Дар ин бора сотсиологи олмонӣ У. Бек (1944-2015) навишта буд, «танҳо он одамоне, ки манзил, кори боэътимод ва таъминоти кофии моддӣ доранд, шаҳрвандоне ҳастанд ё шуда метавонанд, ки қоидаҳои демократии рафторро омӯхта, демократияро ба ҳаёт татбиқ мекунанд» [41, с. 115]. Ҳарчанд дар давраи гузариш байни меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиёт зиддиятҳо ба назар мерасанд, аммо меъёрҳои ҳуқуқӣ унсурҳои асосии сохтори ҷомеаи давраи гузаришро ташкил медиҳанд.

Ҳарчанд ҳуқуқ дар шароити давраи гузариш яке аз воситаҳои муҳимми бунёди ҷомеаи нав шуморида мешавад, аммо дар марҳилаи аввали истиқлоли давлатии Тоҷикистон таваҷҷуҳи асосии сохторҳои масъули давлатӣ бештар ба татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва сиёсӣ равона шуда, масъалаи таҳким ва такмили низоми ҳуқуқӣ то андозае дар канор монд. Дар натиҷа, бисёре аз иқдомҳо дар самти ислоҳоти иқтисодӣ самараи назаррас надоданд, зеро онҳо ё бо меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда мувофиқат намекарданд ва ё санадҳои мукаммали меъёрии ҳуқуқие, ки раванд ва натиҷаҳои ин ислоҳотро танзим намоянд, вуҷуд надоштанд. Яке аз намунаҳои равшани чунин ислоҳот дар давраи гузариш раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Пас аз истиқлоли давлатии Тоҷикистон яке аз қадамҳои аввалин дар самти ислоҳоти иқтисодӣ маҳз татбиқи сиёсати хусусигардонии моликияти давлатӣ буд. Мақсади хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Тоҷикистон ба ташаккули муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ, рушди соҳибкорӣ,

фаъолгардонии иқтисодии шаҳрвандон, ташаккули синфи миёна, ҳифзи моликияти хусусӣ ва таҳкими равандҳои нави иқтисодию ҳуқуқии ҷомеа равона гардида буд. Мутаассифона, бо сабабҳои номбаршуда ислоҳоти иқтисодӣ натиҷаҳои дилхоҳ надод. Дар ин масъала сотсиологи тоҷик Ш. Шоисматуллоев таҳқиқот гузаронида, ба хулосае меояд, ки ҳадафи гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ, пеш аз ҳама, тағйири муносибат ба шаклҳои моликият, ташаккули иқтисоди гуногунсоҳа, барқарорсозии механизмҳои худтанзимшавандаи бозорӣ, тақвияти ҳавасмандии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ буд. Ҷомеашинос паёмадҳои ислоҳоти иқтисодии солҳои аввали истиқлоли давлатии кишварро чунин тавсиф намудааст: «Марҳилаи аввали ислоҳот дар шароити мушкили барқароршавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, гузариш ба низоми бозоргонӣ, буҳрони амиқи иқтисодӣ, вазъи ҷиноятӣ ва низои шаҳрвандӣ гузашт, ки ба харобшавии хоҷагии миллӣ оварда расонид... Хусусигардонии моликияти давлатӣ мулкдорро иваз намуд, аммо вазъияти иқтисодии корхонаҳоро беҳтар нагардонд, баръакс, бадтар сохт» [185, с. 136, 321-322].

Ҳарчанд корхонаҳои зиёди давлатӣ хусусӣ шуданд, вале аз бештари онҳо ному нишоне намонд (барои аз худ намудани заминашон харидорӣ шуда буданд) ё бо сабаби норасоии неруи барқ ва мутахассисон, бад будани шароити пешбурди тиҷорат, бюрократия ва коррупсия бо зарфияте доштанд, кор намекарданд ё тамоман аз кор монданд. Дар миёни соҳибмулкони наве, ки бо роҳҳои коррупсионӣ (бо арзиши ночиз) соҳиби корхонаҳо шуданд, шахсони тасодуфии бетаҷриба ва беихтисос зиёд буданд ва дар натиҷа ҳазорон нафар одамон бекор монданд.

Пас аз истиқлоли давлатӣ аксарияти шаҳрвандони кишварамон таҷрибаи соҳибкорӣ надоштанд, институти моликияти хусусӣ ба маънои имрӯзааш вуҷуд надошт. Аз ин сабаб, дар давлатҳои пасошуравӣ амсилаҳои гуногуни сохтмони ҷомеаи навинро аз давлатҳои хориҷӣ нусхабардорӣ намуда, кӯр-кӯрона истифода бурданд. Ислоҳоти ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ на дар

асоси талаботи объективии ҷомеа, балки мувофиқ ба иродаи сиёсии мансабдорони алоҳида сурат гирифт, ки дар натиҷа ҷомеаро буҳрони иқтисодӣ, баланд рафтани сатҳи ҷиноятқорӣ, коррупсия, нигилизми ҳуқуқӣ ва иқтисоди пинҳонӣ фаро гирифт.

Таъминоти моддӣ ва иқтисодии шаҳрвандон яке аз заминаҳои асосии татбиқи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ба ҳисоб меравад, зеро камбизоатию бекорӣ ва нобаробариҳои аз ҳад зиёди иҷтимоӣ одамонро ба роҳҳои ғайриқонунии қонеъ гардонидани талаботашон таҳрик дода, ба риояи қонунҳо ва устувории тартиботи ҳуқуқӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар давраи гузариши ҷомеаи Тоҷикистон нобаробарии иҷтимоӣ авҷ гирифт. Аксарияти аҳолӣ аз воситаҳои истеҳсолот дур партофта шуда, ба истеъмолкнунда табдил ёфтаанд. Кадрҳои баландихтисос ё аз ҷумҳурӣ баромада рафтанд, ё дар ҳоли нодорию муҳтоҷӣ зиндагӣ мекарданд.

Нишондиҳандаи дигари давраи гузариши ҷомеаи Тоҷикистон, ки устувории иқтисодии ҷомеа ва амали самараноки ҳуқуқ аз сатҳи он вобастагӣ дорад, камбизоатии аҳолӣ мебошад. Дар давраи гузариш нишондиҳандаҳои сатҳи камбизоатӣ боло меравад. Хусусан, дар солҳои аввали истиқлоли давлатӣ бинобар бозмонии тараққиёти иқтисодӣ ва таъсири ҷанги шаҳрвандӣ аксарияти кулли аҳолӣ ба камбизоатӣ гирифтор гардида, нобаробарии иҷтимоӣ афзуд. Бекорӣ ва адами имконияти қонунии қонеъ гардонидани талаботи моддӣ боис шудаанд, ки баъзе аз ҷавонон даст ба ҷиноят зананд ва ба ташкилотҳои экстремистию террористӣ шомил шаванд.

Ба шарофати андешидани тадбирҳои зарурӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули ҳуҷҷатҳо ва барномаҳои давлатӣ, фаъолгардии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ ва кумаки ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ сатҳи камбизоатии аҳолӣ аз 83%-и соли 1999 ба 19,0%-и соли 2025 коҳиш дода шуд *(нигаред ба расми 1)*.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз

16.12.2025 дар ин маврид чунин ибрози назар намуданд: «Аҳолии кишвар аз 8,5 миллион нафари соли 2015 ба 10,7 миллион нафар дар соли 2025 расид, яъне 26 фоиз зиёд гардида, нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ аз 70 ба 77 сол расид. Яъне дарозумрӣ дар даҳ соли охир 7 сол боло рафт. Дар ин муддат сатҳи камбизоатӣ то 19 фоиз коҳиш ёфт... Соли 2025 Барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар барои солҳои 2026-2030 ҳамчун марҳалаи ниҳоии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 қабул гардид. Амалисозии саривақтӣ ва сифатноки он имкон медиҳад, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ду баробар афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатӣ то 10 фоиз кам ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ то 50 фоиз зиёд гардад» [15, с. 5-6]. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар кишвар марҳила ба марҳила коҳиш ёфта, то соли 2030 ба 15% расонида мешавад [14, с. 97].

Расми 1.

Динамикаи коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон *(%)*



Давраи гузариши ҳуқуқ дар ҷомеа ду падидаи нисбатан номатлуб: иқтисоди пинҳонӣ ва коррупсияро ташаккул медиҳад, ки қисми таркибии

ҳамаи давлатҳои давраи гузариш мебошанд. Иқтисоди пинҳонӣ категорияи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ буда, мазмуни асосии онро маҷмуи амалҳо ва фаъолияти ғайриқонунии иқтисодии шаҳрвандон, инчунин, кӯшиши саркашӣ аз пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ ташкил медиҳад. «Иқтисоди пинҳонӣ иқтисодиётест, ки берун аз доираи қонунӣ амал мекунад. Хусусияти асосии он саркашӣ аз қайди расмии шартномаҳои тиҷоратӣ ё дидаву дониста таҳриф кардани мазмуни онҳо ҳангоми бақайдгирӣ дониста мешавад» [325, с. 225].

Сабабҳои рушди иқтисоди пинҳонӣ ва шуғлмандии ғайрирасмӣ коррупсия, монеҳои бюрократӣ, амали ғайрисамараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ, маданияти пасти иқтисодии шаҳрвандон ва кӯшиши раҳоӣ ёфтан аз назорати давлатӣ мебошанд. Даврони шуравӣ ҳама гуна фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкории шаҳрвандон бо қонун манъ гардида буданд ва малакаҳои рафтори иқтисоди пинҳонӣ аз замони шуравӣ маншаъ мегиранд. Аз ин рӯ, то ҳол аксарияти аҳолӣ соҳиби сарвати зиёд шудани баъзе аз субъектҳои фаъоли иқтисодиро на ба қобилияту малакаи иқтисодии онҳо, балки ба амалҳои ғайриқонунӣ ва беадолатии иҷтимоӣ алоқаманд медонанд. То ҳол шумораи соҳибкорон ва тоҷирони ватание, ки ба қонуншиканӣ ва пинҳонкориҳо роҳ медиҳанд, кам нестанд.

Дар давраи гузариш иқтисоди пинҳонӣ тамоми соҳаҳои ҳаёту фаъолияти иқтисодии аҳолии Тоҷикистонро фаро гирифта буд. Сотсиологи тоҷик Ш. Шоисматуллоев иқтисоди пинҳонии давраи гузариши кишварамонро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки агар дар кишварҳои рушдёфтаи сармоядорӣ иқтисодиёти пинҳонӣ бо фаъолияти манъшуда алоқаманд бошад, пас дар Тоҷикистон баъзе аз намудҳои фаъолияти қонунӣ ва барои ҷомеа муҳим низ ба шакли пинҳонӣ анҷом дода мешаванд: «Вақти кории фурӯшандаҳо, боркашонҳо ва борбардорҳо аз рӯйи қонун маҳдуд нашудааст, онҳо дар иттифоқҳои касаба муттаҳид нашудаанд, шартномаи меҳнатӣ намебанданд, собиқаи кориашон ҳисоб намешавад. Чунин фаъолиятро, ки ҳатто агар

соҳибони онҳо ба қайд гирифта, иҷозатнома дода бошанд ҳам, нимҳуқуқӣ ва нимпинҳонӣ ҳисоб кардан мумкин аст» [185, с. 166-167].

Рушди иқтисоди пинҳонӣ дар Тоҷикистон паёмадҳои манфӣ дорад, зеро касри буҷети давлатиро зиёд мегардонад, рушди иқтисодиёти ҷомеаро бозмедорад, табақаҳои эҳтиёҷманди ҷомеаро боз ҳам осебпазир сохта, имконоти ҳифзи иҷтимоии онҳоро маҳдуд мегардонад. Дар доираи иқтисоди пинҳонӣ созишномаҳо ва шартномаҳо аҳаммияту эътибори ҳуқуқии худро аз даст медиҳанд, дар чунин шароит соҳибкорон бештар на ба механизмҳои бозоргонӣ ва рақобати солим, балки ба робитаҳои шахсӣ ва пуштибонҳои муътабар такя мекунанд. Ин нуктаро иқтисодшиноси тоҷик Ф.С. Убайдов хеле воқеӣ тасвир намудааст: «Равандҳои иқтисоди пинҳонӣ ба суръати тараққиёти иқтисодиёти кишвар таъсир расонда, ... истеҳсоли ғайриқонунии молу хизмат, пинҳон кардани даромад, муомилоти пули расминашуда, шустушӯи пулҳои «ифлос», ришва ва суиистифода аз мансаб ва дигар зуҳуроти фаъолияти пинҳонӣ ба сифати бахши таркибии тағйирнопазири муносибатҳои бозории шаклгиранда табдил меёбанд» [355, с. 3].

Ҳамин тариқ, иқтисоди пинҳонӣ яке аз падидаҳои номатлуби давраи гузариши ҷомеа буда, ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад, рушди иҷтимоии ҷомеаро боз медорад ва ба ташкили шароити зиндагии шоиста ва сазовори аҳолӣ монеа мегардад. Аз ин рӯ, яке аз ҳадафҳои стратегии давлат дар ояндаи наздик мубориза ба муқобили иқтисоди пинҳонӣ ва фароҳам овардани рақобати солими иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. «Мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бунёдӣ дорад» [140, с. 7].

Падидаи дигари номатлуби давраи гузариши ҷомеа коррупсия мебошад, ки хатари он ба ҷомеа аз таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ, мисли экстремизм, терроризм ва интишори маводи мухаддир камтар нест. Коррупсия ба монанди бемории саратон ҷомеаро ба нобудӣ оварда мерасонад, «коррупсия ва рушди

прогрессивии давлат чизҳои бо ҳамдигар мухолифанд» [1117, с. 97]. Сиёсатшиноси ватанӣ Х.Қ. Сафарализода коррупсияро яке аз навъҳои таҳдидҳои антропогенӣ ва техногении дохилӣ ҳисобидаст, ки ба амнияти миллӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, сатҳи рушди тиҷорат, фаъолияти соҳибкорони маҳаллӣ, обрӯйи давлату ҳукумат ва умуман, рушду инкишофи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад. Сиёсатшинос коррупсияро таҳдиди дохилие номидааст, ки барои аз байн бурдани таҳдидҳои дигар имкон намедиҳад, ҳамаи соҳаҳоро ба буҳрон дучор менамояд ва дар самти амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат монеа мегардад. «Дар ҳолати дар байни хизматчиёни давлатӣ баланд будани сатҳи коррупсия хавфи ҳамкорӣ намудани онҳо бо хадамоти истихборотии давлатҳои хориҷа ба вуҷуд меояд. Давлатҳои хориҷа дар ивази маблағи муайян иттилооти дорои сирри давлатиро соҳиб мегарданд ва дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ ва ҳатто ба суботи сиёсӣ таъсири манфӣ мерасонанд» [149, с. 179].

Коррупсия яке аз ҷиноятҳои хафноке арзёбӣ гардида, ба татбиқи самараноки барномаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ монеа эҷод менамояд. Ин падида ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таъсири манфӣ расонида, имконоти ҷойивазкунии иҷтимоии амудии болоравандаро маҳдуд месозад. Ҳамзамон, он ба густариши нигилизми ҳуқуқӣ ва коҳиши эътимоди шаҳрвандон нисбат ба давлат, ҳукумат ва сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат мусоидат намуда, иқтисоди пинҳониро рушд медиҳад, минбаъд барои роҳ ёфтани шахсони тасодуфӣ ё нолоиқ ба сохторҳои ҳокимияти давлатӣ замина фароҳам меорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паёмадҳои иҷтимоии ин падидаи номатлуб чунин ибрози назар намуданд: «Коррупсия ба пешрафти иқтисодиёт халал мерасонад, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад ва ба рушди демократия

таъсири манфӣ мегузорад. Гузашта аз ин, коррупсия дар ҷомеа ба риоя нашудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон замина фароҳам меорад ва ба пояи ахлоқ зарба мезанад. Аз ин рӯ, пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро мо яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии давлат ҳисобида, дар чанд соли охир корро дар ин самт хеле тақвият бахшидем» [18].


Пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС ва оғози марҳилаи гузариш дар Тоҷикистон коррупсия босуръати баланд паҳн гардид, дар шуур ва рафтори аксарияти шаҳрвандон ҷой гирифт. Агар дар ибтидо ба афзудани сатҳи коррупсия марҳилаи гузариши ҷомеа замина гузошта бошад, минбаъд ба ташаккули он дигар омилҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат намуданд.

Дар доираи таҳқиқоти сотсиологие, ки соли 2021 аз тарафи мутахассисони шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ оид ба мавзуи «Омӯзиши вазъият ва шароитҳои татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида шуд, масъалаи коррупсия низ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифт. Тибқи натиҷаҳои таҳлил, сабабҳои асосии афзоиши сатҳи коррупсия дар кишвар аз ҳолати ноилоҷӣ ва ночорӣ (36,5%), сатҳи пасти дониши ҳуқуқии шаҳрвандон (30,4%), талоши ҳалли ҳарчӣ зудтари мушкилот (30,2%), тамаъкории мансабдорон (27,9%), маоши ками кормандони соҳаи буҷавӣ (24,5%), инчунин, одат гардидани рафторҳои коррупсионӣ (21,0%) ва дигар омилҳо иборат будаанд *(нигаред ба расми 2) [127]*.

Расми 2.

Сабабҳои асосии ба амалҳои коррупсионӣ даст задани шаҳрвандонро дар чӣ мебинед?

(n=820, %)



Дар шароити ҷомеаи гузариш коррупсия яке аз омилҳое ба шумор меравад, ки ба воситаи он баъзе аз шахсони нолоиқ ба сарвати зиёд соҳиб мегарданд. Агар гурӯҳе аз шаҳрвандонро муҳтоҷӣ ва музди меҳнати кам ба амалҳои коррупсионӣ водор созад, барои қисми дигар коррупсия ба одат ва рафтори маъмулӣ табдил ёфтааст. Чунин ашхос ҳатто барои ҳалли мушкилоти одитарини худ ба роҳу воситаҳои коррупсионӣ рӯ меоранд. Дар ҷомеа ба чунин афроде вохӯрдан мумкин аст, ки бо вуҷуди доштани шароити зиндагии муносиб ва даромади устувори иқтисодӣ аз рӯйи одат ва ангезаҳои шахсӣ ба амалҳои коррупсионӣ даст мезананд. Дар ин шароит муқовимат ба муқобили коррупсия кори заҳматталаб ва хело мушкил аст.

Хушбахтона, дар шароити кунунӣ муқовимат ба муқобили коррупсия ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқӣ ва ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Бо мақсади коҳиши сатҳи ин падида як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» [8], «Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [13] ва ғайра қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар маҷлиси васеи ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муқовимат бо коррупсияро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат арзёбӣ намуда, чунин ибрози назар намуда буданд: «Вале дар баробари ин, таъкид месозам, ки баъзе кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ ба ҷои пешгирии ҷиноят савганди касбии худро вайрон карда, ба содир намудани ҷиноятҳои суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, беамалӣ дар иҷрои вазифа, баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, гирифтану додани пора, қаллобӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва монанди инҳо даст зада, боиси бадном шудани сохтору мақомоти мазкур мегарданд» [23].

Мубориза ба муқобили коррупсия раванди мураккаб аст, зеро ошкор намудани амалҳои коррупсионӣ, дастгир ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор хело мушкил мебошад. Таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки татбиқи сиёсати самараноки муқовимат бар зидди коррупсия танҳо бо баланд бардоштани музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ ва фошу ба ҷавобгарӣ кашидани ашхоси гунаҳгор маҳдуд намешавад. Чи тавре ки ҷомеашиносони рус И.Г. Селезнева ва А.С. Сухова дар мақолаи худ ишора кардаанд: «Барои мубориза бо коррупсия на сухан, балки амал кардан лозим аст. Ба куллӣ тағйир додани самти рушди иқтисодӣ, азнавсозии сиёсати дохилӣ ва берунӣ бо дарназардошти манфиатҳои халқ, ба вуҷуд овардани муҳити нави маънавӣ дар ин самт зарурати ҳаётан муҳим ба ҳисоб мераванд» [375, с. 152-153]. Ёдовар шудани андешаҳои файласуф ва сиёсатшиноси маъруфи амрикоӣ Ф. Фукуяма, ки дар мавриди муқовимат ба муқобили коррупсия баён намудааст, хеле бомаврид аст: «воситаи ягонаи муқовимат ба муқобили коррупсия волоияти воқеии қонун, аниқтараш низоми мустақилу ягонаи судие мебошад, ки одамони ба коррупсия гунаҳгоршударо барои масъулият доштан водор карда тавонад» [377].

Хусусияти дигари ҳуқуқи давраи гузариш дар он зоҳир мегардад, ки баъзе қонунҳои дар оғози ин давра қабулшуда на ҳамеша сифати машруият

(легитимият) доранд. Муҳаққиқи соҳа Р.З. Лившис мафҳуми «машруияти қонун»-ро чунин шарҳ додааст: «Дар шакли умумӣ, машруияти қонун маънои муносибати мусбати аъзоёни ҷамъият ба қонун, аз ҷониби шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дастгирӣ ёфтани қонунро дорад. Ва баръакс, муносибати манфии мардум ба қонун, рад кардани он маънои машруият надоштани қонунро ифода мекунад» [252, с. 18-19].

Агар қонуни қабулшуда ба Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ мувофиқат накунад, ба талаботи иҷтимоӣ ҷавобгӯ набошад ва аз тарафи шаҳрвандон дастгирӣ наёбад, пас он хусусияти машруият надорад. Дар давраи гузариши ҷомеа чунин қонунҳо зиёданд, онҳо дар шароити тағйироти куллии ҷомеа бошитоб таҳия ва қабул шудаанд, ба моҳияти ҳуқуқ ва хусусиятҳои фарҳанги миллӣ мутобиқ нестанд, зиддиятҳои дохилӣ доранд ва муносибатҳои нави иҷтимоиро ба таври пурра фаро гирифта наметавонанд. Дар натиҷа, шаҳрвандон на ҳамеша талаботи чунин қонунҳоро пурра риоя ва иҷро мекунанд, ки ин ҳолат боиси афзоиши сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ мегардад.

Дар давраи гузариш шаҳрвандон воқеияти ҳуқуқиро ба таври гуногун дарк ва арзёбӣ мекунанд. Махсусан, муносибати шаҳрвандон нисбат ба қонунҳои навқабулшуда на ҳамеша хусусияти объективӣ дорад, зеро қисми муайяни аҳолӣ қабули чунин санадҳоро ҳамчун дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳаёт ва озодиҳои шахсии худ арзёбӣ менамоянд. Ҳамзамон, дар фазои ҳуқуқии ҷомеа ҳолатҳое низ ба назар мерасанд, ки баъзе аз қонунҳои қабулгардида ба талаботи воқеии шаҳрвандон пурра ҷавобгӯ нестанд ва нисбати низоми қонунгузории амалкунанда муносибати нигилистии аҳолиро ба вуҷуд оварда метавонанд. Мутаассифона, бо сабаби дар сатҳи зарурӣ рушд накардани шуур ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ бештари муносибатҳои ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистонро меъёрҳои динӣ ва ахлоқӣ, инчунин, қоидаҳои нонавиштаи рафтор танзим менамоянд. Аксарияти шаҳрвандон дар ҳолати ниҳоӣ ва беилоҷ мондан ба ҳуқуқ рӯ

меоранд. Шароити асосии машруияти ҳуқуқ эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад.

Баъзе аз ҳуқуқшиносон ва ҷомеашиносон дар баробари оқибатҳои номатлуби давраи гузариши ҷомеа ба ҷиҳатҳои мусбати он низ ишораҳо намудаанд, ҳуқуқи давраи гузариши ҷомеаро як ҳодисаи табиии ҳуқуқӣ ва марҳилаи нави рушди бетанаффуси он ҳисобидаанд. Мувофиқи андешаи онҳо, ҳарчанд дар давраи гузариш таъсири меъёрҳои ҳуқуқӣ то андозае коҳиш меёбад, аммо онҳо аз лиҳози мазмун ғанитар ва муҳимтар мегарданд. Марҳилаи гузариш барои бартараф намудани меъёрҳои куҳнашуда, қоидаҳои рафтори иртиҷоӣ ва таҳаввули ҳуқуқ дар шакли сифатан нав замина фароҳам меорад.

Ба ақидаи муҳаққиқи рус В.В. Сорокин, дар давраи гузариш институти ҳуқуқ ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мегардад, аммо вазифаи танзимнамоии худро иҷро менамояд: «Дар давраи гузариш низоми ҳуқуқӣ якпорчагӣ, вазифаҳо ва имконоти танзими худро қатъ намекунад, балки танҳо самти мақсадноки худро тағйир медиҳад ва мутобиқи он сохтор ва як зумра сифатҳои худро аз нав мекунад» [352, с. 19-20]. Мувофиқи нуқтаи назари ҳуқуқшиноси рус Н.И. Алексеева, «Буҳрони ҳуқуқӣ нуқтаи гардиш дар рушди низоми ҳуқуқӣ мебошад. Дар замони буҳрон дар низоми ҳуқуқӣ тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ ба амал меоянд, ки баъдан, боиси навсозии система мегарданд» [200, с. 12].

Меросият ва таҳаввулоти ҳуқуқ имконият медиҳад, ки дар шароити марҳилаи гузариши ҷомеа низ тартиботи ҳуқуқӣ пурра аз байн наравад ва барои ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ замина фароҳам гардад. Маҳз дар давраи гузариш ҳуқуқ вобаста ба тағйири ҷомеа, сифатан таҳаввул ёфта, мазмуну муҳтавои нав ба худ касб менамояд. Марҳилаи гузариши ҷомеа шаклҳои гуногуни таҳаввулоти минбаъдаи низоми ҳуқуқиро ба миён меорад. Маҳз дар чунин давра, низоми куҳнашуда ва ба муносибатҳои нави иҷтимоӣ

номувофиқ тадриҷан аз байн рафта, ҳамзамон, муносибатҳои нави иҷтимоӣ ба сохтори ҷомеа ворид шуда, марҳила ба марҳила ташаккул меёбанд.

Давраи гузариш дар баробари ба вуҷуд овардани мушкилоти иҷтимоӣ боз барои ба низоми иҷтимоӣ роҳ ёфтани навоварӣ ва дастовардҳо шароити мусоидро фароҳам месозад. Масалан, маҳз дар натиҷаи марҳилаи гузариш мо соҳиби давлати соҳибихтиёри демократӣ ва ҳуқуқбунёд гардидем, барои рушди иқтисоди бозоргонӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаҳои мусоид ба вуҷуд омаданд. Ҳамзамон, низоми табақабандии иҷтимоӣ то андозае кушода гардида, имконоти ҷойивазкунии иҷтимоии болораванда афзоиш ёфтанд, субъектҳои нави сиёсӣ ба арсаи ҳокимият ворид шуданд, неру ва сармояи инсонӣ тадриҷан рушду такомул пайдо карданд.

Дар давраи гузариши ҷомеа роҳҳои алтернативии рушди давлат ошкор мегардад, ки дар давраи устувории ҷомеа бо сабаби хусусиятҳои консервативӣ доштани муносибатҳои иҷтимоӣ ворид намудани навовариҳои зиёд ғайриимкон буд. Масалан, дар давраи шуравӣ Тоҷикистон дигар роҳи алтернативии рушд надошт, бояд аз рӯйи барномаи ҳизби коммунистӣ ташаккул меёфт. Ҳоло давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои рушди ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз амсилаҳои рушди барои фарҳанги миллӣ мувофиқи ҷомеаи ҷаҳонӣ истифода бурда метавонад. Дар таҳияи амсилаи рушди ҷомеа дар давраи гузариш нақши асосиро ҳуқуқ мебозад.

Ҳуқуқшиноси тоҷик М.З. Раҳимзода марҳилаи рушди бошитоби қонунгузориро, ки пас аз истиқлоли давлатӣ ва оғози марҳилаи гузариш шуруъ гардида буд, анҷомёфта меҳисобад, зеро дар ин муддат дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ қабул гардидаанд. Ба андешаи ҳуқуқшинос, дигар зарурати зуд қабул кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз байн рафтааст ва таъминоти ҳуқуқии муносибатҳои нав ва танзими ҳуқуқии соҳаҳои нав ба миён омадааст, инчунин, қонунгузории амалкунанда аз ҷиҳати низомнокӣ мукаммал нест: «Ҳамин тариқ, номукаммалӣ ва зиддиятҳои қонунгузории амалкунанда ба чунин сабабҳои объективӣ, аз

қабили адами истилоҳоти ягонаи ҳуқуқӣ дар забони тоҷикӣ, қабули санадҳои нави қонунгузорӣ бидуни робита бо қонунгузории амалкунанда, мавҷуд набудани экспертизаи ҳатмии илмию ҳуқуқӣ, махсусан, дар чунин соҳаҳои муҳим, аз қабили ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон, молия, андоз, бонк, буҷет ва ғайра боиси камбудиҳо, зиддиятҳо ва баҳсҳо дар татбиқи қонунгузории амалкунанда мегарданд, асос ёфтааст» [277, с. 153-154]. Аз назари ҳуқуқшинос, Тоҷикистон марҳилаи хоси таърихии рушди худро аз сар мегузаронад ва аз ин сабаб, низоми қонунгузорӣ ислоҳот ва ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор, инчунин, механизмҳои нави татбиқи онҳоро тақозо менамояд.

Хулоса, давраи гузариши ҷомеа хусусияти доимӣ надошта, дар як марҳилаи муайян ба анҷом мерасад. Дар марҳилаи хотимавии марҳилаи гузариш «низоми ҳуқуқии ҷомеа сифатҳои навро доро гашта, ботадриҷ мустаҳкам ва устувор мегардад» [352, с. 22]. Давраи гузариш аз давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон то ҳол пурра ба охир нарасидааст, аммо ба ақидаи донишмандон даврaҳои авҷи он паси сар шуда, хотимаёбии он наздик омадааст. То ҳол баъзе аз унсурҳои низоми ҳуқуқии ҷомеа то охир мукаммал нагардидаанд, дар баъзе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зиддиятҳои дохилӣ ба мушоҳида мерасанд ва ба ислоҳот ниёз доранд. Рушди ҷомеаи Тоҷикистон зарурати бартарафсозии ин мушкилоти ҳуқуқиро боз ҳам ошкор менамоянд.

Барои расидан ба марҳилаи охири гузариши ҷомеа вақти муайян лозим аст. Мақсади ҳар як ҷомеа, ҳар як давлат ва роҳбарияти сиёсии он ташкилу таъмини ҳаёти хушу хуррам ва осудаву ороми халқу диёраш, сарсабзӣ ва сарбаландии миллаташ дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Вале барои ба ин ҳадафҳои воло расидан ғайриихтиёр монеаҳои зиёде пеш меоянд, ки барои рафъи онҳо кӯшишҳои дастҷамъона лозиманд.

Дар асоси таҳлилҳои анҷомёфтаи боби якуми диссертатсияи мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳуқуқ, пеш аз ҳама, ҳамчун падидаи иҷтимоӣ баррасӣ мегардад ва дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини рушд ва устувории ҷомеа, инчунин, фароҳам овардани шароити ҳамзистии

осоиштаи одамон нақши муҳим мебозад. Дар ҷомеаи муосир, махсусан, дар шароити давраи гузариш, ҳуқуқ ҳамчун воситаи муҳимми танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва рафъи буҳронҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ амал менамояд.

Аз замони қадим то имрӯз ҳуқуқ ба унвони як воситаи муҳимми барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи манфиатҳои одамон шинохта мешавад. Махсусан, афкори иҷтимоӣ-ҳуқуқии халқҳои форсу тоҷик дар ташаккул ва таҳкими низоми ҳуқуқии мардумони минтақа таъсири назаррас гузоштааст. Муҳаққиқон ва файласуфони даврахои мухталиф, аз замони қадим то имрӯз, кӯшиш намудаанд, ки арзиши иҷтимоии ҳуқуқро арзёбӣ намоянд. Аз ҷумла, классикони илми сотсиология, аз қабили О. Конт, Г. Спенсер, Э. Дюркгейм, М. Вебер, П.А. Сорокин ва дигарон нақши ҳуқуқро дар таҳкими сохтори иҷтимоӣ, таҳаввулоти иҷтимоӣ ва нигоҳдошти тавозуни иҷтимоӣ махсус таъкид кардаанд.

Ҳарчанд ҳуқуқ неруи бузург ва созанда аст, аммо дар давраи гузариши ҷомеа ба монеаҳои ҷиддӣ гирифтор мегардад, ба амали самараноки он аномия ва буҳрони иҷтимоӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Давраи гузариш дар давоми мавҷудияти халқи форсу тоҷик борҳо рӯй додааст, аз ҷумла гузариш аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба ҳуқуқи исломӣ, аз низоми ҳуқуқии шуравӣ ба низоми нави ҳуқуқии даврони истиқлоли давлатӣ, ки шуур ва маданияти ҳуқуқии аҳолиро ба таври назаррас тағйир додаанд. Аммо дар шароити гузариши ҷомеа маҳз ҳуқуқ ба раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ, барқарорсозии низом ва сохтори иҷтимоии ҷомеа мусоидат менамояд.

БОБИ 2. ВАЗИФАҲОИ ИҶТИМОИИ ҲУҚУҚ ВА ТАТБИҚИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Мафҳуми «вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ» ва таснифи он дар равиши сотсиологӣ

Ҳар як институти иҷтимоӣ дар ҷамъият вазифаҳои муайяну мушаххасеро иҷро менамояд, ки ин хусусият ба институти иҷтимоии ҳуқуқ низ дахл дорад. Барои муайян намудани нақши ҳуқуқ дар рушд ва устувории ҷомеа зарурати омӯзишу таҳлили вазифаҳои иҷтимоии он ба миён меояд. Баъдан, ҷойгоҳи ҳуқуқ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа аз иҷрои вазифаҳои иҷтимоии он вобастагӣ дорад. Ҳуқуқ тавассути иҷрои вазифаҳои иҷтимоии худ ба сохтори иҷтимоии ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоии шаҳрвандон таъсир мерасонад. Омӯзиш ва баррасии вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ дар шароити бунёди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд мубрам аст, зеро маҳз дар ин замина моҳияти иҷтимоии ҳуқуқ ошкор шуда, нақши он дар тартиботи иҷтимоӣ, адолат ва устувории ҷамъият муайян мешавад.

Алоқамандию иртибот ва аҳаммияти зуҳуру раванди воқеияти иҷтимоӣ маҳз дар вазифаҳои он мушоҳида мегарданд. Дар илми сотсиология мафҳуми «вазифа» ба маънои нақш ва таъиноти иҷтимоии ягон падидаи иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Падидаҳои иҷтимоӣ дар ҳоле барои ҷомеа зарур ва молики аҳаммиятанд, ки агар ягон вазифаи муҳимро иҷро намоянд. Омӯзиши вазифаҳои падидаи иҷтимоӣ маънои омӯзиши ҳамон падидаро дорад, зеро дар натиҷа моҳияти он ошкор мешавад.

Институтҳои иҷтимоӣ унсурҳои асосии сохтори иҷтимоии ҷомеаро ташкил медиҳанд. Сатҳи рушди устувори ҷамъият аз иҷрои самараноки вазифаҳои институтҳои иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Муайян шудааст, ки таъиноти асосии институтҳои иҷтимоӣ қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоии одамон аст. Барои татбиқи ин таъинот институтҳои иҷтимоӣ як зумра вазифаҳои дигари иҷтимоиро низ иҷро менамоянд. Институти иҷтимоие, ки

вазифаҳои худро иҷро карда наметавонад, ба таназзул ва шикаст рӯ ба рӯ мегардад.

Институтҳои иҷтимоӣ рафтору фаъолияти одамонро дар доираи меъёрҳои иҷтимоӣ ба танзим медароранд, муносибату алоқаҳои нави иҷтимоиро такрористеҳсол ва сармояи инсониро муттаҳид менамоянд. Як институти иҷтимоӣ якчанд вазифа ва ё якчанд институти иҷтимоӣ як вазифаи муайяну мушаххасро ба иҷро расонида метавонанд. Бо рушди ҷомеа вазифаҳои институтҳои иҷтимоӣ низ тағйир меёбанд, вазифаҳои нав пайдо мешаванд ва вазифаҳои пешина аз байн мераванд. Сотсиологи амрикоӣ Р. Мертон дар ин бора чунин навиштааст: «Вазифаҳои муайяне ҳастанд, ки ивазнашавандаанд, зеро агар онҳо иҷро нашаванд, ҷомеа (ё гурӯҳ ё фард) мавҷудияти худро қатъ мекунад... Ҳамон як падида вазифаҳои гуногун дошта, ҳамзамон, як вазифаро падидаҳои мухталиф ба таври гуногун иҷро карда метавонанд» [112, с. 123].

Мувофиқи таълимоти Р. Мертон, агар институтҳои иҷтимоӣ дар шароити тағйири куллии ҷомеа талаботи иҷтимоиро дар вазифаҳои худ инъикос карда натавонанд, ба дисфунксия (вайроншавии вазифа) гирифтор мегарданд. Талаботи одамон доимо тағйирёбандаанд, институтҳои иҷтимоӣ низ бояд баробари онҳо тағйир ёфта, талаботи нав ба нави иҷтимоиро қонеъ гардонанд. Агар институтҳои иҷтимоӣ вазифаҳои иҷтимоии худро дар сатҳи зарурӣ иҷро накунанд, раванди рушди ҷомеаро бозмедоранд. Институтҳои иҷтимоӣ ба тағйири куллӣ зуд мутобиқ шуда наметавонанд, барои ин вақти муайян лозим аст, ки дар натиҷа давлат тартиботи иҷтимоиро мисли пештара нигоҳ дошта наметавонад ва «аномияи иҷтимоӣ» сар мезанад.

Мафҳуми «вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ», пеш аз ҳама, нақш ва аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқро дар ҳаёти ҷомеа, инчунин, самт ва доираи таъсири ҳуқуқро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рафтору фаъолияти одамон ва умуман, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ифода менамояд. Ҷомеашиноси рус А.И. Абрамов зери мафҳуми «вазифаи ҳуқуқ» моҳият, хусусият, сифати махсус ва

таъиноти иҷтимоии ҳуқуқро мебинад: «вазифаи ҳуқуқ ҳамчун сифати дохилии зуҳуроти ҳуқуқӣ нақш (таъинот)-и муайяни ҳуқуқро дар ҷомеа ва самти асосии таъсири онро ба воқеияти объективӣ тақассум намуда, алоқаи ҳуқуқро бо дигар падидаҳои воқеияти иҷтимоӣ ифода менамояд» [196, с. 82]. Ҳуқуқшиноси рус Т.Н. Радко низ вазифаи ҳуқуқ гуфта, «самтҳои умумӣ ва муҳимтарини таъсири онро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ» номидааст [139, с. 12].

Ба андешаи мо, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ воситаҳоеанд, ки таъиноти иҷтимоии ҳуқуқро ба амал мебароранд, вобаста ба талаботи ҷомеа тағйир ва рушд меёбанд. «Мақсади иҷтимоии ҳуқуқ дар иҷрои вазифаҳои он, яъне таъсир расонидан ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ зоҳир мегардад» [133, с. 40]. Дар ҷомеаи муосири демократию ҳуқуқбунёд вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ барои пешгирӣ ва бартарафсозии ҳуқуқвайронкунӣ, манъи фаъолияти барои ҷомеа хатарнок, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи субъектҳои муносбатҳои иҷтимоӣ, ҳифзи тартиботи иҷтимоӣ, ҳимояи манфиати шаҳрвандон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ, коҳиш додани шиддати зиддиятҳои ҷамъиятӣ ва таҳкими ягонагии ҷомеа нигаронида шудаанд.

Таъиноти иҷтимоии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ аз талаботи рушди ҷамъиятӣ сарчашма мегиранд. Маҳз вобаста ба ин талабот санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул мешаванд, ки ба таҳким, танзим ва ҳифзи муносибатҳои иҷтимоӣ, инчунин, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нигаронида шудаанд. Таъиноти ҳуқуқ дар он ифода меёбад, ки он талаботи ҷомеаро қонеъ гардонида, фаъолияти субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамояд ва рафтори онҳоро ба меъёрҳои иҷтимоие тобеъ месозад, ки ба принсипҳои баробарҳуқуқӣ, озодӣ ва адолат асос ёфтаанд.

Маҳз вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ моҳияти иҷтимоии онро ошкор намуда, мустақилияташро ҳамчун падидаи махсуси иҷтимоӣ таъмин менамоянд. «Ҳуқуқ барои он таъсис дода мешавад, ки дар амал татбиқ гардад ва

мақсадҳое, ки қонунгузор ба онҳо умед мебандад, ба воқеият табдил ёбанд. Дар акси ҳол, ин институт маънои худро аз даст медиҳад» [136, с. 50]. Иҷрои самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ хоси ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд мебошад, ҳарчанд ин вазифаҳо дар низомҳои ғайридемократӣ низ то дараҷае амалӣ мегарданд. Ҳуқуқ бояд ба талаботи ҷомеаи ҳуқуқбунёду дунявӣ ва демократӣ мутобиқ бошад ва ҳамеша такмил ёбад.

Иҷрои муътадил ва самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ барои ҳаёт ва фаъолияти шаҳрвандон хело муҳим аст, зеро он барои ҷойивазкунии иҷтимоӣ, таъмини имконоти баробар ва ташкили зиндагии шоистаю сазовори мардум заминаи зарурирo фароҳам меорад. Ҳамзамон бо ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба тартиб дароварда, ҳудуд ва доираи амалҳои онҳоро муайян менамоянд. Дар ин робита ҳуқуқшиноси рус М.Б. Смоленский хело бомаврид ишора намудааст: «Бо ёрии ҳуқуқ ба ҳадафҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ расидан мумкин аст: такористеҳсоли неъматҳои моддӣ, тасдиқи арзишҳои иҷтимоӣ, муайян кардани ҳудудҳои озодӣ, таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҳокимият, ҳифзи шароити табиии муҳити зист, таъмини қонуну тартиботи умумии устувор» [291, с. 73-74].

Омӯзиши вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ мавзуи асосии сотсиологияи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Дар сотсиологияи ҳуқуқ шароити иҷро ва амали вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, таъсири ҳуқуқ ба шуур ва рафтори иҷтимоии одамон, нақши ҳуқуқ дар худмуайянкуни касбӣ ва ҷойивазкунии иҷтимоӣ, афкори умум оид ба ҳуқуқ ва дигар масъалаҳои ба моҳияти иҷтимоии ҳуқуқ алоқаманд таҳқиқ мегарданд. Муҳаққиқони соҳа В. Кудрявсев ва В. Казимирчук оид ба ин масъала чунин ибрози назар намудаанд: «Сотсиология на ба раванди таҳия, санҷиш ва тасдиқи меъёрҳои ҳуқуқ, балки раванди азхудкунии ин меъёрҳо аз тарафи одамон, фаҳмидан, қабул ё рад кардани ин меъёрҳо, хоҳиши пайравӣ кардан ё муқобилат кардан ба онҳо, ба ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ аз онҳо истифода ва ё худдорӣ кардан таваҷҷуҳ менамояд. Сотсиология ба

омӯзиши вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, оқибатҳои марбут ба қабул ва ҷорӣ намудани амалҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ диққат медиҳад» [92, с. 8]. Ба андешаи В.В. Лапаева, «Сотсиология арзишҳои ҳуқуқиро ҳамчун падидаҳои иҷтимоие арзёбӣ менамояд, ки дар натиҷаи таъсири мутақобилаи иҷтимоӣ… ба вуҷуд омадаанд» [249, с. 98-99; 198, с. 386; 225]. Б.А. Кистяковский ҳуқуқро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва қисми таркибии ҷомеа таҳқиқ намуда, таъкид кардааст, ки «ҳуқуқро аз ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳуқуқшиносиро аз сотсиология ҷудо кардан мумкин нест» [238, с. 230].

Ҳанӯз П. Сорокин ҳуқуқро воситаи тартиботи иҷтимоӣ номида, ду вазифаи иҷтимоии он: тақсимкунанда ва ташкилнамоиро аз ҳам ҷудо намуда буд. Ба ақидаи ӯ, тавассути ҳуқуқ низоми идораи ҷомеа ба роҳ монда мешавад, ҳуқуқу уҳдадориҳо дар байни аъзоёни ҷомеа тақсим мегарданд: «Ҳуқуқ барои муқаррар намудани тартиботи ба ҳама ҳатмии ҷамъиятӣ (расмӣ) мусоидат мекунад, аввалан, он аниқ ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро дар байни аъзоёни ҷамъият тақсим мекунад, нишон медиҳад, ки ба чӣ ҳуқуқ дорад ва чӣ кор бояд кунад, дуюм, ҷамъиятро ташкил медиҳад, ҳокимияти ин ҷамъиятро месозад» [158, с. 115].

Яке аз пайравони равияи марксизм, ҳуқуқшинос И. Карнер ҷамъиятро ташкилоти оқилонаи инсоният, иродаи коллективӣ ва ҳастии ҳуқуқӣ номида, вазифаи асосии иҷтимоии ҳуқуқро танзими муносибатҳои моликияти хусусӣ арзёбӣ кардааст. Ба андешаи донишманд, ҳуқуқ омили рушду таҳаввулоти ҷомеа буда, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ таъинот ва аҳаммияти иҷтимоии онро ифода намуда, вобаста ба дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва афзудани талаботи моддию маънавии субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ тағйир меёбад. Ҳуқуқшинос мавҷудияти ҳуқуқро ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии он алоқаманд донистааст: «агар институти ҳуқуқ вазифаҳои худро аз даст диҳад, он гоҳ бешак аз ҷомеа нопадид мешавад» [84, с. 110].

Вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ дар таълимоти сотсиологии донишмандони амрикоӣ Р. Паунд (1870-1964) ва Т. Парсонс (1902-1979) таҳқиқ гардидаанд.

Онҳо ҳуқуқро механизми муттаҳидӣ ва бартарафсозии зиддиятҳое номидаанд, ки ба ягонагӣ ва бутунии ҷомеа таҳдид мекунанд. Масалан, Р. Паунд ҳуқуқро аз назари функционалӣ таҳлил намуда, фаъолияти асосии ҳуқуқшиносон ва қонунгузоронро «сохтмони иҷтимоӣ» номидааст. Ба андешаи донишманд, «ҳуқуқ ягонагии иҷтимоиро таъмин намуда, раванди тағйироти иҷтимоиро тавассути баробарнамоии манфиатҳои тарафҳои низоъкунанда: манфиатҳои фардӣ (манфиатҳои шахсии афроди алоҳида), ҷамъиятӣ (манфиатҳое, ки аз шароити умумии ҳаёти ҷамъиятӣ бармеоянд) ва оммавӣ (манфиатҳои давлатӣ) ба тартиб медарорад» [376].

Р. Паунд ҳуқуқро ҳамчун механизме тасниф намудааст, ки дар ҷомеаи муосир мувозинати байни манфиатҳои афродро таъмин карда, тавассути назорати иҷтимоӣ ба таҳкими ягонагӣ ва ҳамбастагии ҷомеа мусоидат менамояд. Ба андешаи донишманд, мазмуни ҳуқуқ дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ тағйирпазир аст. Агар дар ибтидои рушди ҷомеа вазифаи асосии иҷтимоии ҳуқуқ таъмини сулҳ ва нигоҳдории тартибот бошад, пас минбаъд таъмини озодиҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ризоияти иҷтимоӣ ба ин вазифаҳо илова гардиданд.

Асосгузори равияи функционализми сохторӣ Т. Парсонс ҳуқуқро ба сифати институти иҷтимоӣ як зернизоми ҷомеа мефаҳмад, ки рафтори одамонро танзим намуда, барои амалу фаъолияти онҳо шароити мусоидро фароҳам месозад. Ҳуқуқ бо иҷрои вазифаҳои худ эҳтимоли сар задани низоъҳои имконпазирро маҳдуд намуда, назорати иҷтимоиро ба амал бароварда, тартиботи ҷомеа, робитаҳои ҷамъиятӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ устуворӣ ва рушди низоми иҷтимоиро таъмин менамояд. Дар ин бора Т. Парсонс чунин навиштааст: «Мо ҳуқуқро кодекси меъёрии умумие дида мебароем, ки амали фардӣ ва коллективии аъзоёни ҷомеаро ба танзим дароварда, барои онҳо вазъияти муайянкунандаро фароҳам месозад» [128, с. 33].

Таҳқиқи функсионалии ҳуқуқро минбаъд донишмандони аврупоӣ идома доданд. Масалан, донишманди венгерӣ К. Кулчар ҳуқуқро институти иҷтимоие номидааст, ки тартибот ва бехатарии ҷомеаро таъмин мекунад, муносибати байни шаҳрвандон, ташкилотҳо ва давлатро танзим менамояд, ба ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ мусоидат намуда, барои қабули қарорҳо дар самти банақшагирӣ ва идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ замина фароҳам меорад. Донишманд тасдиқ мекунад, ки «нуқтаи ибтидоии омӯзиши функсионалии ҳуқуқ дарки он ҳамчун яке аз институтҳои муҳимми ҷомеа мебошад ва омӯзиши вазифаҳои ҳуқуқ танҳо дар шароити мушаххаси таърихӣ имконпазир аст» [93, с. 152].

Дар ибтидои барқароршавии ИҶШС ҳуқуқшиносон ва ҷомеашиносони рус ба вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ таваҷҷуҳ намедоданд, аммо аз солҳои 60-уми асри XX нақши ҳуқуқ дар сохтмони сотсиализм баръало намудор мешуд ва ҳуқуқшиносони шуравӣ, Т.Н. Радко, С.С. Алексеев, М.И. Байтин, Н.Н. Вопленко ва дигарон ба омӯзиши вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқи сотсиалистӣ рӯ овардаанд. Аксарияти ҳуқуқшиносони шуравӣ зери мафҳуми «вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ» таъсири самтноки ҳуқуқ ба ҷомеа, нақш ва ҷойгоҳи ҳуқуқро дар ташкил ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмидаанд.

Ҳуқуқшиноси рус Т.Н. Радко вазифаи ҳуқуқ гуфта, таъиноти иҷтимоии ҳуқуқ ва самтҳои асосии таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятиро номидааст. Донишманд се ҷанбаи амалигардии таъиноти иҷтимоии ҳуқуқро аз ҳам фарқ намудааст:

- ба самти муайян равон намудани рушди муносибатҳои иҷтимоӣ;
- фароҳам овардани шароит барои рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ;
- ба вуҷуд овардани муносибатҳои нави иҷтимоӣ [139, с. 58].

Ба андешаи Т.Н. Радко, вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ мисли вазифаи иҷтимоии давлат зери таъсири шароити иҷтимоию иқтисодии рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд ва ҳуқуқ бештар муносибатҳои дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ пайдошударо танзим менамояд. Дар ин

мавриd донишманд чунин менависад: «Баробари такмили қонунгузории иҷтимоӣ (дар бораи нафақа, нигаҳдории тандурустӣ, меҳнат) таъсири қонун ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва васеъ гардидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ афзуда, торафт хусусиятҳои назаррастареро соҳиб мегардад» [139, с. 41, 69-70].

М.И. Байтин низ вазифаи ҳуқуқ самти асосии таъсири онро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмидааст: «Вазифаҳои ҳуқуқ муҳимтарин самтҳо ва ҷанбаҳои таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятист, ки дар онҳо моҳияти умумибашарию синфӣ ва таъиноти иҷтимоии ҳуқуқ ошкор мешаванд» [207, с. 12]. С.С. Алексеев низ зери мафҳуми «вазифаи ҳуқуқ» самти таъсири ҳуқуқро ба муносибатҳои иҷтимоӣ фаҳмида, навиштааст: «Нақши фаъоли ҳуқуқ дар вазифаҳои он, яъне самтҳои таъсири ҳуқуқӣ ифода меёбад, ки нақши ҳуқуқро дар ташкил (тартиб)-и муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода мекунад» [33, с. 113].

Ҳуқуқшиноси рус А.И. Абрамов ба ин андеша аст, ки мафҳуми «вазифаи ҳуқуқ» бояд якбора ҳам нақшу таъиноти ҳуқуқ дар ҷомеа ва ҳам самти таъсири ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятиро фаро гирад. Муҳаққиқ чунин назарро ҷонибдорӣ намудааст: «Мафҳуми «вазифаи ҳуқуқ» бояд дар як вақт ҳам таъиноти ҳуқуқ ва ҳам таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар гирад. Ҳангоми ошкор сохтани мазмуни ин ё он вазифаи ҳуқуқ ҳам робитаи байни таъиноти ҳуқуқ бо самтҳои таъсири он ва ҳам вобастагии охирин аз таъиноти ҳуқуқ ба назар доштан лозим аст» [196, с. 81].

Ҳарчанд ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносони рус дар маҷмуъ моҳияти вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқро дарк кардаанд, аммо таъсири ҳуқуқро дар доираи ташкил ва ба тартибдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳдуд арзёбӣ намудаанд. Ба тартиб даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ танҳо яке аз самтҳои таъсири иҷтимоии ҳуқуқ аст. Ҳуқуқ на танҳо ба муносибатҳои иҷтимоӣ, балки ба эҳсосот, шуур, ирода, тасмим ва рафтору фаъолияти одамон таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, вазифаҳои ҳуқуқ бояд дар робита бо дигар ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва бо дарназардошти тағйири шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа баррасӣ гарданд.

Гурӯҳи дигари ҳуқуқшиносони рус ба ин назаранд, ки агар «вазифаи ҳуқуқ» танҳо самти таъсири он ба муносибатҳои иҷтимоӣ маҳсуб гардад, пас нақши иҷтимоии он аз доираи таҳлил берун мемонад, зеро вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ, пеш аз ҳама, дар нақши фаъоли он ҷиҳати танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ифода меёбад. Т.Н. Радко мафҳуми «нақши ҳуқуқ»-ро нисбат ба мафҳуми «вазифаи ҳуқуқ» фарохтар арзёбӣ карда, таъкид намудааст, ки мафҳуми мазкур, пеш аз ҳама, аҳаммият ва таъсири ҳуқуқро дар ҳаёти ҷомеа, давлат ва марҳилаҳои муайяни рушди онҳо инъикос менамояд. Донишманд дар ин маврид чунин ибрози назар намудааст: «Ҳангоми ҷавоб додан ба чунин савол: дар марҳилаи муайяни рушди ҷомеа ё дар ҳалли масъалаҳои муайян нақши ҳуқуқ чӣ гуна буд (ё хоҳад буд), кас ногузир ба шарҳи вазифаҳое, ки ҳуқуқ иҷро мекунад ва аҳаммият (нақш)-и иҷтимоии онро тавсиф медиҳад, рӯ овардан лозим меояд» [139, с. 65].

Аз таҳлили боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки вазифаҳои ҳуқуқ ҳамчун хусусияти дохилии он баррасӣ гардида, нақш ва таъиноти ҳуқуқро дар ҷомеа, самтҳои таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва робитаи ҳуқуқро бо дигар падидаҳои воқеияти иҷтимоӣ таҷассум менамоянд. Вазифаҳои ҳуқуқ самти таъсир ва амали фаъоли он аст, ки намудҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро ба тартиб ва танзим медароранд. Вазифаҳои ҳуқуқ маҷмуи он манфиатҳоеро инъикос мекунанд, ки ба ҷамъият ва шахсони алоҳида равона гардидаанд, зеро ҳадафи асосии таъсири ҳуқуқӣ таъмини некуаҳволии аҳолӣ ва устувории ҷомеа мебошад.

Барои ошкор сохтани моҳият ва мазмуни вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ ба масъалаи таснифи он равшани андохтан лозим аст. Таснифи вазифаҳои ҳуқуқ имкон фароҳам меорад, ки онҳо бонизом гурӯҳбандӣ гардида, мазмун ва моҳияти ҳар як вазифаи ҳуқуқӣ амиқтар ва мукаммалтар шарҳ дода шавад. Чунин тасниф шартӣ аст, зеро вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ бо якдигар алоқаманд буда, якдигаро пурра менамоянд. Ҳарчанд ҳуқуқшиносон ва сотсиологҳо вобаста ба асосҳои гуногун таснифи мухталифи вазифаҳои

иҷтимоии ҳуқуқро пешниҳод намудаанд, аммо то имрӯз таснифи ягона ва умумии онҳо вуҷуд надорад.

Кӯшиши аввалини таснифи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ҳанӯз дар таҳқиқоти илмии ҳуқуқшинос ва сотсиологи русу поляк Л.И. Петражиский ба назар мерасад. Донишманд ду вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ: тақсимнамоӣ ва ташкилнамоиро ном бурдааст. Ба андешаи мутафаккир, тавассути ҳуқуқ неъматҳои моддӣ дар байни одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ тақсим шуда, ба моликияти хусусии онҳо табдил ёфта, ҳифз мегардад. Вазифаи ташкилнамоӣ ба ҳокимияти давлатӣ марбут аст, идораи давлат тавассути ҳуқуқ ба роҳ монда мешавад ва давлат ба воситаи ҳуқуқ рафтори одамонро танзим менамояд. Л.И. Петражиский дар ин бора чунин навиштааст: «Ҳуқуқ бевосита на манфиатҳо, балки амалу рафтори моро танзим мекунад ва ин ду чиз аз ҳам фарқ мекунанд» [369, с. 306].

Таҳлили функсионалии ҳуқуқ дар таҳқиқоти илмии сотсиологи олмонӣ Н. Луман (1927-1998) хело ҷолиби диққат аст. Ӯ ҳуқуқро ҳамчун воситаи тағйир ва рушди ҷомеа арзёбӣ намуда, вазифаҳои иҷтимоии онро чунин гурӯҳбандӣ намудааст:

- вазифаи танзимкунӣ, ки ба ҳифзи тавозун ва устувории ҳамаи унсурҳои низоми иҷтимоӣ равона гардидааст;
- вазифаи иҷтимоӣ, ки равандҳои такрористеҳсолиро фаро мегирад;
- вазифаи устуворгардонӣ, ки ба таҳкими меъёрҳои муносибатҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад;
- вазифаи иртиботӣ, ки робитаҳои байни одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоиро таъмин менамояд;
- вазифаи ҳавасмандгардонӣ, ки одамонро ба фаъолияти судманду созанда водор месозад;
- вазифаи маърифатӣ, ки донишҳои ҳуқуқии одамонро ташаккул медиҳад [103; 97, с. 134-135].

Ҳуқуқшиноси рус С.С. Алексеев вобаста ба таъиноти ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ вазифаҳои ҳуқуқро ба танзими статикӣ, динамикӣ ва муҳофизатӣ ҷудо кардааст. Мувофиқи вазифаи танзими статикӣ ҳуқуқ тавассути институтҳои ҳуқуқӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонад. Вазифаи танзими динамикии ҳуқуқ чунин маъно дорад, ки ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бо дарназардошти тағйири онҳо таъсир расонида метавонад. Вазифаи муҳофизатии ҳуқуқ ба ҳифзи муносибатҳои ҳукумрони ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Дар баробари ин, С.С. Алеексеев вазифаҳои иҷтимоӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ) ва вазифаҳои махсуси ҳуқуқ (танзимнамоӣ ва муҳофизатӣ)-ро ном бурдааст: «Асосҳои мухталифи таснифи вазифаҳои ҳуқуқ имкон медиҳад, ки вобаста ба мақсаду вазифаҳои асосии ҳуқуқ вазифаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, тарбиявӣ ва ғайра фарқ карда шаванд. Ин вазифаҳоро дар якҷоягӣ вазифаҳои иҷтимоӣ номидан мумкин аст» [33, с. 115-116].

Ҳуқуқшиноси рус Т.Н. Радко низ мисли С.С. Алексеев вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқро ба ду намуд ҷудо кардааст: вазифаҳои махсуси ҳуқуқ (танзимнамоӣ ва муҳофизатӣ) ва вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ (иқтисодӣ, сиёсӣ ва тарбиявӣ). Инчунин, дар таҳқиқоти худ вазифаҳои махсуси ҳуқуқ, мисли «вазифаҳои танзим, муҳофизат, ҷуброн, барқарорӣ ва маҳдудсозӣ» [369]-ро номбар кардааст. Аз назари Т.Н. Радко таснифи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ хусусияти шартӣ дорад, зеро онҳо ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд буда, асосан ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ равона шудаанд. Вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ бо ҳам алоқаманд буда, дар дохили якдигарӣ зоҳир шуда, мазмуни як вазифаи иҷтимоӣ қисми мазмуни дигари он буда метавонад. Ҳуқуқшинос пешниҳод менамояд, ки вазифаҳои ҳуқуқ бояд ҳам аз назари ҳуқуқӣ ва ҳам иҷтимоӣ таҳлил шаванд, зеро ҳуқуқ табиати иҷтимоӣ дорад ва ба иҷрои вазифаҳои он зуҳуроти гуногуни ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Вазифаҳои ҳуқуқ, пеш аз ҳам, хусусияти иҷтимоӣ доранд, зеро ба

соҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти одамон алоқаманд буда, аз моҳияти онҳо бармеоянд.

Муҳақиқи рус А.И. Абрамов он вазифаҳои ҳуқуқро вазифаҳои иҷтимоӣ меномад, агар таъсири ҳуқуқӣ ба соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ равона гардида бошад. Ба ақидаи ӯ, «таснифи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ низ бояд бо дарназардошти соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ сурат гиранд» [326, с. 70]. Ин пешниҳодро ҳуқуқшиносони дигари рус В.П. Казимирчук ва С.В. Боботов низ дастгирӣ карда, навиштаанд: «ба сифати меъёрҳои асосии таснифи вазифаҳои ҳуқуқ намудҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ (ғайриҳуқуқӣ) хизмат карда метавонанд» [134, с. 15]. Ҳарчанд чунин муҳокимаронӣ аз идеологияи шуравӣ бармеомад, аммо гузориши масъалаи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ шоёни дастгирист.

Дар адабиёти сотсиологӣ ва ҳуқуқии замони муосир ба омӯзиши вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Бо афзудани таҳқиқоти сотсиологӣ-ҳуқуқӣ дар ҷомеаи пасошуравӣ равишҳои нав, аз ҷумла равиши сотсиологии шарҳи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ташаккул меёбанд. Масалан, сотсиологҳои рус В.Н. Кудрявсев ва В.П. Казимирчук дар заминаи амали иҷтимоии ҳуқуқ вазифаҳои ҳамгироӣ, танзим, иртибот ва муҳофизатии ҳуқуқро номбар менамоянд [92, с. 64-73]. Дар доираи равиши сотсиологӣ В.В. Лапаев вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва хусусияти хоси онҳоро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст. Ӯ ба вазифаҳои иҷтимоишавӣ, назорати иҷтимоӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ҳуқуқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҳар яке аз онҳоро ба таври муфассал таҳлил ва баррасӣ намудааст [97, с. 189-202]. Аз дидгоҳи намояндагони равиши сотсиологӣ, бо васеъ гаштани соҳаҳои иҷтимоии ҷомеа вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ низ ташаккул меёбад ва доираи танзими ҳуқуқӣ меафзояд. Аз ин сабаб, пешниҳод мегардад, ки дар баробари соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ ё тарбиявӣ соҳаи иҷтимоиро низ дар алоҳидагӣ номбар намудан лозим аст.

Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки ҳангоми таснифи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ мафҳуми «иҷтимоӣ» ҳамчун соҳаи мустақил эътироф шавад. Мафҳуми «иҷтимоӣ» ҳангоми таҳлилу баррасии муносибатҳои оилавӣ, таъминоти нафақа, хизматрасонии тиббӣ ва маишӣ, низоми имтиёзҳои иҷтимоӣ, фароғат, таҳсилот, илм, фарҳанг, шуғлмандӣ, табақабандии иҷтимоӣ, ҷойивазкунии иҷтимоӣ, масъалаҳои гендерӣ ва дигар самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба маънои нисбатан маҳдуд истифода мегардад. Пеш аз оне ки одамон ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ворид шаванд, аввал дар байни онҳо муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд.

Ҷомеашиноси ватанӣ Х. Зеваров ба сермаъноии мафҳуми «иҷтимоӣ» ишора намуда, ба ин назар аст, ки мафҳуми «иҷтимоӣ» бисёрмаъно буда, дар илми сотсиология чун анъана ба маънои «ҷамъиятӣ» истифода мегардад. Ба андешаи муҳаққиқ, «на камтар аз он мафҳуми «иҷтимоӣ» барои таснифи масъалаҳои рушди инсон ва ҷомеа ба маънои «якҷоя», «дар якҷоягӣ», «дастҷамъона», дар фарқият аз «инфиродӣ» ба кор бурда мешавад» [67, с. 54]. Дар адабиёти сотсиологӣ ва фалсафӣ мафҳуми «иҷтимоӣ»-ро ҳаммаънои мафҳуми «ҷамъиятӣ» меҳисобанд ва дар диссертатсия ба ин мазмун ҳам истифода шудааст.

А.Н. Торопов вазифаи барқарорнамоии ҳуқуқро дар алоҳидагӣ таҳқиқ, воситаҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амали онро нишон додааст. Ба ақидаи муҳаққиқ, дар аксарият маврид барои барқарорнамоии муносибатҳои ҷамъиятӣ усули маҷбурсозӣ истифода мешавад. Масалан, ҳуқуқвайронкунанда ба шахси алоҳида ва ҷомеа огоҳона ё ноогоҳона зарар расонд, нисбат ба ӯ уҳдадории ҳуқуқӣ муқаррар мегардад, то зарари расонидаашро барқарор намояд [354, с. 17].

Дар адабиёти илмӣ вазифаҳои ҷуброннамоӣ (ҷуброни зарари ба шахс расонидашуда) ва маҳдуднамоӣ ҳуқуқ низ номбурд мешаванд, ки ба масъалаҳои татбиқи рафтори барои ҷамъият фоиданоки инсон ва пешгирӣ ё рафъи кирдори аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарарнок нигаронида шудаанд. Барои он

ки одамон бо рафтору амали худ ҳуқуқу манфиати якдигарро поймол накунанд, қонун маҳдудияти муайянро қорӣ менамояд, ки дар меъёрҳои манъкунанда ва уҳдадоркунандаи ҳуқуқ инъикос ёфтаанд. Маҳдудияти ҳуқуқӣ бо мақсади баробаркунии манфиати мутазоди шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ сурат мегирад.

Яке аз вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ таъминоти иҷтимоист, ки дар низоми пардохти нафақа, кумакпулӣ, ҷубронпулӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва хизматрасониии иҷтимоӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои ниёзманд ифода меёбад. Ҳар як инсон дар давоми зиндагии худ эҳтимоли ба вазъи мушкили ҳаётӣ гирифтор шуданро дорад ва ба таъминоти иҷтимоӣ ниёз пайдо карда метавонад. Ба андешаи Д.Ш. Сангинов ва Н. Шонасриддинов, «таъминоти иҷтимоӣ шакли ифодаи сиёсати иҷтимоии давлат мебошад, ки баҳри таъминоти одии гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маблағҳои марказонидашудаи хусусияти иҷтимоидошта, ҳангоми фаро расидани ҳолатҳои аз тарафи давлат муқарраршуда, бо мақсади баробар намудани вазъи иҷтимоии ин шаҳрвандон бо вазъи иҷтимоии дигар аъзоёни ҷамъият нигаронида шудааст» [147, с. 11].

Ҳуқуқ тавассути иҷрои вазифаи таъминоти иҷтимоӣ барои бартарафсозии вазъи мушкили зиндагии шаҳрвандон мусоидат намуда, ҳамзамон, ба татбиқи амалии принсипҳои асосии давлати иҷтимоӣ замина фароҳам меорад, раванди ба «қаъри иҷтимоӣ» афтидани эҳтиёҷмандонро бозмедорад, ҳадди ақали зиндагии онҳоро таъмин мекунад. Вазифаи таъминоти иҷтимоии ҳуқуқ «ба пешгирӣ, сабук кардан ё рафъи оқибатҳои вазъияти душвори зиндагӣ ... ва нигоҳ доштани мақоми иҷтимоии шаҳрвандон дар ҳолати хатару таҳдидҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст, ки ҳадафи асоси он коҳиши зиддияти дохилии ҷомеа аст» [254, с. 80-81].

Барои ҳалли масъала ва низоъҳои иҷтимоӣ ҳуқуқ ҳамчун воситаи ивазнашаванда истифода мегардад, зеро «ҳуқуқ аз рӯйи табиати худ барои бартараф ва ҳалли низоъҳо пешбинӣ шудааст» [145, с. 24]. Ҳуқуқ созиши

манфиати одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ аст, ки барои татбиқи манфиатҳои субъектҳои рақиб хизмат мекунад ва дар равандҳои иҷтимоӣ одамонро барои содир намудани кирдори ба ҳамаи тарафҳои муқобил фоиданок водор менамояд.

Барои он ки ҳуқуқ ба неруи бузург табдил ёбад, бояд тамоми институтҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла институтҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ иштирок кунанд, то манфиати тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба инобат гирифта шавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити ҳокимияти истибдодӣ вазифҳои иҷтимоии ҳуқуқ иҷро намегарданд, аммо дар шароити имрӯза ғайр аз ҳуқуқ дигар воситаи мубориза ба зӯроварӣ вуҷуд надорад. Ба андешаи файласуфи олмонӣ И. Кант, «бар зидди зӯроварӣ ... чорае нест, ҷуз ҳуқуқе, ки ҳар як давлат бояд ба он итоат кунад» [79, с. 343].

Ҳуқуқ зуҳуроти иҷтимоӣ буда, ҳамаи соҳаҳои ҳаёту фаъолияти одамонро фаро гирифта метавонад. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҳлили нуқтаи назари ҷомеашиносон ба хулоса омадан мумкин аст, ки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, пеш аз ҳама, ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи манфиати шахс, танзим ва ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ, ҳифзи арзишҳои иҷтимоӣ ва ҳувияти миллӣ, назорати иҷтимоӣ, нигоҳдошти мувозинати манфиати иҷтимоӣ, ҳамгироии ҷомеа, ҷойивазкунии иҷтимоӣ, иҷтимоишавӣ ва ғайра равона гардидаанд.

Дар маҷмуъ, бо дарназардошти назарияҳои гуногуни донишмандони соҳа ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва шаҳрвандӣ чунин вазифаҳоро ба душ дорад:

1. Танзим ва ҳифзи муносибатҳои иҷтимоӣ, рушди муносибатҳои нави иҷтимоӣ, роҳнамоии фаъолияти иҷтимоии намояндагони ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ, инчунин, нигоҳдории тартибот, амният, субот ва пешрафти ҷомеа. «Ҳуқуқ мисли ҳама танзимгари меъёрӣ бояд устуворӣ,

мустаҳкамӣ ва пешрафти низоми ҷамъиятиро таъмин намояд» [233, с. 156].

2. Барои ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиати инсон ва шаҳрванд, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, ҳифзи моликияти хусусӣ, танзими низоъҳои иҷтимоӣ, манъи рафторҳои барои ҳаёт ва ҷомеа хатарнок, таъмини қонуният ва фароҳам овардани шароити мусоид баҳри ҳаёти осоиштаву шоистаи шаҳрвандон замина мегузорад.
3. Ҳамоҳангӣ ва тавозуни манфиати гурӯҳ ва табақаҳои мухталифи иҷтимоиро таъмин намуда, ба муттаҳидӣ, ҳамрайӣ, ҳамгироӣ ва таҳкими иртиботи иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Инчунин, талаботи субъектҳои муносибатҳои иҷтимоиро қонеъ гардонида, барои ҷойивазкунии иҷтимоии шаҳрвандон роҳ мекушояд.
4. Ба азнавсозии сохтори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа таъсир расонида, дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда барои қонеи талаботи нави иҷтимоӣ заминаи ташаккули институтҳои нави иҷтимоиро фароҳам меорад ва бо ин восита вазифаи ташкилнамоии худро амалӣ менамояд.

Вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ алоқамандии байни институти ҳуқуқ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, шуури одамон ва дигар ҳодисаҳои воқеияти иҷтимоиро инъикос менамояд. Агар вазифаҳои ҳуқуқ муътадил ва ба таври мунтазам татбиқ шаванд, пас аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳуқуқ дар ҷомеа амал мекунад. Ҳарчанд дар ҷомеа мустақилияти нисбии институти ҳуқуқ мушоҳида мешавад, аммо вазифаҳои он мустақиман амалӣ намегарданд, ба неруи беруна ва шароиту омилҳои муайян вобастагӣ доранд. Ба сифати яке аз ин неруҳои муайянкунанда ҳокимияти давлатӣ ва шохаҳои алоҳидаи он баромад менамоянд. Ҳокимияти давлатӣ аз ҳуқуқ истифода бурда, ҳамзистии муштараку осоиштаи одамонро имконпазир мегардонад, низоъҳои иҷтимоиро ҳал намуда, бо ин восита тартиботи иҷтимоӣ ва ваҳдати миллиро таъмин мекунад.

Дар иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ дар баробари ҳокимияти давлатӣ, инчунин, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳатто шахсони алоҳида нақши калон бозида метавонанд. Ҳарчанд ҳокимияти давлатӣ субъекти асосии амалӣ гардидани вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ба ҳисоб равад ҳам, дар ҳолати зарурӣ ҳуқуқ пеши роҳи фаъолияти ғайриқонунии онро мегирад. Дар ин ҳолат аз неруи бузурги ҳуқуқ институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода бурда, фаъолияти ғайриҳуқуқии баъзе аз намояндагони ҳокимияти давлатиро ошкор ва маҳкум менамоянд. Махсусан, чунин имконоти бо пешрафти технологияҳои муосири иттилоотию иртиботӣ (сомонаҳои интернетӣ, блогҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра) торафт зиёд мегарданд. Ҷомеашиноси тоҷик Р.Ҷ. Ҳайдаров тағйироти рақамиро яке аз вазифаҳои меҳварии илм, иқтисод ва сиёсат арзёбӣ намуда, дар ин маврид чунин ибрози назар намудааст: «Рисолати сиёсат дар он аст, ки тағйироти сохториро фаъолона дастгирӣ намояд ва барои зиндагӣ, омӯзиш, кор ва пешбурди соҳибкорӣ дар ҷаҳони рақамӣ шароити заруриро ташкил кунад, инчунин, ба ҳама барои иштирок (мусбат ва устувор) дар тағйироти рақамӣ имконият диҳад» [305, с. 28].

Хулоса, мувофиқи равиши сотсиологӣ вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ нақш, таъинот ва самти таъсири ҳуқуқро ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ инъикос менамояд. Ҳангоми таснифи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ қариб ҳамаи муҳаққиқон нақш ва таъиноти иҷтимоии ҳуқуқ, инчунин, таъсири меъёрҳои ҳуқуқӣ ба сохтори иҷтимоии ҷомеаро ба инобат гирифтаанд. Дар маҷмуъ, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ дар ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ба танзими муносибатҳои байни одамон (байни шаҳрвандон ва ҳокимияти давлатӣ), амалӣ намудани назорати иҷтимоӣ, баҳодиҳӣ, ояндабинӣ, тарбиявӣ (иҷтимоишавӣ), идоракунӣ, муҳофизатӣ (аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон), барқарорсозӣ (махсусан, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ), маҳдудсозӣ, ҷуброн, муттаҳидсозӣ, инчунин, пешгирӣ ва ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ, пешгирӣ ва бартараф сохтани ҳуқуқвайронкуниҳо ва рафтору

амалҳои зиддиҳуқуқӣ, таъмини ҷойивазкунии иҷтимоӣ ва ғайра равона гардидаанд.

Татбиқи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ аз он вобастагӣ дорад, ки одамон то кадом дараҷа моҳияти меъёрҳои ҳуқуқиро мефаҳманд, эътироф мекунанд, истифода мебаранд ва дар амал татбиқ мекунанд. Ин ҷо сухан дар бораи маърифати ҳуқуқӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, огоҳии ҳуқуқӣ, сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон меравад. Баъдан, иҷрои самараноки вазифаҳои ҳуқуқ аз муносибати шаҳрвандон ба ҳуқуқ, қонун ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сатҳи шаффофияти фаъолияти намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, авзои сиёсӣ ва сатҳи рушди иқтисодии ҷомеа вобастагӣ дорад.

2.2. Нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва рафтори иҷтимоии шаҳрвандон

Дар ҳар як давраи таърихии рушди ҷомеа низоми хоси танзими иҷтимоӣ ташаккул ёфта, афзалият пайдо менамоянд. Танзими иҷтимоӣ мақсаднок таъсир расонидан ба ҷомеа тавассути меъёрҳои иҷтимоист, ки дар шакли институтсионалӣ ва ғайриинститутсионалӣ амалӣ мешавад. Танзими институтсионалӣ бевосита ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ алоқамандӣ дорад, аммо татбиқи шакли ғайриинститутсионалии танзими иҷтимоӣ тавассути меъёрҳои иҷтимоии мардумӣ, аз ҷумла урфу одат ва анъанаҳо амалӣ мегардад.

Фаъолияти таърихии муштараки одамон зарурати таҳияи меъёрҳои иҷтимоиеро ба вуҷуд овард, ки бо мураккаб гардидани муносибатҳои байни онҳо тадриҷан дар урфу одат, ахлоқ, дин ва ҳуқуқ мустаҳкам шуданд. Вобаста ба сатҳи тағйиру рушди ҷомеа ин ё он шакл, метод ва механизмҳои танзими иҷтимоӣ афзалият пайдо карданд. Дар шакли ибтидоии сохтори ҷамъиятӣ меъёрҳои ғайриинститутсионалӣ бартарӣ доштанд, аммо бо пешрафти ҷамъият рафтори одамон аз анъанаҳои ҷамоавӣ нисбатан озод гардида, ҷойи худро ба меъёрҳои расмии институтсионалӣ иваз намуданд. Танзими

муносибатҳои иҷтимоӣ маънои ба низом даровардани фаъолияти институт ва ташкилотҳои иҷтимоӣ, ҳамчунин, танзими рафтору амали гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳидаро фаро мегирад, ки бо мақсади таъминоти тартиботи иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа амалӣ карда мешавад.

Мафҳуми «танзим» ба маънои «қоида», «тартиб», «ҷобаҷогузорӣ», «муқаррар кардан», «низом» ва ғайра истифода шудааст. Моҳияти танзими иҷтимоӣ дар таъсири ҳуқуқӣ расонидан ба муносибатҳои ҷамъиятӣ (рафтори одамон ва амали ихтиёрии онҳо) ва татбиқи меъёрҳои иҷтимоӣ ифода меёбад. Мақсад аз танзими ҳаёти иҷтимоӣ барқарор намудани тартиботи иҷтимоӣ ва мувофиқи интизории одамон пешгӯии фаъолияти иҷтимоист. Донишманди рус Т.Н. Радко чунин навиштааст: «Танзим ба тартиб даровардан, роҳнамоӣ кардан, нишон додани намунаи рафтори иштирокчиёни муносибатҳо, яъне барқарор намудани тартиботи муайян мебошад» [138, с. 31].

Танзими иҷтимоӣ маънои танзими муносибатҳои ҷамъиятиро дошта, тавассути риоя ва иҷрои талаботи меъёрҳои иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Маҳз танзимкунандагони иҷтимоӣ дар ҷомеа нақшҳои иҷтимоиро дар байни одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ тақсим менамоянд, дар натиҷа низоми зинагӣ (иерархӣ) ва ҳокимияти сиёсӣ шакл мегирад. Танзимгарони иҷтимоӣ дар шаклҳои ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), динӣ-ахлоқӣ (боварӣ, виҷдон, шаъну шараф, адолат, номус ва ғайра), эстетикӣ (зебогӣ, муд ва ғайра), ташкилӣ-техникӣ (қоидаҳои бехатарӣ, стандарт, низомнома, дастурамал) ва монанди инҳо ҳувайдо мегарданд.

Ҳамаи меъёрҳои иҷтимоӣ ҳамчун маҷмуи қоидаҳои муқарраршуда ҳудудҳои рафтору фаъолияти одамонро муайян намуда, талаботу манфиати онҳоро ба тавозун дароварда, ба рафтори иҷтимоии муфид иҷозат медиҳанд ва амалу рафтори барои ҷомеа номатлубро пешгирӣ ва манъ менамоянд. Меъёрҳои иҷтимоӣ дар ҳамбастагӣ ба шуур ва рафтори одамон таъсир мерасонанд. Ин ҳамоҳангӣ ва ҳамгироии онҳо ба танзим ва мутобиқсозии муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ мусоидат менамояд. Агар меъёрҳои ҳуқуқӣ

ба талаботи дигар меъёрҳои иҷтимоӣ зид бошанд, норозигӣ ва эътирози мардумро ба вуҷуд оварда метавонанд.

Яке аз вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ танзими муносибатҳои ҷамъиятист, ки «таъсири мақсаднок, муташаккилона ва меъёриву арзиширо ба рафтори одамон ва муносибатҳои ҷамъиятӣ меноманд, ки ба воситаҳои ҳуқуқӣ амалӣ мешаванд» [77, с. 170]. Танзими ҳуқуқӣ дар фарқият аз дигар навъҳои танзим аз ҷониби давлат амалӣ мешавад. «Танзими ҳуқуқӣ салоҳияти давлат мебошад, ки бо ёрии ба тартиб даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ бо меъёрҳои ҳуқуқ қоидаҳои муайяни рафтори одамонро муқаррар менамояд, ки барои риоя накардани онҳо ҷазои муайян муқаррар мешавад» [136, с. 568].

Агар дар ибтидои ташаккули ҳаёти иҷтимоӣ танзимгарони муносибати байни одамон ахлоқ, урфу одат, анъана ва дин бошанд, пас ҳангоми пайдо шудани давлат, пайдоиши моликияти хусусӣ ва мураккаб гардидани робитаю муносибатҳои байниҳамдигарии одамон зарурат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ба маротиб зиёд гардид. Дигар ҳаёти одамон пурра ба ҷамоа вобастагӣ надошт ва муносибатҳои иҷтимоии мураккабшударо тавассути меъёрҳои ибтидоии иҷтимоӣ танзим намудан ғайриимкон гардид. Муҳаққиқи тоҷик Р.А. Ҳомидов дар ин бора чунин ибрози назар намудааст: «Тамаддуни башарӣ ҳанӯз дар ибтидои тараққиёти худ бо пайдоиши маҳсулоти зиёдатӣ, моликияти хусусӣ ва дигар омилҳое, ки хоси ҳар тамаддун аст, ниёз ба танзимгари махсуси ҳамагонии тавонотар аз меъёрҳои иҷтимоӣ дошт. Ба сифати чунин танзимгари меъёрӣ ҳуқуқ баромад намуд» [312, с. 300].

То пайдоиши ҳуқуқ муносибатҳои иҷтимоӣ асосан тавассути меъёрҳои ахлоқӣ танзим мешуданд, аммо бо рушди ҷамъият таъсири ахлоқ ба муносибатҳои иҷтимоӣ коҳиш меёбад. Ҳарчанд ахлоқ ва ҳуқуқ вазифаи танзимсозиро иҷро менамоянд, аммо дар тарзи татбиқ ва механизми амалисозии ин вазифа байни онҳо фарқиятҳои муайян мушоҳида мешаванд. Дар ин робита ҷомеашиноси рус Е.В. Болшаков чунин андеша баён менамояд: «қонун рафтори одамонро тавассути маҷбуркунии давлатӣ-маъмурӣ танзим

менамояд, дар ҳоле ки ахлоқ на ба қудрати давлат, балки ба қудрати афкори ҷамъиятӣ такя мекунад» [360, с. 30].

Ҳуқуқшиноси ватанӣ Р.Ш. Сотиволдиев ҳамбастагии ахлоқ ва ҳуқуқро тасдиқ намуда, алоқамандӣ ва фарқияти онҳоро чунин ифода намудааст: «Ахлоқ асоси ҳуқуқро ташкил медиҳад. Аввал, ахлоқ ва сониян, ҳуқуқ пайдо шудааст. Муносибатҳое, ки онҳоро ҳуқуқ танзим мекунад, аз тарафи ахлоқ низ танзим мешаванд, вале масъалаҳое, ки соҳаи танзими ахлоқианд, мавзуи танзими ҳуқуқӣ нестанд» [159, с. 114; 77, с. 87]. Ҳуқуқ дар тамоми ҳудуди кишвар ягонаю умумӣ мебошад, аммо ҳар як табақа ё гурӯҳи иҷтимоӣ меъёрҳои гуногуни ахлоқӣ дошта метавонанд. Меъёрҳои ахлоқӣ дар шуури одамон ҷой дорад, ҳуқуқ дар шакли қонунҳо, кодексҳо, қарорҳо, фармонҳо ва ғайра эҷод мешаванд. Ҳуқуқ муносибатҳои байни одамонро тавассути ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо танзим менамояд, дар ҳоле ки ахлоқ ин равандро бо такя ба арзишҳои ахлоқӣ-тарбиявӣ (аз қабили некӣ ва бадӣ, виҷдон ва бевиҷдонӣ ва ғайра) ба роҳ мемонад.

Риоя ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби шаҳрвандон ба неруи зӯроварии мақомоти гуногуни давлатӣ таъмин ва муташаккилона татбиқ мешаванд, аммо дар ахлоқ ин сифат дида намешавад. Дар ин бора файласуфи олмонӣ И. Кант навиштааст, ки «қарзи ахлоқӣ аз қарзи ҳуқуқӣ аз якдигар бо он фарқ мекунанд, ки барои охирин аз ҷиҳати ахлоқӣ маҷбурнамоии беруна мумкин аст, аммо аввалин ба худмаҷбурнамоии озодона такя мекунад» [78, с. 424]. Хусусияти хоси танзими ҳуқуқӣ маҷбурсозӣ аст, яъне танзими ҳуқуқӣ новобаста аз иродаи шаҳрвандон сурат мегирад. «Маҷбуркунии давлатӣ: таъсири ҷисмонӣ, руҳӣ ё дигар таъсири муташаккили давлат дар асоси қонун ба ҳар як субъект (шахс, ҷомеа ё давлати дигар) бо истифода аз низоми воситаҳои ҳуқуқӣ (ҳавасмандкунӣ ё маҳдудияти ҳуқуқӣ) амалӣ мешавад, ки боиси маҳдудияти ҳуқуқии ғайриихтиёрии шахс бо мақсади тартиботи муносибатҳои ҷамъиятӣ мегардад» [90, с. 58].

Агар меъёрҳои ахлоқӣ ба виҷдони ботинии инсон ва меъёрҳои динӣ ба иродаю боварии одамон такя намоянд, пас меъёрҳои ҳуқуқӣ ба неруи ҳокимияти давлатӣ алоқаманданд. Ҳарчанд одамони алоҳида ба меъёрҳои ҳуқуқӣ розӣ набошанд ҳам, бояд онҳоро риоя ва иҷро кунанд. Дар ин бора ҳуқуқшиноси олмонӣ Г. Келзен (1881-1973) чунин навиштааст: «Ҳуқуқ аз дигар тартиботи иҷтимоӣ бо он фарқ мекунад, ки он тартиботи маҷбурист» [86, с. 50].

Ахлоқ доираи нисбатан васеи муносибатҳои иҷтимоиро фаро гирифта, пеш аз ҳама, муносибатҳои ғайрирасмии байнишахсӣ ва байнигурӯҳиро танзим менамояд. Он ба ирода ва хоҳиши инсон, виҷдон, масъулияти шахсӣ ва таъсири афкори умум робитаи зич дорад. Файласуфи олмонӣ Ф. Гегел ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таъкид кардааст, ки «ҷаҳони ботинӣ ё маънавии инсон як соҳаи бечунучаро ва истисноии танзими ахлоқист» [49, с. 251]. Ҳуқуқшиноси тоҷик И.Х. Бобоҷонзода ахлоқро яке аз воситаҳои мутобиқшавии афрод ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва пайваст намудани озодии шахс бо зарурати ҷамъиятӣ номида, навиштааст: «Меъёрҳои ахлоқӣ тавассути боварии ботинии инсон ва неруи афкори умум таъмин ва ҳифз мешаванд» [43, с. 36]. Аммо таҳлилҳо собит менамоянд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ низ ба ҳолати ботинӣ ва арзишҳои маънавии инсон алоқаманд буда метавонанд, зеро дар онҳо ҳам категорияҳои ахлоқӣ, аз қабили шаъну шараф, масъулият, некию бадӣ, адолати иҷтимоӣ ва дигар арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ таҷассум меёбанд.

Аслан, меъёрҳои ҳуқуқӣ дар асоси тамоюли рушди ҷамъиятӣ ва талаботи иҷтимоии одамон шакл гирифта, ҳамон қоидаҳои рафторро муқаррар менамоянд, ки барои пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ ва қонеъ гаштани талаботи моддию маънавии одамон мусоидат мекунанд. Бартарии меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба дигар меъёрҳои иҷтимоӣ дар характери умумиҳатмӣ доштани он зоҳир мегардад, нисбат ба ҳамаи субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ татбиқ мешаванд, тамоми тарафҳои ҳаёту фаъолияти ҷомеаро ба танзим дароварда

метавонанд. Ба ақидаи ҳуқуқшиноси англис Г. Харт, «меъёрҳо асаби қонун мебошанд» [151, с. 104]. Ҳуқуқ аз меъёрҳои ҳуқуқии манъкунанда, иҷозатдиҳанда, ваколатдиҳанда ва уҳдадоркунанда таркиб ёфтааст, ки дар алоқамандӣ ва ҳамбастагӣ амал мекунанд.

Меъёрҳои ҳуқуқӣ раванди татбиқи дигар танзимгарони ҳаёти иҷтимоиро низ ба низом дароварда метавонад. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин танзимгарони иҷтимоӣ, ба мисли ҷашну маросим ва фаъолияти ташкилоти динӣ маҳз тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ амалӣ мешаванд. Дар ин замина, ҳуқуқ вазифаи танзимнамоии худро дар робита бо дигар танзимгарони иҷтимоӣ амалӣ месозад. Бо рушди ҳаёти иҷтимоӣ ва мураккаб гардидани муносибатҳои байни одамон мазмун, шакл ва механизмҳои татбиқи вазифаи танзимнамоии ҳуқуқ низ тағйир ёфта, ба шароити нави иҷтимоӣ мутобиқ мегарданд.

Ҳарчанд бо рушди ҷомеа дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ афзалият пайдо менамоянд, аммо бо меъёрҳои ахлоқӣ ва динӣ алоқаманданд, зеро шахси дорои сифатҳои хуби ахлоқӣ эҳтимолан талаботи меъёрҳои ҳуқуқиро низ риоя ва иҷро мекунад. Меъёрҳои ахлоқӣ ва динӣ, ки бештар ба виҷдон ва имону боварии инсонҳо такя доранд, барои пешгирии рафтори зараровари ҷамъият мусоидат менамоянд. Махсусан, дар даврaи гузариши ҷомеа, ки баъзе аз меъёрҳои ҳуқуқ муносибатҳои нави иҷтимоиро танзим карда наметавонанд, халоии ҷойдоштаро меъёрҳои ахлоқӣ пур намуда, ба ин восита тартиботи иҷтимоиро то ба дараҷае нигоҳ медоранд. Дар ин мавриd инкори ҷиҳатҳои ахлоқии ҳуқуқ боиси заифии амали самараноки ҳуқуқ мегардад. Аз ин рӯ, меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд муҳимтарин арзишҳои ахлоқиро инъикос намоянд.

Бо пешрафти ҷомеа ҳуқуқ доираи муносибатҳоеро, ки қаблан ахлоқ ва дин танзим менамуданд, фаро мегирад. Давлат меъёрҳои ахлоқиеро, ки аз ҷониби одамон риоя ва иҷро намешаванд ва аз ин ҷомеа зарари калон мебинад, ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил медиҳад. Махсусан, дар давлатҳои мутараққӣ муҳимтарин меъёрҳои ахлоқӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил меёбанд.

Дар Тоҷикистон низ чунин ҳолатҳо ба назар мерасанд. Масалан, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [10], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» [6] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» [11] далели гуфтаҳои пешини мост.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ барои амалӣ гардидани мақсаду талаботи қонунии шаҳрвандон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ шароити заруриро фароҳам меорад, тартиботи иҷтимоиро барқарор ва ҳифз мекунад. Ба андешаи А.Г. Чернявский, «Танзими ҳуқуқӣ тавассути низоми воситаҳои ҳуқуқӣ (меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, муқаррароти ҳуқуқӣ ва манъкуниҳои ҳуқуқӣ) таъсир расонидани ҳуқуқ ба пайдоиш, тағйирёбӣ ва қатъ гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад» [315, с. 15]. Ҳуқуқ бо сабаби аз дастгирии давлатӣ бархӯрдор будан танзимгари универсалии ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, зеро меъёрҳои ҳуқуқӣ қариб тамоми доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайраро танзим карда метавонанд. Таъиноти асосии ҳуқуқ тавре танзим ва ба тартиб даровардани муносибатҳои гуногуни иҷтимоист, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёту фаъолияти шаҳрвандон дараҷаи муайяни адолати иҷтимоӣ таъмин карда шавад. Ҳадафи асосии ҳуқуқ дар ин самт фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҳифз ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Маҳз вазифаи танзимнамоӣ моҳияти иҷтимоии ҳуқуқро ҳаматарафа ва равшан нишон медиҳад, баъдан, танзими ҳуқуқӣ воситаи замонавӣ ва тамаддунии танзими муносибатҳои иҷтимоист, ки ба назарияҳои илмӣ ва дастовардҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ алоқамандӣ дорад. Ҳуқуқ муносибатҳои иҷтимоиро фаврӣ, амиқ, самаранок ва бо дарназардошти талаботу манфиати қонунии субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ танзим менамояд. Ҷомеашинос М.В. Султанова афзалияти вазифаи танзимнамоии ҳуқуқро чунин тавсиф кардааст: «Дар муқоиса бо дигар танзимгарони

ҷамъиятӣ ҳуқуқ танзимгари самаранок, маҷбурӣ-қудратӣ ва тамаддунӣ мебошад» [353, с. 68].

Институти ҳуқуқ муносибатҳои барои ҷомеа нисбатан зарур ва барои манфиати давлат, ҷомеа ва ҳаёту фаолияти одамон аҳаммиятнокро танзим менамояд. Муносибатҳое, ки барои ҷомеа муҳимманд ва тавассути танзимгарони иҷтимоӣ пурра ба низом дароварда намешаванд, зери таъсир ва танзими меъёрҳои ҳуқуқӣ қарор мегиранд. Неруи танзимии ҳуқуқ то дараҷае бузург аст, ки ҳам муносибати байни одамон ва ҳам муносибати мураккаби байни институт, ташкилот ва умумиятҳои иҷтимоиро танзим менамояд. Ҷомеашинос Л.С. Явич дуруст баён намудааст, ки «ҳуқуқ ҳам муносибатҳои «амудӣ» ва ҳам «уфуқӣ»-ро танзим мекунад» [190, с. 90]. Маҳз институти ҳуқуқ муносибатҳои куҳнаю нолозимро бартараф намуда, барои ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ замина фароҳам меорад ё баръакс, монеи пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мегардад. Масалан, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои истиқлоли давлатӣ барои рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ, аз ҷумла густариши муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ ва моликияти хусусӣ замина гузошт.

Ҳуқуқ тавассути фароҳам овардани озодиҳои инсон ба пешрафти ҷамъият мусоидат менамояд. Тавассути танзими ҳуқуқӣ шахс аз зӯроварӣ, истисмор ва фишор озод мегардад. Озодӣ худ сарчашмаи ташаббускорӣ, эҷодкорӣ ва ҳаёти фаъолонаи шахс мебошад, «озодӣ идрокнамоӣ, фаҳмиш, қабули қарор ва амалӣ намудани он аст» [118, с. 233]. Ба ин маънӣ маорифпарвари фаронсавӣ Ж.Ж. Руссо навишта буд: «Агар таҳқиқ кунем, ки беҳтарин неъмат кадом аст ва бояд ҳадафи ҳар як низоми қонунгузорӣ қарор гирад, пас мо мефаҳмем, ки ин неъмат ба ду чизи муҳимтарин тааллуқ дорад: озодӣ ва баробарӣ» [146, с. 44]. Арасту озодиро ибтидои давлати демократӣ номида буд: «Оғози асосии сохтори демократӣ озодӣ аст. Тибқи эътиқоди умумӣ, танҳо дар ин сохтори давлатӣ ҳама аз озодӣ баҳра мебаранд» [38, с. 570].

Танзими ҳуқуқӣ механизмҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таҳия, ҳудудҳои озодии рафтору амали одамонро муайян ва ҳифз менамояд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳадду андозаи озодӣ ва адолати иҷтимоиро муайян карда, кафолат медиҳанд. Ҳуқуқшинос В.С. Нерсесянс низ ҳуқуқро меъёри озодӣ номида, ба ин бовар буд, ки «қонун миқёси умумибашарӣ ва меъёри баробари озодии шахсон аст» [121, с. 311]. Аз ин рӯ, меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд ҳеҷ гоҳ кӯшишҳои шаҳрвандонро барои озодии шахсӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ маҳдуд нагардонанд.

Меъёрҳои марбут ба ҳифз ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мустаҳкам гардидаанд. Тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардидаанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазир буда, давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Дар моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад» [3, с. 11].

Меъёрҳои ҳуқуқӣ низоми худтанзимшаванда ва худинкишофёбандаанд, ки на танҳо барои танзими рафтори одамон, балки барои танзими фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти қонунгузорӣ низ пешбинӣ мешаванд. Ҳуқуқ бо меъёрҳои танзимкунандаи худ раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ истифодаи меъёрҳои ҳуқуқиро танзим менамояд. Аз ин сабаб, ҳуқуқшиноси россиягӣ В.С Нерсесянс навиштааст, ки «қонун раванди эҷоди худро танзим мекунад» [121, с. 599].

Вазифаи танзими ҳуқуқӣ ба фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ҳамбастагӣ дорад, зеро меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи идораи ҷомеа истифода мешаванд, аммо ҳокимияти давлатӣ низ барои мавҷудият, комилгардӣ ва татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҷамъият мусоидат менамояд. Дар давлатҳои низоми авторитарӣ ва тоталитарӣ ҳокимияти давлатӣ барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ аз ҳуқуқ истифода мебарад, аммо на ҳама вақт фаъолияти ҳокимияти давлатӣ пойбанди меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, баъзан қарорҳои сиёсии мансабдорони давлатӣ ба талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқат намекунанд, ки дар натиҷа ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон поймол мегарданд.

Яке аз омилҳои татбиқи самараноки вазифаи танзимнамоии ҳуқуқ инъикос гардидани талаботу манфиати шаҳрвандон ва муносибатҳои нави иҷтимоӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Дар тамоми ҷаҳон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ботадриҷ зиёд мешавад, меъёрҳои ҳуқуқӣ ба соҳаҳои илм, тиб, варзиш, санъат, хизматрасонӣ, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва монанди инҳо ворид мегарданд. Аммо дахолати ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд мусбат ва созанда бошад. Ин ҷо сухан дар бораи таъсири меъёрҳои ҳуқуқӣ ба фаъолияти иқтисодӣ, соҳаҳои хизматрасонӣ, бозори озод ва моликияти хусусӣ меравад. Чи тавре ки маълум аст, соҳаҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ босуръат пеш мераванд, муносибатҳои нави бозоргонӣ ба миён меоянд, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ тамоми соҳаҳои фаъолияти инсониро фаро мегиранд. Аз ин рӯ, меъёрҳои ҳуқуқӣ низ бояд ба ин дигаргуниҳо мутобиқ шуда, муносибатҳои нави дар соҳаҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ пайдошавандаро саривақт танзим намоянд. Дар акси ҳол, онҳо ба омили бозторандаи рушди ин соҳаҳо табдил ёфта метавонанд.

Албатта, нигоҳдошти тартибот дар соҳаҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ муҳим мебошад, дахолати ҳуқуқии давлат барои танзими бозори озоду фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи иқтисодии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Аммо танзими ҳуқуқӣ бояд барои пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ, ҳифзи

моликияти хусусии шаҳрвандон, роҳ кушодан ба ҳама гуна шаклҳои фаъолияти қонунии иқтисодӣ ва бозори озоди иқтисодӣ нигаронида шуда бошад. Дар ин масъала сиёсатшиноси тоҷик С. Ятимов хело бомаврид қайд намудааст: «Бешубҳа, иқтисодиёт ба таҳияи қонунҳое, ки вазифаҳои системавии ҳокимияти давлатиро муайян ва танзим менамоянд, таъсири бунёдӣ мерасонад. Нисбат ба сиёсат, ҳуқуқ, идеология ва дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ иқтисодиёт ҷойгоҳи асосиро ишғол менамояд. Маҳз бо ин сабаб ҳеҷ як сиёсат иқтисодиётро манъ карда наметавонад» [192, с. 6].

Чи тавре, ки маълум аст, қонунҳои иқтисодӣ объективӣ буда, ба иродаю хоҳиши шахсони алоҳида ҳеҷ алоқамандие надорад, балки ба бозор, нарх, истеъмолкунандагон ва талаботи аҳолӣ такя мекунанд. Аз ин рӯ, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба талабот ва манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандон ҷавобгӯ нестанд, дар воқеияти иҷтимоӣ самаранок татбиқ намешаванд, раванди рушди ҷомеаро бозмедоранд, ба инкишофи соҳибкории хурду миёна монеа эҷод карда метавонанд.

Шакли ифодаи ҳуқуқ дар ҳаёти ҷамъиятӣ қонун аст, меъёрҳои ҳуқуқ дар қонунҳо ифода ёфта, муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд. Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» мафҳуми «қонун» чунин шарҳ дода шудааст: «Қонун (арабӣ – қавонин) – санади ҳуқуқӣ мебошад, ки аз ҷониби мақоми олии қонунгузорӣ (намояндагии) ҳокимияти давлатӣ ва ё тариқи овоздиҳии умумихалқӣ (референдум) бо тартиби махсус қабул гардида, муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро танзим месозад» [175, с. 251].

Қонунҳо ҳуҷҷати меъёриеанд, ки нисбат ба дигар санадҳои зерқонунӣ дорои қувваи олии ҳуқуқӣ мебошанд, барои қонеъ гардидани талаботи моддию маънавии шаҳрвандон шароити мусоидро муҳайё менамоянд ва ҳар як шаҳрванд аз қонун истифода бурда, қобилияту истеъдоди худро дар амал татбиқ карда метавонад. Муҳаққиқи соҳа М.Р. Деметрадзе таъкид кардааст, ки қонунҳо бояд дар заминаи принсипҳои умумии ҳуқуқ таҳия гардида, ба талаботи рушди ҷомеа ва эҳтиёҷоти воқеии шаҳрвандон мутобиқ бошанд. Ба

андешаи ӯ, «Вобаста ба тағйири вазъи иҷтимоӣ, динамикаи ҷамъият қонунҳо тағйир меёбанд (дар акси ҳол, қонунҳо ва низоми ҳуқуқӣ мақоми иҷтимоии худро аз даст дода, ба асбоби ҳукмронии ҳокимият табдил меёбанд) [67, с. 5; 58].

Маълум аст, ки танзими самараноки муносибатҳои иҷтимоӣ аз сифати қонунҳо вобастагӣ дорад. Сифати қонун дар он ифода меёбад, ки то кадом дараҷа ҳуқуқу озодӣ ва манфиату талаботи одамонро инъикос менамояд ва ба рафтору фаъолияти созанда роҳ кушода, монеи рафтору фаъолияти харобсозанда мегардад. На зиёд будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки сифати онҳо волоияти ҳуқуқро таъмин менамоянд. Дараҷаи рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд на аз миқдори қонунҳои қабулшуда, балки аз он вобастагӣ дорад, ки ин қонунҳо то кадом дараҷа ба фаъолӣ, ташаббускорӣ ва мухторияти шаҳрвандон мусоидат менамоянд. Пуррагӣ, ҷой надоштани зиддиятҳои дохилӣ, амалан иҷрошаванда будан ва инъикос намудани манфиату талаботи шаҳрвандон нишонаҳои сифатнокии қонунҳоянд. Ба андешаи М.Ю. Попов, «дар байни омилҳое, ки ба рафтори ҳуқуқии шахс таъсир мерасонанд, талабот ҳамчун манбаи фаъолият ва ҳавасмандгардонии рафтори ҳуқуқӣ мебошад» [273, с. 17].

Агар қонунгузорон бо муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва мутахассисону коршиносон ҳамкории наздик ва доимӣ дошта бошанд, воқеан дар қонунҳо мувозинати манфиати гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, талабот ва манфиатҳои қонунии одамонро инъикос карда тавонанд, пас барои татбиқи қонунҳо неруи зӯроварӣ ва маҷбурнамоии давлатӣ лозим намешавад. Ҳуқуқшиноси тоҷик Р.Ш. Сотиволдиев мафҳуми «сифати қонун»-ро чунин шарҳ додааст: «Сифати қонун маҷмуи хосиятҳои якхела, динамикӣ ва умумииҷтимоии ҳуқуқ мебошад, ки ба он дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эътимоди сифатӣ дода, таъсири самарабахши ҳуқуқиро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бо мақсади устуворӣ ва рушди ҷомеа таъмин мекунанд» [287, с. 234].

Ҳуқуқшинос Р.Ш. Сотиволдиев сифати қонунро масъалаи мубрами назариявию амалӣ ҳисобида, таъмини онро ба ҳалли масъалаи зерин алоқаманд донистааст:

- таъмини риояи қоидаҳои техникӣ ва ҳуқуқии таҳияи лоиҳаи қонун дар марҳилаи омодасозӣ ва баррасии он;
- дар матни лоиҳаи қонун дарҷ намудани ҳадаф, доираи танзими ҳуқуқӣ ва маҷмуи воситаҳои зарурии ҳуқуқӣ;
- мутобиқати қонун ба моҳияти ҳуқуқ дар доираи фаҳмиши муосири ҳуқуқӣ, арзишҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ;
- дараҷаи мувофиқати қонун ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба лоиҳаи қонун дохил намудани вазифаи башардӯстонаи он;
- риояи талаботи зарурии ҳуқуқӣ нисбат ба сифати қонун, инчунин, таъмини волоияти қонун дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низоми ҳуқуқ ва фаъолияти давлат;
- мутобиқати қонун ба воқеият, талабот ва равандҳои воқеии рушди иҷтимоӣ;
- имконоти қонун барои мусоидат ба амалисозии ҳадаф ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла, дар самти қонунэҷодкунӣ;
- мутобиқати шакл ва мазмуни қонун;
- самаранокии қонун, сатҳи татбиқи он ва қобилияти таъсири ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ;
- нақши қонун дар таъмини субот ва устувории муносибатҳои иҷтимоии танзимшаванда, инчунин, риояи қонуният, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва рушди ҷомеа [286, с. 120-121].

Дар шароити муосир қонунҳо ба тағйирот ва азнавсозии пайваста эҳтиёҷ доранд, зеро муносибатҳои иҷтимоӣ бо суръати баланд тағйир меёбанд ва баробари қабули қонун зарурати ба он ворид намудани тағйиру иловаҳо ба миён меояд. Бо вуҷуди ин, чунин тағйиру иловаҳо бояд ба сифат ва устувории қонунҳо таъсири манфӣ нарасонанд. Ба андешаи ҳуқуқшиноси тоҷик М.З.

Раҳимзода, низоми қонунгузорӣ сохтори мураккаб дошта, дар доираи он ҳатман ҳолатҳои номувофиқӣ, нусхабардорӣ, такроршавӣ ва ихтилоф ба вуҷуд омада метавонанд. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимми фаъолияти қонунэҷодкунӣ дар замони ҳозира бартарафсозии номутобиқатӣ, холигӣ ва мухолифати байни қонунҳо, инчунин, байни қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба ҳисоб меравад: «Зеро, номутобиқатӣ, холигӣ ва мухолифати байни меъёрҳои қонунгузорӣ боиси вайрон гардидани танзими низомнокии ҳуқуқӣ гардида, фаъолияти муътадили кори низоми ҳуқуқиро халалдор сохта, ба танзими самараноки ҳуқуқӣ, ҳолати қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд» [276, с. 7].

Дар шароити рушди босуръати ҷомеа имконияти саривақт инъикос намудани муносибатҳои нави бешумор дар қонунҳо тақрибан ғайриимкон аст ва дар натиҷа баъзе аз меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда ба рушди муносибатҳои иҷтимоӣ монеа шуда метавонанд. Ҳангоме, ки қонун ба талаботи ҷомеаи тағйирёбанда мувофиқат намекунад, аз амал бозмемонад ва ҷойи онро урфу одат ва қоидаҳои нонавишта мегиранд. Таъиноти асосии қонунгузорӣ дар шароити ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд «таъмини манфиати умумӣ бо дарназардошти манфиати қонунии шахсӣ, мухолифати қатъӣ ба манфиатҳои ғаразнок ва пахш кардани манфиатҳои ғайриқонунию хилофи қонун мебошад» [304, с. 20]. Дар ҷомеа қисми муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ аз доираи танзими меъёрҳои ҳуқуқӣ берун мемонанд ё муносибатҳои нави иҷтимоие ба вуҷуд меоянд, ки як муддати муайян ба танзими ҳуқуқӣ фаро гирифта намешаванд.

Айни замон зери таъсири инқилоби илмӣ-иртиботӣ соҳаи нави ҳуқуқ бо номи ҳуқуқи иттилоотӣ ташаккул меёбад ва зарурати танзими саривақтии фазои иттилоотии ҷомеа ва расонаҳои маҷозӣ шиддат мегирад. Истифодаи техникаи компютерӣ ва дигар воситаҳои иттилоотию иртиботӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, дар фаъолияти иҷтимоии одамон тағйироти ҷиддиро ба вуҷуд овард. Дар натиҷа, ҳуҷҷатҳои

электронӣ тадриҷан ҷойи ҳуҷҷатҳои коғазиро ишғол намуда, суръати фиристодану коркарди маълумот хеле афзудааст, ҳамзамон, талабот ба танзими ҳуқуқии онҳо ба миён омадааст.

Технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар соҳаҳои иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, ташкили махзани электронӣ ва тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, идораи давлатӣ (махсусан, ҳукумати электронӣ), хизматрасонии иҷтимоӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ истифода шуда, ба сифати татбиқи ҳуқуқ таъсири назаррас мерасонанд. Ҳуқуқшиноси тоҷик М.З. Раҳимзода аҳаммияти ҳуқуқии интернетро чунин арзёбӣ намудааст: «Интернет дар баробари воситаҳои коғазӣ воситаи техникии паҳнкунии санадҳои судӣ буда, барои ноил шудан ба ҳадафи таъмини адолати судӣ мусоидат мекунад. Бо истифода аз чунин василаи беназири техникӣ, на танҳо кори судяҳо ва иштирокчиёни мурофиаро осон менамояд, балки имкони «бюрократизм ва коррупсия»-ро маҳдуд карда, муборизаро бо коррупсия дар низоми судӣ пурзӯр кардан мумкин аст» [275, с. 37].

Рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, махсусан, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, дар баробари натиҷаҳои мусбат, боиси ба миён омадани як силсила масъалаҳои муҳимми ҳуқуқӣ гардидааст. Гарчанде дар кишвар барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар фазои иттилоотӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ қабул мешаванд, аммо дар самти танзими истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, фаъолияти соҳибкории интернетӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ ҳанӯз мушкилоти зиёди ҳалталаб боқӣ мемонанд. Ҳатто давлатҳои муқтадири ҷаҳонӣ масъалаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоии соҳаи технологияи муосири иртиботӣ ва иттилоотиро то ба охир ҳал карда натавонистаанд. Ҳанӯз соли 2007 ҷомеашиноси маъруфи тоҷик Р.Ҷ. Ҳайдарзода таъкид намуда буданд, ки рушди Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ворид, истифода ва истеҳсоли технологияҳои иттилоотию иртиботӣ вобастагии зиёд дорад: «Яке аз омилҳои ҷаҳонишавӣ инқилоби иттилоотӣ мебошад. Мавҷудият ва рушди Тоҷикистон дар давраи ҷаҳонишавӣ

ба сиёсати дурусти иттилоотии давлат ва истеҳсоли технологияҳои иттилоотию иртиботӣ вобастагӣ дорад» [358, с. 8].

Албатта, ҳуқуқро ба сифати неруи мутлақ арзёбӣ намудан нодуруст аст, зеро он ба ҳаёт пурра ҳукумфармоӣ карда наметавонад. Бисёре аз қонунгузорон нақши қонунҳоро дар ҳаёти ҷамъиятӣ мутлақ нишон дода, фикр доранд, ки тавассути қабули қонунҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ таъсири дилхоҳ расонидан мумкин аст. Дар воқеият, ҳатто қонунҳои хеле хуб таҳияшуда низ на ҳама вақт интизориҳои қонунгузоронро амалӣ карда метавонанд. Донишманди рус Б.А. Кистяковский оид ба ин масъала чунин навиштааст: «аксар вақт ҳатто қонунҳои бодиққат ва оқилона таҳияшуда аз уҳдаи ҳаёт баромада наметавонанд; ин дар ҳамон мавридҳое рӯй медиҳад, ки муносибатҳои ҳаётӣ муқобили муқаррароти қонун инкишоф меёбанд. Он гоҳ на ҳаёт ба қонун мутобиқ мешавад, балки баръакс, қонун ба зиндагӣ мутобиқ мегардад» [87, с. 206].

Ҳуқуқ на танҳо маҷмуи меъёрҳо, балки зуҳуроти ҳаётист, бояд он доимо ба ҳаёт такя кунад ва аз ҳаёт неру гирад. Амали қонун ба муҳит ва шароити иҷтимоӣ низ вобастагӣ дорад, зеро ҳамон як қонун дар шароити гуногун як хел амал намекунад. Ба инобат нагирифтани муҳити иҷтимоӣ ва шароити зиндагии аҳолӣ ба сифати қонунҳо таъсири манфӣ расонида метавонанд. Қонун шакли мушаххаси инъикоси ҳуқуқ мебошад, аммо агар қонун мазмуни ҳуқуқро ифода накунад, он ҳуқуқӣ нест, ба ҳуқуқ ҳеҷ алоқамандӣ надорад ва амали самаранокаш кафолат дода намешавад.

Рисолати бунёдии қонун дар шароити ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд муқобилият намудан ба ғаразҳои номатлуби гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва афроди алоҳида, пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ ва ҳамзамон, мусоидат ба ташаббусҳои созанда мебошад. Баъдан, ҳангоми қабули қонунҳо бояд маданият ва ҳувияти миллии шаҳрвандон ба инобат гирифта шаванд, зеро ҳар як кишвар роҳи ба худ хоси эъмори давлати ҳуқуқбунёдро дорад, ки ба таърих, фарҳанг ва ҳувияти миллии он вобаста аст. Ҷомеашиноси эронӣ Парвиз Сонеъ

нисбат ба ин масъала чунин ибрози назар намудааст: «Барои он ки қонунро эҳтиром намоянд ва амал кунад, бояд он ба интизориҳои умумии мардум, яъне бо дину мазҳаб, расму оин, фарҳанг, афзалиятҳо ва дигар омилҳои иҷтимоӣ ҳамоҳанг ва мувофиқ бошад» [153, с. 98].

Ба андешаи донишманди тоҷик А.Э. Раҳматуллоев, «ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон танҳо бо таҷрибаи Аврупои Ғарбӣ ё Амрико маҳдуд намешавад. Он бояд бо ҳифзи хислатҳои аслии халқ ва принсипҳои ибтидоии давлатдорӣ гузарад» [347, с. 16]. Донишманди тоҷик А. Шамолов низ моҳияти ин масъаларо хело равшан баён намудааст: «Вақте ки мо давлати миллӣ месозем, барои мо ҷанбаи асосӣ давлати демократӣ аст... демократия ба Аврупо дарҳол наомадааст ва аз осмон нозил нашудааст. Ба сӯйи он ҷомеаи Аврупо чанд аср ҳаракат кардааст ... Дар мо мехоҳанд, ки дар 20 сол демократия барпо кунанд. Илова бар ин, мо на аврупоӣ, балки тоҷикем ва хислатҳои ба худ хос, хосиятҳои миллии худро дорем. Ҷомеае, ки қоидаву урфу одатҳои миллии худро дорад, дарҳол ба демократияи аврупоӣ гузашта наметавонад» [381, с. 54].

Муҳимтарин нишонаи давлати ҳуқуқбунёд волоияти қонун аст, зеро «қонуният яке аз шартҳои муҳимтарини самаранокии иҷтимоии танзими ҳуқуқӣ мебошад» [189, с. 48]. Ҳуқуқшиноси тоҷик Ф.Т. Тоҳиров волоияти қонун, таҷзияи ҳокимият ва дигар нишонаҳои давлати ҳуқуқбунёдро кафили татбиқи ҳуқуқ озодиҳои шаҳрвандон ва баланд гардидани маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон номидааст [298, с. 10]. Ҳуқуқшиноси тоҷик Р.Ш. Сотиволдиев волоияти қонунро чунин ифода намудааст: «Волоияти қонун шакли ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти сиёсии ҷомеа мебошад. Волоияти ҳуқуқ дорои чунин хусусиятҳое мебошад, ки онро аз дигар шаклҳои давлатдорӣ (махсусан, давлатҳои мутлақи авторитарӣ ва тоталитарӣ) фарқ мекунанд ва ба он истиқлолият ва аҳаммият медиҳанд» [160, с. 458].

Волоияти қонун ва объективияти он, мақоми қонун дар ҷомеа, мувофиқати муқаррароти қонун ба талаботи шаҳрвандон, ба ҳама дастрас

будани қонун, ба ҳамаи одамон баробар татбиқи қонун, сарманшаи фаъолияти ҳамаи шаҳрвандон ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ қарор гирифтани қонунро ифода менамояд. Ҳуқуқбунёд будани ҷомеа тақозо менамояд, ки тамоми амру фармонҳо, қарорҳои сиёсӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ мутобиқат дошта бошанд, объективона ва новобаста аз иродаи шахсони алоҳида дар ҳаёти ҷомеа татбиқи хешро ёбанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 16.12.2025 оид ба волоияти ҳуқуқ чунин ибрози назар намудаанд: «Таъмин будани амнияти ҷомеа, суботи сиёсӣ, сулҳу ваҳдат ва волоияти қонун кафолати рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар мебошад. Маҳз сулҳу субот, амнияту осоиш ва волоияти қонун имкон дод, ки мо рушди босуръати иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсии кишварро таъмин карда, сатҳи некуаҳволии халқро баланд бардорем» [15, с. 41].

Файласуфи австриягӣ Ф. Хайек принсипи волоияти қонунро дар се ҷанба баррасӣ намудааст:

1. Қонунҳо бояд умумӣ бошанд, ки тамоми паҳлуҳои ҳаёти фаъолияти шаҳрвандонро танзим намоянд.
2. Қонунҳо бояд дастраси умум бошанд ва аниқ тартиб дода шаванд, то шаҳрвандон пешакӣ донанд, ки амалашон ба қонун мувофиқ аст.
3. Қонунҳо бояд ба ҳама одамон баробар татбиқ шаванд [44, с. 129-130].

Қонунҳо бояд манфиати ҳамаи аъзоёни ҷомеаро новобаста аз ҷинс, миллат, мансубияти этникӣ ва иҷтимоӣ фаро гиранд. Агар қонун ба манфиати гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа қабул шавад, арзишҳои мақбули умумро инъикос накунад, барои риоя ва иҷрои муқаррароти он ба механизмҳои зӯроварӣ ва ҷазодиҳӣ ниёз пайдо гардида, руҳияи нигилизми ҳуқуқии шаҳрвандон меафзояд.

Волоияти қонун дар ҳоле таъмин мегардад, агар қонунҳо сифати баланд ва механизмҳои татбиқӣ дошта бошанд ва талаботи шаҳрвандонро инъикос карда тавонанд. Аз ин рӯ, донишманди рус П.И. Стучка менависад, ки «шарти якуми қонуният худи қонун аст» [167, с. 221]. Ҷомеашиноси эронӣ Парвиз Сонеъ низ нисбат ба қонуният нуқтаи назари хешро чунин баён кардааст: «Тибқи усули ҳокимияи демократӣ қонунгузорон аз мардум намояндагӣ мекунанд, ки бояд хоҳишу манфиат ва ниёзҳои мардумро қонунӣ гардонанд» [153, с. 181]. Волоияти қонун ташаккули идораи конститутсионӣ, устуворсозии низоми беихтилофи ҳуқуқӣ, фаъолияти шаффофи ҳокимияти судӣ ва таъмини ҳифзи самараноки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро ба миён мегузорад.

Волоияти қонун ба эътироф ва риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз тарафи қонунгузорон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдори давлатӣ вобастагӣ дорад. Онҳо бояд бо рафтору амал ва фаъолияти касбӣ ба шаҳрвандони одӣ намунаи ибрат бошанд, зеро «самаранок, асоснок ва одилона будани фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шарти муҳимми ташаккули шуури ҳуқуқии қонунпазир мебошанд» [295, с. 241]. Агар намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ худ меъёрҳои ҳуқуқиро вайрон намоянд, пас аз шаҳрвандон риоя ва иҷрои ин меъёрҳоро талаб карда наметавонанд. Ҳукумронии ҳуқуқ ва қонун дар ҷомеа яке аз принсипҳои бунёдии давлати ҳуқуқбунёд буда, мувофиқи он, тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар баробари шаҳрвандони одӣ барои риоя ва иҷрои муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яксон масъулият доранд. Маҳз дар шароити ҳукумфармо будани қонуният одамон худро ҳамчун субъекти фаъолу мустақил ва дорои ҳуқуқу озодиҳо мешиносанд.

Омили дигаре, ки сатҳи қонуният ва волоияти қонунро таъмин менамояд, ҳангоми қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба назар гирифтани афкори омма ба ҳисоб меравад. Дар ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд бояд байни қонунгузорон ва афкори умум алоқамандии бевосита

вуҷуд дошта бошад, шаҳрвандон дар қабули қонунҳо фаъолона иштирок намоянд, нисбат ба қонунҳои қабулшуда пешниҳоду эродҳои худро мустақим ва ё тавассути ВАО баён карда тавонанд. Пеш аз қабули қонунҳои муҳим пурсишҳои сотсиологӣ гузаронида шуда, афкори омма аз мадди назар дур намонад.

Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, агар қонунҳо ба арзишҳои иҷтимоии ҷомеа, аз ҷумла адолати иҷтимоӣ мутобиқат намоянд, мақоми иҷтимоии ҳуқуқ боло рафта, танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ боз ҳам самаранок амалӣ мегардад. Агар қонунгузор арзишҳои иҷтимоиеро, ки аз ҷониби аксарияти шаҳрвандон пазируфта мешаванд, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври муносиб инъикос намояд, он гоҳ қонунҳо ба арзиши иҷтимоӣ ва рафтори ҳуқуқӣ ба талаботи ботинию маънавии шахс табдил меёбанд. Дар акси ҳол қонун ҳамчун воситаи зӯроварию фишор, муборизаҳои сиёсӣ ва таъқибнамоӣ амал менамояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид менамоянд, ки қонун бояд ҳамчун меъёри асосии муайянкунандаи рафтори ҳаррӯзаи шахс, танзимкунандаи фаъолияти ташкилоту муассисаҳо ва воситаи муҳимми ба низом даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ хизмат намояд. Ба андешаи Сарвари давлат, қонун ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ бо дарназардошти манфиатҳои умумиҷамъиятӣ, принсипҳои адолат ва ҳақиқат таҳия гардида, заминаи рушди ҷомеа, таъмини ризоияти умум ва суботу оромиро фароҳам меорад. Пешвои миллат дар робита ба масъалаи эҷод, баррасӣ ва мувофиқаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чунин ибрози назар намудаанд: «Мо бояд ҳамеша талош намоем, ки қонунҳои қабулшаванда бечунучаро мукаммал бошанд ва муносибатҳои ҷамъиятиро дақиқу аниқ танзим намоянд... Аз байн бурдани мухолифати миёни қонунҳо ва ба шароити имрӯза мутобиқ намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи қонунгузорӣ мебошад» [17].

Яке аз арзишҳои муҳимми аҳолӣ адолати иҷтимоист, ки хосияти ботинӣ ва сифати қонунро ташкил медиҳад. Халқ ҳамеша ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва атрофиён вобаста ба ченакҳои адолати иҷтимоӣ баҳогузорӣ менамояд, «идеяи миллии тоҷикон идеяи озоди демократӣ, идеяи адолати иҷтимоӣ мебошад» [285, с. 30]. Аз ин рӯ, ҳангоми қабули қонунҳо бояд тасаввуроти омма оид ба адолати иҷтимоӣ ба инобат гирифта шаванд. Ҳанӯз Арасту навишта буд, ки «... қонун, ки ҳамчун меъёри адолат хизмат мекунад, меъёри танзимкунандаи муошират сиёсӣ мебошад» [38, с. 380]. Яке аз муҳаққиқони масъалаи адолати иҷтимоӣ, файласуфи амрикоӣ Ч. Ролз (1921-2002) навиштааст, ки «адолат ҳукумронии қонун ва мувофиқи интизориҳо иҷрои он мебошад» [144, с. 65].

Яке аз муҳаққиқони тоҷик М.А. Назар адолати иҷтимоиро яке аз категорияҳои сотсиологӣ ва унсури муҳимми шуури ҷамъиятӣ арзёбӣ намудааст, ки бо тасаввуроти таърихан тағйирпазири одамон оид ба ормон ва идеалҳои иҷтимоӣ, «… меъёр ва ҳуқуқу уҳдадориҳои инсон алоқаманд буда, бо баробарии иҷтимоӣ ва озодӣ робитаи мутақобила дорад» [339, с. 302]. Ба андешаи муҳаққиқ, дар даврони шуравӣ мафҳуми «адолати иҷтимоӣ» вобаста ба таълимоти марксистӣ-ленинӣ шарҳ дода мешуд ва таваҷҷуҳи асосӣ ба баробарии иҷтимоӣ равона гардида буд. Давлати шуравӣ аз нахустин таҷрибаҳои таърихии ташаккули давлати иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, дар муддати нисбатан кутоҳ ба қатори кишварҳои пешрафтаи саноатии ҷаҳон ворид гардид. Ин давлат тавонист, ки рушди соҳаҳои илм, маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоиро таъмин намуда, то андозае падидаҳои ситам ва истисморро коҳиш диҳад. Мувофиқи таъкиди муҳаққиқ дар давлати шуравӣ «формулаи адолати иҷтимоӣ бо принсипи сотсиалистии «Аз ҳар кас мувофиқи қобилияташ, ба ҳар кас мувофиқи меҳнаташ» асос ёфта, амсилаи ИҶШС аввалин таҷрибаи бунёд кардани давлати иҷтимоӣ дар таърихи инсоният ба шумор мерафт» [264, с. 28].

Пас аз барҳам хӯрдани низоми шуравӣ то ҳол дар ҷомеаҳои баъдишуравӣ меъёрҳои умумии адолати иҷтимоӣ коркард нашудаанд. Аз ин сабаб, айни замон муҳаққиқон ба ҷанбаҳои ҳуқуқии адолати иҷтимоӣ диққат медиҳанд, мисли истифодаи баробари ҳуқуқу озодиҳо, иҷрои баробари уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, баробарии ҳама дар назди қонун ва имконоти баробари рушди шахсӣ, фароҳам овардани шароити баробар барои амалӣ гардонидани қобилияту истеъдод ва монанди инҳо.

Амали самараноки қонунҳо дар ҷомеа дар ҳоле кафолат дода мешавад, ки агар адолатнок бошанд, аз онҳо ҳамаи табақаҳои аҳолӣ истифода бурда тавонанд. «Тартибот ва қонуният дар ҷойе танинандоз мегардад, ки агар дар он ҷо қонунҳои адолатнок ва воқеӣ вуҷуд дошта бошанд» [366, с. 125]. В.В. Лапаева низ танзими самараноки ҳуқуқӣ ва волоияти қонунро ба инъикос гардидани арзишҳои адолати иҷтимоӣ дар қонунҳои амалкунанда алоқаманд донистааст: «агар ба қонунгузор муяссар шавад, ки хело мувофиқ ва дастрас тасаввуроти дар ҷомеа бартаридоштаро дар бораи адолат, қонунӣ ва ғайриқонунӣ будан дар муносибатҳои инсонӣ, дар бораи гунаҳкорӣ ва масъулият, дар бораи таносуби байни ҳуқуқвайронкунию ҷазо ва ғайра ба аҳолӣ баён намояд, пас субъектҳои ҳуқуқ ба таври оммавӣ дуруст ба фазои ҳуқуқӣ майл менамоянд» [97, с. 204].

Арзиши дигари иҷтимоие, ки ҳангоми қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷомеаи ҳуқуқбунёд ба инобат гирифта мешаванд ва ба танзими самараноки ҳуқуқӣ мусоидат менамояд, баробарҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Мувофиқи он бояд қонун ба ҳамаи одамон ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои якхеларо пешниҳод намояд. Ҳанӯз ҳуқуқшиноси Рими Қадим Сисерон дар бораи баробарҳуқуқии шаҳрвандон навишта буд, ки «... қонун ҳалқаи пайвасткунандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ аст ва ҳуқуқе, ки қонун муқаррар кардааст, барои ҳама як аст» [181, с. 24].

Баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар назди қонун дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудааст: «Ҳама дар назди

қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд» [3, с. 12]. Баробарии ҳама дар назди қонун маҷмуи чунин ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳо, мисли иштироки баробари шаҳрвандон дар раванди таҳия ва қабули қонунҳо, муқаррар намудани ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои баробар барои ҳамаи шаҳрвандон, имконияти баробар барои истифодаи ҳуқуқу озодӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Баробарии шаҳрвандон дар назди қонун баробарии уҳдадориҳоро низ ба вуҷуд меорад, ҳамаи одамон дар назди қонун баробаранд ва бояд уҳдадориҳои худро низ дар назди давлат ва ҷомеа баробар иҷро кунанд, зеро «ҳуқуқ бе уҳдадориҳо ва уҳдадориҳо бе қонун вуҷуд дошта наметавонанд» [107, с. 13]. Меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои иҷтимоиро тавассути ба субъектҳои иҷтимоӣ пешниҳоди ҳуқуқҳои муайян ва мувофиқ ба онҳо гузаштани уҳдадориҳо танзим менамоянд. Муҳаққиқи шуравӣ Г.В. Малсеев дар бораи баробарҳуқуқӣ чунин баён доштааст: «Баробарҳуқуқӣ ду намуди асосии баробарии одамонро дар соҳаи ҳуқуқ фаро мегирад – баробарии расмӣ, яъне баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва баробарҳуқуқӣ, яъне мавҷудияти ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои якхела барои ҳамаи шаҳрвандон дар Конститутсия ва дигар қонунҳо» [253, с. 164].

Принсипи баробарҳуқуқии шаҳрвандон нишонаи давлати ҳуқуқбунёд мебошад ва имконият медиҳад, ки дар ҷомеа манфиати одамони алоҳида, гурӯҳҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ ба инобат гирифта шаванд. Ҷомеаи ҳуқуқбунёд ба принсипи асосии «имконоти баробари ибтидоӣ» ва ё «имконоти баробар»-и ҳуқуқӣ роҳ мекушояд. Мувофиқи принсипи «имконоти баробар» одамони дорои қобилияту истеъдоди гуногун имконияти баробари муваффақ шудан дар соҳаи муайяни фаъолияти ҷамъиятиро доранд ва барои ин вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вазъи оилавӣ, миллат, нажот, ҷинс ва эътиқод бояд монеа нагарданд.

Маълум аст, ки одамон аз ҷиҳати биологӣ, қобилияти ҷисмонию зеҳнӣ, имконот, истеъдоду қобилият, ҳолати равонӣ, ташаббускорӣ, эҷодкорӣ ва меҳнатдӯстӣ баробар нестанд, танҳо дар ҳифз, истифода ва татбиқ намудани ҳуқуқу озодиҳо баробаранд. Барои ҷомеа нобаробарии иҷтимоӣ хос аст, баробаргузории одамон тавассути тақсими баробари неъматҳои ҷамъиятӣ қобилияти фардӣ, ҳавасмандӣ ва ташаббускории онҳоро нобуд месозад, ин худ беадолатӣ ва зидди принсипи баробарҳуқуқӣ аст. Нобаробарии иҷтимоӣ зуҳуроти объективӣ ва қонунӣ аст, ба шарте, ки аз ҳадду ҳудудҳои худ нагузарад ва ба таври сунъӣ шиддат дода нашавад.

Нобаробарии муътадил барои ташаккули рақобати солим ва истифодаи самараноки захираҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мусоидат менамояд, зеро маҳз дар чунин шароит одамон қобилияту имконоти худро воқеъбинона арзёбӣ карда метавонанд. Ба сифати нобаробарии зарурӣ чунин ҳолате фаҳмида мешавад, ки «тамоми аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол имкони истифодаи пурраи иқтидори худро дошта бошад ва боқимондаи аҳолӣ бо сатҳи комилан қобили қабули зиндагӣ таъмин шавад» [317, с. 57]. Ҳокимияти давлатӣ бояд ба озодии иқтисодии шаҳрвандон дахл накарда, ҳамзамон бо ин, барои пешгирии зиёдшавии ҳадди нобаробариҳои иҷтимоӣ талош намояд (тавассути ба роҳ мондани сиёсати дурусти андоз, барномаҳои иҷтимоӣ, маблағгузорӣ ва амсоли ин), ҳарчанд ин кори хело мушкил аст. Таъсири ҳокимияти давлатӣ ба ҳаёти ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини зиндагии шоиста ва арзандаи шаҳрвандон, таҳкими амнияти иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо равона мегардад.

Гузариш аз баробарҳуқуқӣ ба баробарии сатҳи некуаҳволии одамон рисолати навини ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва афзудани принсипи инсондӯстии он мебошад. Шаҳрвандон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар ҳолате манфиат ва талаботи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии худро қонеъ гардонида метавонанд, ки агар низоми ҳуқуқӣ дар асоси принсипҳои баробарии ҳама дар назди қонун ва иҷозат додани ҳамаи намуди фаъолияти бо қонун манънашуда сохта шавад.

Ба амали қонун бояд ҳамеша принсипи «Ба ҳар он чизе иҷозат дода мешавад, ки дар қонун манъ нагардидааст» роҳнамоӣ намояд. Ҷомеаи ҳуқуқбунёд талаб менамояд, ки бояд ҳамаи одамон баробар ҳуқуққои худро истифода ва татбиқ намуда тавонанд, шароити якхелаи худташаккулдиҳӣ ва худвоқеъгардонӣ дошта бошанд.

Принсипҳои конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ имконоти баробари рушд, зиндагии сазовору шоистаи ҳамаи шаҳрвандон ва ҳифзи иҷтимоиро дар ҳолати бекормонӣ, беморӣ, маъюбӣ ва пиронсолиро кафолат медиҳад. Чи тавре ки маълум аст, мо чӣ қадар дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон сухан нагӯем, пурра татбиқи онҳо дар шароити рақобати сахти иқтисоди бозоргонӣ ғайриимкон аст. Дар воқеият аксарияти шахсони бекор, маъюб, камбизоат ва нафақахӯр на ҳамеша зиндагии сазовору шоистаи худро таъмин карда метавонанд. Албатта, барои ҳамаи шаҳрвандон созмон додани сатҳи зиндагии шоён хело мушкил аст, аммо тавассути роҳҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба ин мақсад наздик шудан мумкин аст. Масалан, тавассути ҳифзи меҳнат, мусоидат ба таълиму тарбияи босифат, дастгирии ҷавонон, таъмини дастрасии шаҳрвандон ба захира ва хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ, дастгирии шахсони имконияташон маҳдуд, мусоидат ба соҳибкории хурду миёна ва ғайра.

Дар баробари татбиқи ин ҳадафҳо бояд ҳуқуқу озодиҳои одамон аз мадди назар дур намонанд, рушди ҷомеа нигоҳ дошта шавад ва пеши роҳи шахсиятҳои аз ҳад фаъол ва кордон гирифта нашавад ва ризоияти иҷтимоӣ аз байн наравад. Ҳар қадаре, ки шахс озоду мустақил, некуаҳвол, бомаърифат ва худшинос бошад, ҳамон қадар ӯ барои ҷомеа фидокор ва фоидаовар мегардад, ба қавли Арасту, «ҳукмфармоӣ кардан аз болои одамони озод нисбат ба ҳукумронӣ ба ғуломон фараҳбахштар ва мувофиқи фазилат аст» [38, с. 618].

Шароити дигаре, ки ба иҷрои вазифаи танзими ҳуқуқӣ мусоидат менамояд, таҷзияи ҳокимияти давлатист. Ин принсип дар моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст: «Ҳокимияти

давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад» [3, с. 7]. Мувофиқи принсипи мазкур ҳокимияти қонунбарор мувофиқи талаботи объективии шаҳрвандон ва ҷомеа қонунҳои заруриро қабул менамояд, ҳокимияти иҷроия қонунҳои қабулгардидаро амалӣ ва татбиқ мегардонад ва ҳокимияти судӣ раванди татбиқшавии ин қонунҳоро зери назорат гирифта, устувории ҳуқуқии ҷомеаро нигоҳ медорад. Ҳуқуқшиноси тоҷик Ф.Т. Тоҳиров волоияти қонун, таҷзияи ҳокимият ва дигар нишонаҳои давлати ҳуқуқбунёдро кафили татбиқи ҳуқуқу озодӣ ва баланд гардидани маданияти ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон номидааст [298, с. 10].

Танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ маънои дар ҷамъият амал намудан ва татбиқи ҳуқуқро дорад, дар навбати худ, «татбиқи ҳуқуқ як тарзи амалишавии муқаррароти ҳуқуқ ба шумор меравад» [136, с. 516]. Маълум аст, ки қонунҳои босифат дар ҳама давлатҳо, ҳатто ҷомеаҳои авторитарӣ ва тоталитарӣ қабул мешаванд, аммо масъалаи асосӣ амали самараноки ин қонунҳост. Амалисозии ҳуқуқ ҳамчун раванди таъсири ҳуқуқӣ ба ҷомеа ва рафтори одамон маънидод гардида, ки дар шаклҳои риоя, иҷро, истифода ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ зоҳир мешавад. Ҳуқуқшиноси шуравӣ С.С. Алексеев моҳияти амали ҳуқуқро чунин шарҳ додааст: «Зери мафҳуми «амали ҳуқуқ» бояд роҳҳо ва шаклҳои таъсири ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин, воситаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти амалии одамон ва субъектҳои ҷамъиятӣ фаҳмида шавад» [34, с. 128].

Самаранокии амалисозии ҳуқуқ ба шароити иқтисодию сиёсии давлат, раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ, сатҳ ва сифати қонеи манфиати шаҳрвандон, дараҷаи татбиқи қонунҳо, сатҳи шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ, сатҳи донишҳои ҳуқуқии касбии субъектҳои ваколатдор, тараққиёти технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, инчунин, ба сатҳи дониш ва фаъолнокии ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад. «Сатҳи пасти шуури ҳуқуқӣ, нигилизми ҳуқуқӣ, афзалияти манфиатҳои шахсӣ аз манфиатҳои давлатӣ, бартарии манфиатҳои

ғаразнок, майл ба амали коррупсионӣ, сарфи назар намудани манфиатҳои шаҳрвандон, беэҳтиромӣ нисбат ба шаҳрвандон, поймол намудани ҳуқуқи шаҳрвандон бо истифода аз тарзу усулҳои зиддиқонунӣ самаранокии татбиқи ҳуқуқро таъмин карда наметавонанд» [136, с. 20].

Агар давлат барои амалисозии самараноки ҳуқуқ тамоми шароити заруриро маҳайё созад, аммо шаҳрвандон фаъолнокии ҳуқуқӣ нишон надиҳанд, ҳуқуқу озодиҳои онҳо амалӣ нашуда, татбиқношуда боқӣ мемонанд. Амалисозии ҳуқуқ шакли рафтори субъектони муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад, ки дар он муқаррароти меъёрҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад. Субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ тавассути риоя, иҷро ва истифодаи муқаррароти қонун амалан ҳуқуқро татбиқ менамоянд. Барои ҳуқуқ на ҳар гуна рафтори иҷтимоии шахс, балки рафтори ҳуқуқии ӯ муҳим аст, зеро қонунгузор, пеш аз ҳама, ба рафтори ҳуқуқӣ такя мекунад. Баъдан, он вақт дар бораи амали самараноки ҳуқуқ сухан гуфтан мумкин аст, ки агар шаҳрвандон дар фазои ҳуқуқии ҷомеа фаъол бошанд.

Ҳамин тариқ, дар ҷомеае, ки институти ҳуқуқ самаранок амал намекунад, рушди устуворро интизор шудан ғайриимкон аст, зеро дар шароити муосир муҳимтарин масъалаҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ маҳз тавассути механизмҳои ҳуқуқӣ танзим ва ҳаллу фасл мегарданд. Агар ҳуқуқ дар ҷомеа самаранок амал намояд, пас рафтори иҷтимоии мутобиқ ба талаботи қонун барои шаҳрвандон хусусияти афзалиятнок ва судманд касб менамояд, зеро поймол намудани талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ пешрафти шахсию касбии онҳоро зери хатар гузошта, боиси коҳиш ёфтани мақоми иҷтимоияшон гардида метавонад. Дар ҳамаи давлатҳо кӯшиши асосӣ ба тарбияи ашхоси қонунпазир, созанда ва эҷодкор равона гардидааст, зеро онҳо неру ва сармояи инсониро ташкил медиҳанд. Барои расидан ба ин ҳадаф зарур аст, ки ҳуқуқ на танҳо дар сатҳи шиору изҳорот, балки дар амал ба сифати арзиши манфиатовар ва муҳим пазируфта шавад. Аз ин рӯ, дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд ҷалби

васеи аҳолӣ ба омӯзиши ҳуқуқ, тарбияи ҳуқуқӣ ва ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Феълан, Тоҷикистон дар самти эҷоди ҳуқуқ ва қабули қонунҳои босифат ба дастовардҳои назаррас ноил шудааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде таҳия ва қабул гардидаанд, ки ҷавобгӯйи талаботи башарӣ буда, ба рушди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд такон мебахшанд. Барои эъмори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, шаҳрвандӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст. Дар ин бора Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хело бомаврид ибрози назар намудаанд: «Давлате, ки қариб ҳафтод-ҳаштод сол як сиёсат ва як идеологияро доштааст, наметавонад дар даҳ-бист сол кишвари намуна ва пешрафтаи ҷомеаи демократӣ ё ки мутамаддин бошад. Барои тағйири ҳувият ё тафаккури ҷомеа фурсат даркор аст... Дар риояи ҳуқуқи инсон мо қадам ба қадам корҳои зиёдеро анҷом медиҳем. Албатта, мушкилоти зиёде дорем, ки ҳамаи он зина ба зина ҳалли худро меёбанд» [382].

Хулоса, вазифаи бунёдии ҳуқуқ танзими муносибатҳои иҷтимоист, ки тавассути он ҳамгироии иҷтимоӣ, ташаккули рафтори ҳуқуқии шаҳрвандон ва таъмини тартиботи иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар робита бо урфу одат, ахлоқ, дин ва дигар танзимгарони иҷтимоӣ амал карда, ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд. Танзими ҳуқуқӣ ба маҷбурнамоии давлатӣ таъмин буда, ҳудудҳои рафтору фаъолияти шаҳрвандон ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ҳам дар муносибатҳои уфуқӣ ва ҳам амудӣ муайян мекунад.

Барои эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, танзими босифати муносибатҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон зарур аст, ки ҳуқуқ ба арзиши иҷтимоии афзалиятнок табдил дода шавад. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ бояд дар асоси принсипи адолати иҷтимоӣ, баробарҳуқуқии шаҳрвандон, манфиату талаботи ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ва

имконияту қобилияти шаҳрвандон сурат гирад. Дар раванди танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба назар гирифтани вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон, арзишҳои иҷтимоӣ, хусусиятҳои фарҳанг ва ҳувияти миллӣ хеле муҳим аст.

2.3. Ҳуқуқ ҳамчун замина ва омили ҷойивазкунии иҷтимоӣ дар ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд

Бо мураккаб гардидани муносибати байни шахсу ҷомеа, нақши ҳуқуқ дар таъмини худмуайяннамоӣ, худвоқеъгардонӣ ва ҷойивазкунии иҷтимоии аҳолӣ боз ҳам меафзояд. Ҷойивазкунии иҷтимоӣ ҳамчун категорияи сотсиологӣ тағйири мавқеи иҷтимоии фард ё гурӯҳҳои иҷтимоиро дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ифода менамояд. Ин раванд ба сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ, шакл ва хусусиятҳои табақабандии иҷтимоӣ, сохтори идораи ҷомеа, талаботи иҷтимоӣ, қобилияту малакаҳои инфиродии шахс, тақсимоти иҷтимоии меҳнат, инчунин, ба сатҳи ҳифз ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон вобастагӣ дорад.

Бо пешрафти ҷамъият касбу ихтисосҳои замонавие ба миён меоянд, ки барои қонеи муҳимтарин талаботи иҷтимоии одамон равона шудаанд ва азхуднамоии чунин тахассусҳо, мисли барномасоз, менеҷер ва дигар касбҳои муосир меҳнати зиёдро талаб менамоянд ва ба омӯзиши онҳо асосан намояндагони табақаҳои миёна ва поёнӣ машғул мегарданд. Дар ин бора А.В. Рибякова чунин навиштааст: «Рушди соҳаи технологияҳои иттилоотӣ боиси афзоиши шумораи ҷойҳои кории холие мегардад, ки тахассуси баландро талаб мекунанд, ҷараёнҳои ҷойивазкунии болораванда аҳаммият пайдо карда, арзишҳои пешрафти инфиродӣ интишор мешаванд» [283, с. 67].

Аз сабаби он ки намояндагони чунин касбу тахассусҳо дар бозори меҳнат талабгорони зиёд доранд ва даромади хуби иқтисодӣ ба даст меоранд, мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии худро тағйир дода метавонанд. Инчунин, низоми таҳсилот барои намояндагони ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ дастрас мегардад, ҳуқуқ ба таҳсил ва интихоби касбу фаъолият ба воситаи муҳимтарини

ҷойивазкунии амудӣ табдил ёфтааст. Ба андешаи В.В. Радаев, торафт сафи табақаҳои болоӣ аз ҳисоби истеъдодҳои табақаҳои поёнӣ пурра мегарданд [137].

Тағйири мавқеи иҷтимоии одамон тавассути механизмҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ, ки лифт ва нардбонҳои иҷтимоӣ номида мешаванд, сурат мегирад. Лифтҳои иҷтимоӣ асосан шахсони харизматикӣ, неруманду қобилиятнок ва фаъолро ба зинаҳои низоми табақабандии иҷтимоӣ боло мебаранд ва нафарони ба вазъи мушкили ҳаёти гирифторшуда, хатогиҳои фоҷианок содирнамуда ва ба тағйироти иҷтимоӣ мутобиқнашударо ба ошёнаҳои поён мефароранд. Одатан, лифтҳои иҷтимоӣ институт ва ташкилотҳои иҷтимоӣ ҳастанд, ки барои тағйири мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии одамон хизмат мекунанд. Махсусан, кори лифтҳои иҷтимоӣ дар даврaҳои инқилобҳои иҷтимоӣ, низоъҳои иҷтимоӣ, ислоҳоти босуръат ва буҳрон пуршиддат мегарданд.

Сотсиологи амрикоӣ Т. Парсонс ба ин андеша буд, ки барои ҷойивазкунии иҷтимоии шаҳрвандон дар фазои иҷтимоӣ таъсири институтҳои иҷтимоӣ ҳамчун танзимкунандаи рафтор бартарӣ дорад. Институтҳо ҳамчун низоми маҳдуднамоӣ зуҳур намуда, навъҳои гуногуни ҳавасмандкуниро ба вуҷуд меоранд. Маҳз «ин ангезаҳо афродро барои тағйири мавқеи иҷтимоии худ таҳрик медиҳанд ва ҳамзамон бо ин, институтҳо самти ин тағйиротро муайян мекунанд» [128, с. 21].

Фарқи нардбонҳои иҷтимоӣ аз лифтҳои иҷтимоӣ дар он аст, ки онҳо на ба институтҳои иҷтимоӣ, балки ба қобилият, малака, кӯшишу талош ва таҷрибаи шахсии одамон ҳамбастагӣ доранд. Нардбонҳои иҷтимоӣ як имконияти ҳуқуқӣ барои тағйири нақш ё мақоми иҷтимоӣ, мусоидат ба ҷойивазкунии иҷтимоии амудии болораванда ва ё поёнраванда мебошанд. Нардбонҳои иҷтимоӣ ба одамон барои тағйири мақоми иҷтимоӣ дар давоми ҳаёт эҳсоси умед мебахшанд, ҷаҳонро дар назари онҳо адолатнок нишон

медиҳанд, барои расидан ба мақсадҳои хеш фаъолона талош менамоянд ва дар натиҷа рушду устуворӣ ва тартиботи иҷтимоӣ таъмин мешаванд.

Дар ҳар як марҳилаи таърихии рушди ҷомеа намудҳои мухталифи лифтҳои ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ мавҷуд буда, вобаста ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа афзалият пайдо мекунанд. Агар дар даврони шуравӣ лифтҳои муҳимми ҷойивазкунии иҷтимоӣ ворид шудан ба сафи роҳбарияти ҳизби коммунистӣ, артиш ва қисман, таҳсилоти олӣ буданд, пас дар давлатҳои пасошуравӣ, ки ҷомеаи ҳуқуқбунёду дунявиро таъсис медиҳанд, ҳуқуқ ва таҳсилот баромад менамоянд, ҳарчанд дигар нардбонҳои муҳимми ҷойивазкунии иҷтимоӣ нақши муҳим мебозанд.

Ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ дар кишварҳои пешрафтаи демократии замони муосир бештар густариш меёбад, зеро дар ин кишварҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳифз ва дар амал татбиқ гардида, барои ҳамаи шаҳрвандон имконоти баробари рушд ва оғози фаъолияти меҳнатӣ фароҳам оварда мешаванд. Пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС механизмҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ дар давлатҳои пасошуравӣ тағйир ёфта, дар ҳоли ташаккуланд ва вазифаҳои худро дар сатҳи зарурӣ иҷро карда наметавонанд. Аз ин рӯ, айни замон дар Тоҷикистон бояд низоми ҷойивазкунии иҷтимоӣ ва лифтҳои иҷтимоии ба ҷомеаи замонавӣ хос ташаккул дода шаванд, зеро «мавҷудияти низоми тараққикардаи лифтҳои иҷтимоӣ на танҳо гарави бартараф сохтани беадолатии иҷтимоӣ, балки кафолати рушди давлат» [281, с. 33] ба ҳисоб меравад.

Назарияи ҷойивакунии иҷтимоӣ ба номи сотсиологи машҳури ҷаҳонӣ П. Сорокин марбут аст, ки ӯ мафҳуми «ҷойивазкунии иҷтимоӣ»-ро на танҳо ҷойивазкунии афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ арзёбӣ кардааст, балки онро ҳамчун раванди тағйири мавқеи объектҳои иҷтимоӣ ва дигаргуншавии натиҷаҳои фаъолияти ҷамъиятии инсон маънидод намудааст. Ба андешаи ҷомеашинос, монеаи асосии ҷойивазкунии иҷтимоӣ дар ҷомеа мавҷудияти навъе аз «элакҳо»-и мушаххасест, ки одамонро аз худ мегузаронад, барои баъзеҳо

имкони болоравии иҷтимоиро фароҳам месозанд, дар ҳоле ки пешравии гурӯҳҳои дигари иҷтимоиро маҳдуд мегардонанд. Дар назарияи ӯ, чунин «элакҳо»-и механизми санҷиши иҷтимоӣ, интихоб ва тақсими афрод ба табақаҳои иҷтимоӣ баррасӣ мегарданд, ки ба воситаҳои асосии ҷойивазкунии амудӣ, аз ҷумла мактаб, артиш, калисо ва ташкилотҳои касбӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мувофиқат мекунанд.

Мувофиқи ақидаи П. Сорокин, дар ҷомеаҳои демократӣ низоми табақабандӣ нисбатан кушода буда, дар он нардбонҳо ва сурохиҳо барои ҷойивазкунии болораванда ва поёнраванда зиёданд, мақоми иҷтимоии шахс ба баромади иҷтимоии ӯ вобаста нест. Мутафаккир ҷомеаи демократиро чунин фазои иҷтимоие арзёбӣ намудааст, ки дар он барои аксарияти аҳолӣ имконоти дастрасӣ ба мавқеъҳои иҷтимоӣ вуҷуд доранд ва «... барои боло рафтан ё поён рафтан ба нардбони иҷтимоӣ монеаҳои ҳуқуқӣ ва динӣ вуҷуд надоранд. Ва ҳамаи ин ба «ҷойивазкунии амудии бештар»-и чунин ҷомеаҳо мусоидат мекунанд» [157, с. 377].

П. Сорокин ҳатто ҳолати репродуктивӣ ва вазъи демографии ҷомеаро ба сатҳи ҷойивазкунии иҷтимоӣ ва низоми табақабандии иҷтимоӣ марбут донистааст. Ба андешаи мутафаккир дар давлатҳое, ки ҳуқуқ ба шахс имкони болоравии иҷтимоиро фароҳам меорад ва дар байни табақаҳои иҷтимоӣ монеаҳои қатъӣ вуҷуд надоранд, сатҳи таваллуд паст аст. Дар чунин ҷомеаҳо одамон неру ва захираҳои худро барои пешрафти шахсӣ ва ишғоли мавқеи баланди иҷтимоӣ равона намуда, аз гирифтани масъулияти гарони оилавӣ худдорӣ мекунанд. П. Сорокин дар ин маврид чунин изҳои назар намуда буд: «Дар он ҷое, ки дар байни табақаҳои иҷтимоӣ монеа вуҷуд дорад, мисли Ҳиндустон одами табақаҳои поёнӣ ба ҳайати табақаҳои боло дохил шуда наметавонад. Шахсони алоҳида ба «боло» намебароянд, неруи онҳо баҳри баланд бардоштани мақом ва пешрафти касбӣ сарф намегардад, неруи зиёдатӣ барои такрористеҳсолӣ насл истифода мешавад. Ин ҳолат шарҳ медиҳад, ки чаро сатҳи таваллуди кишварҳои демократии пешрафтаи Аврупо паст аст... Аз

шароити иҷтимоӣ суръати такроистеҳсолӣ, сатҳи фавт ва афзоиши аҳолӣ вобастагӣ дорад» [155, с. 102].

Як омили ҷойивазкунии иҷтимоиро дар ҷомеаҳои демократӣ П. Сорокин ба ҳуқуқи интихоб шудан ва интихоб кардан алоқаманд донистааст, ки дар натиҷаи интихобот одамон мавқеи иҷтимоии худро дар низоми табақабандии иҷтимоӣ тағйир дода метавонанд. Донишманд таъкид менамояд, ки демократӣ эълон шудани давлат маънои босуръати баланд ҷорӣ гаштани ҷойивазкунии иҷтимоиро надорад, зеро дар баъзе аз ҷомеаҳо демократия бо ном вуҷуд дорад ва ҳамаи аҳолӣ ба тамоми каналҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ дастрасӣ надоранд.

Пас аз таҳқиқи амиқи масъалаи ҷойивазкунии иҷтимоӣ П. Сорокин ба хулосае расидааст, ки дар ягон ҷомеа низоми табақабандии иҷтимоӣ комилан кушодаю озодона ё пӯшида нест, инчунин, шиддатнокии ҷойивазкунии иҷтимоӣ дар фазо, вақт ва марҳилаҳои таърихии ҳамон як ҷомеа тағйир ёфта метавонад. Аммо, ба андешаи сотсиолог, дар ҳар як давлате, ки самти рушди демократиро интихоб менамояд, ҳуқуқ ба ташаккули низоми нисбатан кушодаи табақабандии иҷтимоӣ ва вусъат ёфтани раванди ҷойивазкунии иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Ӯ, боварӣ дошт, ки «бартараф сохтани монеаҳои ҳуқуқӣ ва динӣ воқеан боиси афзоиши ҷойивазкунӣ мегардад» [157, с. 388].

Ба ақидаи П. Сорокин, ҷойивазкунии амудӣ дар ин ё он сатҳ дар ҳамаи ҷамъиятҳо вуҷуд дорад ва дар байни табақаҳои иҷтимоӣ сурохӣ, роҳ ва зинаҳое вуҷуд доранд, ки ба одамон имконияти дар байни табақаҳо ҳаракат кардан ба поён ва ё ба болоро фароҳам меоранд. Аз назари мутафаккир, вазифаи ҷойивазкунии иҷтимоиро институтҳои иҷтимоӣ ба амал мебароранд. Ӯ таъкид менамояд, ки чунин институтҳо, аз қабили оила, артиш, калисо, мактаб, ташкилоти сиёсӣ ва касбӣ ҳамчун каналҳои ҷойивазкунии амудӣ амал мекунанд. Онҳо на танҳо каналҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ, балки нақши як «элак»-ро иҷро карда, шахсонро интихоб намуда, ба табақаҳо ва мавқеъҳои гуногуни иҷтимоӣ тақсим мекунанд.

Сотсиологҳо ба нақши ҳуқуқ дар ҷойивазкунии иҷтимоӣ диққати махсус медиҳанд. Ҳарчанд имрӯз маориф, оила ва дигар институтҳои иҷтимоиро омили муҳимтарини ҷойивазкунӣ меноманд, нақши ҳуқуқ ва қонунро дар ин раванд нодида мегиранд, аммо мантиқан маҳз ҳуқуқ ва шакли ифодаи он – қонун барои ҷойивазкунии иҷтимоӣ роҳ мекушояд ва монеаҳои онро бартараф месозад. Як сабаби то асри XX фарогир нагардидани раванди ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ ва ҳатто уфуқӣ дар он зоҳир мегардид, ки аксарияти аҳолӣ аз ҳуқуқҳои асосии худ маҳрум буданд ва заминаҳои ҳуқуқии истифодаи имконот ва ҳифзи манфиатҳои шахсӣ вуҷуд надоштанд.

То асри XX дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон низоми ҳуқуқи табақавӣ ҳукумфармо буд, ки ҳолати ҳуқуқии ҳар як шахсро муайян менамуд. Ҳуқуқи шахс то ин давра дар асоси нобаробарии ҳуқуқии сохтори иҷтимоӣ муайян мегардид. Дар ҷомеаи дорои сохтори табақабандии пӯшида тартиботи иҷтимоӣ тавассути тақсимоти иҷтимоии меҳнат ва вазъи ҳуқуқии табақаҳои иҷтимоӣ таъмин мешуд. Намояндагони ҳар як табақаи иҷтимоӣ вобаста ба мансубияти табақавӣ дорои ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳо мегаштанд. Аз ин сабаб, ҷойивазкунии амудии одамон бо сабаби маҳдудияти ҳуқуқӣ-табақавӣ тақрибан ғайриимкон буд, зеро барои ҳар як табақа намуди касбу фаъолият қаблан муайян мешуданд.

Иҷрои корҳои вазнини ҷисмонӣ асосан ба уҳдаи намояндагони табақаҳои поёнии ҷомеа вогузор мегардиданд. Онҳо бештар дар соҳаҳои кишоварзӣ ва ҳунармандӣ фаъолият намуда, андозҳои гарон месупориданд ва уҳдадориҳои гуногуни муқарраршударо иҷро мекарданд, ҳатто имконияти озодона тарки ҷойи истиқомати доимии худро надоштанд. Намояндагони табақаҳои болоӣ бошанд, бештар ба корҳои ҳарбӣ, хизмати давлатӣ, фаъолияти динию илмӣ ва дигар соҳаҳои идоракунӣ машғул буданд. Ҳар як табақа дар ҷомеа дорои мақоми ҳуқуқӣ хос буда, ҳатто ҷазоҳо барои нақзи қоидаҳои вобаста ба мансубияти табақавӣ ба таври гуногун татбиқ мегардиданд.

Сохтори ҷомеаи табақавии каставии бевосита ва ошкоро тавассути ҳуқуқ муайян мегардид, давлат низ ба табақаҳои болоӣ такя намуда, онҳоро бештар пуштибонӣ менамуд, ҳудудҳои байни табақаҳо ва раванди ҷойивазкунии амудиро назорат мекард. Ҳайати дастгоҳи давлатӣ асосан аз намояндагони табақаҳои болоӣ таркиб ёфта буд ва шакл мегирифт, тартиботи ҷамъиятӣ низ дар асоси низоми ҳуқуқи табақавӣ пойбарҷо буд. Ҳарчанд табақаҳои болоӣ нисбат ба дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҳуқуқу озодиҳои беинтиҳо доштанд, аммо дар баробари ин уҳдадор буданд, ки ба дастгоҳи давлатӣ ва ташкилотҳои динӣ хизмат кунанд.

Сарчашмаҳои асосии меъёрҳои ҳуқуқӣ давлат, ташкилотҳои динӣ, урфу одат ва анъанаҳои қавму қабилаҳои ва табақаҳои иҷтимоӣ буданд. Маҳз ҳуқуқ сохтори иҷтимоӣ-табақавии ҷомеа, тарзи зиндагии табақаҳои иҷтимоӣ, муносибати байни намояндагони табақаҳои иҷтимоӣ, фазои ҳуқуқии байни табақаҳои иҷтимоӣ, тақсимоти иҷтимоии меҳнат ва мақоми иҷтимоии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро муайян ва ҳифз менамуд. Ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ, бо истиснои табақаҳои беҳуқуқи ғуломон, мақоми ҳуқуқӣ ва табақавии хешро эътироф ва ҳифз мекарданд.

Хароб шудани сохтори иҷтимоӣ-табақавии қаблӣ, аз як тараф, агар ба пешрафти истеҳсолот ва саноат вобастагӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, ба муборизаи байни табақаҳои иҷтимоӣ баҳри васеъ намудани фазои ҳуқуқу озодиҳои хеш ҳамбастагӣ дошт. Ҳуқуқи табақавӣ бошиддат монеи рушди ҷомеа мегашт, роҳҳо, нардбонҳо ва лифтҳои иҷтимоии ҷойивазкунии иҷтимоии амудиро ба рӯйи намояндагони табақаҳои иҷтимоии ҷомеа баста буд. Бо ташаккули ҳуқуқи дунявӣ, баробарҳуқуқии ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ, қонуният ва ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд нардбонҳои ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ нисбатан ба тамоми намояндагони табақаҳои иҷтимоӣ дастрас гардиданд.

Дар давлатҳое, ки ҳуқуқ самаранок амал намекунад, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон поймол мегарданд, ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ ба маънои

пурраи худ вуҷуд надорад. Маҳз амали воқеии ҳуқуқ дар ҷомеа низоми табақабандии пӯшидаи иҷтимоиро заиф сохта, ҷойивазкунии амудиро имконпазир гардонид. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз афроди дар оилаҳои одӣ ба дунёомада аз ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, шароиту имконоте, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам меоранд, истифода бурда, тамоми қобилият ва тавоноии худро барои беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ, ҷойивазкунии амудии болораванда дар табақаҳои иҷтимоӣ ва соҳиб шудан ба мақоми муайяни иҷтимоӣ равона карда тавонистаанд. Ҳуқуқ то андозае ба ҳамаи аъзоёни ҷомеаи муайян имконоти якхелаю баробари рушд, тағйири мақоми иҷтимоӣ ва беҳбудии вазъи иқтисодиро фароҳам оварда, бо ин васила шароити мусоидро барои ҷойивазкунии амудӣ муҳайё менамояд.

Дар ҷомеаи муосир, махсусан, дар даҳаи аввали асри XXI агар ҳуқуқ самаранок амал кунад ва талаботи қонун дар сатҳи зарурӣ риоя гардад, имконоти ба муваффақият ноил гардидани аксарияти шаҳрвандон баробар ҳастанд. Агар фард бо кӯшишу ғайрати зиёд, огоҳона ва ҳадафмандона, бо дарназардошти шароити иқтисодию иҷтимоӣ ба худтакмилдиҳӣ машғул гардад, ба тағйири мақоми иҷтимоӣ, беҳбудии вазъи иқтисодӣ ва гузариш ба табақаи дигар ноил мегардад. Ин раванд дорои омилҳои муайяни асоснок мебошад. Ҷомеа ҳамеша дар ҳолати тағйиру рушд аст, пайваста ихтисос ва нақшҳои нави иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, ки дар натиҷа сохтори иҷтимоӣ низ мураккабтар мегардад. Ба ақидаи сотсиолог Ш. Шоисматуллоев, «талаботи миқдорию сифатии омода намудани мутахассисони баландихтисос меафзоянд, ки ба пайдоиши миқдори зиёди соҳаҳои нави илму техника, рушди умумии донишҳо ва мураккаб гардидани раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ алоқамандӣ доранд» [321, с. 15].

Табақаҳои болоӣ ҳамаи каналҳои ҷойивазкунии амудиро пурра зери назорат гирифта наметавонанд, инчунин, онҳо қодир нестанд, ки аз ҳисоби «меросхӯрон»-и худ кадрҳои идоракунандаи ҷомеаро таъмин созанд. Аз ин рӯ, ба кадрҳои боистеъдоду соҳибихтисоси синфҳои поёнӣ ниёз доранд. Дар чунин

шароит намояндагони синфи миёна ва поёнии ҷомеа имкон пайдо мекунанд, ки тавассути механизмҳои ҷойивазкунии амудӣ мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии худро тағйир диҳанд. Агар ҷомеа то дараҷае ба ҳама аъзоёни худ имконияти якхелаю баробари рушд ва дастрасии мақоми дилхоҳро фароҳам орад, барои ҷойивазкунии амудӣ роҳ кушояд, он гоҳ афроди ҷомеа имконоту қобилиятҳои шахсии хешро фаъолона истифода намуда, ҳамчун неруи рушд ва созандаи ҷомеа барои татбиқи онҳо кӯшиш менамоянд, инчунин, ба ояндаи худ ва ҷомеа мавқеи хушбинона пайдо мекунанд.

Мувофиқи натиҷаи таҳқиқоти сотсиологии ҷомеашиноси англис Д. Гласс афроди дорои мавқеи баланди иҷтимоӣ нисбат ба намояндагони табақаҳои поёнӣ имконияти бештари истифодаи ҳуқуқу озодӣ ва пешрафти иҷтимоиро доранд [210, с. 205-209]. Шахсони камбизоат нисбат бо гурӯҳҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ неруманд ҳангоми дастрасӣ ба лифтҳои иҷтимоӣ ба монеаҳои зиёд дучор мегарданд. Сармояи иқтисодии оилаҳои гурӯҳҳои иҷтимоии дорои даромади баланди иқтисодӣ имконият медиҳад, ки фарзандонашон дар муассисаҳои бонуфузи таълимӣ дохил шуда, таҳсилоти босифат гиранд ва бо ин восита, ба лифтҳои ҷойивазкунии иҷтимоии болораванда дастрасӣ пайдо намоянд.

Маҳдудияти ҷойивазкунии иҷтимоӣ хоси ҳамаи ҷомеаҳост, ки дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла татбиқи бесамари қонунҳо, қолабҳои фарҳангӣ, коррупсия, маҳалгароӣ, дастгирӣ наёфтани шаҳрвандони фаъолу ташаббускор ва бовиҷдон, инчунин, густариши нигилизми ҳуқуқӣ ва ғайра ифода меёбанд. Дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳам шаклҳои амудӣ ва ҳам уфуқии ҷойивазкунии иҷтимоӣ ба иқтисоди тағйирпазир ва бисёрҷабҳа, омилҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, зиндагии деҳотӣ ё шаҳрии шаҳрвандон вобастагӣ доранд. Маҳз ин омилҳо дараҷаи ҷойивазкунии давриро коҳиш дода, лифтҳои ҷойивазкунии иҷтимоиро ба рӯйи баъзе қишрҳои аҳолии кишвар баста мегардонанд.

Муҳимтарин омили ҳуқуқии ҷойивазкунии иҷтимоӣ ҳуқуқ ба таҳсил аст. Дар ҷомеаи муосир дониш, сармояи инсонӣ ва неруҳои зеҳнӣ ба захираҳои асосии рушди ҷомеа табдил ёфта, маориф ҳамчун танзимгари сохтори иҷтимоии ҷомеа торафт мавқеи меҳвариро ишғол менамояд. Маориф дар давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд институти асосии паҳнкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, арзишҳои демократӣ ва дунявӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи Ш. Шоисматуллоев, «ҳар қадар ҷомеа демократӣ ва кушода бошад, ҳамон қадар маориф ҳамчун воситаи ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ самаранок мегардад» [322, с. 8]. Сотсиологи рус Е.Ю. Колесникова низ неруи ҷойивазкунӣ доштани маорифро чунин тавсиф намудааст: «Дар низоми институтҳои иҷтимоӣ маориф ба сифати институти танзим ва назорати дастрасии афрод ба мавқеъҳои иҷтимоии ба ҳокимият, даромад, озодӣ ва соҳиб шудан ба захираҳои иҷтимоии иловагӣ муоина мешавад» [243, с. 143].

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ба таъмини дастарсии баробари шаҳрвандон ба низоми таҳсилот, баланд бардоштани сатҳи сифати таълим ва мусоидат ба рушди сармояи инсонӣ равона гардидаанд. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ҳуқуқ ба таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмӣ буда, давлат гирифтани чунин таҳсилоти ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Ҳамзамон, ҳар як шахс дар доираи муқаррароти қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ба таври ройгон таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирифта метавонад.

Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дарҷ гардидааст, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ҳамчун яке аз самтҳои муҳим ва бартаридоштаи сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Ҳамчунин, мувофиқи банди аввал ва дуюми ҳамин қонун, «1. Давлат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат медиҳад. 2. Давлат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими

ҳатмии умумии асосии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ, инчунин, дар доираи фармоишҳои давлатӣ дар асоси озмун ройгон гирифтани таҳсилотро дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот кафолат медиҳад» [5, с. 377].

Ҳуқуқ ба таҳсил яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрванд эътироф гардида, барои дастрасӣ пайдо намудан ба таълиму тарбия дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ баҳри ташаккули ҷаҳонбинӣ ва донишҳои касбӣ нигаронида шудааст. Ба ақидаи ҳуқуқшиноси ватанӣ А.М. Диноршоҳ, ҳуқуқ ба таҳсил «дар замони муосир яке аз ҳуқуқҳои бунёдӣ ва фитрии инсон ба шумор меравад» [62, с. 137]. Ҳуқуқ ба таҳсил ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд аст ва «барои таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил дастрасии таҳсилот, ҳатмияти таҳсилот, баробарии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсил, гирифтани таҳсилоти сифатнок ҳамчун унсурҳои хос истифода карда мешаванд» [234, с. 98].

Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, вазъи иҷтимоӣ ва мавқеи сиёсӣ, ҳуқуқ ба таҳсил дорад ва таҳсилоти миёнаи умумӣ бошад, барои ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Хусусияти иҷтимоӣ доштани ҳуқуқ ба таҳсил дар он ифода меёбад, ки шахс тавассути таҳсилоти босифат зиндагии шоистаю сазоворро фароҳам оварад ва ҳамчун сармояи инсонӣ ташаккул ёбад. Ба андешаи П. Сорокин, институти маориф дар ҳамаи давру замон воситаи ҷойивазкунии амудӣ будааст ва боқӣ мемонад. «Дар ҷомеаҳое, ки мактабҳо барои ҳамаи аъзоён дастрасанд, низоми мактабӣ як «лифти иҷтимоӣ» мебошад, ки аз поёни ҷомеа ба боло ҳаракат мекунад. Дар ҷомеаҳое, ки мактабҳо танҳо барои синфҳои болоӣ дастрасанд, низоми мактабӣ як лифтест, ки танҳо дар қабатҳои болоии бинои иҷтимоӣ кор мекунад ва танҳо сокинони ошёнаҳои болоро боло ва поён мебарад. Аммо, ҳатто дар чунин ҷамъиятҳо баъзе шахсони аз табақаҳои поёнӣ тавонистаанд ба ин лифтҳои мактабӣ ворид шаванд ва ба шарофати он ба боло бароянд» [157, с. 396].

Дар ҷомеаи муосир нафароне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро хатм накардаанд, ҳатто аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба зинаҳои баланди мансабӣ боло рафта наметавонанд ва ба пешрафти касбӣ ноил намегарданд. Пешрафти иҷтимоӣ ва касбии аксарияти кулли шахсиятҳои маъруфи замони муосир дар кишварҳои демократӣ тавассути маориф амалӣ гардидааст. Бо пешрафти ҷамъият нақши муассисаҳои таълимӣ меафзояд ва тадриҷан онҳо вазифаҳоеро иҷро менамоянд, ки қаблан ба оила, дин ва дигар институтҳои иҷтимоӣ мансуб буданд. Аз ин сабаб, дар ҷомеаҳои мутараққӣ торафт шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ меафзояд ва таҳсилот ба арзиши муҳимми иҷтимоӣ табдил меёбад.

Ҳуқуқ ба таҳсил имконият медиҳад, ки нафарони қобилиятнок интихоб шуда, мақоми иҷтимоии онҳо дар оянда муайян гардад, рафтор ва дониши онҳо ислоҳ шавад ва ҷойи хешро дар низоми табақабандии иҷтимоӣ тағйир диҳанд. П. Сорокин мактабро воситаи ибтидоии санҷиш, селексия ва тақсимот номидааст, ки шаҳрвандони қобилро аз ноқобил ҷудо ва нафарони мувофиқро барои мақоми баланди иҷтимоӣ ҳидоят менамояд. Ба андешаи ӯ, вазифаи иҷтимоии мактаб танҳо бо муайян намудани он маҳдуд намегардад, ки хонанда то кадом андоза маводи китобҳои дарсиро аз худ кардааст. Баръакс, мактаб пеш аз ҳама тавассути имтиҳон ва мушоҳидаҳо бояд муайян намояд, ки кадом хонанда боистеъдод ва беистеъдод аст, ҳар кадоми онҳо дорои чӣ гуна қобилият мебошанд, ин қобилиятҳо то кадом дараҷа зоҳир мегарданд ва кадом шахс аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва ахлоқӣ барои ишғоли мақоми баландтар мувофиқтар аст. Ҳамзамон, нисбат ба шахсоне, ки дорои сифатҳои зарурии зеҳнӣ ва ахлоқӣ нестанд, роҳи пешрафт, ҳадди ақал дар баъзе соҳаҳои иҷтимоӣ маҳдуд карда мешавад [157, с. 409]. Дар пайравӣ ба ин андешаи П. Сорокин, сотсиологи франсавӣ П. Бурде (1930-2002) низ тасдиқ намудааст, ки «низоми таҳсилот на ба арҷгузории дониши муҳассилин, балки ба тафриқаи иҷтимоии сармояи фарҳангӣ ва қонунӣ гардонидани селексияи иҷтимоӣ нигаронида шудааст» [294, с. 204].

Аз ин сабаб, бештари хонандагон то зинаи таҳсилоти олӣ намерасанд ва на ҳамаи онҳо донишгоҳҳоро хатм мекунанд. Аксарияти хонандагони аз зинаи таҳсилоти миёна ва олӣ дуршуда аз ҷойивазкунии иҷтимоии амудии болораванда ва боло рафтан дар зинаҳо ва мансабҳои баланди иҷтимоӣ маҳрум мегарданд. Аз дидгоҳи П. Сорокин, аксарияти муҳассилине, ки тавассути «элак»-и мактабӣ аз таҳсили минбаъда дур шудаанд, мавқеи нисбатан пасти иҷтимоиро ишғол мекунанд. Далелҳои мавҷуда собит менамоянд, ки низоми маорифи ҳамагонӣ фарқиятҳои иҷтимоӣ ва зеҳниро аз байн бурда наметавонад, баръакс, онҳоро боз ҳам тақвият медиҳад: «Мактаби демократитарин ҳам, ки барои ҳама кушода аст, агар вазифаи худро дуруст иҷро кунад, на «баробарнамоӣ» ва «демократишавӣ», балки механизми «ашрофсозӣ» ва табақабандии ҷамъият аст» [157, с. 410].

Масъалаи дигареро, ки П. Сорокин нисбат ба вазифаи ҷойивазкунии иҷтимоии ҳуқуқ ба таҳсил махсус баён намудааст, ташаккули ахлоқии хонандагон аст. Ба ақидаи сотсиолог, дар мактабҳо бояд на танҳо ба қобилияти зеҳнӣ, балки ба омодагии ахлоқии хонандагон (ирода, сифатҳои иҷтимоӣ ва равонӣ) таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир шавад. Мактабҳои муосири давлатҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф ба омодагии ахлоқии хонандагон диққат намедиҳанд ва таваҷҷуҳи асоси ба қобилияти зеҳнӣ ва солимии ҷисмонӣ равона гардидааст. Аз ин рӯ, ба табақаҳои болоӣ нафароне роҳ меёбанд, ки ҳарчанд қобилияти зеҳнӣ доранд, аммо аз ҷиҳати ахлоқӣ заифанд ва ба качрафтории гуногун даст мезананд ва ҷинояткороне, ки дорои зеҳнияти баланданд, ботадриҷ меафзоянд. «Азбаски табақаҳои болоии ҷомеа маҳз аз ҳисоби ҳамин гуна одамон пурра мешаванд, онҳо дар баробари нишон додани қобилиятҳои хуби зеҳнӣ заъфҳои ба назар намоёни ахлоқӣ: тамаъкорӣ, фасод, демагогия, фаҳш, майли ҷамъ кардани сарвати моддӣ (аксар вақт аз ҳисоби арзишҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ), бевиҷдонӣ, беинсофӣ ва «плутократия»-ро зоҳир менамоянд» [157, с. 415].

Ба андешаи П. Сорокин, зиёд шудани шумораи донишгоҳҳои олӣ ва паст рафтани сатҳи сифати таҳсилот, осон шудани таҳсил ва хатми донишгоҳҳо, ҳамзамон, афзудани шумораи хатмкунандагони дипломдор боиси афзоиши рақобати байни онҳо барои ёфтани мавқеи иҷтимоӣ мегардад. Дар натиҷа бештари дипломдорҳо маҷбур мешаванд, ки ба мансабҳои начандон ҷолиб ва маоши нисбатан кам қаноат кунанд. Онҳо умед доштанд, ки бо гирифтани диплом соҳиби мақоми баланд ва маоши сазовор мегарданд, аммо воқеияти атрофашон дигар манзараро нишон медиҳад: нафарони бедиплом ба муваффақиятҳо ноил гашта, зиндагии бароҳатро ташкил мекунанд. Дар натиҷа сатҳи шиддати иҷтимоӣ ва эҳтимоли майли баъзе аз ҷавонони таҳсилдида ба гурӯҳҳои каҷрафтор меафзояд.

П. Сорокин таъкид кардааст, ки афзоиши шумораи хатмкунандагони мактабҳои олӣ, содаю осон намудани раванди таҳсил дар донишгоҳҳо ва хатми онҳо, камтаваҷҷуҳӣ ба раванди тарбияи ахлоқии донишҷӯён ва ба ҷойи кори муносиб таъмин нашудани хатмкунандагон боис мегарданд, ки афроди норозӣ зиёд ва ба таъсири гурӯҳҳои иҷротӣ осебпазир мегарданд. Мутафаккир таъкид кардааст, ки барои пешгирии паёмадҳои эҳтимолии «зиёдистеҳсолкунӣ»-и элита талабот ба таҳсил дар коллеҷҳо сахттар карда шавад ё фаъолияти дигар «полоякҳо»-и иҷтимоиро тақвият додан лозим аст: «Минбаъд зиёд намудани шумораи хатмкунандагони донишгоҳҳо, бакалаврҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ, магистрон, докторҳои фалсафа ва ғайра ба ҷойи фоидаи ҷамъиятӣ танҳо зарар меоранд» [157, с. 415].

Имрӯз дар Тоҷикистон муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла мактабҳои олии бонуфуз ботадриҷ хусусияти тиҷоратӣ пайдо менамоянд ва «диққати асосӣ ба ҷалби шумораи бештари хонандагон ва донишҷӯёни пардохтпазир дода мешавад, то некуаҳволии муассисаҳои таълимӣ таъмин шавад» [320, с. 15]. Ҳамон муассисаҳои таълимие, ки барои хизматрасонии худ маблағи зиёд мегиранд то дараҷае ба муҳассилин донишҳои ба талаботи имрӯза ҷавобгӯйро дода метавонанд. Зеро онҳо омӯзгорони соҳибтахассусро бо маоши нисбатан

мувофиқ ба кор ҷалб намуда, сифати таълимро боло мебардоранд. Мутаассифона, дар чунин мактабу донишгоҳҳо асосан фарзандони намояндагони табақаҳои болоӣ таҳсил мекунанд. Аксарияти аҳолӣ ба чунин муассисаҳои таълимӣ дастрасӣ надоранд.

Бо сабаби кофӣ набудани маблағгузории соҳаи маориф сифати таълим дар муассисаҳои таълимии «буҷетӣ» қаноатмандкунанда нест, муаллимони баландихтисос ва забонҳои хориҷӣ намерасанд, сарбории омӯзгорон хастакунанда буда, мазмун ва методикаи таълим на ҳама вақт ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ мебошанд. Файласуфи тоҷик, мутахассиси соҳаи маориф, профессор А.Ш. Қурбонов ба ин назар аст, ки тиҷоратикунонии соҳаи маориф ва нокифоя будани маблағгузории он боиси паст гардидани сатҳи сифати таҳсилот гардиданд, «дар натиҷа институтҳои таълимӣ барои ба даст овардани фоидаи тиҷоратӣ стандартҳои қабул ва аттестатсияро поён фароварда, шумораи меъёрии хонандагонро зиёд менамоянд, омӯзгоронро ба сарбории зиёди таълимӣ гирифтор карда, истифодаи онҳоро дар шакли корманди нопурра (ҳамкор) тақвият мебахшанд» [94, с. 32].

Аксарияти хатмкунандагони чунин муассисаҳои таълимӣ донишҳои ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ надоранд ва бо ин сабаб, пас аз хатми таҳсил ҷойи кори сазовор намеёбанд ва онҳо оянда ба тағйири мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии худ ҳамчун субъекти фаъоли ҷойивазкунии амудии болораванда умед баста наметавонанд. Аз ин рӯ, ҳарчанд ҳамасола муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Тоҷикистонро ҳазорон нафар хатм мекунанд, аммо дар ҷумҳурӣ мутахассисони таҷрибадори соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ намерасанд.

Мутахассисони мавҷуда низ бо сабаби паст будани сатҳи маош бо пайдо шудани камтарин имконият тарки ҷумҳурӣ намуда, дар хориҷи кишвар фаъолият менамоянд ва раванди «фирори мағзҳо» дар сатҳи баланд афзоиш меёбад. Дар ин бора донишманди ватанӣ А.Ш. Қурбонов чунин навиштааст: «Ба он нигоҳ накарда, ки ҳар сол дар ҷумҳурӣ теъдоди муайяни рисолаҳои

номзадию докторӣ ҳимоя карда мешаванд, вале дар кафедраю озмоишгоҳҳо ҷойҳои кории холӣ пурра намешаванд, зеро ки гузаштани мутахассисон аз соҳаи илм ба соҳаҳои дигари фаъолият дар дохили ҷумҳурӣ (тиҷорат, фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра) ва ба хориҷа қатъ нагардида, ҳанӯз идома дорад» [96, с. 34]. Сиёсатшиноси тоҷик Х.Қ. Сафарализода фирори мағзҳоро хатари миллие номидааст, ки ба ташаккули фазои иттилоотии ҷаҳонӣ алоқамандӣ дорад ва «ба рушди ояндаи кишвар таъсири манфӣ мерасонад» [149, с. 189].

Таҳсилот омили таҳкиму тақвияти нобаробариҳои иҷтимоӣ буда, дар ҳолати ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ набудани сифати таҳсилот ҳамчун механизми ҷойивазкунии иҷтимоӣ хизмат карда наметавонад. Дар натиҷа институти маориф тадриҷан ба маркази омоданамоии қувваи кории дорои сатҳи пасти касбият ва гурӯҳҳои маргиналӣ табдил ёфта, сарбории давлат мегарданд. Дар чунин ҳолат маблағгузорӣ ба соҳаи маориф ва илм аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок нест. Нисбат ба ин масъала файласуфи тоҷик Р. Назаров чунин ибрози назар намуда буд: «Дар Тоҷикистон коҳишёбии дастрасии намояндагони табақаҳои камбизоати аҳолӣ, гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашаванда ва аҳолии маҳалҳои деҳот ба таҳсилоти босифат мушоҳида мегардад. Паҳншавии коррупсия дар низоми маориф ба суистифодаи таҳсилоти буҷавӣ, ки барои оммаи васеъ пешбинӣ шудааст, бояд дар асоси озмун амалӣ гардад» [119, с. 249-250].

Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои асосии муассисаҳои таълимии муосир бартараф намудани бозмонии барномаҳои таълимӣ аз сатҳи рушди илму техника ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ мебошад. Дар солҳои охир иттилооти илмӣ ва техникӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти иҷтимоӣ ба таври бесобиқа афзоиш ёфта, ин раванд ҳамоно босуръат идома дорад. Дар чунин шароит, зарурати мутобиқсозии низоми таҳсилот ба воқеияти нав, таҷдиди мазмуни маводи таълимӣ ва такмил додани шаклу методҳои омӯзиши он ба миён омадааст. Ба муҳассилин бояд қобилият ва малакаи таҳлили иттилооти

нав ва хулосабарорӣ, умуман, тафаккури илмию таҳлилӣ омӯзонида шавад. Аз ҳама муҳим, сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ ба талаботи тараққиёти илмӣ-техникӣ ҷавобгӯ бошад. Бояд ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар пешрафти шахсӣ ва касбӣ ба ҳуқуқи хеш ба таҳсилот такя карда, аз роҳҳои қонунии ҷойивазкунии амудӣ истифода бурда, дар раванди рушди ҷомеа фаъолона иштирок карда тавонад.

Омили дигари ҳуқуқии ҷойивазкунии иҷтимоӣ ҳуқуқ ба интихоби касбу кор аст. Худмуайянкунии касбӣ, мувофиқ ба қобилият ва шавқу ҳавас интихоб кардани касб мақоми ояндаи иҷтимоӣ ва тарзи зиндагии минбаъдаи шахсро муайян менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки аксарияти одамоне, ки касби худро дуруст интихоб накардаанд ва иҷтимоишавии касбиро нагузаштаанд, дар давоми ҳаёт ба вазъи мушкили зиндагӣ гирифтор гардида, дар ҷамъият ҷойгоҳи худро намёбанд.

Имрӯз масъалаи худмуайяннамоии касбии шаҳрвандон таваҷҷуҳи доираи васеи донишмандони соҳа ва намояндагони масъули ҳокимияти давлатиро ба худ ҷалб менамояд. Дар бораи худмуайяннамоии касбӣ, шуғлмандии аҳолӣ, талаботи навини бозори меҳнат ва дигар масъалаҳои ба омода намудани кадрҳои барои фаъолияти самараноки иҷтимоӣ зарур таҳқиқоти илмӣ гузаронида мешаванд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба ин масъала низ диққати ҷиддӣ дода шудааст: «Дар сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад. Вале бояд гуфт, ки тибқи таҳлилҳо сатҳи касбияти коргарон ҳанӯз ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй набуда, ин масъала ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад. Дар ҷараёни ислоҳот як масъаларо ба эътибор бояд гирифт, ки имрӯз дар Тоҷикистон зарурат ва талабот барои ҷорӣ намудани омӯзиши садҳо ихтисоси дигар вуҷуд дорад» [21].

Дар Тоҷикистон дар мавриди худмуайянкунии касбии ҷавонон ҳуқуқи ҷавонон ба интихоби касбу кор ва фаъолияти меҳнатӣ санадҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расидаанд. Дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад» [3, с. 19]. Мутаносибан, дар моддаи 5 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин дарҷ гардидааст: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад бе ягон табъиз ва маҷбуркунӣ меҳнатро озодона интихоб намояд ва ё ба меҳнат озодона ризоият диҳад, ба малакаи худ ба меҳнат ихтиёрдорӣ кунад, касб ва самти фаъолиятро интихоб кунад» [1]. Дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ҳуқуқи шаҳрвандон доир ба шуғл чунин ифода ёфтааст: «Давлат сиёсати мусоидат намудан ба амалӣ гардонидани ҳуқуқи шаҳрвандонро ба шуғли пурра, самаранок ва интихоби озоди шуғл пеш мебарад» [9].

Дар табақабандии касбӣ касбу ихтисосҳое вуҷуд доранд, ки намояндагони он дар натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ ва интихоби чунин касбҳо мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии худро тағйир дода, дар ҷойивазкунии амудии болораванда ҳаракат мекунанд. Касбу ихтисосҳое, ки ҷойивазкунии амудии болоравандаро таъмин мекунанд, барои пешрафти ҷомеа ва ҳаёти одамон муҳиманд ва барои ба амал овардани онҳо омодагии зиёди зеҳнӣ талаб карда мешаванд. Масалан, касби барномасоз, ки дар шароити пешрафти технологияи итиллотию иртиботӣ барои ҷомеа аҳаммияти калон дорад.

Интихоби чунин касбҳо зуд барои ҷойивазкунии амудии шахс мусоидат карда наметавонанд, зеро ин ҷо сифатҳои шахсӣ ва дараҷаи баланди зеҳнӣ низ нақш доранд, аммо дар маҷмуъ барои пешрафти касбӣ ва тағйири мақоми иҷтимоии шахс имконоти воқеӣ пайдо мешаванд. Сотсиологи рус В.А. Свик ба ин масъала диққат дода, ба хулосае омадааст, ки мавҷуд будани имконоти ҷойивазкунии иҷтимоӣ танҳо ба сохтори иҷтимоии ҷомеа маҳдуд намешавад, балки рафтору фаъолияти шахс низ вобастагӣ дорад. Дар чунин ҷомеа баъзе аз афрод дар самти ҷойивазкунии амудӣ зуд ба муваффақиятҳои касбӣ ва

мансабӣ расида метавонанд, дар ҳоле ки гурӯҳи дигар ба ҳолати рӯҳафтодагӣ гирифтор шуда, ба пешрафти иҷтимоӣ ноил намегарданд. Ба андешаи ҷомеашинос, «ҳатто ҷомеаи кушода ва ҷойивазкунанда ба шахсе, ки барои расидан ба мақоми баланд омода нест, кумаки зиёд расонида наметавонад» [314, с. 193].

Дар ҷомеаи кушодаи муосир яке аз омилҳои муҳимтарини равандҳои ҷойивазкунии амудии иҷтимоӣ маҳорати касбӣ ё касбият мебошад. Маҷмуи хусусиятҳои иҷтимоӣ, касбӣ ва ахлоқӣ ҳамчун неруи асосии рушди касбӣ ва иҷтимоии шахс арзёбӣ гардида, дар ҷомеаи муосир ҳамчун лифтҳои иҷтимоии ҷойивазкунии амудӣ мавқеи муҳим доранд. Тахассусмандии шахс, пеш аз ҳама, ба қобилияти мунтазам такмили касб ва малакаҳои касбӣ вобастагӣ дошта, муҳимтарин шароити устувор нигоҳ доштани мақоми иҷтимоию касбӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт худтасдиқнамоии касбӣ низ нақши калон мебозад, зеро дар ин ҳолат дар шахс нисбат ба тахассусмандии худ эътимод пайдо шуда, мақоми касбии ӯро боло мебардорад. Маҳорати касбии шахс омили муҳимтарини ҷойивазкунии амудӣ буда, ба рушди таъҷилӣ ва нисбатан мунтазами мақоми иҷтимоию касбии фард мусоидат мекунад, «зеро бозори меҳнат барои ҳамаи мутахассисони варзида ҳамеша кушода мебошад» [297, с. 175].

Касбу ихтисосҳое, ки иҷрои он дараҷаи баланди зеҳнӣ ва омодагии ҷиддии касбиро талаб менамояд, дар низоми табақабандии касбӣ мақоми баландро соҳибанд ва намояндагони чунин касбҳо соҳибмақом ва аз имтиёзҳои махсуси иҷтимоӣ бархӯрдоранд. Ҷомеашиноси рус А.И. Ковалева ба ин назар аст, ки «ҷойивазкунии баланди касбӣ ба коргароне хос аст, ки ба тағйироти соҳаҳои муайяни кор мутобиқ шуда, донишҳои заруриро мустақилона ба даст меоранд, тафаккури эҷодӣ ва ҳавасмандии худро барои такмили ихтисос инкишоф дода метавонанд» [240, с. 298-299].

Гурӯҳҳои касбии дорои сатҳи пасти тахассус дар зинаи поёнии аҳроми касбӣ қарор дошта, даромади иқтисодии кофӣ надоранд ва сатҳи

зиндагиашон низ паст аст. Дар чунин касбҳо дараҷаи баланди омодагии зеҳнӣ ва тахассусӣ талаб карда намешавад ва намояндагони чунин касбҳо мақоми баланди иҷтимоӣ надоранд, масалан, ба чунин одамон гурӯҳи кормандони меҳнати ҷисмониро дохил намудан мумкин аст. Одатан, одамон чунин касбу тахассусро аз ноилоҷию зарурати зиндагӣ интихоб ва иҷро менамоянд, онҳо даромади ночизи иқтисодӣ доранд ва на ҳама вақт ба ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ муваффақ мешаванд.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологие, ки муаллифи ин диссертатсия дар ҳамкорӣ бо Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ дар мавзуи «Масъалаи шуғлмандии ҷавонон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон: интихоби касб ва талаботи бозори меҳнат» соли 2022 ба анҷом расонид, аксарияти мусоҳибон ё 52,7% омили асосии ҷойи кори мувофиқ ёфтан ва рақобатпазир будан дар бозори меҳнатро дар дуруст интихоб кардан ва дар сатҳи зарурӣ аз худ намудани малакаҳои касбӣ дидаанд *(нигаред ба расми 3)* [108, с. 26].

Расми 3.

Барои дар бозори меҳнат ҷойи кор ёфтан ва рақобатпазир будан бояд корманд кадом сифатҳоро дошта бошад? *(n=2000, %)*



Дар ҷойивазкунии амудии шаҳрвандон нақши ташкилотҳои иҷтимоӣ низ хело калон аст, зеро шахс касбу ихтисоси заруриро омӯхта, малакаҳои касбии хешро тавассути ташкилотҳои иҷтимоӣ (ташкилоти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва ғайра) амалӣ ва ташаккул медиҳад. Бузургтарин мутахассисони соҳаҳои мухталиф, мисли олимони бонуфуз, ҳуқуқшиносон, табибон, журналистҳо, ҳунарпешаҳо ва соҳибкорон тавассути фаъолият дар ташкилотҳои иҷтимоӣ машҳур гашта, ба зинаҳои баланди шахсию касбӣ ва мансабӣ рафта расидаанд.

Ба андешаи П. Сорокин пас аз оила, калисо ва мактаб маҳз ташкилотҳои касбиро марҳилаи навбатии санҷиш ва селексияи афрод ба ҳисоб мераванд. Ӯ таъкид кардааст, ки оила, калисо ва мактаб ҳамчун институтҳои иҷтимоӣ сифатҳои умумии инсониро баҳогузорӣ намуда, ба таври умумӣ ва пешакӣ мансубияти табақавӣ ва самти фаъолияти минбаъдаи шахсро муайян месозанд. Бо вуҷуди ин, «ҳукми» чунин институтҳои иҷтимоӣ ҳатто барои шахсоне, ки аз ин «полоякҳо» бомуваффақият мегузаранд, ниҳоӣ ба ҳисоб намеравад. Ҷомеашинос дар бораи селексияи иҷтимоӣ чунин навиштааст:

«Санҷиш ва селексия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки далели мавҷудияти касбҳои махсус интихоби муайяни одамонеро талаб мекунад, ки ба ин касб дохил шуда, мавқеъ пайдо кунанд ва бо он машғул шаванд... Намояндагони ҳар як касб бояд баъзе хусусиятҳои хосе дошта бошанд, ки онҳоро аз намояндагони касбҳои дигар фарқ кунанд» [157, с. 419-420].

Ҳуқуқ ба касбу кор ба одамон имконият медиҳад, ки агар вазифаҳои меҳнатии худро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонанд, ба дастовардҳои касбию мансабӣ ноил гарданд. Инчунин, шахсоне, ки малака ва қобилияти зарурии касбӣ надоранд, дар зинаҳои пешрафти касбӣ дармемонанд ва ё ба ҷойивазкунии амудии поёнраванда гирифтор мешаванд. Тақсимоти иҷтимоии меҳнат воситаи неруманди селексионӣ мебошад, ки мавқеъ ва ҷойгоҳи одамонро дар низоми табақабандии иҷтимоӣ муайян менамояд.

Дигар вазифаи ҷойивазкунии иҷтимоии ҳуқуқ дар ҳуқуққои сиёсии шаҳрвандон ифода меёбад. Ҳуқуққои сиёсии шаҳрвандон ҳамчун омили ҷойивазкунии иҷтимоӣ дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон инъикос гардидаанд. Масалан, дар моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин дарҷ гардидааст: «Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин, аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад» [3, с. 16]. Мутобиқи қонунгузорӣ шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, ки дар ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияташон дар Тоҷикистон манъ нашудааст, шомил гардида, бо ин восита ба дастовардҳои шахсию касбӣ ва мансабӣ ноил гарданд. Маҳз ҳизбҳои сиёсӣ барои иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа замина фароҳам оварда, ба онҳо имконият медиҳанд, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ саҳми назаррас гузоранд.

Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» омадааст, ки «Ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона, бидуни ҳеҷ як иҷозат дар анҷумани (конференсия, маҷлис) муассисон таъсис дода шуда, дар он оиннома қабул мегардад ва мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб ташкил карда мешавад» [12]. Мувофиқи Қонуни мазкур ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ҳуқуқи ихтиёран дохил шудан ва баромадан аз ҳизбҳои сиёсӣ ва иштирок кардан дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро доранд. Ҳар як ҳизб ҳуқуқ дорад, ки номзадҳоро ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ пешбарӣ намояд.

Ташкилот, ҳизб ва сохторҳои сиёсии давлатӣ нардбонҳои ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ ба ҳисоб мераванд. Шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои сиёсии худ истифода бурда, ба ин ташкилотҳои сиёсӣ ворид гардида, дар натиҷа мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии хешро тағйир медиҳанд. Таъин шудан ҳатто ба мансаби поёнии давлатӣ ба шахс имконият медиҳад, ки дар сурати ба анҷом расонидани корҳои арзишманд дар зинаҳои мансабҳои давлатӣ боло равад ва дар сурати анҷом додани амалҳои ғайриқонунӣ ба зинаҳои мансабӣ поён фарояд, аз мансаб ронда шавад ва ҳатто ба зиндон афтад. Дар Тоҷикистон бештари арбобони хизматнишондиҳандаи сиёсӣ аз табақаҳои поён ва миёнаи иҷтимоӣ буданд ва тавассути ташкилотҳои сиёсӣ ба мансабҳои баланди давлатӣ расида, мақоми баланди иҷтимоиро соҳиб шудаанд ва ҳоло фарзандони онҳо ба муваффақиятҳои назаррас ноил гашта, дар нардбони сиёсии ҷойивазкунии иҷтимоӣ ба боло ҳаракат мекунанд.

Дар давлати демократӣ дар ҷойивазкунии иҷтимоӣ институти интихобот нақши муҳим мебозад. Шахс барои интихоб шудан ба ин ё он мансаби давлатӣ ва ё намояндаи халқ кӯшиш менамояд, ки сифатҳои шахсӣ ва касбии худро ташаккул диҳад, дар ташкилотҳои сиёсӣ, махсусан, ҳизбҳои сиёсӣ самаранок фаъолият намояд ва муваффақу кордон ва пешоҳанг будани худро ба намоиш гузорад. Бе ташкилотҳои сиёсӣ ва иштироки фаъол доштан дар ҳаёти сиёсии

ҷомеа ба мансабҳои баланди давлатӣ расидани шахси муосир тақрибан ғайриимкон мебошад.

Ҳамин тариқ, яке аз вазифаҳои муҳимтарини иҷтимоии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои муътадил сурат гирифтани раванди ҷойивазкунии иҷтимоӣ мебошад. Маҳз ҳуқуқ шароит фароҳам меорад, ки шахсони қобилиятнок ва фаъол тавассути механизмҳои қонунӣ (лифтҳо ва нардбонҳои иҷтимоӣ) мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии худро беҳтар намоянд. Фаъол набудани лифтҳо ва нардбонҳои иҷтимоӣ, табақабандии пӯшида, нигилизми ҳуқуқӣ ва ғайра ба раванди муътадили ҷойивазкунии иҷтимоии шаҳрвандон монеа мегарданд.

Аз ин рӯ, давлат бояд роҳҳо, воситаҳо, лифтҳо ва нардбонҳои ҷойивазкунии иҷтимоиро ба ҳамаи одамон дастрас намояд, то онҳо нисбатан озодона мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии худро беҳтар гардонида, қобилияти хешро дар амал татбиқ карда тавонанд. Маҳз амали механизмҳои ҳуқуқии ҷойивазкунии иҷтимоӣ ба афроди фаъол шароите фароҳам меорад, ки ба фаъолияти навоварона, кашфиёт, ихтироъкорӣ ва эҷодкорӣ машғул гардида, дар раванди ташаккули ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ ширкат варзанд.

Дар анҷоми боби дуюми диссертатсияи докторӣ натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки дараҷаи аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ба иҷроиши вазифаҳои иҷтимоии он алоқамандӣ дорад. Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар ҷамъият вазифаҳои муайяну мушахасси иҷтимоиро иҷро менамояд, ки ин вазифаҳо барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳамзистии муштараку осоиштаи шаҳрвандон дар фазои муайяни иҷтимоӣ, таҳкими тартибот, устуворӣ ва рушди ҷомеа, муҳайё намудани шароит барои рушди шахсӣ ва касбӣ, инчунин, ташкили зиндагии шоиста ва сазовори шаҳрвандон нигаронида шудаанд. Ҳуқуқ тавассути танзими муносибатҳои иҷтимоии амудӣ ва уфуқӣ тартиботи иҷтимоиро таъмин мекунад, низоъҳои иҷтимоиро танзим ва ҳал менамояд ва бо ин восита дар ҳифзи ҷомеа аз таҳдиду

хатарҳои дохилию беруна, ҳамгироии иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти иҷтимоӣ нақши бузург мебозад.

Ҳуқуқ дар шакли қонунҳое, ки манфиат ва арзишҳои ҳаётии одамонро таҷассум мекунанд, ба шуур, андеша, амалу рафтор ва фаъолияти одамон таъсир расонида, раванди ҷойивазкунии иҷтимоиро тақвият мебахшад ва бо ин восита барои рушди неру ва сармояи инсонӣ мусоидат менамояд. Дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон ҳуқуқ ва шакли ифодаи он – қонунҳо чунин шароитеро ба вуҷуд меоранд, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқу озодиҳояшон истифода бурда, қобилияту малакаи хешро дар амал татбиқ намуда, вазъи иқтисодӣ ва мақоми иҷтимоияшонро тағйир медиҳанд. Маҳз ҳуқуқ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон воситаи эътирофшуда, маданӣ ва замонавии раванди ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ ва уфуқӣ ба ҳисоб меравад.

БОБИ 3. ТАЪСИРИ ҲУҚУҚ БА СОХТОРИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

3.1. Масъалаҳои азнавсозӣ (модернизатсия)-и ҳуқуқ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд

Яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқии ҷомеаи муосир мутобиқ намудани низоми ҳуқуқии миллӣ ба меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ворид сохтани дастовардҳои навтарини ҳуқуқи ҷаҳонӣ ва ҳамзамон бо ин, ҳифзи ҳувияти ҳуқуқӣ ва фарҳанги миллӣ ба шумор меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин робита чунин ибрози назар намудаанд: «Зарурати ҷиддии ба ҳам мувофиқ сохтани қонунҳои миллӣ бо усулу меъёрҳои умумипазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ эҳсос мегардад. Воқеан, мо афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро нисбат ба қонунҳои миллӣ эътироф кардаем, аз ин рӯ, бояд оид ба ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир намоем» [17].

Ҷомеа пайваста дар ҳолати тағйиру рушд қарор дорад, аз ин рӯ, ҳамаи унсурҳои сохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла низоми ҳуқуқӣ бояд ба талаботи рӯзафзун ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ мутобиқ гарданд. Айни замон соҳаҳои нави фаъолияти иҷтимоӣ ба миён меоянд ва дар ин замина муносибатҳои сифатан нави иҷтимоӣ пайдо шуда, зарурати танзими ҳуқуқии онҳо ногузир гардидааст. Дар ин самт, масъалаҳои пайдошударо азнавсозии ҳуқуқ ё бо истилоҳ модернизатсияи ҳуқуқ ҳал карда метавонад. Азнавсозии ҳуқуқ дар давлати демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявӣ раванди ногузир, зарурӣ ва мураккаб буда, такмили техникӣ, мазмунӣ ва институтсионалии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро фаро мегирад.

Раванди азнавсозии ҳуқуқ аз давлат талаб менамояд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба меъёрҳо, арзишҳо ва адолати иҷтимоӣ, ниёзҳо ва воқеияти ҷомеаи муосир, инчунин, ба равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа мутобиқ гардонида шаванд. Ҳамзамон, зарур аст, ки

шаффофияти танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ ва сифати иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ тақвият ёбанд. Принсипҳои волоияти қонун, тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ва арзишмандии иҷтимоии ҳуқуқ дар амал бояд татбиқи воқеӣ пайдо намоянд. Дар натиҷаи раванди азнавсозӣ ҳуқуқ дар ҳамоҳангӣ бо рушди ҷомеа ташаккул ёфта, ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ мегардад, муносибатҳои нави иҷтимоиро танзим менамояд ва тадриҷан ба арзиши муҳимми иҷтимоӣ табдил меёбад.

Азнавсозӣ, пеш аз ҳама, раванди ташкили муҳити мусоиди зиндагии шаҳрвандон мутобиқ ба стандартҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ буда, дар ин раванд аз дастовардҳои муосири илмӣ-техникӣ ва иртиботӣ, таҷрибаи сохтори идоракунии давлатҳои мутараққӣ (махсусан, демократия, давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, иқтисоди бозоргонӣ, ҷомеаи кушод ва ғайра) истифода мешаванд. Азнавсозӣ раванди эҷоди муҳити инсонии ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯест, ки якпорчагӣ, субот ва рушди ҷомеаро таъмин менамояд. Ба роҳ мондани сиёсати азнавсозӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба як зарурати ногузир табдил меёбад, зеро дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа арзишҳои бунёдии ҷаҳонишавӣ, аз қабили демократия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, адолати иҷтимоӣ ва ғайра ҳар чӣ бештар аҳаммият пайдо менамояд.

Яке аз муҳаққиқони назарияи азнавсозӣ, сотсиологи поляк П. Штомпка азнавсозиро ҳамчун раванди тадриҷии гузариши ҷомеи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир арзёбӣ намудааст, ки дар ин раванд давлатҳои мутараққии Ғарб ҳамчун намунаи рушди устувори иқтисодиёт, сиёсат ва ҳуқуқ баромад менамоянд: «Намунаҳои замонавӣ воқеан дар тамаддуни Ғарб таҷассум ёфта, дар тамоми ҷаҳон паҳн мегарданд... Ҳамин тариқ, азнавсозиро наздикшавии ҷомеа тавассути оқилона ба амал овардани нияту мақсад ва нақшаҳои муайян ба амсилаи эътирофшудаи замонавӣ, бештар ба намунаи ҷомеаи мавҷудаи муосир муайян намудан мумкин аст» [186, с. 527-528].

Раванди азнавсозӣ дар ҳамаи унсурҳои сохтори иҷтимоӣ ҷой дорад ва барои рушди ҷомеа мусоидат менамояд. Ҷомеашиноси тоҷик Х.У. Усмонзода

(Х.У. Идиев) раванди азнавсозиро бо мафҳуми «муосирият» ва бо маънои рушди саноат ва пайравӣ ба намунаи рушди кишварҳои аврупоӣ ифода намудааст. Ҷомеашинос мафҳуми «азнавсозӣ»-ро чунин шарҳ медиҳад: «муосирият, яъне дар заминаи алоқамандии дастовардҳои тамаддуни саноатӣ ва анъанаҳои худӣ дар сатҳи «беҳтар аз пешина» ва хос ба ҳозиразамон ташкил намудани ҳаёти ҷамъиятӣ» [174, с. 29].

Аз таҳлили таҳқиқоти донишмандони соҳа маълум мегардад, ки азнавсозӣ раванди рушди ҷомеа, гузариши ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи саноатӣ ва мутараққӣ, кӯшиши расидан ба сатҳи рушди давлатҳои пешрафта, таъмини пешрафти технологӣ ва бунёди ҷомеаи ҳуқуқубунёду дунявист. Маҳз дигаргуниҳои ҷамъиятӣ боис мегарданд, ки ҷомеаҳои анъанавӣ ба зинаҳои нави рушд ворид гарданд, муносибатҳои иҷтимоӣ дар асоси меъёрҳои иҷтимоии нисбатан замонавӣ танзим гарданд. Тағйири соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мувофиқ ба намунаи пешқадами ҷаҳонӣ қадами асосӣ барои азнавсозии ҷомеа мебошад. Ба андешаи Л.И. Никовская, «назарияи классикии азнавсозӣ таҷрибаи азнавсозии Ғарбро фаъолона тасвир ва ба азнавсозии як зумра кишварҳои ғайриғарбӣ, ки ташаккул наёфта буданд, мусоидат намуд» [122, с. 9].

Мувофиқи назарияи азнавсозӣ ҳар як давлат барои расидан ба ҷомеаи замонавӣ, ворид шудан ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва сохтмони ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд имконияту иқтидорӣ кофӣ дорад. Барои эъмори ҷомеаи модернизатсионӣ танҳо монеаҳои ҷойдоштаро бартараф сохтан лозим аст. Аксарияти субъектҳои сиёсӣ дар марҳилаи аввал кӯшиш намуданд, ки сиёсати азнавсозиро дар асоси татбиқи комёбиҳои инқилоби илмию техникӣ ва нусхабардории муносибатҳои иҷтимоии ҷомеаҳои баъдисаноатӣ (махсусан, ғарбӣ) ба роҳ монанд. Аз ин сабаб, нусхабардории меъёр ва арзишҳои ғарбӣ ба баъзе аз унсурҳои фарҳанги миллӣ мувофиқ наомада, боиси ихтилофҳои гуногун гардиданд, ҳатто баъзе аз гурӯҳҳои манфиатҷӯй аз ин ҳолат ба манфиати шахсӣ самаранок истифода бурда, талаботи объективии рушди

давлати миллӣ, манфиатҳои миллӣ ва фарҳанги миллиро ба назар нагирифтанд.

Азнавсозӣ тағйири сохтори иҷтимоии ҷомеаро талаб менамояд, аз ин сабаб гурӯҳи донишмандон ба ин раванд муқобил баромада, бо номи «анъанагароён» ва ё «антимодернистҳо» маъмул гаштаанд (ба монанди Ж.Ф. Лиотар, М. Фуко ва дигарон). Ба андешаи «анъанагароён» азнавсозӣ боиси аз байн рафтани амсилаи хоси рушди давлатҳои миллӣ ва заифи фарҳанги миллӣ мегардад. Ҳар як давлат ҳуқуқ дорад, ки роҳи рушд ва амсилаи пешрафти худро мустақилона интихоб намояд. Аз ин рӯ, таҳмили сохтори институтсионалии давлатҳои пешрафта ба кишварҳои дигар қобили қабул нест.

Дар натиҷаи таззоди ақидатӣ ва муқобилияти пайравони «азнавсозӣ» ва «анъанагароӣ» дар Ғарб равияи наве бо номи «неомодернизм» пайдо гардид. Мувофиқи назари намояндагони ин равия барои давлатҳои миллӣ қабули намунаи рушди давлатҳои пешрафтаи ғарбӣ ногузир ва роҳи ҳалли масъалаҳои ташаккулёфта нест. Ҳар як давлат вобаста ба хусусиятҳои таърихӣ ва фарҳанги миллии худ тавассути азнавсозӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ наздик шуда метавонад. Бо сабаби дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ меъёрҳои иҷтимоии қаблӣ дигар талаботи оммаи халқро қонеъ гардонида натавониста, аз байн мераванд ва ҷойи онҳоро меъёрҳои нави иҷтимоии ба талаботи замона мувофиқ иваз мекунанд. Дар натиҷа, бе таҳмили амсилаҳои нави рафтор ва тарзи зиндагӣ ташаккул ёфта, сохтори нави иҷтимоӣ шакл мегирад.

Дар давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, раванди азнавсозӣ бо суръат идома дорад, ба сохтори иҷтимоии ҷомеа арзишҳо ва унсурҳои пешқадами фарҳанги ҷаҳонӣ ворид мегарданд, институт ва ташкилотҳои иҷтимоӣ ба ҳолати нави сифатии ҷамъият мутобиқ мешаванд. Аз назари сотсиологи тоҷик Ш. Шоисматуллоев раванди азнавсозии соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ бисёр мураккаб мегузарад, зеро дар кишварҳои ғарбӣ ин раванд муддати тӯлонӣ амалӣ гардида, аҳолӣ барои мутобиқ шудан ба

тағйироти иҷтимоӣ фурсати кофӣ доштанд, аммо дар давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ин раванд дар муддати нисбатан кӯтоҳ ба амал омаданд ва шаҳрвандон зуд ба ин дигаргуниҳо мутобиқ шуда наметавонанд. Ислоҳоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бе баҳои мутахассисони соҳа ва афзалиятҳои дақиқи пешбинишуда гузаронида мешаванд. Ислоҳот асосан «бо маблағи дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ сурат мегирад, ки онҳо дар самти қабули намуна ва тавсияҳои иқтисодӣ аз рӯйи намунаҳои маълуми назариявии таҷрибаи хориҷӣ шартҳои худро пешниҳод мекунанд» [185, с. 181-182].

Ба андешаи муҳаққиқон ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои муҳимтарини башарӣ, мисли ҳуқуқу озодиҳои инсон, адолати иҷтимоӣ, инсондӯстӣ, илм, техника ва технологияи иттилоотию иртиботӣ такя менамояд, ки барои давлатҳои миллӣ бисёр ҷолиб намуда, онҳоро ба доми худ меафтонад, фарҳанг ва истиқлоли миллиашонро аз дохил заиф мегардонад. Махсусан, солҳои охир таъсири ногувори ҷаҳонишавӣ ба забони тоҷикӣ, либоси миллӣ, анъанаҳои оиладорӣ, ахлоқ, урфу одат ва арзишҳои миллӣ торафт бештар эҳсос мегардад. Дар баробари ин, зуҳури тамоюлҳои бегонапарастӣ, гароиш ба фарҳанги ғайр, коҳиши сатҳи ҳисси ватандӯстӣ, нокифоя будани эҳтиром нисбат ба арзишҳо ва ҳувияти миллӣ, инчунин, афзоиши таҳдидҳои ҷаҳонӣ, аз қабили терроризм ва экстремизм (махсусан, унсури асосии он интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ) маҳз оқибатҳои номатлуби раванди ҷаҳонишавианд.

Дар асл, аз раванди ҷаҳонишавӣ бештар давлатҳои мутараққӣ манфиат мебинанд, «зеро дар раванди шаклгирии ин иттиҳод оромона, зебо ва ихтиёрӣ иддае аз давлато ногузир ба итеъмолкунандагони молу дигаре ба истеҳсолкунанадгон табдил меёбанд. Танҳо тафовути ин ҳолат аз назарияи «Капитал»-и Маркс дар он аст, ки дар ин ҷо истеҳсолкунандагон на неруи кории синфи меҳнаткаши мазлум, балки давлатҳои дорои қудрати истеҳсолӣ, ки бо таъмини ҷойи кор, неруи кори арзон муносибатҳои иқисодиро дуруст тарҳрезӣ, вазъи иҷтимоии давлатро бо низом идора карда, барои халқҳои иқтисодиёти ноқис мол истеҳсол мекунанд» [110, с. 14]. Сотсиологи олмонӣ У.

Бек низ зери таъсири ҷаҳонишавӣ заифгардии давлатҳои миллиро тасдиқ намуда, андеша дорад, ки «дар равандҳои ҷаҳонишавӣ давлатҳои миллӣ ва соҳибихтиёрии онҳо ба шабакаи акторҳои фаромиллӣ пайваст ва ба тавоноии тамоюлҳо ва ҳувиятҳои онҳо мутеъ мешаванд» [41, с. 26].

Ҳуқуқшиноси тоҷик А.Ғ. Холиқзода бо таваҷҷуҳ ба масъалаи ҳифзи фарҳанг ва арзишҳои миллӣ чунин таҳдидҳои раванди ҷаҳонишавиро таъкид намудааст:

1. Таҳдиди 1 – ба ҳамаи инсоният: низоъ, ҷанг ва талафоти ҷонӣ.
2. Таҳдиди 2 – ба ҳамаи инсоният: мушкилоти демографӣ, густариши беадолатӣ, поймолшавии ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ, коҳиши нақши кишварҳои рушднаёфта дар таърих ва номуайянии асри XXI.
3. Таҳдиди 3 – ба манфиати миллӣ ва арзишҳои ҳамаи давлатҳо: таҳдиди буҳрони оила ва таназзули меъёрҳои ахлоқӣ.
4. Таҳдиди 4 – таҷовузи башардӯстона, инқилобҳои фармоишӣ, содирот ва воридоти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон.
5. Таҳдиди 5 – шабака ва дом барои давлатҳои сусттараққикарда.
6. Таҳдиди 6 – таҳдиди коҳишёбии истиқлоли давлатӣ.
7. Таҳдиди 7 – ғарбигардонии қонунгузорӣ [310, с. 5-12].

Ба андешаи А.Ғ. Холиқзода раванди ҷаҳонишавӣ дар асоси принсипи баробарии манфиати халқу миллатҳо ба ваҳдати ҷомеаи инсонӣ созгор буда, «бузургтарин неъмат ва шояд хатти ниҳоии роҳи марказии инкишофи бани башар бошад» [179, с. 26]. Аз ин рӯ, мо бояд аз ин раванд ба манфиатҳои миллию динӣ, иқтисодию сиёсии худ моҳирона истифода барем ва манфиатҳои миллию истиқлолии давлатро ҳифз намоем.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ азнавсозии сохтори иҷтимоии ҷомеа ногузир аст, зеро давлат бе истифодаи дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва иртиботии ҷаҳонӣ пеш рафта наметавонад, аммо дар ин раванд бояд роҳҳои самараноки ҳифзи фарҳанг, арзишҳо ва ҳувияти миллӣ пайдо карда шаванд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

пайваста таъкид менамоянд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ ҳифзу таҳкими ҳувияти миллӣ ва посдории арзишҳои волои халқи куҳанбунёди тоҷик ба шумор меравад. Раванди ҷаҳонишавӣ сарфи назар аз паҳлуҳои мусбати худ, инсониятро ба фазои мураккаби ҳамгироӣ, бархӯрди арзишҳо ва таъсири фарҳангҳои гуногун ворид намудааст. Ба андешаи Роҳбари давлат, ин ҳолат зарурати ҳифзи ҳувият ва арзишҳои миллиро бамаротиб мубрам мегардонад: «Мо ҳамчун миллати қадима ва фарҳангӣ ҳаргиз мухолифи ҳамдигарро шинохтани фарҳангу тамаддунҳои мухталиф нестем. Баръакс, мо ҷонибдори гуфтугӯи тамаддунҳо ва истифода аз сарватҳои илмӣ ва дастовардҳои фарҳангии халқҳои Ғарбу Шарқ ба хотири таҳкими низоми дунявии давлати худ мебошем. Маҳз бо дарназардошти чунин воқеият фарҳангу арзишҳо ва ҳувияти миллии мо ба дастгирии ҳамаҷонибаи ҷомеа ва давлат ниёз доранд» [18].

Институти ҳуқуқ зуҳуроти тағйирпазир буда, давлат низоми ҳуқуқиро вобаста ба талаботи навини ҷомеа мувофиқ мегардонад. Зери мафҳуми «азнавсозии ҳуқуқ» инъикоси дастоварҳои пешқадами ҳуқуқии ҷаҳонӣ ва талаботи навини ҷомеа дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави иҷтимоӣ, истифодаи самараноки ҳуқуқ дар идораи ҷомеа (махсусан, дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва дунявӣ), тағйири шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон вобаста ба рушди ҷомеа фаҳмида мешавад. Ҳуқуқ воситаи асосии азнавсозии дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ буда, барои ин раванд роҳро мекушояд ва монеаҳоро бартараф мекунад.

Азнавсозии ҳуқуқ инъикоси раванди ҳама гуна дигаргуниҳои прогрессивӣ ва пешрафт дар соҳаи ҳуқуқ, бартараф сохтани зиддиятҳои мавҷуда дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мутобиқ намудани низоми ҳуқуқӣ ба дастовардҳои ҳуқуқии ҷаҳонист, ки дар такмили низоми ҳуқуқии ҷомеа, рушди қонунгузорӣ, амали самараноки ҳуқуқ ва дигар зуҳуроти ҳуқуқӣ ифода меёбад. Ба ибораи дигар, азнавсозии ҳуқуқ раванди тағйири огоҳона, мақсаднок ва сифатии низоми ҳуқуқӣ буда, бо дарназардошти таҷрибаи

муфиди миллӣ ва умумиҷаҳонӣ, инчунин, талабот ва манфиати шаҳрвандон амалӣ мегардад

Ҳуқуқ яке аз воситаҳо ё абзори асосии азнавсозист, зеро ба пайдоиши субъектҳои иҷтимоии раванди азнавсозӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, ҳуқуқ худ объекти раванди азнавсозӣ ба ҳисоб меравад, зеро бе азнавсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои иҷтимоии навпайдошуда ва тағйироти ҷомеаро ба танзим ва тартиб даровардан ғайриимкон аст. Низоми ҳуқуқии ҷомеа дар он ҳолат устувор арзёбӣ мегардад, ки агар муносибатҳои нави иҷтимоиро саривақт танзим ва зери назорат гирифта тавонад. Барои он ки ҳуқуқ ба тағйири ҷомеа таъсир расонад, бояд худи он низ такмил ёбад ва аз ин лиҳоз, ҳамчун объекти азнавсозӣ баромад мекунад. «Ҳуқуқ маҳсули ҷомеа аст ва бояд ба тағйироти ҷомеа мутобиқ шавад» [303, с. 33]. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ҳам субъект ва ҳам объекти азнавсозист: «Ҳуқуқ олоти асосии давлат барои азнавсозии ҳамаи низоми ҷамъиятист ва ҳамзамон бо ин, ҳуқуқ ба сифати объекти азнавсозӣ баромад менамояд» [236, с. 56].

Раванди ҷаҳонишавӣ тавассути ҳуқуқ ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа таъсир мерасонад, дар заминаи ҳуқуқ ҳамкориҳои байнидавлатӣ ба роҳ монда мешаванд. «Ҳуқуқе, ки аз қадим дар ҷустуҷӯи ҳақиқат, адолат ва табиати инсон буд, имрӯз ҳамчун нуктаест, ки ба умумият ва ягонагии инсон часпида, заминаи ҷаҳонишавии манфиат мегардад» [179, с. 38-39]. Аз тарафи дигар, кишварҳои абарқудрат тавассути ҳуқуқ, махсусан, зери шиори ҳуқуқи инсон, демократия ва озодӣ ба ҳудуди давлатҳои миллӣ ворид ва ба корҳои дохилии онҳо дахолат намуда, бо ин восита манфиату мақсадҳои хешро роҳандозӣ мекунанд. Ҷаҳонишавии ҳуқуқ ботадриҷ тафовути халқу миллатҳоро аз байн мебарад ва дар ҷаҳон арзишҳои ҳуқуқии умумибашариро паҳн менамояд, ки ба соҳибихтиёрии миллӣ ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Низоми қонунгузории давлатҳои миллии имрӯза зери таъсири раванди ҷаҳонишавии ҳуқуқ қарор дорад, тавассути қонунгузорӣ мақсаду манфиатҳои

давлатҳои мутараққии Ғарб роҳандозӣ ва ба ҳувияти миллӣ таҳдид менамояд. Ҳамзамон, «қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ҳамчун санадҳои намунавӣ ба мо пешниҳод мешаванд, на ҳамеша ба руҳия, ба табиати миллӣ ва манфиатҳои мардуми соҳибихтиёри тоҷик ҷавобгӯ мебошанд: ин таҳдид ба ғояи ҳуқуқи миллӣ, таҳдид ба ифтихори миллати дорои таърихи зиёда аз сеҳазорсола, ин таҳдид ба истиқлолияти давлат аст» [110, с. 35].

Ҷанбаҳои мусбати ҷаҳонишавии ҳуқуқ дар он зоҳир мегарданд, ки меъёр ва арзишҳои пешқадами ҳуқуқӣ ба низомҳои ҳуқуқии давлатҳои миллӣ ворид шуда, кишварҳо аз таҷрибаи муваффақи ҳуқуқии якдигар самаранок истифода мебаранд ва бо дарназардошти талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ ва тамоюлҳои рушди ҳуқуқи ҷаҳонӣ раванди азнавсозии низоми ҳуқуқии худро амалӣ менамоянд. Дар раванди ҷаҳонишавӣ давлатҳои демократӣ аз таҷриба ва дастовардҳои пешқадами ҳуқуқии якдигар истифода мебаранд ва низоми ягонаи ҳуқуқӣ шакл мегирад. В.В. Денисенко масъалаҳои тағйир ва азнавсозии ҳуқуқиро дар ҷомеаи муосир таҳлил намуда, ба хулосае расидааст, ки дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ раванди бетанаффуси ташаккули фазои ягонаи иҷтимоию меъёрӣ идома дорад. Дар ин раванд меъёрҳои нави ҳуқуқӣ ба миён меоянд, ки ба талаботи нави ҷомеа ҷавобгӯанд: «Албатта, ташаккули ҳуқуқ, ки ҷузъи таркибии азнавсозии иҷтимоист, тағйири қонунигардониро тақозо дорад, аммо дар раванди ин тағйирот бояд таҷрибаи иҷтимоӣ ба инобат гирифта шавад» [227, с. 50].

Ҷомеашиносони рус О.Ю. Рибаков оқибатҳои азнавсозии ҳуқуқиро дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ таҳқиқ намуда, зарурати мутобиқати арзишҳои бунёдии ҳуқуқиро ба шароити нави озодии иттилоотии инсоният махсус таъкид кардааст. Ба андешаи муҳаққиқ, дар раванди азнавсозии ҳуқуқӣ бояд «ҳалли мушкилоти ҷаҳонии ҷомеаи иттилоотӣ ва рафъи «нобаробарии рақамӣ» (нобаробарии шаҳрвандон дар дастрасӣ ба технологияҳои муосири алоқаи рақамӣ ва хизматрасонии онҳо) таҳия шавад» [282, с. 109-110; 237, с.

222], зеро ҳуқуқи ояндаро «рақамисозии умумӣ, алгоритмизатсия ва маълумоти зиёд» муайян месозад [231, с. 9].

Раванди азнавсозии ҳуқуқ бояд тадриҷӣ сурат гирад, пайвастагӣ бо низоми ҳуқуқии қаблии ҷомеа ва меросияти ҳуқуқиро гум накунад, зеро «идеяи асосии азнавсозӣ дар он зоҳир мешавад, ки тараққиёти иқтисодӣ ва технологӣ дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсиро ба миён меоранд ва ин дигаргуниҳо ба тағйироти куллии арзишҳо ва анъанаҳо бурда мерасонанд» [60]. Ба ақидаи муҳаққиқи соҳа А.В. Белинкова, «азнавсозии ҳуқуқ тағйироти сифатӣ дар низоми ҳуқуқии мавҷуда буда, аз таҷрибаи низомҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ истифода бурда, ҳамзамон бо ин, меросиятро дар рушди низоми ҳуқуқии худ нигоҳ медорад» [328, с. 11]. Ӯ ҳуқуқро воситаи асосии татбиқи сиёсати давлат ва раванди азнавсозии ҷомеа арзёбӣ намуда, нақши онро дар раванди азнавсозии ҷомеа ва давлат хеле назаррас ҳисобидааст. Аз дидгоҳи муҳаққиқ, ҳуқуқ вазифаи асосии ҳар гуна азнавсозиро иҷро карда, ба ташаккули субъектони иҷтимоии ин раванд мусоидат менамояд.

Рушди ҷомеаи саноатӣ боиси тағйироти фарҳангӣ ва дур шудан аз низоми арзишҳои анъанавӣ мегардад. Сатҳи рушди иқтисодӣ арзишу анъанаҳои ҷомеаро муайян мекунад, бо пешрафти иқтисодӣ дар эътиқод ва арзишҳои иҷтимоӣ дигаргуниҳо рӯй медиҳанд. Дар байни сатҳи рушди иқтисодӣ ва ташаккули ҷомеаи демократӣ ҳамбастагии мутақобила вуҷуд дорад, зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мутараққӣ институтҳои демократӣ рушд ёфтаанд.

Ҳуқуқшинос Д.С. Раҳмон азнавсозии низоми ҳуқуқии миллиро натиҷаи ногузири равандҳои ҷаҳонишавӣ номида, дар ин бора чунин назар дорад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ зери таъсири ин равандҳо, аз ҷумла ҷаҳонишавии ҳуқуқ қарор дорад, ки дар ниҳоят ба универсализатсияи ҳуқуқи инсон оварда мерасонад ва ин бешубҳа, бе таъсири меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ сурат намегирад» [278, с. 9]. Ба андешаи донишманд, кишварамон шартномаҳои байналмилалиро тасдиқ

намуда, ҳамзамон, уҳдадор мегардад, ки ин меъёрҳоро бо низоми ҳуқуқии миллӣ мутобиқ сохта, мухолифатҳои байни онҳоро бартараф намояд. Инчунин, азнавсозии низоми ҳуқуқии миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ раванди бетанаффус ва беохир аст, зеро меъёрҳои ҳуқуқӣ ва низоми ҳуқуқӣ бояд бо ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста дар ҳоли рушд ва ҳамоҳанг бошанд.

Ба сифати субъектҳои азнавсозии ҳуқуқ, пеш аз ҳама, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандони фаъолу ташаббускор амал менамоянд. Дар азнавсозии ҷомеа нақши пешбарандаро давлат ва мақомоти асосии он мебозад, зеро меъёрҳои ҳуқуқиро маҳз давлат муқаррар, тасдиқ ва назорат менамояд, дар самти танзим ва рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа аз ҳуқуқ васеъ истифода мебарад. Аммо давлат барои мувофиқ ба талабот ва воқеияти ҷомеа азнавсозии ҳуқуқ ниёз ба дастгирии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон дорад. Дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳимтарин субъекти азнавсозии ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Ташаббуси азнавсозии меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқ асосан аз тарафи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод мешаванд. Дар Тоҷикистон ҳоло институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар он сатҳе рушд накардаанд, ки ҳамчун субъекти комили азнавсозии ҳуқуқ амал кунанд.

Муваффақият дар азнавсозии ҳуқуқ, дар навбати аввал ба шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, баъдан, ба мувофиқати мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба талаботи одамон ва шуури ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Инчунин, азнавсозии бомуваффақияти низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба ҳувияти миллӣ вобастагӣ дорад, зеро дар ҳувияти ҳар як миллат қолабҳои рафтор, таҷриба ва хотираи таърихие ҳифз шудаанд, ки ба рушди он миллат мусоидат мекунанд. Маҳз ҳувияти миллӣ асоси шуур ва маданияти ҳуқуқии ҳар як миллатро ташкил медиҳад, зери таъсири ҳувияти миллӣ тасаввуроти миллат нисбат ба ҳуқуқ ва нақши он дар ҷомеа пайдо мешавад.

Аз ин рӯ, имрӯз зарурате ба миён омадааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ низоми ҳуқуқии Тоҷикистон бояд ба фазои ҳуқуқии ҷаҳонӣ ҳамоҳанг ва пайваст шавад, зеро таҷриба ва маданияти ҳуқуқии давлатҳои пешрафтаи демократӣ барои рушди қонунгузории миллӣ ва такмили сиёсати ҳуқуқии давлат мусоидат менамоянд. Ҳангоми қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамгироии низоми ҳуқуқии миллӣ бо фазои ҳуқуқии ҷаҳонӣ бояд манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ, хусусиятҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ, таҷрибаи ҳуқуқии миллӣ, афкори боғановати ҳуқуқии ниёгон ва дар маҷмуъ, ҳувияти ҳуқуқӣ ва таърихии миллат ба инобат гирифта шаванд.

Ҳамгироии ҳуқуқи миллӣ бо ҳуқуқи байналхалқӣ низ бояд вобаста ба хусусиятҳои миллӣ амалӣ гардад, зеро таҷриба собит менамояд, ки нусхабардории ҳуқуқи байналхалқӣ бе дарназардошти меъёрҳои одатӣ ва ҳуқуқии миллӣ самараи дилхоҳ намедиҳад. Дар қонунҳо инъикос гардидани таҷрибаи пурғановати ҳуқуқии ниёгон барои қонунпазирии шаҳрвандон ва таъсирнокии меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Ҷомеашиноси рус Т.В. Шатковская дар ин маврид хело бомаврид навиштааст: «Ҳуқуқ ба ҳифзи адолат, сулҳи иҷтимоӣ ва мувозинати иҷтимоӣ нигаронида шудааст ва бояд аз анъанаҳо, ки шаклҳои табиии ҳамзистии одамони наслҳои гуногун ва воситаҳои эътирофшудаи ҳамоҳангсозии ҷомеа мебошанд, озод набошад» [316, с. 56].

Ҳуқуқшинос Г.С. Азизкулова ба раванди қабули принсипҳо ва институтҳои ҳуқуқию сиёсии низоми ҳуқуқии давлатҳои мутараққии Ғарб таваҷҷуҳ намуда, нисбат ба мувофиқати онҳо ба шароити Тоҷикистон андешаи худро дорад. Муҳаққиқ бар ин назар аст, ки на ҳамаи меъёр ва принсипҳои ҳуқуқии кишварҳои ҳуқуқӣ ба воқеияти имрӯзаи Тоҷикистон мувофиқат мекунанд: «Ба сифати мисол моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Халқ сарчашмаи ҳокимият аст»-ро овардан кифоя аст. Категорияи халқ гуфта, ҳамаи халқ дар назар дошта мешавад? Охир, маълум аст, ки ноболиғон, маҳбусон, хориҷиён, шахсони бешаҳрванд ба ин мафҳум

шомил нестанд. Илова бар ин, агар одамон, махсусан, идоракунандагон объекти муносибатҳои ҳокимият бошанд, ин нодуруст аст, зиёда аз он, оё идорашавандагон манбаи соҳибихтиёрӣ ва ҳокимият буда метавонанд? ... Сарчашмаи ҳокимият танҳо интихобкунандагони фаъол ҳастанд» [197, с. 10-11].

Аз назари Г.С. Азизкулова, дар таърихи халқи тоҷик марҳилаҳои гуногуни рушду таназзули давлат вуҷуд доштанд ва мувофиқ ба онҳо шуур ва маданияти ҳуқуқӣ рушд ёфтаанд. Гузаштагони тоҷик ба дини Зардуштия ва ҳуқуқи зардуштӣ майл доштанд, он замон соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ рушд ёфта буд. Пас аз таназзули ҳуқуқи зардуштӣ ба шуур ва маданияти ҳуқуқии халқи тоҷик ҳуқуқи сулолаи кушонӣ, сосонӣ, ҳуқуқи исломӣ, ҳуқуқи давраҳои ҳукумронии Чингизхону Темур, ҳуқуқи Россияи подшоҳӣ ва ҳуқуқи шуравӣ таъсири назаррас расониданд: «Шуури ҳуқуқӣ, баъдан, маданияти ҳуқуқиро дар чунин гуногунрангӣ пурра аз худ кардан ғайриимкон буд, ки ҳолати шуури ҳуқуқии зиддиятнок ва ноустувори моро мефаҳмонад» [197, с. 10-11]. Аз назари ҳуқуқшинос, бо ин сабаб, дар байни аҳолии Тоҷикистон одатҳои ҳуқуқӣ (анъанаҳои никоҳ, ҳаром, ҳалол, ҳашар ва ғайра) паҳн гардидаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ибтидои истиқлоли давлатии кишварамон ба масъалаи азнавсозии низоми ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Сарвари давлат дар ҳар як вохӯрии хеш бо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъкид менамоянд, ки ҷаҳони имрӯза босуръати баланд ба самти тамаддуни иттилоотӣ, пешрафтҳои илму техника ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, инчунин, рақобатҳои шадиди иқтисодию тиҷоратӣ ҳаракат дорад. Аз ин рӯ, низоми ҳуқуқии Тоҷикистон низ бояд ҳамқадами замон бошад, ба равандҳои рушди ҷомеа мутобиқ гардад ва ба талаботу меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷаҳони муосир ҷавобгӯ бошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханронии хеш

оид ба ин масъала чунин ибрози назар намуда буданд: «Аз ин рӯ, сиёсати қонунгузорӣ баробари ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ бояд ба талаботу меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави иқтисодӣ, махсусан, фаъолияти бозаргонӣ ва соҳибкорӣ мутобиқ гардад. Гузашта аз ин, дар сиёсати қонунгузорӣ ба инобат гирифтани мутобиқат ва ҳамоҳангии қонунҳо, аз байн бурдани мухолифати асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва дар маҷмуъ таъмин кардани фазои муштараку ягонаи қонунгузорӣ зарур аст. Яке аз вазифаҳои муҳимми парламенти Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва қабули қонунҳои нав ба эътибор гирифтани сифату самаранокии онҳо дар шароити ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, пешрафти ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа, таҳлилу пешгӯӣ, мутобиқат ва амалӣ гардидани қонунҳо дар шароити Тоҷикистон мебошад» [22].

Яке аз самтҳои азнавсозии ҳуқуқ дар Тоҷикистон рақамикунонии ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Рақамикунонии ҳуқуқ ҳамчун як раванди муосири рушди низоми ҳуқуқӣ маънидод гардида, фарогири ворид намудани технологияи рақами ба тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ва фаъолияти ҳуқуқист. Мазмуни асосии он дар баланд бардоштани шаффофият, самаранокии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа, истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар равандҳои таҳия, ҳифз, шарҳу тафсир ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, дастрасии шаҳрвандон ба маълумоти ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Дар натиҷаи рақамикунонии ҳуқуқ ҳукумати электронӣ ташаккул меёбад, хизматрасониҳои давлатии онлайнӣ ба роҳ монда мешаванд, шаҳрвандон озодона ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дастрасӣ пайдо намуда, арзу муроҷиати худро дар шакли электронӣ пешниҳод менамоянд, гардиши электронии ҳуҷҷатҳо амалӣ мешавад, равандҳои ҳуқуқӣ шаффоф ва самаранок мегарданд. Рақамикунонии ҳуқуқ расмиёти маъмуриро сода мегардонад, самаранокии идоракуниро баланд мебардорад, фазои ҳуқуқиро шаффоф мегардонад, аз ҳама муҳим, ба амалҳои коррупсионӣ монеа мегардад. Ҳоло зеҳни сунъӣ

босуръати баланд рушд менамояд ва дар оянда раванди рақамикунонии ҳуқуқро метезонад.

Барои азнавсозии ҳуқуқ, пеш аз ҳама, бояд дар ҷомеа талабот ба дигаргунсозии ҳуқуқ ба миён ояд. Ин талабот аз тарафи шаҳрвандон, махсусан, намояндагони синфи миёна бояд пешниҳод шаванд. Аз ин рӯ, барои азнавсозии ҳуқуқ шаҳрвандони дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ лозиманд, то талабот ва манфиати ҳуқуқии худро ба субъекти асосии ҳуқуқ – давлат пешниҳод карда тавонанд. Баъдан, азнавсозии ҳуқуқ ҷалби захираҳои зиёд, мисли фаъолгардонии имконоти шаҳрвандон ва сохтори ҷомеаи шаҳрвандиро талаб менамояд. Заифии институтҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба азнавсозии ҷомеа, аз ҷумла азнавсозии ҳуқуқӣ монеа мегарданд.

Муҳимтарин унсури азнавсозии ҳуқуқ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, азнавсозии фаҳму тасаввуроти ҳуқуқӣ ё ба ибораи дигар азнавсозии шуури ҳуқуқии мардум ба ҳисоб меравад. Замоне фаро расидааст, ки тавассути азнавсозиҳо ва ислоҳоти ҳуқуқӣ қолабҳои шахшудаи фикрии мардум нисбат ба ҳуқуқ шикаста шаванд, бояд ҳуқуқ дар ҷомеа мақоми сазоворро соҳиб шавад, шаҳрвандон ба волоияти ҳуқуқ ва қонун эътимод ва эҳтиром пайдо кунанд, дар асоси нишондодҳои қонунҳо амал карда, бо қонун худро муҳофизат намоянд. Захираи асосии азнавсозии ҳуқуқӣ сармояи инсонист.

Раванди азнавсозии ҳуқуқ ба рушди шуур, маданият ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, махсусан, ҳуқуқшиносони касбӣ вобастагӣ дорад. Маҳз ҳуқуқшиносони касбӣ пеш аз ҳама зарурати азнавсозии ҳуқуқ ва ба фазои ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ намудани ҳуқуқи миллиро дарк менамоянд ва дар ислоҳоти ҳуқуқӣ саҳми шоиста мегузоранд. Баъдан, давлати ҳуқуқбунёд маҳз дар заминаи сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, қонунпазирии онҳо ва эътирофи арзишмандии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Дар чунин шароит азнавсозии ҳуқуқ аз волоияти ҳуқуқ, қонуният ва ҳукумронии қонун дар ҷомеа оғоз гардида, манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро муҳофизат менамояд. Азнавсозии ҳуқуқ имкон медиҳад, ки

ҳуқуқ замонавӣ, босифат, самаранок ва татбиқшаванда бошад, инчунин, ба тараққиёти ҷомеа ва беҳбудии ҳаёти шаҳрвандон мусоидат намояд.

Азнавсозии ҳуқуқ ба такмили ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, рушди ҷаҳонбинӣ, касбият, маълумотнокии шаҳрвандон ва рушди ҷомеа мусоидат менамояд. Муваффақиятҳои ин раванд, пеш аз ҳама, ба сатҳи шуур ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон вобаста буда, ҳамзамон, аз дараҷаи мутобиқати мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба эҳтиёҷоти аҳолӣ ва шуури ҷамъиятӣ низ алоқамандии зич дорад.

Бояд таъкид намоем, ки азнавсозии ҳуқуқ бевосита ба ислоҳоти ҳуқуқӣ алоқамандӣ дорад, зеро агар давлат бо дарназардошти рушди ҷомеа ва талаботи нави иҷтимоӣ саривақт ислоҳоти ҳуқуқӣ нагузаронад, муносибатҳои нави иҷтимоӣ аз танзими ҳуқуқӣ берун монда, ба рушди ҷомеа монеа мегарданд. Хушбахтона, дар Тоҷикистон ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавассути барнома ва стратегияҳои ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд ва қонунҳо муносибатҳои нави иҷтимоиро танзим менамоянд. Дар ин замина, азнавсозии ҳуқуқ танҳо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда набуда, балки он мутобиқсозии ҳуқуқ ба амсилаҳои нави рушди ҷомеаро ифода менамояд. Дар чунин шароит барои ташаббусу фаъолияти нави иҷтимоию иқтисодӣ роҳ кушода ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тақвият дода мешавад.

Хулоса, азнавсозии ҳуқуқ ҳамчун яке аз равандҳои муҳимми рушди ҳуқуқии ҷомеаи муосир ба такмили низоми ҳуқуқӣ, мутобиқ намудани он ба талаботи нави ҷомеа ва ҳамоҳангсозӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ равона гардидааст. Маҳз азнавсозии ҳуқуқ имконият медиҳад, ки ҳуқуқ вазифаҳои иҷтимоии худро самаранок иҷро кунад ва дар навбати худ ба азнавсозии ҷомеа роҳ кушояд. Дар ин раванд муҳим аст, ки ҳуқуқ бо дарназардошти фарҳангу ҳувияти миллӣ ва дастоварду арзишҳои ҳуқуқии байналмилалӣ азнавсозӣ шуда, ба рушди устувори ҷомеа мусоидат намояд.

3.2. Ҳамбастагии татбиқи ҳуқуқ ва ташаккули синфи миёна дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон

Рушди илму техника ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, пешрафти истеҳсолоти саноатӣ, ташаккули бахши хизматрасонӣ, низоми нисбатан кушодаи табақабандии иҷтимоӣ, фарогир гардидани таҳсилот, муҳайё шудани имконоти ҷойивазкунии иҷтимоӣ, густариши раванди ҷаҳонишавӣ ва афзоиши нақши сармояи инсонӣ дар рушди ҷомеа ба ташаккули табақа ё синфи миёна мусоидат намуданд. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки дар байни ҳуқуқ ва синфи миёна ҳамбастагии мусбати устувор вуҷуд дорад, зеро амали самараноки ҳуқуқ ба ташаккули синфи миёна мусоидат мекунад ва ҳамзамон, рушди устувори синфи миёна ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ шароити мусоид фароҳам меорад.

Воқеан, амалисозии босамари ҳуқуқ, рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технологияҳои муосир, дастовардҳои илмӣ ва ваҳдати миллӣ то андозае ба устувории синфи миёна вобастагии зиёд доранд. Дар шароити муосир давлатҳое, ки рушди устувор ва сатҳи зиндагии шоистаю сазовори шаҳрвандони худро таъмин карда тавонистаанд, намояндагони синфи миёна аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд. Дар давлатҳои мутараққии демократию ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ то 60-70%-и аҳолӣ ба синфи миёна мансубанд. Баъдан, ташаккули синфи миёна дар ҷомеа ҳамчун яке аз нишондиҳандҳои муҳимми ҷомеаи мутамаддини замони муосир арзёбӣ гардида, ифодагари самти дурусти сиёсати давлат ва рушди босуботи низоми ҳуқуқии ҷомеа ба шумор меравад.

Синфи миёна дар ҳама давру замон вуҷуд дошт, аммо меъёрҳои муайяннамоӣ, шумора, ҳаҷм ва хусусиятҳои он вобаста ба сатҳи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа фарқ мекард. Бешак, бо пешрафти ҷомеа дар баъзе аз давлатҳои ҷаҳон афзудани шумораи бесобиқи намояндагони синфи миёна ба мушоҳида мерасад. Президенти Федератсияи Россия В.В. Путин дар мақолаи пешазинтихоботии худ афзоиши ҳиссаи синфи миёнаро ҳамчун

нишондиҳандаи муҳимми муваффақияти рушди ҷомеа арзёбӣ намуда, духтурон, муаллимон, муҳандисон ва дигар коргарони тахассусмандро намояндагони афзудаистодаи ин табақа ҳисобидааст. Ба андешаи сиёсатмадор, «тайи 10 соли охир дар Россия як табақаи қобили мулоҳизае ташаккул ёфтааст, ки дар Ғарб ба синфи миёна шомил мешаванд. Даромадашон ба онҳо имконият медиҳад, ки дар доираи хеле васеъ интихоб кунанд – харҷ ё сарфа кунанд, чиро харид кунанд ва чӣ гуна истироҳаташонро ба роҳ монанд. Онҳо кори писандидаашонро интихоб карда метавонанд, пасандозҳои муайян доранд» [373].

Ҳанӯз Арасту дар асараш «Сиёсат» навишта буд, ки барои ҳокимият одамони аз ҳад сарватманд манфиатовар нестанд, зеро ба ҳокимият таҳдид менамоянд, одамони аз ҳад камбизоат низ бо норозигию эътирозҳои худ ҳокимиятро заиф месозанд, ҳамзамон бо ин, нобаробарии аз ҳад зиёди иҷтимоӣ барои давлат хатар дорад. Беҳтаринҳо шахсонеанд, ки аз ҳад сарватманд ва аз ҳад камбизоат нестанд. Арасту дар иртибот бо ин масъала чунин навишта буд: «Беҳтарин муошрати давлатӣ он аст, ки ба воситаи миёнаҳо ба даст меояд ва он давлатҳо сохтори хуб доранд, ки дар онҳо миёнаҳо ба шумораи бештар намояндагӣ мекунанд» [38, с. 508]. Дар таълимоти Арасту ба намояндагони синфи миёна шахсони озод таваллудшуда, яъне шаҳрвандони Афина дохил шудаанд.

Пас аз пайдоиши илми сотсиология мутахассисони классикӣ ба масъалаи синфи миёна ва нақши он дар сохтори иҷтимоии ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Масалан, сотсиологи олмонӣ М. Вебер намояндагони синфи миёна афродеро медонад, ки моликияти муайянро соҳиб гаштаанд ё дар бозори меҳнат рақобатпазиранд. Ба андешаи ӯ, ба синфи миёна деҳқонон ва косибони мустақил низ бояд дохил шаванд. Одатан, ба ин гурӯҳи иҷтимоӣ хизматчиёни давлатӣ, кормандони бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ва намояндагони касбҳои озод мансуб дониста мешаванд [220, с. 147].

Намояндагони синфи миёна дорои касбу ихтисосҳои гуногун буда, аз нигоҳи баромади иҷтимоӣ ва сатҳи фарҳангӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Онҳо тавассути таҳсилоти босифат, сатҳи баланди тахассусмандӣ, қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити иқтисоди бозоргонӣ, сатҳи баланди шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ, таваккали огоҳона ва дигар сифатҳои шахсӣ шароити хуби иқтисодиро соҳиб гашта, сатҳи муносиби зиндагиро барои худ ва аъзои оилаашонро фароҳам овардаанд. Чунин афрод бо сабаби дараҷаи баланди тахассусмандӣ, маҳорати касбӣ ва руҳияи ташаббускорӣ дар бозори меҳнат мавқеи устувор дошта, барои таъмини зиндагии худ имконияти кофӣ пайдо намудаанд.

Синфи миёна пайваста аз намояндагони синфи болоӣ (ҳангоми нобарорӣ дар пеша ва касбу кор) ва синфи поёнӣ (талошҳои шабонарӯзӣ ва кӯшишҳои бобарор дар ихтисос ва ҷои кор) таҷдид мегардад. Таркиби намояндагони синфи миёна вобаста ба хусусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон фарқ менамояд. Дар ҷомеаи анъанавии мо синфи миёна бештар на шахси алоҳида, балки оила ё хонаводаро фаро мегирад. Ба намояндагони синфи миёна мутахассисони соҳибистеъдод, кормандони сатҳҳои поёнии низоми маъмурӣ ва идоракунӣ, соҳибкорону тоҷирони хурду миёна, менеҷерон, муҳандисон, кормандони соҳаи хизматрасонӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ, ходимони илмӣ ва техникӣ, қисми муайяни деҳқонону фермерҳои муваффақ, ҳамчунин, намояндагони қишри зиёӣ мансуб дониста мешаванд.


Бо вуҷуди ин, муҳаққиқон то имрӯз дар масъалаи муайян намудани меъёрҳои умумию дақиқи мансубияти шахс ё оила ба синфи миёна ба як хулосаи ягона нарасидаанд, зеро ҳар як давлат вобаста ба хусусиятҳои миллӣ ва сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ меъёрҳои хоси худро дорад. Имрӯз аксари муҳаққиқон ҳангоми муайян намудани ҳиссаи синфи миёна дар сохтори табақабандии иҷтимоӣ як қатор нишондиҳандаҳоро ба инобат мегиранд. Ба ин нишондиҳандаҳо сатҳи муайяни даромади иқтисодӣ, мавҷудияти

моликияти хусусӣ, ҳаҷми сабади истеъмолӣ, сатҳи таҳсилот, тарзи зиндагӣ ва фарҳанги истеъмолӣ, худбаҳодиҳии шахс, арзишҳои сиёсӣ, қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Баъзан барои муайян намудани ҳиссаи намояндагони синфи миёна дар низоми табақабандии иҷтимоӣ аз меъёри «худбаҳодиҳӣ» истифода мебаранд, аммо натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки на ҳама вақт одамон камбизоатии худро эътироф мекунанд. Ҳангоми пурсишҳои сотсиологӣ худро аз дигарон кам наҳисобида, ба табақаи миёна мансуб медонанд. Ё баръакс, баъзеҳо даромади кофии иқтисодӣ ва шароити хуби зиндагӣ доранд, аммо худро камбизоат мешуморанд. Масалан, тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологие, ки соли 2022 аз ҷониби мутахассисони шубаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронида шудааст, қисмати зиёди мусоҳибон (83,3%) худро ба табақа ё синфи миёна мансуб медонанд. Инчунин, вазъи моддии оилаи худро 15,6%-и мусоҳибон хеле хуб, 40,3% – хуб, 41,3% – миёна, 2,1% – бад ва 0,4% – хеле бад арзёбӣ намуданд *(нигаред ба расми 4)* [184, с. 57, 60].

Расми 4.


Мансубияти мусоҳибон ба табақаҳои иҷтимоӣ *(n=1100, %)*



Бо мақсади ошкорсозии вазъи воқеии иҷтимоию иқтисодии мусоҳибон ин савол тағйир дода шуда, ба мусоҳибон пешниҳод гардид. Таҳлили натиҷаҳои он нишон дод, ки маблағ ва даромади иқтисодии 2,5%-и мусоҳибон ҳатто ба харидории маҳсулоти ғизоӣ кифоя нест. Тақрибан 17%-и мусоҳибон таъкид намудаанд, ки даромадашон танҳо барои таъмини маҳсулоти хӯрока мерасад, аммо барои харидории либос маблағи зарурӣ надоранд. Қариб нисфи мусоҳибон, яъне 48,4% изҳор доштанд, ки даромади иқтисодии онҳо барои таъминоти эҳтиёҷоти рӯзмарра, аз ҷумла хариди маводи ғизоӣ ва либос кофӣ мебошад, вале имкони харидории молҳои гаронбаҳо, аз қабили телевизор ё яхдони навро надоранд *(нигаред ба расми 5)* [183, с. 28].

Расми 5.

Вазъи моддии оилаи мусоҳибон *(умумӣ, n=600, %)*



Аз назари Ш. Шоисматуллоев, дар Тоҷикистон то имрӯз меъёри ягонаи миллӣ барои муайян намудани намояндагони синфи миёна вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, омори дақиқи онҳо пешниҳод намегардад. Муҳаққиқ соҳибкорони хурду миёна, менеҷерони ширкатҳои ватаниву хориҷӣ, инчунин, мутахассисони касбии соҳаҳои гуногунро, ки ба шароити нави иқтисодӣ мутобиқ шуда тавонистаанд, ба синфи миёна мансуб донистааст.


Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии умумиҷумҳуриявие, ки дар китоби донишманди тоҷик Ғ.Ғ. Қаҳҳоров «Синфи миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ташаккул ва рушди оянда» пешниҳод шудаанд (соли 2013), вобаста ба меъёрҳои даромаду хароҷот, таъминот бо манзил, мавҷудияти пасандоз ва имконияти истироҳат ва ғайра синфи миёна дар Тоҷикистон 13,1%-ро ташкил медодааст. Ҳамзамон, синфи миёнаи зинаи баланд 7,1% ва синфи миёнаи зинаи паст 11,6% арзёбӣ гардидааст [95, с. 88].

Соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул гардид ва дар ин ҳуҷҷати муҳим омадааст, ки соли 2015 ҳиссаи табақаи миёна дар Тоҷикистон ба 22,4% баробар буд ва мувофиқи пешбиниҳо табақаи миёна соли 2020 то ба 30%, соли 2025 ба 40% ва соли 2030 то ба 50% расонида мешавад *(нигаред ба расми 6)* [14, с. 96]. Агар ҳадафҳои ин Стратегия мувофиқи нақша иҷро шаванд,

пас соли 2030 намояндагони табақаи миёна дар Тоҷикистон ба 50% рафта мерасад.

Расми 6.

Динамикаи афзоиши ҳиссаи табақаи миёна дар Тоҷикистон *(%)*



Синфи миёна дар ҷомеа як қатор вазифаҳои муайян ва мушаххасеро иҷро менамояд, ки аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо ҳифз ва нигоҳдории фарҳанги миллӣ, тарғиби тарзи зиндагии солим, ҳифзи арзиш ва меъёрҳои муфиди иҷтимоӣ, сарчашмаи муҳимми маблағгузори дохилӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, нигоҳдорандаи арзишҳои оилавӣ, қонунпазирӣ, таҳкими арзишҳои демократия, ҳамгироии иҷтимоӣ ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини синфи миёна нигоҳдошти мувозинат ва устувории ҷомеа мебошад. Маҳз бо ин сабаб, синфи миёна сутунмӯҳраи ҷомеа ва омили рушду суботи давлат арзёбӣ мегардад. Муҳаққиқи соҳа А.Н. Севастянов дар ин масъала чунин навиштааст: «Ба синфи миёна табдил додани қисми асосии аҳолӣ гарави ҳама гуна табаддулоти иҷтимоист. Баробари афзудани синфи миёна, устувор шудан ва васеъ гаштан, неруи иҷтимоӣ низ меафзояд. «Беҳтараш ҷанг набошад!» – шиори дӯстдоштаи синфи миёна аст» [289, с. 148].

Дар ҳақиқат, шахси миёнаҳол ба мансабу вазифа талош намекунад, зеро вақташ намерасад, мутахассиси кори худ ва пайваста машғул аст. Намояндагони синфи миёна ҳудудҳои камбизоатиро маҳдуд мегардонанд, ботаҳаммул ва пуштибони сиёсати давлат ҳастанд, ба шарофати онҳо эҳтимоли сар задани инқилобҳо ва низоъҳои шадиди иҷтимоӣ кам мегарданд. Синфи миёна барои устувории низоми иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии давлат мусоидат менамояд, намояндагони он бо неруи худ зиндагонии худро пеш мебаранд ва сарбории давлат нестанд. Агар намояндагони синфи миёна қисми назарраси аҳолиро ташкил диҳанд, он гоҳ имконоти давлат барои ҳифзи иҷтимоии аҳолии эҳтиёҷманд бештар мегардад. Илова ба ин, намояндагони синфи миёна бо дарназардошти сатҳи нисбатан устувори зиндагии худ аз устувории низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа манфиатдор буда, барои ҳифзу таҳкими сулҳу оромӣ кӯшиш менамоянд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки намояндагони синфи миёна тарзи ҳаёти солимро интихоб мекунанд, истифодабарандагони асосии хизматрасониҳои фарҳангию фароғатианд. Онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол буда, тавассути ташкили корхонаҳои хурду миёна ба густариши истеҳсолоти миллӣ мусоидат менамоянд, дар шаҳру деҳот ҷойҳои нави кориро таъсис дода, дар ҳалли масъалаҳои шуғлмандии аҳолӣ ба давлат кумак мерасонанд ва дар рушди иқтисодиёти милли саҳми назаррас мегузоранд.

Синфи миёна дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа низ мавқеи намоёнро соҳиб аст. Чи хеле ки қаблан қайд намудем, миёни синфи миёна ва ҳуқуқ робитаи устувори мутақобила ва мутаносиб ба назар мерасад. Аз як ҷониб, ҳуқуқ барои рушди синфи миёна заминаи мусоид фароҳам месозад, аз ҷониби дигар, инкишофи синфи миёна ба татбиқи самараноки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намуда, ба паст гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ таъсири назаррас мерасонад. Муҳаққиқи соҳа С.И. Лошкарева-Имгрунт ҳангоми таҳлили нақши синфи миёна дар рушди ҷомеаи Россия чунин навиштааст: «Дар шароити афзудани аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқ, рафтори ҳуқуқии синфи миёна

ба гузариши ҷомеаи Россия аз ҳолати маргинализатсияи ҳуқуқ ба ҷомеаи воқеан бозоргонӣ ва институтҳои демократӣ мусоидат карда метавонад» [338, с. 5].

Синфи миёна дар навбати худ кафили рушди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон буда, барои бартараф сохтани нигилизми ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Давлатҳои мутараққии саноатӣ барои устувории ҷомеа ва амали самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ ба синфи миёна таваҷҷуҳи махсус доранд ва ба ин восита ба дастовардҳои азиме ноил мегарданд. Ба андешаи ҷомеашиноси рус А.Н. Данилов, «ташаккули синфи миёна роҳи беҳтарини иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, устуворгардонии ҷомеа, бартарафнамоии маргиналшавии аҳолӣ, ҳалли масъалаи камбизоатӣ ва коҳиши шиддати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад» [56, с. 22].

Волоияти ҳуқуқ дар ҷомеа низ бо рушди синфи миёна иртиботи зич дорад, зеро имконоти нисбатан беҳтари дастрасӣ ба таҳсил ва иштирок дар фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ боиси ташаккули ҷаҳонбинӣ, шуур ва фарҳанги ҳуқуқии намояндагони ин табақа мегарданд. Намояндагони табақаи камбизоат бинобар мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, ё паст будани сатҳи шуури ҳуқуқӣ даст ба қонуншиканӣ мезананд. Аз ҷониби дигар, бархе аз намояндагони табақаи болоӣ бо истифода аз мақоми иҷтимоӣ вазъи иқтисодӣ қонунҳоро поймол менамоянд. Дар чунин шароит маҳз намояндагони синфи миёна талаботи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро риоя намуда, аз поймол намудани онҳо манфиатовар нестанд. Онҳо дар муқоиса бо намояндагони дигар табақаҳои иҷтимоӣ ба риоя ва иҷрои талаботи қонунҳои амалкунанда майли бештар доранд. «Мувофиқи пурсиш (пурсиши сотсиологӣ – М.Ф.) имрӯз дар байни намояндагони синфи миёна бештари одамон бо ин бовар ҳастанд, ки қонунро бояд риоя кард, ҳатто агар ин қонун комил набошад ва ба вазъи кунунӣ комилан мувофиқат накунад» [166, с. 126, 128].

Намояндагони табақаи миёна муборизи роҳи озодӣ ва такягоҳи демократия ҳастанд. Бо зиёд гардидани ҳиссаи намояндагони синфи миёна дар

шароити иқтисоди бозоргонӣ барои рушди устувори давлати воқеан ҳуқуқбунёд, демократӣ ва шаҳрвандӣ заминаҳои мустаҳкам фароҳам мегарданд. Дар интихобот низ бештар намояндагони синфи миёна иштироки фаъолона нишон медиҳанд, бо масъулияти шаҳрвандӣ ба номзадҳои арзанда овоз медиҳанд ва бо ин васила дар ҳаёти сиёсии ҷомеа фаъолона ширкат меварзанд. Ба қавли Г.Г. Дилигенский, «синфи миёна воқеан, як қувваи ҳалкунанда дар демократияи муосир буда, устувории институтҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ва сиёсиро кафолат медиҳад» [61, с. 11].

Намояндагони синфи миёна нисбат ба дигар табақаҳои иҷтимоӣ аз ҳуқуқу озодиҳои худ бештар баҳравар мешаванд ва ё имконоти воқеии истифодаи онҳоро доранд. Ҳамзамон, онҳо дар таъсис ва фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолона иштирок менамоянд. Аз ҳама муҳим, намояндагони синфи миёна ба воситаи фаъолияти ташкилотҳои гуногуни ҳуқуқӣ имконоти ҳифз ва амалисозии ҳуқуқу озодӣ ва манфиати қонунии худро соҳибанд. Дар натиҷаи чунин фаъолият сатҳи ҳуқуқпоймолкунӣ, каҷрафтории иҷтимоӣ, коррупсия ва дигар амалҳои зиддиҳуқуқӣ коҳиш меёбанд. «Барои намояндагони синфи миёна баробарии ҳама дар назди қонун, низоми судии мустақил, озодии сухан ва нашриёт, интихоби озоди ҳокимият аз муҳимтарин арзишҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд» [166, с. 142].

Одатан, намояндагони синфи миёна ба фаъолияти сиёсӣ таваҷҷуҳи нисбатан маҳдуд зоҳир мекунанд. Барои онҳо озодӣ, татбиқи қобилияту истеъдоди шахсӣ ва истифодаи самараноки вақт арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ ба шумор мераванд. Ҳарчанд намояндагони синфи миёна дар интихобот, раҳпаймоиҳо ва ҷамъомадҳои сиёсӣ иштирок мекунанд, аммо фаъолияти сиёсии онҳо бештар хусусияти созанда дошта, инқилобӣ нест. Ин ҳолат ба сатҳи нисбатан баланди шуур ва фарҳанги ҳуқуқии онҳо вобаста буда, фаъолии сиёсиашон асосан ба таъмини пешрафти шахсӣ ва касбӣ равона гардидааст.

Дар дохили синфи миёна раванди ҷойвазкунии иҷтимоӣ бо суръати нисбатан баланд идома меёбанд, зеро намояндагони ин табақа фаъол ва ташаббускоранд. Ба шарофати сатҳи баланди шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ намояндагони синфи миёна аз ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худ самаранок истифода бурда, мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии худро дар низоми табақабандии иҷтимоӣ устувор нигоҳ медоранд. Аз ин рӯ, эҳтимоли дучор гардидани онҳо ба ҷойивазкунии амудии поёнраванда нисбатан камтар мебошад. Барои намояндагони синфи миёна роҳҳои асосии расидан ба муваффақият ва пешрафти касбӣ сатҳи баланди шуур ва маданияти ҳуқуқӣ, таҳсилот, дониш, қобилият, таҷриба ва меҳнатдӯстист.

Намояндагони синфи миёна ба масъалаҳои таҳсил ва тарбияи фарзандони худ аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд ва дар ташаккули шуур ва фарҳанги ҳуқуқии онҳо саҳми назаррас мегузоранд. Дар натиҷа, фарзандони онҳо раванди иҷтимоишавии ҳуқуқиро нисбатан муътадил сипарӣ карда, ҳамчун шахсони соҳибмаълумот, фаъол ва масъулиятшинос ба камол мерасанд. Нисбат ба дигар намояндагони табақаҳои иҷтимоӣ бештар ба меҳнат ва худтакмилдиҳӣ майл доранд, дорои тафаккури ташаккулёфтаи илмӣ-техникӣ мебошанд, барои аз худ кардани забонҳои хориҷӣ талош мекунанд ва технологияҳои муосири иртиботиро самаранок истифода мебаранд. Муҳаққиқи соҳа В.В. Колбановский чунин навиштааст: «Ҳоло синфи миёна ва зиёиён дар ихтиёри худ шабакаҳои иҷтимоиро доранд, ки ҳамчун воситаи инкишофи шахсият, ҷойивазкунии иҷтимоӣ, худташкилии синфӣ ва худмуҳофизатӣ амал менамоянд» [242, с. 53].

Баъзе аз муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки дар Тоҷикистон синфи миёна ба маънои пурраи он ҳанӯз ташаккул наёфтааст, аммо ба ин андеша пурра розӣ шудан душвор аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ ва мушоҳидаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон синфи миёна вуҷуд дорад, вале ҳанӯз ба сатҳи устуворӣ ва рушдёфта

нарасидааст. Ҳамзамон, омилҳои зиёде мавҷуданд, ки ба ташаккули минбаъдаи он монеа мегарданд. Мутаассифона, ҳувияти аксарияти намояндагони синфи миёнаи кишварамон чунин шакл гирифтааст, ки онҳо бо андак муваффақият зуд саргарм шуда, дигар аз пайи рушди худ намешаванд ва ё каме нокомӣ аз мубориза даст мекашанд. Баъзеи онҳо кори шахсии худро пурра қонунӣ намегардонанд ва аз супоридани андоз канораҷӯйӣ мекунанд.

Айни замон намояндагони синфи миёнаи Тоҷикистон ҳанӯз фаъолии иҷтимоӣ ва иқтисодии худро дар сатҳи зарурӣ амалӣ намуда наметавонанд. Дар тафаккур ва ҷаҳонбинии қисми муайяни онҳо то ҳол баъзе аз қолабҳои фикрии давраи шуравӣ боқӣ мондааст, ки ба татбиқи иқтидори иҷтимоӣ ва иқтисодиашон монеа мегарданд. Барои ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва демократияи Тоҷикистон синфи миёнаи пешрафта лозим аст, зеро заифиҳои синфи миёнаи тоҷик ба рушди демократия, амали самараноки ҳуқуқ ва иҷрои вазифаҳои асосии он таъсири манфӣ мерасонанд. Намояндагони синфи миёна дар Тоҷикистон ба дастгирии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ниёз доранд. Дар сурати дастгирӣ наёфтан мавқеи онҳоро гурӯҳҳои маргиналӣ ва аҳолии камбизоат ишғол намуда, ба афзоиши шиддати иҷтимоӣ, бекорӣ, густариши каҷрафтории иҷтимоӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ оварда мерасонанд.

Ҳамзамон фарқияти назарраси байни табақаи камбизоат ва сарватманди ҷомеаи Тоҷикистон ба субот ва устувории ҷомеа, инчунин, ба рушди заминаҳои ташаккули синфи миёна таҳдид менамояд. Барои ташаккули синфи миёнаи устувор дар Тоҷикистон рушди саноат ва истеҳсолот лозим аст. Баъзан поймол гардидани ҳуқуқи соҳибкорон ва монеагузорӣ дар кори онҳо аз тарафи баъзе аз афроди манфиатхоҳ ташаккули синфи миёнаро ба таъхир меандозад ва таҳдиди ҷойивазкунии иҷтимоии поёнраванда ба миён меояд.

Мушкилии дигаре, ки ба зиёдшавии синфи миёнаи Тоҷикистон монеа мегардад, «фирори зеҳнҳо» аст ва «баҳри ҷалби «зеҳнҳо» миёни кишварҳо рақобати ҷиддие вуҷуд дорад» [27, с. 219]. Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон «фирори зеҳнҳо» аз ҷумҳурӣ ба авҷи баланди худ расидааст. Нафароне, ки

камтар имконият доранд ва мутахассиси соҳаи худ мебошанд, барои дарёфти маоши баланд дар хориҷи мамлакат кору зиндагӣ кардан мехоҳанд, ҳарчанд муассисаю корхонаҳои ватанӣ эҳтиёҷ ба кадрҳои баландихтисос доранд. Наврасону ҷавонони болаёқатро ҳам аз синфҳои поёнӣ, баъди хатми мактаби миёна ва ҳам дар давраи донишҷӯи ва баъди хатми мактаби олӣ муассисаю ташкилот ва донишгоҳҳои олии хориҷӣ тавассути барномаю грантҳои хориҷӣ «гулчин» карда, аз кишварамон берун мебароранд.

Ба андешаи файласуфи тоҷик А.Ш. Қурбонов, муҳоҷирати зеҳнҳо як раванди мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ маҳсуб мешавад, он аз рӯзҳои аввали шикасти ИҶШС оғоз ёфта, айни ҳол идома дорад. Донишманд таъкид менамояд, ки муҳоҷирати мутахассисон озодӣ ва ихтиёри онҳо аст, аммо ин гуна озодӣ то ҳадде бояд риоя шавад, ба манфиатҳои ҷомеа, соҳаи муайян ва ашхоси алоҳида зиён нарасонад. «Аз ин рӯ, мафҳумҳои ваҳдату ягонагӣ бояд дар маънои васеи он фаҳмида шавад ва он тамоми қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла теъдоди бузурги муҳоҷирон ва хусусан, «зеҳнҳое»-ро, ки имрӯз дар хориҷи кишвар қарор доранд, низ ба пуррагӣ дар бар гирад. Шаҳрвандони Тоҷикистон дар куҷое ки набошанд, барои бунёди ҷомеаи пешқадаму замонавӣ дар ин сарзамин бояд саҳмгузор бошанд» [248, с. 248].

Маҷмуи муайяни омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқие мавҷуданд, ки ба таҳким ва устувории синфи миёна мусоидат менамоянд. Аз ҷумла кафолати амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон, аз қабили ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ, озодии иқтисодӣ, ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, гирифтани подоши сазовори меҳнат ва ғайра барои барқароршавӣ ва рушди синфи миёна нақши муҳим доранд. Махсусан, машғул шудан ба фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ (хизматрасонӣ ва машваратдиҳӣ) аз ҷумлаи муҳимтарин ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандон мебошанд. Муҳаққиқи соҳа И.Н. Белогруд рушди иқтисоди бозорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва рақобати озодро шароити асосии ташаккули синфи миёнаи ҷомеаи саноатӣ ҳисобида, навиштааст, ки «ин шароити иқтисодӣ бояд

таҳкими муносиби сиёсию ҳуқуқиро пайдо кунанд: пайдоиши ҳуқуқи соҳибкорӣ, таҳкими ҳуқуқи моликияти хусусӣ, эҷоди қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар замони монополия ва ғайра» [329, с. 288].

Дар Тоҷикистон соҳибкории хурду миёна ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми пешбарандаи рушди иқтисодӣ, ҷузъи асосии иқтисоди бозоргонӣ, воситаи коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва ташаккули синфи миёна арзёбӣ мешавад. Бо мақсади дастгирию рушди ин соҳа ва дигар самтҳои фаъолияти иқтисодӣ дар кишвар заминаҳои зарурии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул ва дар амал татбиқ мегарданд. Масалан, дар моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар шудааст: «Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳад. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» [3, с. 9].

Бо вуҷуди он ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони сиёсии ватандӯст барои рушди соҳибкории хурду миёна кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд, аммо дар ин самт то ҳол як қатор мушкилоти ҷиддӣ ба мушоҳида мерасанд. Махсусан, мушкилоти марбут ба оғози фаъолияти соҳибкорӣ, дахолат ва фишорҳои маъмурӣ, инчунин, эҷоди монеаҳои сунъӣ аз ҷониби баъзе аз мансабдорони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои маҳаллӣ ба фаъолияти соҳибкорон, ташкили рақобати носолим, муфлисгардонии сунъӣ, сатҳи пасти фарҳанги соҳибкорӣ, коррупсия ва ғайра аз ҷумлаи чунин мушкилотанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки бозори дохилии кишвар бояд барои соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя диққатҷалбкунанда бошад. Истеҳсолкунандагони молу маҳсулот ба ҳар гуна монеаҳои сунъиву бюрократӣ ва фишори зиёди назорату санҷишҳои маъмурӣ рӯ ба рӯ нагарданд: «Таҳлилҳо собит месозанд, ки қонуни амалкунандаи мамлакат «Дар бораи

санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ба талаботи муосир пурра ҷавобгӯ нест ва шумораи зиёди мақомоти назоратӣ ва санҷишҳои беасос, ки мушоҳида мегарданд, ҳанӯз ҳам боиси ташвиши соҳибкорон мебошад. Бинобар ин, ба мақомоти назоратӣ супориш дода мешавад, ки аз ҳама намудҳои санҷиши беасос, инчунин, аз санҷишҳои мутақобилаи фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ худдорӣ намоянд» [19].

Имрӯз аксари «сармоядорони нав» талош мекунанд, ки сарвати худро ошкор насозанд, аз сармоягузории иншооти муҳимми саноатӣ, бунёди корхонаю ширкатҳои истеҳсолӣ ё ташкили фаъолияти мустақили соҳибкорӣ канорагирӣ менамоянд. Ҳол он ки соҳибкорони ростқавлу боистеъдоди ватанӣ кам нестанд, зеро баъзеи онҳо дар хориҷи кишвар ба муваффақияти назаррас ноил гардидаанд. Ба андешаи сотсиологи ватанӣ Ш. Шоисматуллоев, худдорӣ аз сармоягузорӣ, набудани сармояи ибтидоӣ ва дастрасӣ надоштани аксарияти шаҳрвандон ба қарзҳои бонкӣ ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонанд. «Идеяи сармоягузории ихтиёрӣ ба фаъолияти дарозмуддат ба ҳувияти тоҷикон бегона аст... Дар бизнеси тоҷик озодӣ, ташаббус, масъулият, баробарӣ ва робитаи уфуқӣ кам дида мешавад» [185, с. 166, 176].

Натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки ба рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон чунин монеаҳо халал мерасонанд: андозҳои баланд – 45,3%, надоштани таҷрибаи соҳибкорӣ – 42,2%, надоштани донишҳои зарурии иқтисодӣ – 38,4%, фишорҳои маъмурӣ / назорати зиёд – 31,6%, набудани дастгирӣ / имтиёзҳо барои соҳибкорони бетаҷриба – 25,0%, фоизҳои баланди қарзҳои бонкӣ – 24,0%, худбоварии кам – 18,0%, рақобати носолим – 17,9% ва ғайра *(нигаред ба расми 7)* [184, с. 79].

Расми 7.

Ба фикри Шумо барои рушди соҳибкорӣ ва тиҷорат дар Тоҷикистон чӣ халал мерасонад?

(n=1100, %)



Рушди синфи миёна дар деҳоти Тоҷикистон ба рушди соҳаи аграрӣ вобаста аст. Соҳаи аграрӣ бахши пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон ба шумор меравад, зеро қариб 70%-и аҳолӣ мустақиман ё ғайримустақим бо хоҷагии қишлоқ алоқамандӣ доранд. Рушди соҳаи аграрӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон буда, амнияти озуқаворию кишварамонро таъмини менамояд. Барои рушди соҳаи кишоварзӣ як қатор омилҳо, аз ҷумла даромаднокии нисбатан пасти соҳа, ҳосилнокии ками замин, норасоии қувваи корӣ бо сабаби муҳоҷирати меҳнатии мардон ба хориҷи кишвар, болоравии нархи сӯзишворӣ, камбуди воситаҳои моддию техникӣ, сатҳи нокифояи донишҳои кишоварзӣ ва бозоргонии деҳқонон монеа мегарданд. «Мувофиқи қонун барои субъектҳои соҳибкории хурд нақшаҳои гуногуни дастгирии давлатӣ, фондҳои гуногун ва имтиёзҳои ҳарҳела пешбинӣ шудаанд, аммо ин чорабиниҳо на ҳама вақт дар амал татбиқи худро меёбанд. Барои босурат ривоҷ ёфтани соҳибкории хурд санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳибкории хурду миёнаро такмил додан зарур аст. Дар ин самт бояд қонунгузории андоз, гумрук, иҷозатномадиҳӣ, сертификатсиякунонӣ, стандарткунонӣ ва ғайра ба талаботи имрӯзаи давлат ва ҷомеа ҷавобгӯ бошанд» [212, с. 67-68].

Бояд дар идора ва назорати давлатии соҳибкории хурду миёна давлат сарфи назар аз мансубияти иҷтимоӣ, табақавӣ, гурӯҳӣ ва баромади иҷтимоӣ

шахсони воқеан соҳибихтисос, бомаърифат, кордон, ташкилотчӣ ва ботаҷриба ҷалб шаванд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур хеле воқеӣ арзёбӣ гардидааст: «Рушди соҳибкорӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ба фаъолияти он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат аст, зеро соҳибкории хурду миёна, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва заминаи боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, афзун намудани табақаи миёнаҳол ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад» [19].

Баъдан, дар ҷомеа бояд шароити иҷтимоӣ-психологие муҳайё шаванд, ки одамонро барои бо боварӣ машғул шудан ба соҳибкорӣ ва амалӣ намудани нақшаҳои тиҷоратии худ ҳавасманд гардонанд. Дахолати кормандони масъули давлатӣ ба фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон дар асоси қонун бояд ба ҳадди камтарин оварда расонида шавад. Муассисаҳои молиявӣ барои соҳибкорон имтиёзҳои заруриро муҳайё намоянд, бо фоизҳои кам ба соҳибкорони хурду миёна қарз дода тавонанд. Роҳбари давлат дар Паёми хеш дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, аз 16.12.2025 ба соҳибкорони ватанӣ барои саҳми арзандаашон дар таҷдиду сохтмони роҳҳо, бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ, махсусан, муассисаҳои таълимӣ ва дигар корҳои ободониву созандагӣ изҳори миннатдорӣ намуда, чунин таъкид карданд: «Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ҷиҳати ... боз ҳам зиёд намудани пешниҳоди қарз ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисод, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд. Барои беҳтар намудани дастрасии соҳибкорони истеҳсолӣ ба маблағҳои арзони дарозмуддат ва афзоиш додани ҳаҷми қарз пешниҳод менамоям, ки Фонди кафолати қарзҳо таъсис дода шавад» [15, с. 12].

Барои аз байн бурдани ҳар гуна падидаҳои номатлуб, ки садди роҳи ривоҷи соҳибкорӣ гаштааст, аз ҷониби Роҳбари давлат ба ҳамаи намудҳои тафтиши субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ якчанд маротиба моратория қабул шуд. Ҳадафи эълони маратория аз он иборат буд, ки марҳила ба марҳила барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ, ҷалби сармоя, воридсозии техника ва технологияи муосир, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, фароҳамсозии ҷойҳои нави корӣ ва дар маҷмуъ, ташаккули синфи миёна шароити мусоид муҳайё карда шавад. Барои пешгирии амалҳои номатлуб (бюрократизм ва коррупсия) дар бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёт технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ҷорӣ гардидааст. Ҳоло дар Тоҷикистон ҳама намуди пардохтҳои давлатӣ, аз ҷумла пардохти андозҳо ба тариқи электронӣ сурат мегиранд.

Ҳуқуқи моликияти хусусӣ, инчунин, ҳифз ва кафолати ҳуқуқии он яке аз заминаи муҳимми афзоиши ҳиссаи намояндагони синфи миёна дар сохтори табақабандии иҷтимоист, зеро шаҳрванд дар ҳолати эътимод доштан ба амнияти иқтисодӣ пайваста барои зиёд намудани моликият ва беҳтар сохтани вазъи моддии худ талош менамояд. Дар навбати худ, ҳуқуқ ба таҳкими моликияти хусусӣ мусоидат мекунад, ба шарте, ки чунин моликият бо роҳҳои қонунӣ ба даст оварда шуда бошад.

Ҳимояи ҳуқуқии моликияти хусусӣ низ ба зиёд гардидани шумораи намояндагони синфи миёна таъсири бевосита мерасонад. Моликияти хусусӣ ҳамчун омили муҳимми ҳавасмандсозии фаъолияти самараноки иқтисодӣ ба шаҳрвандон заминаи зиндагии нисбатан озод ва мустақилияти иқтисодиро фароҳам месозад. Агар шахс эътимод дошта бошад, ки моликияти хусусиашро дар ҳама гуна вазъият ҳифз ва ихтиёрдорӣ карда метавонад, ӯ фаъол гашта, барои афзоиш додани сарвати худ тамоми қобилият, неру ва маҳорату касбияти хешро истифода мебарад. Илова ба ин, татбиқи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон низ то андозае ба мавҷудият ва ҳифзи моликияти хусусии шаҳрвандон вобаста аст.

Кафолати ҳуқуқии ҳифзи моликияти хусусӣ ягона омили ҳуқуқии ташаккули синфи миёна ба шумор намеравад, зеро барои ҳифзи чунин моликият зарур аст, ки нахуст он бо роҳҳои қонунӣ дастрас ва самаранок истифода бурда шавад. Бояд чунин шароите муҳайё гардад, ки одамон моликияти хусусии худро пинҳон накунанд, аз он озодона истифода бурда, фоида ба даст биёранд. Дар ин самт бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун омили мусоидат ва ҳавасмандӣ амал кунанд. Шахс аз моликияти хусусии худ ихтиёрдорӣ намуда, онро афзун мегардонад ва ҳамчун андозсупорандаи давлат дар рушди ҷомеа саҳми худро мегузорад.

Кафолати воқеии ҳифзи моликияти хусусии шаҳрвандон, дар маҷмуъ, татбиқи амалии ҳуқуқи иқтисодии онҳо ба афзоиши ҳиссаи намояндагони синфи миёна мусоидат менамояд. Дар чунин шароит шаҳрвандон имконият меёбанд, ки аз ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии худ самаранок истифода намуда, вазъи иҷтимоию иқтисодии хешро беҳтар созанд ва тадриҷан ба сафи намояндагони синфи миёна ворид шаванд. Аз ин рӯ, танзими давлатии моликияти хусусӣ бояд вобаста ба манфиати ҷомеа аз рӯйи зарурат ва эҳтиёткорона сурат гирад.

Дар маҷмуъ, тафаккури иқтисодии аҳолӣ ботадриҷ тағйир меёбад, одамон аз рафтори коллективӣ ба рафтори фардӣ мегузаранд. Дар чунин шароит афроде пайдо мешаванд, ки ташаббуси судманди иқтисодӣ нишон дода, дар фаъолияти худ ба натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд, бо роҳҳои қонунӣ ва меҳнати зиёд некуаҳволии худ ва аъзои оилаашонро таъмин менамоянд. Давлати ҳуқуқбунёд бо эътирофи талаботу манфиатҳои қонунии намояндагони ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ ва кафолати татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоии синфи миёна заминаҳои зарурии ҳуқуқиро муҳайё месозад. Дар ин маврид сиёсатшиноси шинохтаи тоҷик А.Н. Муҳаммад (А.Н. Маҳмадов) хело бомаврид қайд кардааст: «Истиқлоли давлатиро на танҳо қобилияти ҳифзи якпорчагии ҳудудӣ, инчунин, дараҷаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, қобилияти истифодаи

захираҳои гуногуни таъминоти он ва бартараф шудани таҳдидҳои истиқлоли иқтисодӣ муайян менамояд» [109, с. 162].

Барои амали самараноки ҳуқуқ ташаккул ва таҳкими синфи миёна бояд масъалаи аввалиндараҷаи ҳалталаби давлатӣ бошад. Ҳарчанд дар шароити имрӯза таваҷҷуҳ ба масъалаи ташаккули синфи миёна афзудааст, аммо бе татбиқи сиёсати бонизом, ҳадафманд ва пайгиронаи дастгирии ин табақаи иҷтимоӣ тағйир додани вазъи мавҷуда ғайриимкон аст. Дар сурати фароҳам омадани шароити мусоид ва татбиқи чораҳои дастгирии иқтисодӣ қисми зиёди намояндагони табақаи камбизоати ҷомеа имкони воқеии ворид шудан ба сафи синфи миёнаро пайдо менамоянд.

Хулоса, байни ҳуқуқ ва синфи миёна ҳамбастагии қавӣ вуҷуд дорад, зеро дар давлати ҳуқуқбунёд маҳз ҳуқуқ ба ҷойивазкунии шаҳрвандон мусоидат карда, ба онҳо имконият медиҳад, ки аз ҳуқуқу озодиҳо, қобилият ва донишҳои худ истифода бурда, ба синфи миёна шомил шаванд. Ҳамзамон, ташаккули синфи миёна яке аз омилҳои муҳимми ташаккули ҷомеаи демократии Тоҷикистон ва татбиқи самараноки қонунҳои амалкунанда арзёбӣ мегардад. Ташаккул ва устуворгардии синфи миёна дар Тоҷикистон аз раванди дар амал татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, махсусан, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба фаъолияти озоди иқтисодӣ, ҳуқуқ ба ҳифзи моликияти хусусӣ ва ғайра вобастагии зиёд дорад.

Барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, таҳкими устуворииҳокимияти сиёсӣ ва коҳиш додани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ зарур аст, ки ҳиссаи намояндагони синфи миёна то ба 50-60% расонида шавад. Дар чунин шароит ватандӯстони асиле лозиманд, ки дар ҳақиқат, барои ояндаи дурахшони миллат масъулият ҳис кунанд, манфиатҳои ҷамъиятиро дар баробари манфиатҳои шахсӣ ба инобат гирифта, барои таъмини зиндагии шоистаи ҳамватанон ва рушди устувори ҷомеа тамоми қобилият ва имконоти худро сафарбар намоянд. Давлат ба шахсони бузург, нобиғаҳо ва ватандӯстоне ниёз дорад, ки моро ба ҷойгоҳи таърихиамон баргардонад.

Имрӯз дар кишварамон синфи миёна дар ҳолати барқароршавӣ буда, имконоти рушд ва ташаккули он аз бисёр ҷиҳат ба сиёсати иҷтимоии давлат ва ташкили шароити ҳуқуқӣ, ки ба таҳкими иқтисоди бозоргонӣ ва дастгирии кормандони меҳнати зеҳнию ҷисмонӣ мусоидат менамоянд, вобастагии зиёд доранд. Роҳи осудаҳолӣ ва некуаҳволии халқ, устувории ҷомеа ва тараққиёти иқтисодиётро бояд ба воситаи васеъгардонӣ ва устуворсозии синфи миёна ҷустуҷӯ намоем. Ҷомеашиносон, иқтисодшиносон, ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон ва умуман, аҳли зиё бояд роҳу восита ва барномаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии воқеан татбиқшавандаеро таҳия карда, ба ташаккули синфи миёна ва иҷрои босамари вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ мусоидат намоянд.

3.3. Ҷойгоҳи ҳуқуқ дар барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ

Пас аз истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандиро пеш гирифт. Дар шароити муосири равандҳои ҷаҳонишавӣ, пешрафти босуръати истеҳсолот, тараққиёти илмӣ-техникӣ ва технологияи иттилоотию иртиботӣ таъсиси ҷомеаи шаҳрвандӣ ба тамоюли қонунӣ ва воқеии рушди ҷомеа табдил меёбад. Дар ташаккули давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши бунёдӣ дорад, зеро бо таъмини иштироки васеи шаҳрвандон дар идори давлатӣ ва ҳалли масоили иҷтимоӣ рушди ҷомеаро таъмин кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, ҳолати минбаъдаи рушди ҷомеа ва шакли ташкили муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ иртиботи бевосита хоҳад дошт.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳувияти миллии мо бегона набуда, дар осори илмии мутафаккирони гузаштаамон бо номҳои гуногун таҷассум ёфтааст. Мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад. Унсурҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ, мисли бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, арзиши олӣ доштани инсон ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ӯ, эътирофи халқ ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ, иштироки шаҳрвандон дар ташкил ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин, ҷалби онҳо ба идораи ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, кафолати

озодии сухан дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос гардидаанд.

Айни замон мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» таваҷҷуҳи доираи васеи донишмандони соҳаҳои гуногуни илмро ба худ ҷалб намуда, ботадриҷ мазмуну муҳтавои тозаро ба худ касб менамояд. Мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» бо мафҳумҳои «ҷомеаи ҳуқуқбунёд», «давлати иҷтимоӣ», «демократия», «волоияти қонун», «иқтисоди бозоргонӣ», «ҷомеаи кушод» ва амсоли ин робита дорад. Баъзе аз мутафаккирон ғояи «ҷомеаи шаҳрвандӣ»-ро ба ғояи «коммунизм» монанд мекунанд, ки хело диққатҷалбкунанда аст, аммо ҳеҷ гоҳ амалӣ намешавад. Гурӯҳи дигари донишмандон татбиқшаванда будани ғояи ҷомеаи шаҳрвандиро тасдиқ намуда, аз он интизориҳои зиёд доранд. Бо вуҷуди ба миён омадани назарияҳои мухталиф дар ин мавзуъ баҳсу мунозира ва таҳқиқот идома доранд.

Аз таҳлили назарияҳои классикони илмҳои ҷомеашиносӣ, мисли Н. Макиавелли, Т. Гоббс, Ҷ. Локк, Ш. Монтескио, Ж.Ж. Руссо, И. Кант, Ф. Гегел ва дигарон хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун зинаи махсуси рушди ҷомеа шакли ташкилоти иҷтимоӣ ва навъи хоси сохтори сиёсӣ буда, дар он соҳибихтиёрӣ ва мухторияи шаҳрвандон таъмин гардида, имконоти якхелаи рушд ва зиндагии шоёну арзандаи ҳар як инсон фароҳам ва ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиати қонунии шахс кафолат дода мешавад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ низоми муносибат ва институтҳои иҷтимоиест, ки талабот, манфиат ва арзишҳои мухталифи аъзоёни ҷомеаро ифода намуда, шарик ва ҳамкори баробари давлат ба ҳисоб меравад.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд тавсиф гардида, дар он барои зуҳуроти истисмор, поймол намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд ҷой нест ва дар он ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, принсипҳои инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ эҳтиром гузошта мешавад. Ҷомеашиноси тоҷик Ғ.Ғ. Қаҳҳоров пояҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандиро дар татбиқи ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандон, фаъолияти озоди иқтисодӣ, ҳифз ва

нигоҳдошти арзишҳои пешқадами умумиинсонӣ ва мавҷудияти синфи миёнаи рушдёфта мебинад ва дар ин замина чунин ибрози назар намудааст: «Ҳамин тавр, ҷомеаи шаҳрвандӣ на танҳо ҷамъияти одамони озоди баробарҳуқуқ, балки тамаддунсозе мебошад, ки зидди хусусияти режими тоталитарӣ маҳсуб мешавад» [247, с. 187].

Сиёсатшиноси маъруфи тоҷик Г.Н. Зокиров ҷомеаи шаҳрвандиро шакли навини демократия дониста, мавҷудият ва амали ташкилотҳои ғайриҳукуматиро яке аз аломатҳои ташаккули демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ номидааст. Аз дидгоҳи ӯ, ҷомеаи шаҳрвандӣ иқтидори кофии иҷтимоию сиёсие дорад, ки фаъолияти давлатро дар самти таъмини истифодаи баробар ва одилонаи шаҳрвандон аз ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии хеш таъмин карда метавонад. Сиёсатшинос дар бораи ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ чунин ибрози назар намудааст: «Ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи зарурии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон аст. Он ҳолатеро таъмин менамояд, ки ҳуқуқҳои инсон пурра эҳтиром ва риоя мешаванд» [69, с. 287].

Аслан, ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаи бисёрсохтораи дорои иқтисодиёти омехта, фазои мусоиди соҳибкорӣ, татбиқи ташаббуси наҷиб ва мувозинати манфиатҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошад. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ шаҳрвандон фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро тавассути ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ВАО зери назорат мегиранд, дар ҳолати зарурӣ ба он таъсир расонида метавонанд. Вазифаи асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ назорат ва таъсир расонидан ба ҳаёти иҷтимоӣ, иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар идораи давлатӣ, тарбияи шахси озод, худшинос, фаъол ва дорои шуур ва маданияти баланди ҳуқуқӣ, муттаҳид намудани шаҳрвандон дар як фазои ҳуқуқӣ ва таъмини шароити мусоиди фаъолияти иқтисодист.

Эътироф ва таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон, муҳайё намудани шароит барои фаъолияти озод ва иштироки фаъолонаи онҳо дар идораи ҷомеа, худмуайянкунӣ ва худтатбиқсозии шахс, эътирофи талаботу манфиатҳои иҷтимоии инсон, ҳифзи моликияти хусусӣ, таъмини кафолати

озодии меҳнат ва фаъолияти соҳибкорӣ, озодии сухан ва ақида, механизмҳои демократии идораи иҷтимоӣ ва институтҳои худидоранамоӣ сифатҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳанд. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ мустақилият, ташаббускорӣ, қобилияту тавоноӣ, ҳуқуқу озодӣ ва дигар сифатҳои иҷтимоии шахс мавқеи марказиро ишғол намуда, ҳар як инсон барои рафтору амали худ масъул мегардад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳнаи муборизаи шаҳрвандон аст, ки барои талаби риоя ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳо, зиндагии шоён ва арзандаю сазовор талош мекунанд.

Ғояи таъсиси ҷомеаи шаҳвандӣ маҳсули тарзи истеҳсолот ва муносибатҳои сармоядории ҷомеаи Ғарб ба шумор меравад, зеро маҳз дар доираи муносибатҳои сармоядории Ғарб, бахусус, дар Аврупо одамон имкон пайдо карданд, ки ҳамчун неруи эҷодкор, созанда ва рақобатпазир фаъолият намоянд. Чунин вазъият аз шахс доштани қобилият, тавоноӣ ва майли худтатбиқсозиро талаб менамуд. Рушди муносибатҳои сармоядорӣ зарурати ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёдро ба миён оварда, заминаи пайдоиши ҷомеаи шаҳрвандиро дар давлатҳои пешрафта фароҳам сохт.

Дар низоми тоталитарии ИҶШС нишонаҳои нахустини ҷомеаи шаҳрвандӣ пахш мегардид. Сабаби чунин вазъ дар он ифода меёфт, ки манфиати шахсии шаҳрвандон ба манфиати давлатӣ тобеъ гардонида шуда, ҳокимияти сиёсӣ қариб тамоми паҳлуҳои ҳаёти одамонро таҳти назорати қатъӣ қарор дода буд. Режими сиёсӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ тавре ба роҳ монда шуда буданд, ки барои озодандешӣ ва иштироки васеи шаҳрвандон дар идораи ҷомеа монеа эҷод менамуданд. Ҳамзамон, неруи ҳаракатдиҳанда, созанда ва худфаъолии шахс, яъне ҳуқуқ ба моликият маҳдуд гардида, дар Конститутсия ба таври зарурӣ мустаҳкам нашуда буд. Аз ин рӯ, дар шароити ҷомеаи шуравӣ бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ амалан ба мантиқи низоми мавҷуда созгор набуд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иборат буда, фаъолияти онҳо ба қонеъ гардонидани манфиату талаботи иҷтимоӣ, татбиқи

қобилияту малакаҳои одамон баҳри некуаҳволии ҳамаи аъзоёни ҷомеа нигаронида шудааст. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ одамон танҳо ба дастгирии давлат умед набаста, кӯшиш менамоянд, ки некуаҳволии худро бо неру ва имконоти худ таъмин созанд ва чунин иқтидорро низ доранд. Дар ҷомеаи муосир ифода ёфтани манфиати шахсӣ тавассути манфиати гурӯҳӣ яке аз муҳимтарин шаклҳои зуҳури манфиати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, шаҳрвандон ба ташкилоту иттиҳодияҳои гуногун ворид гардида, бо ин васила дар рушди ҷомеа саҳм мегузоранд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ низоми худтанзимшаванда, худташкилкунанда ва худрушдёбандаест, ки дар он муносибати байни одамон бештар уфуқиянд, онҳо тавассути робитаҳои озод ва баробар иродаи худро ифода менамоянд, манфиати худро амалӣ месозанд ва эҳтиёҷоти муҳимми ҳаётии хешро қонеъ мегардонанд. Онҳо барои фаъолияти самаранок ва рушди муваффақонаи худ шароити заруриро фароҳам меоранд. Дар чунин ҷомеа шаҳрвандон имкони зиндагии шоиста дошта, худро иштирокчиёни комилҳуқуқи равандҳои демократӣ эҳсос менамоянд. Аз ин рӯ, моликияти хусусӣ, амнияти шахсӣ ва баробарии ҳама дар назди қонун аз ҷумлаи арзишҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор мераванд.

Айни замон дар Тоҷикистон унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ботадриҷ ташаккул меёбанд, торафт ғояҳои асосии он дар байни омма ва шуури ҷамъиятӣ паҳн мегарданд. Ҷомеашиноси тоҷик Ш.Т. Каримов оид ба ин масъала чунин ибрози назар менамояд: «Дар Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳанӯз пурра шакл нагирифтааст, он дар марҳилаи барқароршавӣ қарор дорад, аммо ворид шудани Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки дар он кишварҳои рушдёфтаи демократӣ нақши пешбарандаро мебозанд, маънои ворид шудан ба раванди дигаргуниҳои бузурги самти демократиро дорад. Ин зарурати замони муосир буда, ба рушди муосири Тоҷикистон роҳ кушодааст» [83, с. 3-4].

Чи тавре, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, кишвари мо ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоии бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, инчунин, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дорад. Таҷрибаи таърихии давлатҳои пешрафта нишон медиҳанд, ки бунёди чунин давлат раванди дарозмуддат буда, вақт ва кӯшишҳои пайвастаро талаб менамояд: «Ҳарчанд ки аз замони ба истиқлол расидани давлати мо ҳанӯз давраи зиёд нагузаштааст, вале мо аллакай шоҳиди густариши раванди гуногунандешии сиёсӣ, рушди босуръати фаъолияти аҳзоби сиёсӣ ва ниҳодҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишварамон ҳастем ва дар ин самт аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон барои фаъолияти озоди онҳо ҳамаи шароити мусоид фароҳам оварда шудааст» [18].

Ҷомеаи шаҳрвандиро мисли сохтмони «коммунизм»-и даврони шуравӣ бо шиору ҳангомаҳо сохтан имконнопазир аст, давлат худ ба худ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил намеёбад. Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро дар рафти таҳаввулоти дурударози таърихии низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба миён омадааст. Имрӯз дар Тоҷикистон низоми ташкилоту иттиҳодияҳои худмухтору худфаъолияти шаҳрвандонро, ки барои ҳимояи манфиатҳои худ дар радифи давлат талош менамоянд, мушоҳида мекунем. Институтҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ, мисли иттиҳодия ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ассотсиятсияҳо ва амсоли инҳо дар Тоҷикистон вуҷуд доранд ва фаъолият мекунанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми сотсиологии ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян ва ченкунии сатҳи рушди он ба ҳисоб меравад. Дар илми муосир барои арзёбии дараҷаи инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ нишондиҳандаҳо (индексҳо)-и гуногуни ченкунӣ истифода мешаванд. Ба сифати нишондиҳандаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ, дараҷаи ҳифз ва риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, таъсиргузории ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муносибати аҳолӣ нисбат ба

институтҳои сиёсӣ ва ғайра баромад менамоянд. Дар байни ин нишондиҳандаҳо ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ муайянкунанда аст.

Унсури асосӣ ва меҳварии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳуқуқ аст. И. Кант институти ҳуқуқро асоси ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ номида буд. Маҳз ба шарофати ҳуқуқ шаҳрвандон тамоми қобилияту иқтидори худро ошкор, татбиқ ва истифода мебаранд, инчунин, «ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ бо институткунонии соҳаи ҳуқуқ ва ташаккули низоми демократӣ алоқамандӣ дорад» [333, с. 115]. Ҳуқуқ дар шакли қонунҳое ифода меёбад, ки талаботи воқеии иҷтимоии одамонро инъикос менамоянд, барои рушди объективии ҷомеа ва инсоният замина мегузоранд, тавассути татбиқи арзиш ва манфиатҳои фардию умумиинсонӣ, аз қабили баробарҳуқуқӣ, озодӣ, адолати иҷтимоӣ ва ғайра ба ташаккули ҷомеаи ҳуқуқию шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. «Барои барқароршавӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дастурҳои возеҳи дар қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида лозиманд, ки ба ташаккули ин ниҳод дар заминаи рушди ҳуқуқӣ, сиёсӣ, маънавӣ-фарҳангӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии шахс мусоидат намоянд» [343, с. 7].

Ҳуқуқ ҳамчун омили ҷойивазкунии иҷтимоӣ ба шуур ва ҷаҳонбинии шаҳрвандон таъсир расонида, барои фаъолияти самараноки шаҳрвандон шароити мусоид фароҳам оварда, ба онҳо имкон медиҳад, ки тамоми маҳорат, қобилият ва неруи худро ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботу манфиати моддӣ ва маънавӣ, инчунин, ташкили зиндагии шоистаю сазовор истифода намоянд. Рафтори ҳуқуқии одамон барои ҳаёти шоиста ва сазовор замина аст. Ҳуқуқ вазифаи муттаҳиднамоӣ, ҳамгироӣ ва иртиботӣ дорад, оммаи халқро новобаста ба миллат, дин, назари сиёсию идеологӣ бо ҳам муттаҳид мекунад, баробарии имконоти шаҳрвандонро дар шароити нобаробарии иҷтимоӣ таъмин менамояд.

Ба ҳайси заминаҳои ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, он меъёрҳои ҳуқуқие баромад менамоянд, ки ҳуқуққои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии шаҳрвандонро муқаррар ва кафолат медиҳанд. Маҳз тавассути чунин меъёрҳо шаҳрвандон имкони истифода аз захира ва дастовардҳои ҷомеаро пайдо намуда, барои ташаккули шахсият, татбиқи иқтидори инфиродӣ ва қонеи талаботи иҷтимоии худ шароити заруриро ба даст меоранд. Нақши ҳуқуқ дар барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар он зоҳир мегардад, ки он барои амалисозии ҳуқуққои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии шаҳрвандон имконият ва заминаҳои мусоидро фароҳам месозад. Дар доираи ҳуқуқу озодиҳои инсон фазои мустақили иҷтимоие пайдо мешавад, ки онро фазои ҳаётии ҷомеаи шаҳрвандӣ номидан мумкин аст.

Мувофиқи нуқтаи назари ҷомеашиноси рус О.В. Орлова, барои ҷомеаи шаҳрвандӣ қонунҳое зарур аст, ки талабот ва манфиати воқеии ҷомеаро таҷассум намоянд. Ӯ ҳуқуқро омили нерубахше номидааст, ки давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро бо ҳам пайваста, муносибатҳои иҷтимоиро танзим менамояд, барои рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва таҳкими муттаҳидӣ, ҳамгироӣ, ҳамбастагӣ, шарикӣ, ризоият ва ҳамрайъии иҷтимоӣ заминаҳои заруриро муҳайё месозад. Ба андешаи ҷомеашинос, «ҳуқуқ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳам меъёри озодӣ, ҳам меъёри адолат ва рафтори дуруст аст» [271, с. 55].

Моҳияти амали ҳуқуқ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба воя расонидани инсони фаъолест, ки мустақилона қобилиятҳои худро дар ҷомеа татбиқ карда метавонад. Ба ибораи дигар, ҳуқуқ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ чунин шароитеро фароҳам меорад, ки шаҳрвандон бо неруи худ ба дастовардҳои шахсӣ ва касбӣ ноил гардида, бо ин восита шаъну шараф ва мақоми иҷтимоии худро таъмин мекунанд. Ҷомеашиноси рус О.В. Орлова ба ин мазмун чунин навиштааст: «Маънои амали ҳуқуқ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ дар он аст, ки мустақилӣ ва истиқлолии шахсро аз давлат ҳамчун субъекти ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин намояд ва дар айни замон имконияти зуҳури фаъолияти иҷтимоӣ (сиёсӣ)-и ӯро

кафолат диҳад ва шароити возеҳи механизми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳояшро фароҳам созад» [270, с. 107].

Ҳамзамон, амалисозии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидаанд, ба сатҳи устувории унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа вобастагӣ дорад. Ба ибораи дигар, институти ҳуқуқ ба барқароршавӣ ва рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд ва ҳамзамон, сатҳи инкишофи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба самаранокии татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсири назаррас мерасонад. Маҳз дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳуқуқ субъектҳои фаъолу эҷодкор ва созандаро ба вуҷуд оварда, «майдони инкишофи демократии давлат меафзояд» [68, с. 242].

Омили дигаре, ки ба барқароршавии ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд, сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад. Пайдоиши ҷомеаи шаҳрвандӣ замоне имконпазир мегардад, ки агар одамон ҳуқуқу озодиҳои худро фаҳманд ва аз он истифода бурданро омӯзанд. Амали самараноки ҳуқуқ дар ҷомеа, пеш аз ҳама, ба сатҳи ташаккули шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон алоқамандӣ дорад. Барои он, ки шаҳрвандон озодона бо ҳамдигар муносибат намоянд ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро ҳимоя карда тавонанд, бояд меъёрҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳои истифодаи самараноки онҳоро омӯзанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид чунин баён намудааст: «Корро тавре бояд ташкил намуд, ки шаҳрвандон дар навбати аввал аз ҳуқуқҳои қонунии худ воқиф гардида, ... масъулиятро оид ба амалисозии ҳуқуқҳои конститутсионии худ дарк кунанд» [18].

Ташаккули маданият ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ зарурати ногузири воқеяти имрӯза аст. Ба андешаи Ш. Шоисматуллоев, «ҳолати маданияти ҳуқуқӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ муносибати ҷомеа, дар маҷмуъ давлатро нисбат ба фард,

ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ва ҳолати хуби равонии ӯро таъмин менамояд. Рафтори ҳуқуқии афрод дар ҷомеаи шаҳрвандӣ... ба дараҷаи баланди худшиносӣ ва шуури ҳуқуқӣ алоқаманд мебошад» [324, с. 174]. То сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошта нашавад, бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёду шаҳрвандӣ ғайриимкон аст, инчунин, дар байни ҷомеа ва ҳокимияти давлатӣ муносибатҳои шарикӣ ва ҳамкорӣ барқарор намегардад. Ғайр аз ин, пешрафти ҷомеа боз аз сатҳи фаъолнокӣ, эҷодкорӣ ва ташаббускории шаҳрвандон, дараҷаи таҳсилот ва фарҳанги онҳо вобастагӣ дорад, зеро шахси созандаю масъулиятшинос ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа, давлат ва омили барқароршавии ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад. Аз ин сабаб, шахс бояд ба субъект ва объекти асосии тағйироти иҷтимоӣ табдил ёбад.

Ҷомеаи шаҳрвандиро бе заминаи ҳуқуқии он, яъне ҷомеаи ҳуқуқбунёд тасаввур намудан ғайриимкон аст, зеро раванди демократикунонии ҷомеа ва бунёди давлати ҳуқуқбунёд асос, зербино ва фазои ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳанд. Муҳаққиқи соҳа Ш. Шоисматуллоев низ ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, танзими ҳуқуқии муносибатҳои байни давлат ва ҷомеи шаҳрвандиро муҳим номида, «таъмини муносибатҳои шарикии баробари давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва татбиқи муқаррароти конститутсионӣ дар бораи давлати ҳуқуқбунёд» [318, с. 121]-ро муайянкунанда ҳисобидааст.

Давлати ҳуқуқбунёд чунин шакли ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ аст, ки дар асоси муносибатҳои тарафайн бо афрод ва иттиҳодияҳои гуногуни онҳо дар заминаи ҳуқуқ сохта мешавад. Ҳуқуқ дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд ба сифати институти иҷтимоие баромад мекунад, ки барои ҳалли масъалаҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ бо дарназардошти вазъияти мавҷуда кумак мерасонад. Ҳуқуқшиносони тоҷик А.Ғ. Холиқзода ва А.М. Диноршоев дар ин маврид чунин ибрози назар намудаанд: «Давлати ҳуқуқӣ давлатест, ки дар он қонунҳои ҳуқуқӣ ҳукмрон аст, яъне қонуне мебошад, ки ба талабот ва руҳияи табиати инсон мувофиқат мекунад. Волоияти қонун ба қонун асос меёбад. Дар

ин давлат волоияти қонун, ки дар доираи манфиатҳои инсон ва ҷомеа ташаккул меёбад, пурра таъмин мегардад» [178, с. 78].

Давлати ҳуқуқбунёд зербинои ояндадори ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, ба принсипҳои баробарҳуқуқӣ ва фароҳам овардани имконоти баробари истифодаи неъматҳои моддӣ ва маънавӣ такя менамояд, дар низоми он на танҳо шахс дар назди давлат, балки давлат низ дар назди шахс масъул гардида, ба ӯ хизмат менамояд. Ташкили давлати ҳуқуқбунёд роҳро ба сӯйи ҷомеаи шаҳрвандӣ мекушояд. Мантиқан, давлати ҳуқуқбунёд бояд ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад, ба ибораи дигар, ташаккули ҷомеаи шаҳвандӣ марҳилаи навест дар рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд. Танҳо ба роҳи демократишавии ҷомеа ва эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёд ҷомеаи шаҳрвандиро таъсис дода метавонем. Бесабаб нест, ки пас аз соҳибихтиёр гаштани кишварамон дар моддаи 1 Конститутсия демократӣ ва ҳуқуқбунёд будани Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳуқуқӣ эълон ва мустаҳкам гардид. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд мустаҳкам гардидаанд, ҳамчун асоси ҳуқуқӣ ва заминаи муҳимми ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад менамояд (масалан, моддаҳои 1, 5, 9 ва ғайра) [3].

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун фазои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад, ки дар он шахсони фаъолу ташаббускор дар доираи қонун озодона фаъолият намуда, имкони таъмини зиндагии шоиста ва сазоворро соҳибанд. Маҳз шахсиятҳои ташаббускору эҷодкор ва ватандӯсту миллатпарвар пешрафти ҷомеаро таъмин менамоянд, дар ҷомеа кам будани чунин афрод ва ё рисолати хешро иҷро накардани чунин шахсиятҳо ба пайдоишу ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ монеа эҷод мекунанд.

Масъалаи дигар асоси маънавии рушди ҷомеаи шаҳрвандист, ки ба ҳувияти миллӣ ва андешаи миллӣ такя менамояд, агар субъектҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҳувият ва арзишҳои миллӣ бархӯрдор набошанд, мардумро дар атрофи худ муттаҳид ва ба онҳо таъсир расонида наметавонанд. Шаҳрвандон ба он субъектҳои фаъоли ҷамъиятӣ эътимод доранд, ки барандаи

ҳувияти миллӣ ҳастанд, арзишҳои миллиро қадр мекунанд, ба маънавиёт ва руҳияи шаҳрвандон наздиканд. Мутаассифона, барои аксарияти намояндагони ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон, сарварони ташкилотҳои иҷтимоӣ ва дигар шахсиятҳои фаъоли ҷамъиятии кишварамон арзишҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ ва дигар унсурҳои ҳувияти миллӣ бегона аст ва бо ин сабаб, шаҳрвандон ба чунин афрод эътимод надоранд.

Барои фаъол намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон бояд ҳувияти миллӣ ба асоси он табдил ёбад ва он гоҳ шаҳрвандон дар атрофи институтҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ муттаҳид мешаванд ва таъсири он бо ҷомеа меафзояд. Ба андешаи сиёсатшиноси ватанӣ Х.Қ. Сафарализода, «ба самти дуруст сафарбар кардани фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ боиси мустаҳкамшавӣ ва минбаъд рушду инкишоф ёфтани инфрасохтори идеологии давлат мегардад. Бо ин роҳ ҷомеаи шаҳрвандӣ дар афзоиши ҷонибдорони арзишҳои идеологӣ саҳми худро мегузоранд» [349, с. 343].

Масъалаи дигар дар сатҳи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ шинохту маърифати он аз ҷониби аҳолӣ мебошад. Таҳлили натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки то ҳанӯз аксарияти шаҳрвандони мо ба мафҳуму моҳияти «ҷомеаи шаҳрвандӣ» ва унсурҳои асосии он сарфаҳм намераванд. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, мусоҳибон зери мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» асосан ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд – 55,5%, фаъолияти озоди ҳар як шахс ва ҷомеа – 48,8%, фаъолияти озоди ташкилоти ҷамъиятӣ – 17,2%, худфаъолияткунии одамон – 16,7%, озодии сухан ва ВАО – 16,6%, озодии дин ва мазҳаб – 14,1%-ро фаҳмидаанд. Ҳамзамон, 13,7% мусоҳибон дар ҷавоб ба ин савол душворӣ кашиданд *(нигаред ба расми 8)* [184, с. 48, 80].

Расми 8.


Шумо «ҷомеаи шаҳрвандӣ» гуфта чиро мефаҳмед? *(n=1100, %)*



Қариб нисфи мусоҳибон бар он ақидаанд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон вуҷуд дорад. Аз се як ҳиссаи мусоҳибон иброз намуданд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон вуҷуд дорад, аммо хеле заиф аст ва 4,9% мусоҳибон қайд намуданд, ки дар Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд надорад. Инчунин, 16,4% мусоҳибон ба ин савол ҷавоб гуфта натавонистанд *(нигаред ба расми 9)* [184, с. 40, 80].

Расми 9.

Ба фикри Шумо дар Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд дорад? *(n=1100, %)*



Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таври мустақим ва ё ғайримустақим ба давлат робитаи зич дорад. Ҳарчанд

институтҳои иҷтимоӣ асосан бо ташаббуси шаҳрвандон таъсис меёбанд, аммо давлат барои фаъолияти онҳо фазои ҳуқуқии зарурӣ фароҳам оварда, дар доираи қонун назорати муайянро амалӣ менамояд. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон на танҳо дар Конститутсия ва дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум ёфтаанд, балки воқеан, дар амалия татбиқ мегарданд. Инчунин, ҳуқуқи шахс бо қонун ҳифз гардида, шаҳрвандон ихтиёран ва озодона дар ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муттаҳид шуда, дар ҳамкорӣ бо давлат фаъолият мекунанд.

Дар шароити муосири Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун низоми мураккаби институтҳо, ташкилотҳо ва умумиятҳои иҷтимоии ғайриҳукуматӣ ташаккул ёфтааст. Фаъолияти онҳо соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилоҳои фарҳангӣ ва эҷодӣ, ҷамъиятҳои динӣ, соҳаи таълиму тарбия ва ВАО-и мустақилро фаро мегирад. Фаъолияти самараноки чунин иттиҳодияҳо ва институтҳо ба гастариши муносибатҳои демократӣ, фаъолгардии субъектони муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва устуворгардии ҷомеаи ҳуқуқбунёду дунявӣ мусоидат менамояд.

Ҳамкорӣ ва шарикии мутақобилаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо давлат барои ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ заминаи муҳим фароҳам меорад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар алоқамандӣ бо давлат ташаккул меёбад ва бояд қобилияти шарики давлат шуданро дошта бошад. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи Ш. Шоисматуллоев, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат падидаҳои фарқкунандаанд, онҳо барои муттаҳидсозии афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар ҳамон як ҷомеа аз воситаҳои мухталиф истифода мебаранд, «аммо фарқи назарраси объективии байни онҳо маънои падидаҳои мустақил буданашонро ифода намекунад. Барои мавҷудияти худ онҳо ба ҳамдигар якхела зарур мебошанд» [319, с. 30].

Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ирода ва хоҳишу ташаббуси шаҳрвандон ва мусоидати давлат ташаккул меёбанд. Давлат барои фаъолияти пурсамари чунин институтҳо замина ва фазои зарурии ҳуқуқиро фароҳам месозад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионии ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла бунёди давлати ҳуқуқбунёд, таҳкими истиқлоли давлатӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рушди институтҳои демократӣ, эътирофи баробарҳуқуқии шаҳрвандон, таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо ва волоияти қонун ба таври расмӣ муқаррар ва эълон гардидаанд. Аз дидгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ фароҳам омадаанд, ки ба фаъолият ва мавқеи ватанпарваронаи мардум такя менамоянд. Ба таъкиди Сарвари давлат таҳкурсии устувори демократияро ҷомеаи воқеан шаҳрвандӣ ташкил медиҳад ва дар кишварамон шароити зарурии сохторӣ, аз ҷумла таъмини ҳуқуқҳои воқеии шаҳрвандон барои таъсиси созмонҳои мустақили ҷамъиятӣ муҳайё гардидаанд: «Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишварамон бомаром инкишоф меёбанд. Онҳо беш аз пеш дар ҳалли проблемаҳои мушаххас ва ҳаётан муҳимми мардум фаъолона саҳм мегузоранд. Бинобар ин, мо тамоюли ҳамкории миёни сохторҳои ғайриҳукуматӣ ва Ҳукумати Тоҷикистонро ҳамчун падидаи бешубҳа мусбат арзёбӣ мекунем ва чунин мешуморем, ки ин равияро ҳамаҷониба суръат бахшидан зарур аст» [20].

Аз ин лиҳоз, дар даҳсолаи охир институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла ташкилоти ғайриҳукуматӣ, соҳибкории хурду миёна ва дигар шаклҳои ташаббуси шаҳрвандӣ ботадриҷ рушд менамоянд. Ташкилоти ҷамъиятӣ дар байни дигар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле назаррасанд, зеро дар Тоҷикистон шумораи онҳо торафт меафзоянд. Ибтидои соли 2021 дар Тоҷикистон расман 3 000 ташкилоти ҷамъиятӣ ба қайд гирифта шуда буд, аз 17 372 ташкилоти ғайритиҷоратӣ 5 440 муассисаҳои давлатӣ ва 11 932-тои он

ташкилоти ғайридавлатӣ ё ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб мераванд [83, с. 5].

Ҳоло дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ амал мекунанд ва доираи фаъолияти онҳо қариб тамоми минтақаҳои Тоҷикистонро фаро мегирад. Ташкилотҳои ғайриҳукуматии ҳифзи ҳуқуқӣ низ ҳамчун институти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон тадриҷан меафзоянд. Фаъолияти онҳо асосан ба масъалаҳои тарибияи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифат, маданият ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, мусоидат ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, мониторинги вазъи ҳуқуқи инсон, инчунин, расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба эҳтиёҷмандон равона гардидааст.

Торафт ҳамкориҳои ташкилотҳои давлатӣ бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тақвият меёбанд. Барқарор намудани муносибатҳои шаффофи уфуқӣ дар ҷомеа ва рушди низоми босамари «алоқаи баръакс» барои тақвияти назорати ҷамъиятӣ кумак мерасонанд. Барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди механизмҳои татбиқи принсипҳои ҷомеаи ҳуқуқбунёд мусоидат менамоянд.

Муҳаққиқи тоҷик А.Ш. Одинаев алоқамандӣ ва робитаи байни институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатро омӯхта, ба хулосае расидааст, ки бо сабабҳои зерин давлат аз ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳавасманд буда метавонад:

1. Ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми қонуният ва машруияти ҳокимияти сиёсӣ аст.
2. Муносибат ва ҳамкорӣ бо ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ барои давлат манбаи муҳимми маълумот дар бораи вазъи ҷомеа, манфиат, эҳсосот ва муносибати шаҳрвандон ба ҳокимияти сиёсии амалкунанда маҳсуб меёбад.

3. Дар давраҳои душвори таърихӣ (буҳрони иқтисодӣ, ҷангҳо ва ғайра) ҷомеаи шаҳрвандӣ ба неруи тавонои пуштибони давлат табдил меёбад.
4. Аксарияти ташкилоти ҷамъиятӣ барои фаъолияташон ба дастгирии моддии давлат ниёзманданд, аммо баъзе аз ташкилот худ ба давлат кумаки молиявӣ мерасонанд (иттиҳодияи бонкҳо, иттифоқи касаба ва ғайра) [343, с. 10].

Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пояи давлати ҳуқуқбунёдро ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ташкил медиҳад, ки он аз афроди озод, баробарҳуқуқ, соҳибмаърифат ва эҷодгару ташаббускор иборат аст. Сарвари давлат ҳамеша таъкид менамоянд, ки дар раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тарбияи аъзои фаъоли он намуданд, ки дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тарбияи аъзои фаъоли он, дар баробари сохтору мақомоти масъули давлатӣ, инчунин, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ бояд ҳамчун унсурҳои фаъол нақши муҳим ва шоистаро иҷро намоянд. Пешвои миллат нақши меҳварии ҳуқуқро дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ махсус таъкид намудаанд: «Дар раванди созмон додани ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши қонун, эҳтиром, риоя ва иҷрои он ниҳоят бузург аст. Маҳз аз ин рӯ, ман борҳо таъкид кардаам, ки қонун бояд меъёри муайянкунандаи рафтори ҳаррӯзаи шахс, фаъолияти ташкилоту муассисаҳо ва воситаи танзимкунандаи муносибатҳои ҷомеа бошад» [17].

Ҳамин тариқ, ҳуқуқ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши муайянкунанда дорад, зеро шаҳрвандон аз ҳуқуқу озодиҳои худ истифода бурда, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идораи давлатӣ фаъолона иштирок мекунанд. Маҳз ҳуқуқ барои пайдоиш, ташаккул ва фаъолияти институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ фазои мусоидро фароҳам оварда, барои амали иҷтимоии шаҳрвандони фаъолу ташаббускор роҳ мекушояд. Айни замон унсурҳои меҳварии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон босуръат рушд ёфта, институтҳои он дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии кишварамон иштирок менамоянд.

Дар давлатҳое, ки нишонаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ устувор гардидаанд, заминаҳои рушди ҷомеа мустаҳкам буда, шаҳрвандонашон ҳуқуқу озодиҳои худ ва роҳҳои амалисозии хуб медонанд, сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқиашон хеле ташаккул ёфтааст, уҳдадориҳои худро иҷро мекунанд ва дар сатҳи шоиста зиндагӣ доранд. Мо бояд таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи хориҷиро омӯзем ва бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ дар эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёду шаҳрвандӣ истифода барем. Агар мо, воқеан давлати ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ, ки асоси ин ҷамъиятро институти ҳуқуқ ташкил мекунад, бунёд карда тавонем, пас худ ба худ механизмҳои самараноки ҳалли бисёре аз масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаро пайдо менамоем.

Дар натиҷаи ҷамъбасти таҳлилҳои дар боби сеюми диссертатсия анҷомёфта хулоса баровардан мумкин аст, ки азнавсозии ҳуқуқ дар шароити имрӯза яке аз омилҳои рушди устувори ҷомеа ба ҳисоб рафта, мазмуни асосии онро мутобиқсозии низоми ҳуқуқии миллӣ бо талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ, ворид кардани дастовардҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамзамон, ҳифзи фарҳанги миллӣ ва ҳувияти ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Азнавсозии ҳуқуқ на танҳо ба танзими муносибатҳои нави иҷтимоӣ, балки ба ташаккули фазои ҳуқуқии мувофиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ равона шудааст. Аз назари муҳаққиқони соҳа, азнавсозии ҳуқуқ бояд на бо роҳи нусхабардорӣ, балки бо дарназардошти хусусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳувияти миллӣ амалӣ шавад. Ҳуқуқ ҳам субъект ва ҳам объекти азнавсозии ҷомеа амал мекунад, зеро тавассути он ҷомеа азнавсозӣ мешавад ва ҳамзамон, худ низ бояд мутобиқ ба талаботи нави иҷтимоӣ такмил ёбад. Азнавсозии ҳуқуқ тавассути давлат, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон сурат мегирад.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки миёни ҳуқуқ ва синфи миёна ҳамбастагии мусбати устувор мавҷуд аст, зеро агар амалисозии самараноки ҳуқуқ ба ташаккули синфи миёна мусоидат намояд, пас афзоиши шумораи намояндагони ин табақа низ ба субот ва рушди

минбаъдаи ҷомеа муҳим мебошад. Аксарияти намояндагони синфи миёна қонунпазир, дорои сатҳи кофии шуур ва маданияти ҳуқуқӣ буда, аз ҳуқуқу озодӣ ва манфиати қонунии хеш самаранок истифода мебарад.

Хусусияти ҳамгироӣ дар байни ҳуқуқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ба мушоҳида мерасад. Маҳз фазои мусоиди ҳуқуқии ҷомеа ба ташаккули субъектҳои озод, фаъол, мустақил ва ташаббускор мусоидат менамояд, ки дар натиҷа, онҳо тавассути созмон додани ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа иштирок намуда, манфиати шахсию гурӯҳии худро ҳифз менамоянд. Имрӯз дар Тоҷикистон бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар ба ҳисоб рафта, тавассути институтҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои демократӣ ташаккул меёбад.

БОБИ 4. НИГИЛИЗМИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБИ ҶОМЕАИ МУОСИР

4.1. Мафҳуми «нигилизми ҳуқуқӣ» ва сабабҳои пайдоишу паҳншавии он дар ҷомеаи муосир

Одамон нисбат ба ҳуқуқ, зуҳуроти ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ назар, муносибат ва таваҷҷуҳи гуногун доранд. Ба амали самараноки ҳуқуқ дар ҷомеа ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии он маҳз муносибати аҳолӣ ба ҳуқуқ ва шаклҳои гуногуни зуҳуроти он таъсир мерасонанд. Яке аз ҷанбаҳои шуури ҳуқуқӣ афкори омма нисбат ба ҳуқуқ аст, ки тасаввуроти аҳолиро оид ба ҳуқуқ, қонун, адолати иҷтимоӣ ва фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ инъикос менамояд. Нигилизми ҳуқуқӣ низ афкор ва муносибати аҳолӣ нисбат ба ҳуқуқ ва фазои ҳуқуқии ҷомеа мебошад.

Мафҳуми «нигилизм»-ро аввалин маротиба руҳонӣ ва файласуфи масеҳӣ А. Августин (354-430) нисбат ба одамоне истифода бурдааст, ки ба дин боварӣ надоштанд. Баъдан, назарияи нигилизмро файласуфи олмонӣ Ф. Нитсше (844-1900) ташаккул додааст. Донишманд нигилизмро чунин шарҳ медиҳад: «Нигилизм чӣ маъно дорад? Арзишҳои олӣ арзиши худро гум мекунанд ... набудани мақсад, набудани посух ба саволи чаро?» [123, с. 31]. Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» мафҳуми «нигилизми ҳуқуқӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «Нигилизми ҳуқуқӣ (аз калимаи лотинии nihil – ҳеҷ чиз) – яке аз шаклҳои дарки яктарафа, ғайриилмӣ ва беарзиши ҳуқуқ, усули номатлуби нигариш нисбат ба ҳуқуқ аст, ки аҳаммият, нақш, арзиш ва зарурати ҳуқуқро дар ҷомеа паст ё тамоман инкор мекунад» [175, с. 333].

Масъалаи таҳқиқи нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ, фалсафа ва сотсиология торафт мубрам мегардад. Ба андешаи муҳаққиқи соҳа Д.Н. Вороненков, нигилизми ҳуқуқӣ «на танҳо масъалаи ҳуқуқшиносӣ аст, балки ин масъала ҷанбаҳои сотсиологӣ ва иҷтимоӣ-фалсафӣ

дорад» [331, с. 46], ки дар натиҷаи муносибати шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё ҳатто тамоми ҷомеа нисбат ба ҳуқуқ ташаккул меёбад.

Нигилизми ҳуқуқӣ шакли шуури ҷамъиятист, ки хусусиятҳои таърихии ҳаёту фаъолияти шаҳрвандон ва вазъи ҳуқуқии ҷамъиятро инъикос менамояд, ки ҳамчун натиҷаи баҳодиҳии ҳуқуқ ва меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқ аз тарафи субъектони муносибатҳои иҷтимоӣ ҳувайдо мегардад. Ин падида ҳамчун муносибати шубҳаомез ва инкорию манфии шаҳрвандон нисбат ба ҳуқуқ ва нобоварӣ ба иқтидори он дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ зоҳир гардида, дар рафтору амалҳои ғайриқонунӣ низ таҷассум ёфта метавонад. Барои баъзе аз субъектони ҷамъиятӣ нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи шуур, тарзи зиндагӣ, ҳувият ва шакли рафтор баромад мекунад. Ҷомеашиноси рус В.А. Кузменков моҳияти нигилизми ҳуқуқиро чунин шарҳ додааст: «Нигилизми ҳуқуқӣ инкори фаъолонаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инкори дидаву донистаи талаботи қонун, муносибати шубҳаноку манфӣ нисбат ба ҳуқуқ ва инкори арзиши фарҳангии ҳуқуқ аст» [246, с. 110].

Нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун унсури таркибии низоми ҳуқуқии ҷомеа дар давлатҳои рӯ ба инкишоф ва давраи гузариши ҷомеа шиддат мегирад ва чунин шароитеро ба вуҷуд меорад, ки эътимоди аҳолӣ ба институти ҳуқуқ, қонун, адолати ҳуқуқӣ ва фаъолияти самараноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ коҳиш меёбад. Муҳаққиқи рус С.Г. Харлова низ нигилизми ҳуқуқиро падидаи давраи гузариши ҷомеа арзёбӣ намуда, дар ин бора чунин навиштааст: «Падидаи назарраси манфии давраи гузариш нигилизми ҳуқуқӣ буд. Маҳз ин падида ба таври васеъ самаранокии механизмҳои амалияи ҳокимиятро коҳиш дода метавонад» [308, с. 127].

Ба андешаи муҳаққиқон, нигилизми ҳуқуқӣ паст будани сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ, баҳодиҳии манфии ҳуқуқ, инкори нақши мусбати ҳуқуқ дар ҷомеа ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, интишори малака ва қолабҳои рафтори ғайриҳуқуқӣ ва зиддиҳуқуқиро ифода менамояд. Падидаи мазкур ҳолати шуури ҳуқуқии шаҳрвандон тавсиф намуда, маҳз дар натиҷаи иҷтимоишавии

нодурусти ҳуқуқӣ ва паст будани сатҳи саводи ҳуқуқии аҳолӣ ба миён меояд [260, с. 19].

Ба андешаи муҳаққиқони рус С.И. Захарсев ва Н. Варламова, нигилизми ҳуқуқӣ се бахши инкорро дар бар мегирад:

1. Бахши якум муносибати манфӣ нисбат ба қонунгузории амалкунанда, ки ба буҳрони иқтисодию сиёсии ҷомеа, коҳиши самаранокии иҷрои вазифаи муҳофизатии ҳуқуқ, риоя нагардидан ё нокифоя иҷро шудани талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ алоқамандӣ дорад.
2. Бахши дуюм муносибати инкории ҷомеа нисбат ба тартиботи ҳуқуқии мавҷуда ба ҳисоб меравад.
3. Бахши сеюм муносибати номуносиби аҳолиро нисбат ба озодӣ ва баробарҳуқуқӣ дар бар мегирад, ки натиҷаи эътироф нашудани арзишмандии ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоист [230, с. 90-93; 219].

Ҳуқуқшиноси ватанӣ Р.Ш. Сотиволдиев ду шакли ифодаи нигилизми ҳуқуқиро қайд намудааст: 1) нигилизми ғайрифаъол ва 2) фаъол. Ба андешаи ӯ, «Нигилизми ғайрифаъол аҳаммият ва нақши ҳуқуқро дар пешрафти ҷамъият паст карда, онро омили дуюмдараҷаи ҳаёти инсон мешуморад. Нигилизми фаъол бошад, ҳуқуқро тамоман инкор карда, қисми таркибии ҷараёни анархизм аст» [159, с. 60].

Нигилизми ҳуқуқӣ дар ҳолате зуҳур меёбад, ки институти ҳуқуқ ва шакли ифодаи он – қонунҳо пурра ё қисман самаранок амал намекунанд, шаҳрвандон нисбат ба ҳуқуқ муносибати манфӣ ва нобоварона доранд, талаботи қонунро риоя накарда, бо роҳҳои ғайриҳуқуқӣ талаботи моддӣ ва маънавии худро қонеъ кардан мехоҳанд. Нигилизми ҳуқуқӣ чунин маъно низ дошта метавонад, ки субъекти шуури ҳуқуқӣ дар ҳаёти воқеӣ татбиқи амалии дониш ва тасаввуроти ҳуқуқии худро мушоҳида намекунад ва дар натиҷа нисбат ба ҳуқуқ муносибати манфӣ пайдо менамояд. «Мафҳуми нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷаҳони муосир яке аз шаклҳои зоҳиршавии рафтори иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинӣ

баррасӣ мешавад» [301, с. 32], ки ба шуур ва маданияти ҳуқуқии онҳо алоқамандӣ дорад.

Умуман, нигилизми ҳуқуқӣ «фоҷиаи ҳуқуқ» [35, с. 188] буда, ҳамчун падидаи хатарноки иҷтимоӣ дар паст рафтани арзиши иҷтимоии ҳуқуқ, инкори имконоти танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ, беэътимодӣ ба волоияти ҳуқуқ ва қонун, нобоварӣ ба фаъолияти қонунгузорон ва ҳокимияти судӣ, эътимод надоштан ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчун воситаи зӯроварӣ донистани ҳуқуқ, «тарзи тафаккур ва рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ иғвоангез ва аз ҷиҳати идеявӣ маҳдудшуда» [344, с. 11], «ҳамчун муносибати манфӣ ва ҳатто хашмгинона нисбат ба ҳуқуқ, қонунҳо ва умуман, тартиби меъёрӣ» [228, с. 59] ва дигар падидаҳои манфии ҳуқуқии ҷомеа ифода меёбад.

Дар баробари нигилизми ҳуқуқӣ дигар шаклҳои вайроншавии шуури ҳуқуқӣ вуҷуд доранд. Ҳарчанд давлат пайваста кӯшиш мекунад, ки шуури мусбати ҳуқуқиро ташаккул диҳад, вале бо сабабҳои гуногун дар баробари нигилизми ҳуқуқӣ шаклҳои дигари вайроншавӣ (деформатсия)-и шуури ҳуқуқӣ низ ба миён меояд, аз ҷумла инфантилизми ҳуқуқӣ (надонистани ҳуқуқу озодиҳо), фетишизми ҳуқуқӣ (парастиши ҳуқуқ), идеализми ҳуқуқӣ (интизориҳои беҳад зиёд аз ҳуқуқ) ва ғайра, ки ба рафтори ҳуқуқии одамон таъсири назаррас мерасонанд. Сабабҳои инқирози шуури ҳуқуқии шаҳрвандон тағйироти куллии ҷомеа, «табаддулоти давлатӣ, эпидемияҳо, гуруснагӣ» [221, с. 51], буҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа, нокомилии низоми қонунгузорӣ ва ғайра буда метавонанд.

Яке аз масъалаҳои ҳуқуқии ҷомеаи муосири Тоҷикистон масъалаи дар байни ҳамаи табақаҳои аҳолӣ торафт интишори нигилизми ҳуқуқӣ мебошад. Ҳоло дар Тоҷикистон нигилизми ҳуқуқӣ як қисмати таркибии шуури ҳуқуқии аҳолӣ буда, хусусияти таърихии фарҳанг, тарзи зиндагӣ ва фаъолияти шаҳрвандон, инчунин, вазъи ҳуқуқии ҷомеаро инъикос менамояд ва ҳамчун натиҷаи баҳодиҳии ҳуқуқ ва меъёрҳои алоҳидаи он аз ҷониби афрод, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дар маҷмуъ, ҷомеа ҳувайдо мегардад.

Пайдоиш ва рушди нигилизми ҳуқуқӣ ба як зумра омилҳо ва сабабҳои объективию субъективии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Ташаккули нигилизми ҳуқуқиро, пеш аз ҳама, дар низоми ҳуқуқии ҷомеа ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷустуҷӯ кардан лозим аст. Ба андешаи ҷомеашиноси рус С.В. Бурмистров омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ боиси пайдоиши нигилизми ҳуқуқӣ намегарданд, балки заминаи пайдоиши он худи ҳуқуқ аст: «Заминаи асосии нигилизм худи ҳуқуқ, ҳаёти ҳуқуқӣ ва пеш аз ҳама, тағйироти онҳост, ки хусусияти муҳим дошта, табиати ҳуқуқро вайрон мекунанд» [218, с. 150].

Ҳуқуқшиноси маъруфи ватанӣ Э.С. Насриддинзода ҳангоми таҳқиқи шуур ва маданияти ҳуқуқӣ ба сабабҳои пайдоишу интишори нигилизми ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ намуда, ба хулосае меояд, ки «ҷой доштани нигилизми ҳуқуқӣ мушкилот дар ташаккули шуури касбии ҳуқуқшиносон, тахассуси нокофии судяҳо, мушкилоти кадрӣ дар мақомоти судӣ, сатҳи нокифояи маҳорати техникии судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, коррупсия дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бюрократизм ва суиистифода аз қонун ва сатҳи нокифояи маърифати ҳуқуқии мақоми хизматӣ ва мутаносибан, ин камбудиҳо дар тарбия ва таълими ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад» [341, с. 274; 255, с. 40]. Сотсиологи ватанӣ Н.С. Шоев рушди нигилизми ҳуқуқиро «яке аз оқибатҳои ногувори маргиналият» [182, с. 111] номидааст.

Дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқони мавзуъ Д.Э. Марченко [256, с. 10-11], Т.В. Волкова [222, с. 53-54], А.Х. Феткулов, Ф.С. Момишева ва Р.Р. Хакимов [302, с. 192] чунин сабабҳои пайдоишу густариши нигилизми ҳуқуқиро номбар намудан мумкин аст:

1. Нокифоя будани таълими ҳуқуқӣ. Ҳарчанд ВАО дар ҷомеа маълумоти зиёди ҳуқуқиро паҳн менамояд, аммо маърифати ҳуқуқии аксарияти аҳолӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Бештари ҷавонон қонунҳоро дарк намекунанд ва дар ҳолати зарурӣ аз куҷо дастрас намудани кумаки ҳуқуқиро намедонанд.

2. Тағйири шуури ҳуқуқии ҷавонон. Роҳ додан ба саҳву хатоҳо дар тарбияи ҳуқуқӣ, норасоии омӯзгорони соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар муассисаҳои таълимӣ боиси тағйири тамоюлҳои арзишии ҷавонон, баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода натавонистан ба падидаҳои ҳаёти иҷтимоӣ мегардад.
3. Буҳрони институти оила, ки боиси афзудани ҳолатҳои ҷудошавии ҳамсарон, тарбияи фарзандон дар оилаҳои нопурра ва кӯдакони беназорат мегардад.
4. Таъсири номатлуби ВАО ба шуури ҷавонон. Силсилаи беохири филмҳои бадеӣ ва барномаҳои телевизионии дорои хусусияти ҷиноӣ боиси муносибати беэҳтиромона ва шубҳанок нисбат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мегардад.
5. Коррупсия, ки боиси густариши соҳибкории пинҳонӣ ва нимқонунӣ гардида, ҳиссаи шаҳрвандони дорои шуури нигилистиро зиёд мегардонад.
6. Коҳиши сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба фаъолияти мақомоти қонунгузор, инчунин, паст будани сатҳи сифати қонунҳо. Мавҷудияти зиддиятҳо дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва паст рафтани мақоми қонунгузорон боис гардидаанд, ки қисми муайяни шаҳрвандон қонунҳои навро ғайриҳуқуқӣ ва беасос меҳисобанд.
7. Адами имконоти таъсири аксарияти шаҳрвандони ба раванди қабули қонун ва қарорҳо, ки дар натиҷа муносибати манфии шаҳрвандонро нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бармеангезад. Инчунин, амалӣ нашудани интизориҳои шаҳрвандон нисбат ба ташаббуси қонунгузорӣ.
8. Поймол намудани ҳуқуқи инсон, инчунин, вайрон гардидани принсипи баробарӣ дар назди қонун, ки боиси коҳиши эътимоди шаҳрвандон нисбат ба неруи қонунҳои амалкунанда ва фаъолияти шаффофи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мегарданд.
9. Оқибатҳои буҳрони иҷтимоӣ ва ислоҳоти бемуваффақияти ҳуқуқӣ, махсусан, дар раванди қонунгузорӣ ба инобат нагирифтани фарҳанг ва

ҳувияти миллӣ, ки дар натиҷа қонунҳои қабулшуда бештар арзишҳои маданияти ғарбиро инъикос намуда, ба руҳи миллӣ наздик нестанд.

10. Хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологии шахсияти ҳуқуқвайронкунанда (дараҷаи инкишофи равонии шахс, хислатҳои эмотсионалӣ, ҷанбаҳои иҷтимоию биологии рафтор ва ғайра).
11. Номутобиқатии байни арзишҳои дар қонун асосёфта бо арзишҳо ва меъёрҳое, ки шахс дар муҳити наздики худ (оила, гурӯҳи иҷтимоӣ ва коллективи меҳнатӣ) ба даст меорад ва ғайра.

Баъзе аз муҳаққиқон сабабҳои пайдоиши нигилизми ҳуқуқиро ба хусусиятҳои шуури ҳуқуқии одамон, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти тарбияи ҳуқуқӣ ва татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ алоқаманд медонанд. Муҳаққиқи соҳа Г. Хамитова раванди нокифояи иҷтимоишавии ҳуқуқиро ҳамчун яке аз омилҳои асосии пайдоиши нигилизми ҳуқуқӣ арзёбӣ намуда, дар ин замина андешаҳои худро чунин баён намудааст: «Сатҳи нокифояи таълими ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва тарбияи ҳуқуқии агентҳои иҷтимоишавӣ боиси нобоварии ҷавонон ба ... қонунҳо, муносибати беэҳтиромона ва манфӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ, вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда (аз ҷумла, ҷиноятқории наврасон ва ҷавонон) ва паҳнгардии нигилизми ҳуқуқӣ мегардад» [307, с. 81].

Нигилизми ҳуқуқӣ ба бесамарии амали иҷтимоии ҳуқуқ ва фаъолияти ношаффофи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ ҳамбастагӣ дорад. Дар ҳолате, ки ҳуқуқ ва қонун дар ҷомеа самаранок амал намекунад, ҳуқуқу озодӣ ва манфиати қонунии шаҳрвандон риоя ва ҳифз намегарданд, нигилизми ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Баъдан, дар ҳолати буҳрони арзишии ҷомеа ҳуқуқ низ ҳамчун арзиши иҷтимоӣ моҳияти худро гум менамояд. Муҳаққиқи рус И.Н. Сенин дар ин бора хело воқеӣ изҳори назар намудааст: «Шароити иҷтимоии нигилизми ҳуқуқиро таъкид карда, бояд буҳрон ва таназзули арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ, аномия; маргинализатсияи ҷомеа; заифгардии институтҳои назорати ҷамъиятро қайд намудан лозим аст, ки дар сатҳи

психологӣ боиси ташаккули эҳтиёҷоти қафомонда ва муносибатҳои зиддиҳуқуқӣ мегарданд» [350, с. 10-11].

Нигилизми ҳуқуқӣ ба сифати меъёрҳои ҳуқуқӣ ва мувофиқати онҳо ба талаботу манфиати шаҳрвандон низ алоқамандӣ дорад. Агар дар қонунҳо талаботи воқеӣ ва манфиати қонунии аҳолӣ инъикос нагарданд, шаҳрвандон аз мақоми ишғолнамудаи иҷтимоии хеш қаноатманд набошанд ва талаботи худро бо роҳи қонунӣ қонеъ гардонида натавонанд, нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муносибати нигилистӣ пайдо мешавад. Муҳаққиқи россиягӣ В.Н. Гулияхин дар бораи алоқамандии ҳуқуқ ва ҳаёти иҷтимоӣ таҳқиқот гузаронида, навиштааст: «Вақте ки меъёрҳои ҳуқуқӣ бо шаклҳои иҷтимоии ҳаёти одамон алоқаманд нестанд, онҳоро инкор мекунанд, чунин падидае бо номи нигилизми «ҳуқуқӣ» пайдо мешавад» [55, с. 114].

Сарчашмаҳои муносибати нигилистии одамонро дар қоидаҳои ғайридемократии ҳалли зиддиятҳои тезутунди ҷомеа низ дарёфт намудан мумкин аст. Вақте ки ҳифзи ҳуқуқии шаҳрвандон дар сатҳи лозима таъмин намегардад ва афроди «неруманд» ҳуқуқу озодиҳои дигаронро поймол мекунанд ва қонун аз онҳо муҳофизат карда наметавонад, дар ҳама соҳаҳои ҳаёту фаъолият ба коррупсия дучор мегарданд, руҳияи нигилистии аҳолӣ боло меравад ва нобоварӣ ба ҳуқуқ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ меафзояд. «Беэътибории қонун боиси ҳайрат, нобоварӣ, хашму ғазаб ва эътирози бештар мегардад. Дар ин шароит, ҳатто шаҳрвандони қонунпазир нисбат ба тартиботи ҳуқуқии мавҷуда назари нигилистӣ пайдо карда метавонанд» [202, с. 60].

Дар ҳолате, ки ҷиноятқорон бечазо мемонанд, шаҳрвандон ба ҳолатҳои коррупсионӣ ва поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои худ рӯ ба рӯ мегарданд, бо роҳи қонунӣ ва неруи шахсӣ масъалаҳои ҳаётии худро ҳал ва талаботи моддию маънавии худро қонеъ гардонида наметавонанд, бовариашон нисбат ба ҳуқуқ, қонун, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳама он чизе, ки ба ҳуқуқ алоқаманд аст, коҳиш меёбад. Дар шуури онҳо чунин қолаби фикрие пайдо

мешавад, ки қонун танҳо манфиати гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ва шахсони алоҳидаро инъикос менамояд. Чунин қолабҳои фикрӣ ҳатто ба амалу рафтори шахсони қонунпазир низ таъсир расонида, дар онҳо нигилизми ҳуқуқиро ташаккул дода метавонад.

Ҳангоме, ки ҳуқуқ аз ҷониби баъзе намояндагони мақомоти масъул ҳамчун аслиҳаи фишор истифода мегардад, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ба инобат гирифта намешаванд. Онҳо аз ваколатҳои худ васеъ истифода мебаранд, аммо аз корафтодагон бештар иҷрои уҳдадориҳоро талаб менамоянд, пас дар ин ҳолат аз шаҳрвандон рафтори комилан қонунӣ ва содиқ будан ба қонунро интизор шудан ғайриимкон аст. Албатта, нигилизми ҳуқуқӣ бештар на ба мазмуни қонунҳо, балки нисбат ба амал ва иҷрои онҳо пайдо мешаванд. Ҳуқуқшиноси рус И.А. Илин оид ба ин масъала чунин навиштааст: «Аз рӯйи мақсади объективии худ ҳуқуқ асбоби тартибот, сулҳ ва бародарӣ аст, аммо зери татбиқи он аксар вақт дурӯғ ва зӯроварӣ, ҷозиба ва низоъ, исён ва ҷанг пинҳон дошта мешавад» [74]. Ё ин ки файласуфи франсавӣ Ш. Монтеске навишта буд: «Вақте ки ман ба ягон кишвар меравам, ман на сифати қонунҳо, балки чӣ тавр иҷро шудани онҳоро месанҷам, зеро қонунҳои хуб дар ҳама ҷо вомехӯранд» [114, с. 318].

Технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва ВАО-и электронӣ дар баробари паҳн намудани иттилооти мусбати ҳуқуқӣ, инчунин, ба ташаккул ва густариши нигилизми ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд. Ҳоло ВАО-и электронӣ дар ташаккули тамоми арзишҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла арзишҳои ҳуқуқӣ таъсири назаррас мерасонанд. Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар майдонҳои иттилоотӣ дар баробари интишори иттилооти ҳуқуқӣ, инчунин, рафтори зиддиҳуқуқӣ, зӯроварӣ, ҷинояткорӣ ва амалҳои зиддиахлоқиро низ инъикос мекунанд, ки на ҳамеша ба воқеияти иҷтимоӣ мувофиқат доранд. Дар натиҷаи таъсири чунин муҳити иттилоотӣ, дар байни наврасону ҷавонон ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ, зӯроварӣ ва рафторҳои зиддиҳуқуқию зиддиахлоқӣ афзоиш меёбанд.

Ҷомеашиноси рус В.В. Ковалев дар ин самт таҳқиқоти махсус анҷом дода, ба хулосае меояд, ки яке аз сабабҳои интишори нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа ворид шудани порчафарҳанг ва идеологияи олами ҷиноӣ ба муҳити фарҳанги оммавӣ мебошад. Дар ин раванд, ВАО, кино ва адабиёти бадеӣ нақши муайян бозида, симоҳои ҷинояткорони касбӣ ва роҳбарони гурӯҳҳои ҷиноиро таблиғ намуданд, ки барои қисми муайяни ҷавонон таваҷҷуҳангез буданд: «Намунаи зуд сарватманд ва соҳиби нуфуз гардидани роҳбарони муҳити ҷиноӣ барои аксарияти ҷавонон чунин маъно дошт, ки барои ноил шудан ба ҳадаф – сарватманд шудан ва пайдо намудани мақоми иҷтимоӣ қонунҳо ва меъёрҳои ахлоқиро вайрон кардан мумкин аст» [239, с. 26].

Аксарияти муҳаққиқони соҳа байни институти оила ва нигилизми ҳуқуқӣ ҳамбастагии қавиро мебинанд, зеро муҳити носолими оилавӣ, паст будани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии волидайн, рафтори зиддиҳуқуқӣ дар оила ба иҷтимоишавии ҳуқуқии аъзоёни оила, махсусан, наврасону ҷавонон таъсири манфӣ мерасонанд. Агар дар муҳити оилавӣ ва шуури волидайн нигилизми ҳуқуқӣ ҷой дошта бошад, ҳатман ба шуури ҳуқуқии фарзандон таъсир расонида метавонанд.

Бештари рафтори зиддиҳуқуқӣ, муносибати беэҳтиромона нисбат ба қонунҳои амалкунанда, нобоварӣ ба неруи ҳуқуқ, намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, махсусан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз оила сарчашма мегиранд, зеро маҳз муҳити наздики оилавӣ ба иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, ташаккули арзишҳои ҳуқуқӣ, ташаккули рафтор ва мақоми иҷтимоии наврасон мусоидат менамояд. Муҳаққиқи соҳа К.Ю Бакланова дар бораи таъсири оила ба сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ чунин навиштааст: «Афзоиши шумораи оилаҳои номусоид, ки ба тарбияи фарзанд машғул нестанд, дар натиҷаи надонистани меъёрҳои асосии ҳуқуқӣ ва намунаи рафтор дар кӯдак муносибати беэҳтиромона нисбат ба қонунро ба вуҷуд меоранд» [208, с. 59].

Дар таҳқиқоти сотсиологие, ки аз ҷониби кормандони шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.

Баҳовaддинови АМИТ дар мавзуи «Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон» гузаронида шудааст, ба омилҳои паҳншавии нигилизми ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки мусоҳибон сабабҳои риоя ва иҷро нашудани қонунҳои амалкунандаро дар баробари паст будани сатҳи шуури ҳуқуқӣ (42,3%) боз ба дигар омилҳо алоқаманд донистаанд.

Аз чор як ҳиссаи мусоҳибон (26,5%) бар он ақидаанд, ки худи қонунгузорон ва мансабдорон қонунро риоя намекунанд. Аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон (21,7%) баён намуданд, ки қонунҳо сода ва фаҳмо навишта нашудаанд. Ҳамзамон, 17,5% иброз доштанд, ки сабаби риоя нашудани қонунҳо бо ришва аз ҷавобгарӣ озод шудани ҳуқуқвайронкунандагон мебошад. Инчунин, мусоҳибон сабабҳои дигарро низ ишора намуданд: қонунҳо ба талабот ҷавобгӯ нестанд – 15,9%, ҳоло дар доираи қонун зиндагӣ кардан мушкил аст – 15,6%, қонунҳо зиддиятноканд – 7,5% *(нигаред ба расми 10)* [183, с. 94-95].

Расми 10.

Барои чӣ баъзе аз қонунҳои қабулшуда ба таври зарурӣ аз ҷониби шаҳрвандон риоя ва иҷро намешаванд? *(n=1100, %)*




Нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон аз даврони шуравӣ замина мегирад, зеро дар давоми ҳокимияти шуравӣ ҷойи риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро андешаи хизмат ба давлат, мансабдорони давлатӣ ва идеологияи сотсиалистӣ, инчунин, содиқ будан ба ҳизби ҳукумрон гирифта буд. Ҳатто ин давра нигилизми ҳуқуқӣ аз назарияи ҳуқуқ маншаъ мегирифт, зеро мувофиқи он институти ҳуқуқ ҳамчун меросбари ҷомеаи синфӣ бояд дар оянда аз байн мерафт. Ҳуқуқшиноси шуравӣ ва россиягӣ В.А. Туманов дар ин бора навиштааст: «Вақте ҷомеа аз усулҳои тоталитарии идораи давлатии ғайриқонунӣ даст кашид ва роҳи давлати ҳуқуқбунёдро пеш гирифт, одамони ба банди сиёсӣ ва иқтисодӣ гирифторгардида барои истифода аз ҳуқуқҳои худ каме имконияти воқеӣ пайдо карданд, ҳамон замон сатҳи пасти фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ошкор гардид» [300, с. 52].

Нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ паҳн гардидааст. Ҳатто баъзе аз шаҳрвандон на аз эҳтиром доштан ба қонун, балки аз тарси ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷазо аз ҳуқуқвайронкунӣ худдорӣ мекунанд. Дар байни баъзе аз шаҳрвандони Тоҷикистон чунин тасаввуроте ҳукумрон аст, ки гӯё қонунҳо боадолатона нестанд, ба манфиати шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои ҳукумрон қабул шудаанд, инчунин, дар мавриди ҳуқуқвайронкунӣ афроди сарватманд ва бонуфуз аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ озод мегарданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки сабаби ба қонун боварӣ надоштани баъзе шаҳрвандонро аз се як ҳиссаи мусоҳибон – 34,0% дар надонистани қонун ва 9,9%-и дар беадолатии иҷтимоӣ мебинанд. Ҳамзамон бо ин, мусоҳибон дигар сабабҳои боварӣ надоштан ба қонунҳои амалкунандаро дар коррупсия, дар амал татбиқ нагардидани қонунҳо, риоя ва иҷро нашудани талаботи онҳо аз ҷониби баъзе аз мансабдорон, инчунин, бо роҳи додани ришва аз ҷавобгарӣ раҳо ёфтани баъзе гунаҳгорон, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набудани баъзе аз қонунҳои қабулшуда ва ғайра дидаанд *(нигаред ба расми 11)* [183, с. 104].

Расми 11.

Барои чӣ баъзе аз шаҳрвандон ба қонун боварӣ надоранд? *(n=1100, %)*



Вазъи буҳронии фазои ҳуқуқии давраи гузариш, пеш аз ҳама, дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан, суд, адвокатура ва милитсия инъикос меёбад. Дар давлати ҳуқуқбунёд судҳо бояд мустақилияти воқеӣ дошта бошанд ва ҳангоми баррасии парвандаҳо танҳо ба меъёрҳои қонун такя

намоянд. Ба фаъолияти онҳо шахсони мансабдорони давлатӣ ва гурӯҳҳои бонуфуз бояд таъсир расонида натавонанд. Тибқи муқаррароти моддаи 84 Конститутсияи Тоҷикистон «Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд» [3, с. 57]. Бе суди мустақил ва шаффоф ҳокимияти судӣ, ҳуқуқи инсон, волоияти ҳуқуқ, қонуният ва адолати иҷтимоӣ вуҷуд дошта наметавонанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қонуният ва адолати иҷтимоиро ба ҳокимияти судӣ вобаста дониста, пайваста таъкид менамоянд, ки ҳокимияти судӣ риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо ва таъмини қонунияту адолати иҷтимоиро ба уҳда дорад. Ба ибораи дигар, мутобиқи Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда, танҳо суд салоҳият дорад, ки шахсро аз озодӣ маҳрум намояд, гунаҳгорӣ ё бегуноҳии ӯро муайян созад, инчунин, ҳаёт, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат ва ташкилоту муассисаҳоро ҳифз намуда, волоияти қонун ва адолати иҷтимоиро таъмин намояд. «Бо дарназардошти он ки адолати судӣ яке аз воситаҳои асосӣ ва боэътимоди ҳалли баҳсҳо ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, судяҳо вазифадоранд, ки фаъолияти худро танҳо дар асоси Конститутсия ва қонунҳо ба роҳ монанд. Онҳо вазифадоранд, ки ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ мустақилу бефараз бошанд ва қарорҳои судиро танҳо дар доираи талаботи қонун қабул намоянд» [25].

Дар замони шуравӣ мақомоти судӣ мустақил набуд, ба ҳокимияти сиёсӣ тобеъ шуда, ба манфиати ҳизби ҳукумрон хизмат мекард. Дар ибтидои истиқлоли давлатӣ ва давраи гузариши ҷомеаи Тоҷикистон ин анъана боқӣ монд. Муҳаққиқи рус В.В. Сорокин низоми ҳуқуқии давраи гузаришро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки «дар давраи гузариш хатари тобеъ кардани қонуният ва қонун ба сиёсат хеле зиёд аст» [292, с. 14]. Таҷрибаи таърихӣ

нишон медиҳад, ки мустақил набудани ҳокимияти судӣ ба ташаккули низоми ҳуқуқии ҷомеа монеа гардида, адолати иҷтимоӣ аз байн меравад ва боиси густариши нигилизми ҳуқуқӣ мегардад. Муҳаққиқи тоҷик П.С. Назарзода низ дар ин мавзуъ таҳқиқоти фарогире гузаронида, нигилизми ҳуқуқиро натиҷаи равандҳои давраи гузариши ҷомеа номидааст: «Аслан нигилизми ҳуқуқӣ, ки дар шуури мардум мустаҳкам шудааст, падидаи объективии хоси давраи гузариш мебошад» [340, с. 22].

Мутаассифона, то ҳол баъзе аз шаҳрвандони кишварамон нисбат ба ҳуқуқ руҳияи нигилистӣ доранд, яъне нақши ҳуқуқ ва қонунҳои амалкунандаро дар ҷомеаи имрӯза намефаҳманд ва ё қадр намекунанд. Илова ба ин, донишмандоне ҳастанд, ки аз институти ҳуқуқ аз ҳад умедҳои зиёд доранд ва онро як неруи фавқулода арзёбӣ кардан мехоҳанд. Аммо, воқеият ин аст, ки тавассути ҳуқуқ пурра ҳал кардани тамоми масъалаҳои ҷомеа ғайриимкон аст, зеро он омили мусоидаткунанда аст, барои ҳалли мушкилот замина фароҳам меорад ва мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, ҳалли ниҳоии масъалаҳои иҷтимоӣ бештар ба фаъолият ва ташаббуси субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ, инчунин, ба шароити воқеии рушди ҷомеа вобастагии зиёд дорад.

Бо сабаби ташаккули нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон баъзе аз шаҳрвандон эҳтиёҷманд ба ҳокимияти судӣ эътимоди лозима надоранд. Онҳо дар ҳолатҳои дучор шудан ба зӯроварӣ, шиканҷа ва поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, инчунин, ҳангоми ҳалли баҳсҳо ва муноқишаҳои байнишахсӣ бештар на ба суд ё мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ, балки ба шахсони бонуфуз ва таъсиргузор, махсусан, ба раиси маҳалла, руҳониён, мансабдорони маҳаллӣ ва шахсиятҳои муътабару бонуфузи ҷомеа мурочиат менамоянд. Баъзан, барои ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиати қонунии худ аз механизмҳои ғайриҳуқуқӣ истифода мебаранд.


Агар шаҳрвандон барои ҳалли мушкилоти хеш ба судҳо мурочиат кунанд ҳам, ба масъалаҳои оилавӣ, баҳсҳо барои қатъи никоҳ, тақсими мерос ва дигар

мушкилоти ба ин монанд дахл доранд. Дар ин робита Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои хеш бо ишора ба вазъи фаъолияти мақомоти судӣ таъкид намуданд, ки сарфи назар аз дастовардҳо, дар фаъолияти судҳо ҳанӯз ҳам камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла ҳолатҳои риоя нашудани муҳлатҳои баррасии парвандаҳо, сари вақт ба тарафҳо пешниҳод нагардидани санадҳои судӣ, бекоршавии қарорҳои судӣ ва муносибати беэҳтиромона нисбат ба шаҳрвандон мушоҳида мешаванд. Ҳамзамон, дар фаъолияти баъзе аз судяҳо беаҳаммиятӣ ҳангоми баррасии парвандаҳо, баҳодиҳии нокифояи ҳуқуқӣ ба далелҳо ва таҳлили нопурраи ҳолатҳои дорои аҳаммияти мурофиавӣ ҷой доранд: «Чунин тарзи муносибат боиси татбиқи нодурусти қонунҳо, қабули санадҳои ғайриқонунӣ ва дар ниҳоят, бекор шудани қарорҳои қабулкардаи онҳо мегардад... Дар даҳ соли охир, яъне аз соли 2014 то соли 2024 нисбат ба 107 нафар, аз ҷумла 45 нафар судяҳо, муовинон ва раисони судҳои шаҳру ноҳияҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз ва тафтиш карда шуда, бо ҳукми суд ба муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум ва аз сафи мақомоти судӣ хориҷ гардидаанд» [25].

Ҳангоми интишори нигилизми ҳуқуқӣ баъзе аз шаҳрвандон ҳодисаҳои рӯйдодаи ҳуқуқиро ба фаҳмиши худ шаҳр дода, шунидаҳояшонро бе таҳлил ба атрофиён нақл мекунанд ва бо ин васила ба авҷ гирифтани нигилизми ҳуқуқӣ ҳисса мегузоранд. Аз ин рӯ, дар байни шаҳрвандон нобоварӣ нисбат ба фаъолияти судҳо ва адолати судӣ пайдо мегардад. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот, ба адолати судӣ аз се як ҳиссаи мусоҳибон (35,5%) пурра ва қариб нисфи мусоҳибон (45,0%) на он қадар боварӣ доштаанд ва 8,3%-и мусоҳибон тамоман ба адолати судӣ боварӣ надоранд *(нигаред ба расми 12)* [183, с. 101].

Расми 12.

Шумо ба адолати судӣ (кори суд) то кадом дараҷа боварӣ доред? *(n=1100, %)*




Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии номбаршуда ҳангоми поймол шудани ҳуқуқҳои мусоҳибон онҳо бештар ба милитсия (34,5%), ба суд (29,3%), ба прокуратура (22,8%), ба ҷамоат (10,5%), ба раиси маҳалла (9,2%), ба ҳукумат (9,0%) ва ба адвокат (6,7%) муроҷиат мекардаанд. Дар баробари ин, 11,4%-и мусоҳибон баён намуданд, ки ҳангоми поймол шудани ҳуқуқашон ба ягон ҷо муроҷиат намекунанд, зеро ин амалро беҳуда меҳисобидаанд *(нигаред ба расми 13)* [183, с. 99].

Хушбахтона, сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон ташаккул ёфта, шумораи шаҳрвандоне, ки ҳангоми пайдо шудани мушкилӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат мекунанд, торафт меафзояд. Масалан, соли 2012 бо мақсади муайян намудани механизмҳои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии аҳолӣ аз тарафи мутахассисони МТС «Зеркало» дар мавзуи «Арзёбии эҳтиёҷоти ҳуқуқии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуда буд. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот 78%-и мусоҳибон барои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ба ҳукумат, ҷамоатҳо ва маҳалла ва 23,1% ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат мекардаанд [135, с. 100-101]. Аммо дар соли 2024 шумораи мусоҳибоне, ки барои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ дар навбати аввал ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат мекунанд, хеле афзудааст.

Расми 13.

Муроҷиати мусоҳибон ҳангоми поймол шудани ҳуқуқҳояшон *(n=1100, %)*



Таҳлили натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳд, ки мусоҳибон бо чунин сабабҳо ҳангоми зарурат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд:

- боварӣ надоранд, ки адолат барқарор мешавад (43,5%);
- кашмокашу даводав зиёд мешавад (30,6%);
- беҳуда аст, ришва гирифта, гунаҳгорро ҷавоб медиҳанд (6,6%);
- қонунҳоро намедонанд (17,1%);
- барои хароҷоти судӣ ва кумаки ҳуқуқӣ пул надоранд (4,2%);
- ақида доранд, ки суд шахсони маъруфро пуштибонӣ менамояд (14,2%);
- бо қоғазбозӣ ва даводав асабҳоро хароб месозанд (13,4%);
- метарсанд, ки гунаҳгорон қасд мегиранд (8,2%);
- шахси гунаҳгорро намеёбанд (7,7%);
- барои судбозӣ вақт надоранд (7,0%);
- ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам (11,0%) *(нигаред ба расми 14)* [283, с. 100].

Умуман, муҳаққиқон сабаби ба суд муроҷиат накардани шаҳрвандонро ахбори нокифояи ҳуқуқӣ, дур будани минтақаи зисти онҳо аз биноҳои судӣ (асосан аҳолии деҳоти дурдаст), муҳлати дурударози баррасии масъалаҳои

ҳуқуқӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҳуқуқӣ, коррупсия, хароҷоти зиёди молиявӣ ва эътимод надоштан ба адолати судӣ ва ғайра вобаста медонанд.

Расми 14.

Барои чӣ баъзан шаҳрвандон ҳангоми поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳояшон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (милитсия, адвокатура, суд, прократура) мурочиат карданӣ мешаванд, аммо баъдан, аз фикрашон мегарданд? *(n=1100, %)*



Дар ҷомеаи демократӣ дастрасии шаҳрвандон ба кумак ва ҳифзи босифати ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус дорад, ки иҷрои ин вазифа асосан ба уҳдаи мақомоти адвокатура вогузор гардидааст. Маҳз фаъолияти адвокатура дар таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад. Ҳуқуқи дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ ва ҳифзи судӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст. Мувофиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як шахс кафолати ҳимояи судӣ таъмин гардидааст. Ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки парвандаи ӯ аз ҷониби суди салоҳиятдор, мустақил ва бағараз, ки дар асоси қонун таъсис ёфтааст, амалӣ карда шавад. Инчунин, маҳдуд намудани озодӣ, аз ҷумла дастгир ва ҳабс намудани шахс танҳо дар

ҳолати пешбининамудаи қонун иҷозат дода мешавад. Шахси дастгиршуда аз лаҳзаи маҳрум гардидан аз озодӣ ҳуқуқ дорад, ки аз хизматрасонии ҳуқуқии адвокат истифода намояд. Дар моддаи 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян мекунад» [3, с. 61].


Ғайр аз ин, барои кумаки ҳуқуқӣ расонидан ба шаҳрвандон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» қабул гардидааст. Тибқи муқаррароти Қонуни дахлдор, ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти касбӣ ва тахассусии адвокатҳо арзёбӣ мегардад, ки бо истифода аз восита ва усулҳои пешбининамудаи қонун бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Дар моддаи 6 Қонуни мазкур дар бораи мустақилияти фаъолияти адвокатҳо чунин ишора шудааст: «Бо мақсади мусоидат кардан ба фаъолияти адвокатӣ ва таъмини дастрасии ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ, мақомоти давлатӣ кафолатҳои мустақилии адвокатураро таъмин намуда, фаъолияти адвокатҳоеро, ки ба шахсони воқеӣ ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонанд, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ менамоянд» [4].

Новобаста ба ин муқаррароти ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон низоми муташаккили ёрии ҳуқуқӣ дар ҳоли ташаккул аст, бо сабабаҳои гуногуни объективию субъективӣ адвокат рисолати худро пурра иҷро карда наметавонад. Дар Тоҷикистон ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ бо кумаки молиявии ташкилотҳои байналхалқӣ ба аҳолии эҳтиёҷманд ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонанд, аммо ин марказҳо ба ҳамаи аҳолии эҳтиёманд дастрас нестанд. Ғайр аз ин, дар Тоҷикистон шумораи адвокатҳои касбӣ ва ботаҷриба, ки шаҳрвандон барои гирифтани кумаки босифати ҳуқуқӣ ба онҳо эътимоди комил дошта бошанд, зиёд нестанд.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии МТС «Зеркало», ки пештар номбар намудем, аксарияти мусоҳибон бо сабаби паст будани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва мушкилоти молиявӣ имконияти гирифтани ёрии ҳуқуқӣ надоранд, ин ҳолат, махсусан, дар ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ нигаронкунанда мебошад. Шаҳрвандон бештар дар масъалаҳои истифодаи замин, ҳифз ва таъминоти иҷтимоӣ, гирифтани ҳуҷҷатҳои муайянкунии шахсият (шиноснома, маълумотнома ва ғайра) ва муносибатҳои оилавӣ ба мушкилоти ҳуқуқӣ гирифтор мегардидаанд. Ҳамзамон бо ин, аз се ду ҳиссаи пурсидашудагон аз натиҷаи ҳалли мушкилоти ҳуқуқии худ қаноатманд набудаанд *(нигаред ба расми 15)* [135, с. 94].

Расми 15.

Масъалаҳои ҳуқуқие, ки посухдиҳандагони «ғайри фаъол» зикр кардаанд *(n=273, %)*



Дастрасии ҳамаи аҳолии эҳтиёҷманд, махсусан, сокинони ноҳия ва минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ ба хизматрасониҳои ташкилоти ёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла коллегияи адвокатҳо ва баъзе ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳанӯз ҳам маҳдуд аст. Бо ин сабаб, онҳо барои ҳалли мушкилоти ҳуқуқии худ бештар ба мақомоти маҳаллии ҷамоат муроҷиат мекунанд. Қисми зиёди аҳолӣ дар бораи мавҷудияти чунин ташкилотҳои ҳуқуқӣ иттилооти кофӣ надоранд ва онҳое, ки

ба марказҳои ҳуқуқӣ мурочиат намудаанд, маълумоти заруриро асосан аз шабакаҳои иҷтимоӣ ё тавассути шиносону дӯстони худ ба даст овардаанд. Аз ин сабаб, ёрии ҳуқуқӣ бояд дар сатҳи ҳокимияти маҳаллӣ, аниқтараш дар сатҳи ҷамоат ба роҳ монда шавад.

Мақомоти муҳимми ҳифзи ҳуқуқе, ки таъмини тартиботи ҷамъиятиро ба уҳда дорад – милитсия мебошад. Дар шароити кунунӣ кори намояндагони мақомоти милитсия хело мушкилу мураккаб аст, сарфи назар аз мушкилоти молиявӣ онҳо барои таъмини амнияти шаҳрвандон ва нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ шабонарӯзӣ меҳнат мекунанд. Мутаассифона, ҳоло ҳам баъзе аз шаҳрвандон ба намояндагони мақомоти милитсия боварӣ надоранд, аз ҳамкорӣ ва расонидани кумак ба онҳо худдорӣ менамоянд.

Натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки нисфи мусоҳибон (53,6%) намехоҳанд, ки бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамкорӣ намоянд, аз ҷумла17,5%-и мусоҳибон иброз намуданд, ки ба ҳамкорӣ омода нестанд, зеро вақти зиёдро мегирад. Аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон (20,5%) изҳор доштаанд, ки баъзан барои шоҳидӣ додан, худат саргардон мешавӣ ва 15,6% мусоҳибон бар чунин ақидаанд, ки кумак расонидан беҳуда аст, бо ришва гунаҳгор озод мешавад. Ҳамзамон бо ин, 43,2% барои ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ розӣ ҳастанд *(нигаред ба расми 16)* [183, с. 101-102].

Расми 16.

Шумо дар сурати зарурат барои ҳамкорӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ розӣ ҳастед?

(n=1100, %)




Албатта, дар байни кормандони мақомоти милитсия низ шахсони тасодуфӣ вомехӯранд, ки аз ҳадди ваколатҳои хизматии худ берун мебароянд, барои зуд ошкор сохтани ҳуқуқвайронкунӣ нисбат ба гумонбаршудагон аз роҳҳои ғайриҳуқуқӣ (фишор, таҳдид, зӯроварӣ, шиканҷа, таҳқир ва ғайра) истифода мебаранд. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои баланд бардоштани сатҳи касбияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид намуданд: «Барои дар сатҳи баланд иҷро намудани вазифаҳои хизматии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ зарур аст, ки онҳо дорои таҳсилоти зарурии касбӣ, сифатҳои кордонию ташкилотчигӣ, ҳисси баланди ватандорию ифтихори миллӣ бошанд ва талаботи қонунҳо ва оинномаҳои хизматии худро бечунучаро ба ҷо оранд» [17].

Дар ҷомеаи демократӣ фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳогузорӣ мешавад. Бояд гуфт, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ симо ва оинаи давлат ҳастанд ва шаҳрвандон ба онҳо аз ҳамин нуқтаи назар баҳо медиҳад. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ мусоҳибон ба фаъолияти ҳамаи мақомоти қудратӣ баҳои мусбат доданд. Аз ҷумла мусоҳибон ба фаъолияти милитсия: 20,0% баҳои хеле хуб, 38,8% баҳои хуб, 34,6% баҳои миёна, 4,8% баҳои бад ва 1,8% баҳои хеле бад; ба

фаъолияти суд: 17,1% баҳои хеле хуб, 42,7% баҳои хуб, 33,7% баҳои миёна, 5,1% баҳои бад ва 1,4% баҳои хеле бад; ба фаъолияти мақомоти прокуратура: 19,5% баҳои хеле хуб, 42,3% баҳои хуб, 30,4% баҳои миёна, 6,4% баҳои бад ва 1,4% баҳои хеле бад додаанд. Бояд иброз намуд, ки мусоҳибон ба фаъолият мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ нисбат ба дигар мақомот баҳои пастар гузоштаанд: 13,7% баҳои бад ва 6,8% баҳои хеле бад *(нигаред ба расми 17)* [183, с. 103].

Расми 17.

Шумо ба фаъолияти мақомоти зерини ҳифзи ҳуқуқ чӣ гуна баҳогузорӣ менамоед? *(n=1100, %)*



Хулоса, нигилизми ҳуқуқӣ муносибати манфии баъзе аз шаҳрвандон нисбат ба ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқии ҷомеа мебошад, ки дар нобоварӣ ба ҳуқуқ, қонун ва дигар санадаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, беэътиноӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ, эътимод надоштан ба институтҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти шаффофи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зоҳир мегардад. Ба фикри мо, пайдоиш ва густариши нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа ба омилҳои зерин алоқамандӣ дорад:

1. Сатҳи нокифояи маърифати ҳуқуқӣ, саводи ҳуқуқӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, огоҳии ҳуқуқӣ, дар маҷмуъ, шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон.
2. Сатҳи нисбатан баланди коррупсия ва шаклҳои зоҳиршавии он дар соҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти одамон, махсусан, дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.
3. Мавҷудияти баъзе ихтилофоти дохилӣ дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, номувофиқатии байни онҳо ва ба талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва тағйироти иҷтимоӣ пурра ҷавобгӯй набудани баъзе аз меъёрҳои ҳуқуқӣ.
4. Нобаробарӣ ва беадолатии иҷтимоӣ, махсусан, афзудани тафовути ҷиддии тарзи зиндагии ашхоси сарватманд ва камбизоат.
5. Риоя ва иҷро нагардидани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз тарафи баъзе аз шаҳрвандон, мансабдорони давлатӣ ва намояндагони ҳифзи ҳуқуқ.
6. Дар ВАО, сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ интишори намоишу маводи нашрие, ки беҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва оҷизии намояндагони ҳифзи ҳуқуқро дар назди гурӯҳҳои ҷиноӣ, фаҳш ва зӯровариро бофта мебароранд ва ғайра.

Дар Тоҷикистон нигилизми ҳуқуқӣ на танҳо миёни шаҳрвандони одӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоию касбӣ, балки дар доираҳои расмӣ, аз ҷумла байни мансабдорони давлатӣ ва намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ мушоҳида мегардад. Мутаассифона, баъзе аз зиёиён, ки бояд худ тарғибгари арзишҳои ҳуқуқӣ бошанд, баръакс, ба густариши нигилизми ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

4.2. Оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон

Ҳар як давлат ҷиҳати бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ бо дарназардошти имконоти воқеии мавҷуда, маҷмуи тадбирҳои заруриро таҳия намуда, онҳоро дар амал татбиқ менамояд. Дар Тоҷикистон нигилизми ҳуқуқӣ яке аз монеаҳои ҷиддии рушди сохтори иҷтимоии ҷомеа буда, ба амнияти

миллӣ ва ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ, ваҳдати миллӣ ва истиқлоли давлатӣ таҳдид менамояд. Бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ вазифаи муҳимми кишварамон ба ҳисоб меравад, зеро то эътимоди аҳолӣ ба неруи ҳуқуқ ва қонун баланд нагардад, эъмори ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ғайриимкон аст.

Нигилизми ҳуқуқӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа бо шаклу намудҳои гуногун, мисли нобоварӣ ба неруи тавонои ҳуқуқ, паҳншавии рафтори ғайриқонунӣ, инкори қонун ва адолати иҷтимоӣ ва эътимод надоштан ба шаффофияти фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра зоҳир гардида, ба раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ таъсири манфӣ расонида, ба ҷараёни интиқоли таҷрибаи ҳуқуқӣ аз насли калонсол ба насли наврасу ҷавон монеа гардида, шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандонро тағйир медиҳад.

Ҷомеашиносони рус Н.И. Матузов [257, с. 8-10] ва Т.В. Волкова [222, с. 52-53], ки дар масъалаи моҳият, омилҳои пайдоиш ва оқибатҳои иҷтимоии нигилизми ҳуқуқӣ таҳқиқоти арзишмандеро ба анҷом расонида, чунин шаклҳои зоҳиршавии нигилизми ҳуқуқиро муайян кардаанд:

1. Эътимод надоштан ба нерумандии ҳуқуқ ва нақши мусбати он дар ҷомеа, риояи талаботи қонун аз тарси ҷазо ва беэҳтиромӣ нисбат ба ҳуқуқ.
2. Поймол гардидани қонунҳои амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (қасдан ё тасодуфӣ), инчунин, рафтори ҷиноятӣ (ҷиноятқории ҷавонон, ифротгароӣ).
3. Мунтазам иҷро ва риоя нашудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар натиҷа субъектони муносибатҳои иҷтимоӣ рафтори худро на ҳамеша мутобиқи талаботи қонун ба роҳ мемонанд ва дар баъзе ҳолатҳо тибқи «қоидаҳои худ» амал менамоянд.
4. Вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ва қоидаҳои ҳаракати роҳ, инчунин, зуҳури каҷрафтории иҷтимоӣ (мисли тамокукашӣ дар ҷойҳои манъшуда, нӯшидани машруботи спиртӣ, нашъамандӣ ва ғайра).

5. Таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддиятнок, ки гӯё ҳамдигарро безарар мегардонанд. Ивази қонуният ба мақсадҳои сиёсӣ, идеологӣ ё прагматикӣ, ворид шудан ба соҳаҳои ғайриқонунии фаъолият, хоҳиши қувваҳои гуногуни иҷтимоӣ барои берун аз доираи конститутсионӣ амалӣ намудани манфиатҳои худ.
6. Риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ танҳо бо дарназардошти манфиати шахсӣ ё таҳдидҳои гуногун, яъне агар қонун ба шахс манфиатовар бошад, онро риоя менамояд, агар не, беэътиноӣ намуда, танқид мекунад. Муқобил гузоштани манфиатҳои шахсӣ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ.
7. Беэҳтиромӣ нисбат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳангоми ба миён омадани мушкилот аз мурочиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ худдорӣ кардан, кӯшиши мустақилона ё ҳатто тавассути миёнаравии сохторҳои ҷиноӣ ҳалли масъалаҳо.
8. Поймол ё риоя нагардидани ҳуқуқи инсон, бахусус, ҳуқуқ ба ҳаёт, шаъну эътибор, моликият ва амният.
9. Дарк накардани мақсадҳои рушди ҷамъиятӣ, ки боиси беэътиноӣ ба масъалаҳои ҷамъиятӣ, корҳои давлатӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мегардад. Аксарияти ҷавонон уҳдадориҳои хешро дар назди ҷамъият ва давлат мустақилона анҷом намедиҳанд.
10. Надонистан ва дарк накардани меъёрҳои ҳуқуқӣ, сатҳи нокифояи донишҳои ҳуқуқӣ ва ғайра

Як шакли зуҳуроти нигилизми ҳуқуқӣ дар инқилобу бесарусомониҳо ифода меёбад, ки дар ин ҳолат шаҳрвандон тартиботи ҳуқуқиро инкор карда, онро тағйир додан мехоҳанд. Дар сатҳи инфироди нигилизми ҳуқуқӣ дар ҳуқуқвайронкунӣ ва эътироф накардани арзишҳои ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Ба қавли Н.И. Матузов, «ҷиноятқорӣ сарчашмаи неруманд ва ҳамзамон бо ин, шакли канории ифодаи нигилизм мебошад» [258, с. 15]. Дигар муҳаққиқи соҳа О.И. Александрова низ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, хусусият ва шаклҳои асосии зуҳури нигилизми ҳуқуқиро чунин шарҳ медиҳад:

– коҳиши эътимоди шаҳрвандон нисбат ба нақши қонун дар ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо;
– паст гардидани сатҳи эҳтиром нисбат ба қонунҳо;
– сарфи назар намудани аҳаммият ва арзишмандии иҷтимоии қонунҳо;
– сатҳи нокифояи шуури ҳуқуқӣ;
– эътироз ба зидди қонунҳо;
– бесалоҳиятии ҳуқуқӣ;
– таҳрифи шуури ҳуқуқӣ [199, с. 9-13].

Дар идомаи андешаҳои О.И. Александрова ҳаминро илова карданӣ ҳастем, ки нигилизми ҳуқуқӣ дар шаклҳои дигар ҳам ифода меёбад: бо роҳи ғайриқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои ҳаётӣ, коҳиш ёфтани эътимод нисбат ба фаъолияти намояндагони ҳифзи ҳуқуқ, муносибати бепарвоёна ба талаботи қонунҳои амалкунанда (рафтори ғайриҳуқуқӣ), барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ муроҷиат намудан ба шахсони бонуфузи ҷомеа, аз ҷумла намояндагони муҳити ҷиноӣ ва ғайра.

Нигилизми ҳуқуқӣ барои ҷомеа паёмадҳои манфӣ ба бор оварда, низоми тартиботи ҳуқуқиро заиф месозад ва ба раванди ташаккули давлати демократию ҳуқуқбунёд монеа эҷод менамояд. Дар натиҷаи таъсири манфии нигилизми ҳуқуқӣ амнияти шаҳрвандон зери хатар мемонад, сатҳи каҷрафтории иҷтимоӣ ва коррупсия меафзояд, шаҳрвандон вобаста ба истеъдод ва қобилияти хеш ба рушди шахсӣ ва касбӣ ноил намегарданд, ҳодисаҳои майли баъзе аз ҷавонон ба ҳаракатҳои экстремистию террористӣ меафзояд ва аз ҳама хатарovараш ба шуури муътадили ҳуқуқии шаҳрвандон таъсир манфӣ мерасонад. Яке аз муҳаққиқони соҳа А.С. Ахметов паёмадҳои номатлуби нигилизми ҳуқуқиро мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода, ба хулосае омадааст, ки хатари асосӣ дар паҳншавии чунин зуҳурот ифода меёбад. Ба андешаи ӯ, шаклҳои гуногуни нигилзми ҳуқуқӣ ба ҳамаи аъзои ҷомеа таъсири манфӣ расонида, ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, тарзи муносибат ба давлат ва сатҳи шуури шаҳрвандон таҳдиди воқеӣ эҷод карда

метавонад. Дар ин замина, муҳаққиқ чунин таъкид менамояд: «Ҷомеаеро, ки дар он ҳар як шаҳрванди қонунпазир худро бехатар ҳис намекунад, ба рушди шуури мусбат ва муносиби ҳуқуқии онҳо мусоидат карда наметавонад, демократӣ эътироф намешавад ва аз вуҷуд надоштани ҷомеаи шаҳрвандӣ шаҳодат медиҳад» [204, с. 40].

Нигилизми ҳуқуқӣ паёмадҳои ҷиддии манфиро ба вуҷуд меорад, зеро боиси дар муҳити иҷтимоӣ афзудани сатҳи ҷиноятқорӣ мегардад. Дар чунин шароит, шаҳрвандон барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ талош намекунанд ва ба самаранокии татбиқи онҳо эътимод надоранд. Махсусан, густариши васеи нигилизми ҳуқуқӣ ба сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон таъсири манфӣ мерасонад. Дар натиҷа аксарияти одамон аз рафтори ҳуқуқӣ худдорӣ намуда, барои ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи худ ба урфу одат, анъанаҳо, арзишҳои динӣ ва қолабҳои анъанавии рафтор рӯ меоранд. Муҳаққиқи соҳа Г. Хамитова таъкид кардааст, ки паҳншавии нигилизми ҳуқуқӣ ба ташаккули муносибатҳои беэҳтиромонаи ҷавонон нисбат ба қонун мусоидат карда метавонад. Дар чунин шароит, онҳо аз нақзи меъёрҳои ҳуқуқӣ эҳсоси тарс надоранд ва дар бисёр ҳолат, аз паёмадҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии рафтори ғайриқонунии хеш огоҳ нестанд. Ба андешаи муҳаққиқ, нигилизми ҳуқуқӣ шаҳрвандони қонунпазирро водор менамояд «дар ҷомеае зиндагӣ кунанд, ки дар он худро бехатар ҳис намекунанд, эътимод надоранд ва ҳимояи воқеии давлатро намебинанд» [307, с. 80].

Вобаста ба оқибатҳои иҷтимоии нигилизми ҳуқуқӣ академик Ф.Т. Тоҳиров низ андешаҳои хешро баён намуда, роҳ ба сӯйи давлати ҳуқуқбунёдро тӯлонӣ номидааст. Донишманд таъкид мекунад, ки «Нигилизми ҳуқуқӣ, ки ҳамчун занги рӯйи оҳан бадани ҷамъияти моро хӯрда истодааст, худ ба худ нест намешавад» [171, с. 90; 298, с. 10-11]. Муҳаққиқ барои коҳиш додани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа пешниҳод менамояд, ки на танҳо қабули қонунҳои мукаммал, балки мавҷудияти мутахассисони соҳаи ҳуқуқ, ҳуқуқшиносони дорои дониши амиқ ва таҷрибаи касбӣ лозиманд. Аз ин рӯ,

зарурати татбиқи сиёсати ҳадафнок дар самти тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ, рушди ташкили таълими умумии ҳуқуқӣ, фаъолгардонии раванди худтарбиякунии шахсият ва густариши нашри адабиёти ҳуқуқӣ, бахусус, ба забони тоҷикӣ бештар эҳсос мегардад.

Ҳамзамон бо ин, нигилизми ҳуқуқӣ ба халогии арзишӣ оварда мерасонад, зеро беэҳтиромӣ нисбат ба ҳуқуқ боиси тадриҷан камтаъсир шудани меъёрҳои иҷтимоӣ гардида, дар натиҷа, баъзе аз шаҳрвандон дар интихоби амал ва баровардани қарорҳо ба хатогӣ роҳ медиҳанд. Арзишҳои умумиҷамъиятӣ, монанди адолати иҷтимоӣ, виҷдону масъулият ва эҳтироми ҳуқуқи дигарон аҳаммияти худро гум мекунанд ва ҷойи онҳоро манфиатҳои шахсӣ, худхоҳӣ ва рафторҳои ғайриқонунӣ ишғол менамоянд. Аз дидгоҳи муҳаққиқ Р.В. Ривкина [284, с. 74-75], падидаи холигии арзишӣ дар байни намояндагони табақаи поёнии ҷомеа, пеш аз ҳама, дар шакли ноумедии иҷтимоӣ, аз даст рафтани боварӣ ба имконоти беҳтар гардидани шароити зиндагӣ, дуршавӣ аз раванди ислоҳоти ҷорӣ ва умуман, канорагирӣ аз ҳаёти ҷамъиятӣ зоҳир мешавад. Ба андешаи А.Н. Зрячкин, «нигилизми ҳуқуқӣ инкори фаъол ё ғайрифаъолонаи меъёрҳои ҳуқуқии аз ҷониби давлат муқарраршуда мебошад, ки ба муҳити иҷтимоӣ алоқамандӣ дорад, ба рушди прогрессивии ҷомеа халал мерасонад ва заминаи содир намудани рафтори ғайриқонунӣ гардида метавонад» [336, с. 14].

Дараҷаи хавфнокии нигилизми ҳуқуқӣ дар байни хизматчиёни давлатӣ ва намояндагони ҳифзи ҳуқуқ хеле меафзояд, зеро он ба ҳолати татбиқи ҳуқуқ таъсири манфӣ расонида, ба паҳншавии фаъолияти зиддиҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ мусоидат менамояд. Мансабдорони давлатӣ, махсусан, намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқие, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ даст мезананд, бо ин рафторашон эътимоду боварӣ надоштани худро ба неруи ҳуқуқ ва қонун ба намоиш мегузоранд. Маҳз ҳолати қонуният дар фаъолияти хизматчиён ва мансабдорони давлатӣ аз ҳолати татбиқи қонунҳо дар ҷомеа ва қонунпазирии шаҳрвандон вобастагӣ дорад. Амалҳои ғайриқонунии шахсони

мансабдор яке аз омилҳои асосии халалдор гардидани вазъи қонуният дар раванди татбиқи ҳуқуқ ба шумор рафта, ба сатҳи эътимоди шаҳрвандон нисбат ба низоми ҳуқуқӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. «Ҳангоми қонуншиканӣ ва ҳатто ҷиноят, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор на танҳо қонунҳои амалкунандаро поймол мекунанд, балки бо рафтори худ фазои таҳдидомезе барои тамоми низоми давлативу ҳуқуқӣ эҷод менамоянд» [136, с. 77].

Донишмандони ватанӣ А.М. Мансурзода ва Ғ.Н. Қодирзода нигилизми ҳуқуқиро дар байни кормандони мақомоти корҳои дохилӣ омӯхта, хусусияҳои хоси онро арзёбӣ намуда, ба чунин натиҷа расидаанд, ки ин падида моҳиятан манфӣ буда, ба иҷрои самараноки вазифаҳои давлат монеа эҷод карда метавонад. Ба андешаи онҳо, нигилизми ҳуқуқӣ дар муҳити кормандони мақомоти корҳои дохилӣ нисбат ба нигилизми ҳуқуқии шаҳрвандони одӣ дараҷаи баландтари хавфнокӣ дорад, зеро «пайомадҳои он на танҳо дар татбиқи самаранокии қонун, волоияти қонун ва қонуният таъсир мерасонад, балки бовариву эътимоди шаҳрвандонро ба сиёсати давлатӣ дар самти бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва фаъолияти мақомоти давлатӣ коста мегардонад» [255, с. 41].

Муҳаққиқони болозикр дар натиҷаи таҳлили масъалаи мазкур ба чунин хулоса мерасанд, ки нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оқибатҳои зеринро ба вуҷуд оварда метавонад:

- нигилизми ҳуқуқӣ боиси суст гардидани риояи принсипи қонуният, поён рафтани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мегардад;
- дар байни шаҳрвандон эҳсоси ноумедӣ ва нобоваріро нисбат ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ба вуҷуд меорад;
- ба иҷрои самараноки вазифаҳои давлат таъсири манфӣ мерасонад;
- боиси он мегардад, ки қарорҳои қабулнамудаи шахсони масъул хусусияти ғайривоқеӣ, беасос ва сохта пайдо намоянд;

– кормандони мақомоти корҳои дохилиро барои содир намудани амалҳои зиддиҳуқуқӣ, мисли амалҳои коррупсионӣ, шиканҷа ва дигар кирдорҳои ғайриқонунӣ таҳрик дода метавонад [255, с. 41-42].

Умуман, нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои нигаронкунандаи иҷтимоию ҳуқуқӣ ба шумор рафта, ба рушди устувори ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Ин падида ба раванди ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ монеа эҷод карда, ҳамзамон, ба ҷойивазкунии иҷтимоӣ, амали самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ, татбиқи принсипҳои волоияти қонун ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ халал мерасонад. Оқибати хатарноки интишори нигилизми ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки эътимоду боварии шаҳрвандон ба қонун ва фаъолияти шаффофи намояндагони ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ коҳиш ёфта, ба афзоиши коррупсия ва ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон бо ин, нигилизми ҳуқуқӣ нобаробариҳои иҷтимоиро зиёд менамояд, адолати иҷтимоӣ таъмин намегардад, шаҳрвандон масъалаҳои иҷтимоию ҳуқуқии худро тавассути тадбирҳои ғайрирасмӣ ва ғайриҳуқуқӣ ҳал менамоянд.

Бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ раванди мураккаб ва тӯлонӣ буда, бо вуҷуди душвориҳо, имконпазир арзёбӣ мегардад. Ин раванд бо тағйир ёфтани шароити объективии ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд буда, татбиқи фаъолияти ҳадафмандона ва оқилонаи идеологию ташкилӣ, инчунин, амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои махсуси ҳуқуқиро тақозо менамояд. Татбиқи тадбирҳои мазкур бояд ба ташкили муҳити сифатан нави иҷтимоӣ таҳкими боварии аҳолӣ ба ҳуқуқ, қонун ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нигаронида шуда бошанд. Ҳамаи роҳу воситаҳои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа, инчунин кӯшишу талошҳои шаҳрвандон барои барқарор гардидани адолати ҳуқуқӣ алоқаманданд.

Дар мавриди бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ низ андешаи мутафаккирони соҳа мухталифанд. Ҷомеашиносони руссиягӣ И.Н. Сисоева [296, с. 45], А.Х. Феткулов, Ф.С. Момишева ва Р.Р. Хакимов [302, с. 194] пас аз

таҳқиқу баррасии ин мавзуъ ба хулосае омадаанд, ки чунин чорабиниҳо боиси бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ мегарданд:

1. Ташаккули маданияти умумӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон, инчунин, шуури ҳуқуқию ахлоқии онҳо, махсусан, дар байни ҷавонон.
2. Ҷорӣ намудани низоми шаффофи идораи давлатӣ ҷиҳати пешгирии амалигардии нақшаҳои коррупсионӣ.
3. Такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла, мазмуни қонунҳоро барои аҳолӣ сода ва фаҳмо гардонидан, шарҳу тафсири расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.
4. Маърифати оммавии ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи аҳолӣ, аз ҷумла таъмини таълими бетанаффуси ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқшиносони баландихтисос.
5. Баланд бардоштани эътибори мақомоти судӣ бо роҳи тағйири хусусияти фаъолияти судӣ ва ҳам тавассути тарбияи эҳтиром ба суд.
6. Таъмини волоияти қонун, аз ҷумла баланд бардоштани самаранокии тамоми механизмҳои ҳифз ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, эҳтиром ва ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқҳои шахс.
7. Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, пеш аз ҳама, ҷиноятҳо.
8. Таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва интизоми давлатӣ.
9. Ислоҳоти ҳуқуқӣ вобаста ба тағйироти ҷомеа.

Муҳаққиқи соҳа А.Н. Зрячкин нигилизми ҳуқуқиро яке аз бемориҳои ҷиддии ҷомеа дониста, барои бартарафсозии он се гурӯҳи тадбирҳоро пешниҳод кардааст:

1. Тадбирҳои сиёсӣ (аз ҷумла бартарафсозии омилҳои монеъшаванда ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, татбиқи сиёсати мақсадноки ҳуқуқӣ, таҳкими волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ ва интизоми давлатӣ, кафолати эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, такмил ва баланд бардоштани сатҳи сифати низоми қонунгузорӣ, бартарафсозии ихтилофоти мавҷуда миёни меъёрҳои ҳуқуқӣ, пешгирии

ҳуқуқвайронкуниҳо, пеш аз ҳама, ҷиноятҳо, мубориза бо ҷиноятқорӣ дар тамоми шаклҳои зуҳури он, муқовимат ба зидди коррупсия ва ғайра).

2. Тадбирҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва бекорӣ, таъмини ҳадди ақали сатҳи зиндагӣ, тақвияти ҳавасмандгардонии моддии гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ, кам намудани фарқияти байни табақаҳои сарватманд ва камбизоат, барқарорсозии адолати иҷтимоӣ ва ғайра).
3. Тадбирҳои фарҳангӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи шуур ва маданияти ахлоқию ҳуқуқии намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, татбиқи пайвастаи тарбия ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, ҷорӣ намудани низоми омӯзиши оммавии ҳуқуқӣ, пешбурди тарғиботи фаъолонаи ҳуқуқӣ, тайёр намудани ҳуқуқшиносони баландихтисос, суръат бахшидани раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра [336, с. 23-24].

Баъзе аз муҳаққиқон ба ин назаранд, ки нигилизми ҳуқуқӣ дар баробари инкори арзиши иҷтимоии ҳуқуқ, ҷиҳатҳои мусбат низ дорад. Нигилизми ҳуқуқиро пайваста падидаи манфӣ арзёбӣ кардан боис мегардад, ки мазмуну моҳияти ин падида ҳаматарафа ва амиқ ошкор намешавад. Масалан, муҳаққиқи рус К.Г. Федоренко бар ин назар аст, ки нигилизми ҳуқуқӣ дар натиҷаи нокомил будани ҳуқуқ пайдо мешавад ва он заифиҳои ҳуқуқро ошкор менамояд, «марг»-и ҳуқуқро пешгирӣ мекунад ва ҳамчун такягоҳи ҳуқуқ баромад карда метавонад [357, с. 24].

Нигилизми ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқии куҳнашудаю нолозимеро, ки ба рушди устувори ҷомеа монеа мегарданд, аз байн мебарад ва ба пайдоишу ташаккули меъёрҳои нави ҳуқуқӣ кумак мерасонад. Баъдан, агар нигилизми ҳуқуқӣ воқеӣ, табиӣ ва асоснок бошад, ба рад кардани қонунҳои зиддиҳуқуқӣ, рафтори зиддиқонунии намояндагони ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони алоҳидаи масъул равона гардад, пас он барои ошкор ва бартарафсозии мушкилоти ҳуқуқии ҷомеа мусоидат менамоянд. Ба қавли муҳаққиқи соҳа Н.И. Матузов,

«мубориза ба муқобили режимҳои тоталитарии зиддихалқӣ, худсарии диктаторҳо, поймол гардидани демократия, ахлоқ, ҳуқуқҳои инсон ва ғайра ба маънои аслии калима нигилизм нест» [257, с. 15].

Бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа раванди мураккаб ва дурудароз буда, тавассути аз байн бурдани омилҳои объективию субъективии пайдоиш ва интишори он амалӣ мегардад. Одамон ҳамон вақт рафтори худро ба ҳуқуқ мувофиқ менамоянд ва ба он эҳтиром мегузоранд, ки агар ба манфиатовар будани он боварӣ дошта бошанд. Маҳз боварӣ ба ҳуқуқ ва қонун шароити аслии боло рафтани нақши ҳуқуқ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва эътироф гардидани арзишнокии ҳуқуқ мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки қабули қонунҳои миллӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» манфиат ва талаботи шаҳрвандонро инъикос менамоянд. Тибқи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологие, ки аз тарафи мутахассисони шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддинови АМИТ дар мавзуи «Механизмҳои асосии ташаккули ҳувияти аҳолӣ дар Тоҷикистон» (ибтидои соли 2025) гузаронида шудааст, аксарияти мусоҳибон қабули ин қонунҳои миллиро саривақтӣ ва иқдоми дуруст арзёбӣ намудаанд *(нигаред ба расмҳои 18 ва 19)* [113, с. 137-138].

Расми 18. Андешаи Шумо оид ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чӣ гуна аст? *(n=500, %)*



Расми 19. Назари Шумо ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» чӣ гуна аст? *(n=500, %)*



Иҷрои талаботи қонунҳо, ҷазои сазовор гирифтани ҷиноятқорон ва баробарии ҳуқуқӣ мақоми иҷтимоии ҳуқуқро баланд мебардоранд. Танҳо таъмини қонуният, риоя ва иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби ҳамаи гурӯҳҳо ва табақаҳои аҳолӣ шаҳрвандонро ба рафтори ҳуқуқӣ, эҳтироми қонунҳо ва масъулияти шаҳрвандӣ ҳавасманд намуда метавонад. Аз дидгоҳи ҷомеашиноси англис К. Поппер дар ҷомеа бояд ҳадди ақал сатҳи ибтидоии боварии тарафҳо вуҷуд дошта бошад ва маҳз боварӣ ба қудрати қонун боиси ташаккули чунин эътимод мегардад. Ба таъкиди ӯ, эътимод доштан ба волоияти қонун «шоистаи арҷгузорӣ аст, яъне эътимод ба ниҳодҳои ҳуқуқии давлат ва мансабдороне, ки барои иҷрои қонун масъулиятро ба уҳда гирифтаанд» [132, с. 21].

Ҷомеашиносон тасдиқ менамоянд, ки барои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, бояд маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон тақвият дода шаванд. Ба шаҳрвандон қонунпазириро омӯзонидан лозим аст, онҳо бояд дарк кунанд, ки аз рӯйи қонун зиндагӣ кардан манфиатнок, шоиста, бароҳат ва замонавист. Дар осори ҳуқуқии худ И.А. Илин чунин таъкид кардааст: «Бояд ҳама корро анҷом дод, то қонун ба халқ наздик гардонида шавад, то шуури ҳуқуқии оммавӣ мустаҳкам гардад, то ки халқ қонунҳои худро донад, фаҳмад ва қадр намояд, то ки уҳдадориҳо ва манъкуниҳои худро ихтиёран риоя намояд, аз салоҳияти худ содиқона истифода барад. Қонун бояд омили ҳаёт, ченаки рафтори ҳақиқӣ ва қувваи руҳи халқ гардад» [73, с. 168].

Агар саводнокии ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошта шавад, нафарони қонунпазир дар ҷомеа зиёд мегардад ва онҳо бо неруи худ ҳуқуқу озодиҳои хеш дифоъ карда, ба зидди беқонунӣ ва беадолатӣ эътироз менамоянд. Ҳангоме, ки саводи ҳуқуқии шаҳрвандон боло меравад, шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои манфиатҷӯ низ бо атрофиён эҳтиёткорона муносибат мекунанд ва аз ошкоро поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон метарсанд.

Барои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ бояд сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошта шавад, тарғибу таълим ва тарбияи оммавии ҳуқуқӣ роҳандозӣ гарданд. Маҳз дониш ва маданияти баланди ҳуқуқӣ рафтори ҳуқуқии одамонро таъмин карда метавонанд. Баъдан, тартиботи ҳуқуқӣ, ба вуҷуд овардани ҳисси эҳтироми шаҳрвандон нисбат ба қонунҳо, риоя ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шахс нигилизми ҳуқуқиро ботадриҷ пешгирӣ менамоянд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар маҷлиси васеи ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ибрози назар намуда буданд: «... мардум ба фаъолияти давлат мувофиқи рафтору кирдори кормандони прокуратура ва

дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, садоқати онҳо ба Ватан ва давлату миллат, поквиҷдонӣ, сатҳи касбиву салоҳият ва маърифатнокиашон баҳо медиҳанд. Яъне ҳар қадаре, ки мардум ба шаффофияти фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътимод дошта бошанд, қудрату тавоноии давлат ҳамон қадар зиёд гардида, адолати иҷтимоӣ ва зиндагии орому осоиштаи сокинони мамлакат таъмин мегардад» [23].

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии қаблан зикргардида аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон (20,1%) тарғиб ва фаҳмонидани қонунҳоро як роҳи баланд бардоштани эътимоди шаҳравандон нисбат ба қонун мешуморанд. Инчунин, 12,4%-и мусоҳибон иброз намуданд, ки барои ташаккули эътимоди шаҳрвандон ба қонун зарур аст, ки сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии онҳо баланд бардошта шавад. Ба ақидаи мусоҳибон, барпо намудани адолати иҷтимоӣ (10,4%) ва таъмини баробарии ҳама дар назди қонун (9,8%) боиси эътимоди шаҳрвандон ба қонун шуда метавонанд *(нигаред ба расми 20)* [184, с. 28].

Расми 20.

Чӣ бояд кард, то шаҳрвандон ба қонун боварӣ пайдо намоянд? *(n=1100, %)*



Умуман, коҳиш ё бартараф сохтани нигилизми ҳуқуқӣ низоми чорабиниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқиро талаб менамояд. Дар натиҷаи таҳлили таҳқиқоти илмии ҷомеашиносону ҳуқуқшиносони хориҷию ватанӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ татбиқи амалии чунин тадбирҳо мусоидат карда метавонанд:

1. Гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ дар масъалаи роҳҳои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон. Барои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ бояд ҳолат, сатҳи тағйирот ва шаклҳои зуҳуроти он пайваста мавриди таҳқиқоти сотсиологӣ қарор гирад. Барои муайян намудани ҳолат, сабабҳои пайдоишу интишор ва роҳҳои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон бояд муассисаҳои илмӣ-таълимӣ, махсусан, Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба номи А. Баҳовaддинови АМИТ, кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи ДМТ ва

Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронанд.

2. Тақвияти корҳои таълимию тарбиявӣ, шарҳу тавзеҳ ва тарғиботӣ дар самти рушди шуур ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ. Барои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ зарур аст, ки сатҳи саводнокӣ, маърифат ва огоҳии ҳуқуқии шаҳрвандон боло бардошта шавад, зеро дар сурати паст будани сатҳи шуури ҳуқуқӣ шаҳрвандон аз ҳуқуқу озодиҳои қонунии худ самаранок истифода бурда наметавонанд, ба неруи воқеии ҳуқуқ шинос нестанд, дар ҳолатҳои зарурӣ ба қонун такя намекунанд. Дар натиҷа нисбат ба ҳуқуқ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҷомеа эҳсоси эътимод ва эҳтиром ташаккул намеёбад. Барои рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд шаҳрвандони дорои шуур ва маданияти баланди ҳуқуқӣ лозиманд. Тавассути таъмин намудани таълиму тарбияи босифати ҳуқуқӣ, ташаккул ва такмили шаклу усулҳои самараноки омӯзиши ҳуқуқ дар ҳамаи муассисаҳои таълимии Тоҷикистон, тарғиби фарҳанги эҳтиром ба қонун ва риояи талаботи он, интишори ахбори муҳимми ҳуқуқии барои ҳаёти рӯзмарраи шаҳрвандон зарур тавассути ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳои интернетӣ ва дигар майдонҳои иттилоотӣ, инчунин, ба роҳ мондани маърифати ҳуқуқии оммавӣ, умуман, таҳкими раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ донишҳои ҳуқуқии аҳолиро тақвият додан мумкин аст.

3. Ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, аз ҷумла ҳифзи моликияти хусусии шаҳрвандон. Шаҳрвандон он вақт ба ҳуқуқ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътимоду боварӣ менамоянд, ки агар ҳуқуқу озодиҳои онҳо воқеан ҳифз гардида, ҳангоми поймол шудани онҳо ба адолати судӣ, дастгирии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар маҷмуъ, ҳимояи давлат умед баста тавонанд. Аз ин сабаб, бояд ба баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва самаранокии фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ диққати ҷиддӣ дода шавад, дар

навбати аввал намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдорони давлатӣ бо қонунпазирӣ, фаъолияти қонунӣ ва рафтори ҳуқуқии худ барои ҷомеа намунаи ибрат бошанд. Агар дар ҷомеа талаботи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқ, махсусан, мақомоти расмии давлатӣ дар сатҳи зарурӣ риоя ва иҷро шаванд, он гоҳ шахс низ нисбат ба неруи олии қонун эҳтиром ва боварӣ пайдо менамояд, мисли дигарон шудан мехоҳад ва қонунпазириро пешаи худ қарор медиҳад. Бояд дар байни аҳолӣ мақоми иҷтимоии намояндагони ҳифзи ҳуқуқ, махсусан, кормандони мақомоти милитсия, тақвият дода шавад. Ҳамзамон, таъмини ҳифзи боэътимоди моликияти хусусии шаҳрвандон яке аз омилҳои асосии афзудани сатҳи боварии аҳолӣ ба ин ниҳодҳо ба ҳисоб меравад, зеро моликияти хусусӣ ҳамчун арзиши асосӣ ва ҳадафи ниҳоии фаъолияти шаҳрвандон арзёбӣ мегардад.

4. Пешниҳоди кумаки ҳуқуқӣ ва машварати ҳуқуқӣ ба аҳолӣ. Аз сабаби паст будани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқӣ шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқӣ эҳтиҷёманданд. Аксарияти аҳолӣ ҳангоми рӯ ба рӯ шудан ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ба куҷо мурочиат кардан ва лозим будани кадом ахбори ҳуқуқиро намедонанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки тавассути тақвият бахшидани фаъолияти мақомоти адвокатура, марказҳои ҳуқуқӣ ва инчунин, таъсиси дигар ташкилотҳои ҷамъиятии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ ёрии ҳуқуқии дастрас ва босифат таъмин карда шавад. Бояд дар самти ба аҳолӣ расонидани ёрии ҳуқуқӣ барномаҳои давлатӣ қабул шаванд ва аҳолии эҳтиёҷманд ба таври ройгон ба ахбори ҳуқуқӣ ва машварати ҳуқуқӣ дастрасӣ пайдо намоянд.
5. Иштироки аҳолӣ дар раванди қонунгузорӣ ва азнавсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба пайдоиши муносибат ва талаботи нави иҷтимоӣ. Ҷамъият доим дар тағйир ва рушд қарор дорад ва бебаҳс аст, ки дар ин раванд муносибатҳои нави иҷтимоӣ пайдо мешаванд ва

манфиату талаботи аҳолӣ низ тағйир ёфта, меафзоянд. Бинобар ин, мақомоти қонунгузориро лозим меояд, ки ба азнавсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир намоянд ва саривақт талаботу манфиати навини шаҳрвандон дар қонунҳо инъикос гарданд ва муносибатҳои нави иҷтимоӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гиранд. Зарур аст, ки аҳолӣ дар раванди ташаббуси қонунгузорӣ, муҳокимаи лоиҳаҳои қонунҳо, инчунин, ҳангоми қабул ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳо тавассути гузаронидани назарпурсиҳо ва дигар шаклҳои иштироки ҷамъиятӣ фаъолона ҷалб гардида, фикру андешаҳои онҳо дар ин раванд ба инобат гирифта шаванд.

6. Муборизаи беамон ба муқобили коррупсия. Заминаи асосии пайдоишу интишори нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёту фаъолияти иҷтимоӣ роҳ ёфтан ва паҳн гардидани амалҳои коррупсионист. Аз ин рӯ, давлат иштироки фаъолонаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва худи шаҳрвандонро барои муқовимат бар зидди коррупсия таъмин намояд. Ҳамзамон, тақвият додани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои содир намудани амалҳои коррупсионӣ саривақтист, бояд ҳамаи шаҳрвандон новобаста ба мавқеи иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии худ барои чунин кирдорҳо якхела ва баробар ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Дар сурати коҳиши сатҳи коррупсия дар Тоҷикистон сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ низ поён меравад ва шаҳрвандон ба неруи ҳуқуқ, баробарҳуқуқӣ, волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ боварӣ менамоянд. Шаҳрвандоне, ки дар раванди муқовимат бо коррупсия ва ошкор намудани амалҳои коррупсионӣ фаъолона ширкат меварзанд, бояд аз ҷониби давлат ҳавасманд гардонида шуда, ба ҳимояи доимӣ таъмин карда шаванд.
7. Мубориза ба муқобили ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ. Интишори нигилизми ҳуқуқӣ ва нобоварӣ ба қонун аз афзоиши ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ ва қонуншиканӣ дар ҷомеа низ вобастагӣ дорад. Агар шаҳрванд мунтазам ба ҳуқуқвайронкунӣ, қонуншиканӣ ва ҷиноятқорӣ

дучор гардад, бовариаш ба қонун аз байн меравад. Намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ягон ҳуқуқвайронкуниро рӯйпӯш ва аз ягон қонуншикан пуштибонӣ накунанд, ҳар як ҷинояткор ва ҳуқуқвайронкунанда бояд дар назди қонун ҷавобгар бошад. Агар шаҳрвандон ба шаффофият ва адолатнокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътимоди воқеӣ дошта бошанд, онҳо омода мегарданд, ки дар мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ҳамкории доимӣ ба роҳ монда, дар ин раванд саҳми худро гузоранд.

8. Интишори ахбори ҳуқуқӣ ва дастовардҳои ҳуқуқӣ тавассути воситаҳои ахбори оммаи классикӣ ва электронӣ. Тавассути воситаҳои ахбори омма (аз қабили барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, мақолаҳо дар рӯзнома ва маҷаллаҳо, инчунин, нашру намоишҳо дар сомонаҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва блогҳо) ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ маъракаҳои иттилоотӣ роҳандозӣ шаванд. Намуна ва таҷрибаи мусбати фаъолияти шаффофи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, комёбиҳои соҳаи ҳуқуқ, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, муборизаҳои бомуваффақият бар зидди ҷинояткорӣ, риояи қонун ва ҳалли самараноки масъалаҳои ҳуқуқӣ бояд тавассути ВАО, сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ мунтазам инъикос ва тарғиб шаванд. Инчунин, дастгирӣ ва муҳофизати журналистон ва рӯзноманигороне, ки ҷиноятҳоро ва амалҳои коррупсионии шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоиро ошкор ва фош месозанд ва ғайра.

Ҳамин тариқ, нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ба низоми ҳуқуқии ҷомеа, қонуният, иҷрои самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, волоияти қонун ва рушди устувори давлат таъсири манфӣ мерасонад. Дар натиҷаи афзоиши нигилизми ҳуқуқӣ фаъолнокии шаҳрвандон коҳиш ёфта, сатҳи каҷрафтории иҷтимоӣ, махсусан, ҷинояткорӣ меафзояд. Нигилизми ҳуқуқӣ чунин шароитеро ба вуҷуд меорад, ки шаҳрвандон барои ҳалли масъалаҳои ҳаётии худ аз роҳҳои ғайриҳуқуқӣ истифода мебаранд ва

рафтори қонунпазиронаро афзал намешуморанд. Барои пешгирӣ ва бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ бояд дар сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон ба маърифати ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон бартарӣ дода шавад, қонунҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ татбиқи худро ёбанд, тавозуни манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ нигоҳ дошта шуда, эътимоди аҳолӣ ба ҳуқуқ мустаҳкам гардад.

Дар ҷамъбасти боби чоруми диссертатсияи докторӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки яке аз хусусият, сифат ва шакли зоҳиршавии шуури ҳуқуқии шаҳрвандон нигилизми ҳуқуқист, ки дар ҷомеа ҳамчун инкори арзиши иҷтимоии ҳуқуқӣ, коҳиши эътимод ба қонун ва нобоварӣ ба волоияти ҳуқуқ зоҳир мешавад. Нигилизми ҳуқуқӣ падидаи иҷтимоӣ буда, пайдоиш ва интишори он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба сабабҳои иҷро нашудани муқаррароти қонунҳо аз ҷониби одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, мувофиқат накардани мазмуни қонунҳо ба талабот ва манфиати воқеии шаҳрвандон, сатҳи пасти шуур ва маданияти ҳуқуқии онҳо ва дигар ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ алоқамандӣ дорад. Ин падидаи иҷтимоӣ на танҳо ба афзоиши рафтори ғайриқонунӣ боис мегардад, балки ба раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, ҷойивазкунии иҷтимоӣ, амнияти иҷтимоӣ, устувории ҷомеа ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ таъсири манфӣ мерасонад.

Пешгирӣ ва бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ татбиқи амалии маҷмуи тадбирҳо ва чорабиниҳои давлатии сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангиро тақозо менамояд. Бо ин мақсад бояд дар сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон бартарӣ дода шавад, қонунҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ татбиқи худро ёбанд, тавозуни манфиати гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ нигоҳ дошта шуда, эътимоди аҳолӣ ба ҳуқуқ мустаҳкам гардад. Дар ҳолати тамоюли иҷтимоӣ доштани сиёсати ҳуқуқии давлат таваҷҷуҳи оммаи халқ ба ҳуқуқ афзуда, ҳуқуқ ба арзиши иҷтимоии шаҳрвандон табдил меёбад, эҳтиромашон нисбат ба қонунҳо зиёд шуда, руҳияи нигилистӣ аз байн меравад. Баъдан,

бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ ба ташкили низоми хизматрасонии ҳуқуқӣ алоқамандӣ дорад.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ собит менамоянд, ки баланд бардоштани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, таъмини қонуният, волоияти қонун ва баробарии ҳамаи субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ дар назди қонун, тақвияти муқовимат бар зидди коррупсия, тақвияти раванди назорати иҷтимоӣ, ба арзиши муҳимми иҷтимоӣ табдил додани ҳуқуқ ва ғайра барои коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа мусоидат карда метавонанд. Дар ин самт дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ нақши муҳимро мебозад. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон масъулияти ҳуқуқии онҳоро тақвият дода, навъи нави шуури ҳуқуқии барои ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд заруриро ба вуҷуд оварда метавонад. Маҳз коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ ба рушди устувори ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ роҳ мекушояд.

БОБИ 5. МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ҲУВИЯТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

5.1. Хусусияти рушди шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро интихоб намудааст. Барои расидан ба ин мақсад субъектҳои фаъоли иҷтимоие заруранд, ки дорои шуур ва фарҳанги баланди ҳуқуқӣ бошанд, ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои худро хуб дарк намоянд, манфиатҳои худро бо роҳҳои қонунӣ ҳимоя ва дар амал татбиқ карда тавонанд. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд: «Баланд бардоштани сатҳи донишу фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат мебошад. Донистани қонунҳо ва аз ҷониби шаҳрвандон дуруст истифода шудани онҳо кафолати таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо мегардад» [20].

Таҳлили натиҷаи таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки дар ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд сатҳи баланди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон барои амали иҷтимоии ҳуқуқ, сифати ҳуқуқэҷодкунӣ, самаранокии ҳуқуқистифодабарӣ ва фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамояд. «Сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ба самаранокии татбиқи ҳуқуқ таъсир мерасонад» [136, с. 20]. Аз ин сабаб, «дар давраи ислоҳоти конститутсионӣ таваҷҷуҳи шаҳрвандон ба ҳуқуқ меафзояд. Баръакс, дар давраи буҳрон таваҷҷуҳ ба ҳуқуқ коҳиш ёфта, ҳокимият бештар аз усулҳои сахтгиронаи танзимнамоӣ истифода мебарад» [299, с. 1168].

Шуури ҳуқуқӣ қисми таркибии шуури ҷамъиятӣ буда, аз маҷмуи донишу бовариҳои одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ нисбат ба ҳуқуқ ва зуҳуроти ҳуқуқӣ таркиб ёфтааст. Муҳаққиқи венгерӣ К. Кулчар хусусиятҳои шуури ҳуқуқиро чунин нишон додааст: «Асоси шуури ҳуқуқиро муносибатҳои ҳуқуқӣ,

механизми танзими ҳуқуқӣ (аз қабили меъёрҳои ҳуқуқ, институтҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти онҳо), амали одамон дар соҳаи ҳуқуқ, инчунин, падидаи ҳуқуқӣ, ки дар алоқамандӣ бо амали меъёрҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, ташкил медиҳанд» [93, с. 153].

Шуури ҳуқуқӣ инъикоси огоҳонаи ҳаёти ҳуқуқӣ ва асоси маънавии низоми ҳуқуқии ҷомеаро ифода менамояд. Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «Шуури ҳуқуқӣ – маҷмуи ақидаҳо, ғояҳо, ҳиссиёт, эҳсосот, арзишҳо, нишондодҳо, тасаввуротҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибати инсонро ба ҳуқуқи амалкунанда, қонуну санадҳои меъёрӣ, амалияи ҳуқуқӣ, дигар унсурҳои низоми ҳуқуқӣ ифода мекунад» [175, с. 595]. Вобаста ба таркиб шуури ҳуқуқӣ мафкураи ҳуқуқӣ, мисли мафҳумҳо, ақидаҳо, тасаввурот ва назарияҳои ҳуқуқӣ, инчунин, психологияи ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳиссиёт, таассурот ва дигар ҳолатҳои равонии марбут ба ҳуқуқро фаро мегирад.

Ҳангоме, ки мазмуни ҳуқуқ дар шуури одамон инъикос мегардад, ба шуури ҳуқуқӣ табдил меёбад, «шуури ҳуқуқӣ падидаи субъективӣ аст: он аз андешаҳои одамон дар бораи ҳуқуқ; аз муносибати субъективӣ ба падидаи ҳуқуқ, арзишҳои он иборат аст» [229, с. 34]. Минбаъд, дар асоси шуури ҳуқуқӣ қоидаҳои рафтор муайян гардида, маданияти ҳуқуқии шахс ташаккул меёбад. Тавассути шуури ҳуқуқӣ ахбори зарурӣ аз низоми ҳуқуқӣ ба субъектҳои фаъолияти ҳуқуқӣ расонида мешавад. Мубодилаи ахбори байни низоми ҳуқуқӣ ва субъекти ҳуқуқӣ тавассути назария, категория ва тасаввуроти ҳуқуқӣ сурат мегирад.

Шуури ҳуқуқӣ дараҷаи муайян ва сифати дониши ҳуқуқӣ, фаҳм ва истифодаи онҳо дар рафтору фаъолияти амалии одамон аст, «мутахассисони ҷавони дорои шуури баланди ҳуқуқӣ аз ҷиҳати касбӣ зудҳаракат мебошанд, зеро сатҳи назорати субъективии онҳо дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ баландтар аст» [265, с. 70]. Шахсе, ки шуури ҳуқуқии рушдёфта дорад, ҳуқуқу озодиҳои худро медонад, уҳдадориҳои худро дар назди ҷомеа дарк намуда, ба

поймол гардидани онҳо роҳ намедиҳад, ҳамзамон, ҳуқуқу озодиҳои дигаронро эҳтиром ва эътироф менамояд. Шуури ҳуқуқиро ҳамчун шакли эҳтиром ва муносибати масъулона нисбат ба ҳуқуқ низ арзёбӣ кардан мумкин аст, ки дар раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Дар маҷмуъ, ҳар як шахс дараҷаи муайяни шуури ҳуқуқиро дорост.

Ба андешаи муҳаққиқи рус Е.А. Зорченко, шуури ҳуқуқӣ дар чунин самтҳо ташаккул меёбад:

- мавҷудияти донишҳои ҳуқуқӣ, иттилооти ҳуқуқӣ;
- табдили маълумоти ҷамъшуда ва донишҳои ҳуқуқӣ ба эътиқоди ҳуқуқӣ, одатҳои рафтори ҳуқуқӣ;
- омодагии амал бо дарназардошти дониш ва бовариҳои ҳуқуқӣ [70, с. 163].

Ҳуқуқшиноси рус И.А. Илин сабаби дар ҷомеа паҳн гардидани рафтори ғайриҳуқуқӣ, ҳифз нагардидани ҳуқуқу озодиҳо ва ба зӯроварии «нерумандон» қарор гирифтани одамонро ба сатҳи паст қарор доштани шуури ҳуқуқии аҳолӣ марбут донистааст. Ба андешаи ӯ, маҳз паст будани сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон боис мегардад, ки онҳо ба ҳама гуна зӯровариҳо ва беадолатиҳо таҳаммул намоянд. Надонистани уҳдадориҳои ҳуқуқӣ боис мегардад, ки шаҳрвандон ҳудуди рафтори худро дуруст муайян карда наметавонанд ва дар муқобили тамаъҷӯйӣ, суиистифода аз ваколат ва зӯроварии судхӯрону ғоратгарон нотавонанд. Одамоне, ки аз доираи ваколатҳои худ бехабаранд, ба худсарию зиёдаравӣ роҳ медиҳанд ва ё аз тарс ба фишору зӯроварӣ итоат мекунанд. Онҳое, ки аз маҳдудиятҳо ва манъкуниҳои ҳуқуқӣ огоҳ нестанд, ба осонӣ қоидаҳо ва интизоми иҷтимоиро нодида мегиранд. Маҳз надонистани ҳуқуқи мусбат ногузир боиси афзоиши худсарии шахсони неруманд ва тарсонидани афроди нотавон мегардад. Аз ин рӯ, ҳуқуқшинос баланд бардоштани шуури ҳуқуқии аҳолиро зарурати ногузир арзёбӣ намудааст: «Мардуме, ки «қонунҳо»-и кишвари худро намедонанд, берун аз қонун зиндагӣ мекунанд ва ё бо рукнҳои худсохта ва ноустувори

қонун қаноат мекунанд... Халқ бояд қонунҳои кишвари худро ба таври зарурӣ ва шоиста донад; он як қисми ҳаёти ҳуқуқӣ мебошад» [73, с. 160-161]. Аз диди И.А. Илин, ҳар як шахс шуури ҳуқуқӣ дорад ва аз он дар ҳаёти рӯзмарраи худ истифода мебарад, аммо на ҳама вақт шуури ҳуқуқӣ ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаро воқеӣ инъикос карда метавонад. Ба андешаи ӯ, «Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун як узви рӯҳии барои инсон зарурӣ дар ин ё он шакл дар тамоми даврaҳои ҳаёти ӯ иштирок менамояд, ҳатто вақте ки шахс ҷиноят содир мекунад, ба ҳамсояҳо зулм мекунад, ба Ватан хиёнат мекунад ва ғайра ё шуури ҳуқуқии заиф, зишт, фосид, ғуломона ва ҷиноятӣ низ ҳамчун шуури ҳуқуқӣ боқӣ мемонад» [24, с. 224].

Муҳаққиқи тоҷик Л.М. Нусратов шуури ҳуқуқиро инъикоси ҳаёти ҳуқуқӣ тавассути тасаввурот, ақида, эҳсосоти муайян номидааст, ки рафтори шахсро дар доираи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳдуд сохта, содир намудани амалҳои хилофи қонунро пешгирӣ менамояд. Аз нуқтаи назари муҳаққиқ, мақоми қонун ва ҳуқуқ дар ҷомеа он вақт баланд мегардад, ки агар «қонунҳои қабулшуда ба талаботи принсипҳои адолат, инсондӯстӣ, баробарӣ, ақидаҳои пешқадами шаҳрвандон, ҷаҳонбинӣ, таҷрибаи амиқи равонӣ» [125, с. 16] мувофиқат намоянд. Донишманд пас аз таҳқиқи амиқи ин мавзуъ ба хулосае расидааст, ки шуури ҳуқуқии баъзе аз шаҳрвандони Тоҷикистон зиддиятнок буда, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар сатҳи зарурӣ намедонанд, саводи ҳуқуқиашон паст буда, дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳои худ ахбори зарурӣ надоранд ва дар онҳо малакаи ҳифзи ҳуқуқҳо ва масъулият барои иҷрои уҳдадориҳо ташаккул наёфтааст. Ӯ чунин омилҳоеро ном бурдааст, ки ба барқароршавӣ ва рушди шуури ҳуқуқӣ таъсир расонида метавонанд:

- баланд бардоштани маданияти умумӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон, шуури ахлоқии онҳо;
- бо инобат гирифтани ҳувияти чандинасра, ки дар қолабҳои шуур, ҷаҳонбинӣ ва рафтори иҷтимоии шаҳрвандон ифода ёфтааст;

– таъмини сифати баланди қонунҳои қабулшуда ва дар ин замина, такмили пайвастаи низоми қонунгузорӣ;
– мутобиқсозии тамоми меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда ва минбаъд қабулшаванда ба талаботи принсипҳои адолат, инсондӯстӣ ва ахлоқ;
– эҳтиром ва ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқҳои шахс, инчунин, такмили механизмҳои амалии ҳимояи ҳуқуқҳои кафолатдодашуда;
– таҳкими қонуният ва тартибот бо роҳи барҳам додани ҳама гуна далелҳои вайрон кардани талаботи қонун чӣ аз тарафи шахсони мансабдор ва чӣ аз тарафи шаҳрвандони алоҳида;
– интихоби дурусти кадрҳо ҳангоми ташкили мақомот ва таъини номзадҳо ба вазифаҳои муҳим ва асосӣ, ки бевосита бо фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ машғуланд;
– омодагии касбӣ ва таълими ҳуқуқшиносон ва шахсони мансабдор, баланд бардоштани нақши суд дар татбиқи ислоҳоти судӣ;
– ба маълумоти шаҳрвандон расонидани мазмуну моҳияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии онҳо;
– таъмини дараҷаи баланди шароити иҷтимоию маишӣ ва иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ ва ғайра [125, с. 23].

Сохтори шуури ҳуқуқӣ дар сатҳи муқаррарӣ, касбӣ ва илмӣ-назариявӣ ҳувайдо мегардад. Шуури ҳуқуқии муқаррарӣ ба аксарияти аҳолӣ хос буда, тасаввуроти номукаммали одамонро нисбат ба ҳуқуқ ифода намуда, дар ҷараёни ҳаёти рӯзмарраи инсон, таҷрибаи шахсӣ, муносибати ӯ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва инчунин, ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ ташаккул меёбад. Шуури ҳуқуқии касбиро ҳуқуқшиносон доро ҳастанд. Шуури ҳуқуқии илмӣ-назариявӣ дониши илмии ҳуқуқиро фаро мегирад. Махсусан, мансабдорон ва зиёиён бо сабаби соҳиби таҷрибаи бойи ҳуқуқӣ будан сатҳи шуури ҳуқуқии рушдёфта доранд. Сатҳи шуури шаҳрвандон ба нақш, мақом ва фаъолияти онҳо вобастагӣ дорад ва дар рафтори ҳуқуқии онҳо инъикос

мегардад. Шуури ҳуқуқӣ дар рафти ҳуқуқэҷодкунӣ ва истифодаи ҳуқуқ нақши хеле бузург мебозад.

Ҷомеашиноси рус Ю.А. Тихомиров шуури ҳуқуқиро ҳамчун маҷмуи донишҳо, муносибатҳо ва фаъолияти шахс дар соҳаи ҳуқуқ тавсиф намуда, унсурҳои асосии таркибии онро чунин муайян кардааст:

- маълумоти боэътимод ва мукаммал оид ба ҳуқуқ;
- шинохт ва дарки принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқ;
- муносибат ба нақши ҳуқуқ ва институтҳои он;
- арзёбии қарорҳои ҳуқуқӣ;
- вокуниш ба ҳуқуқвайронкунӣ;
- иштирок дар таҳияи қонун;
- истифодаи воситаҳо барои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ;
- татбиқи воситаҳои ҳифзи ҳуқуқӣ;
- арзёбии формулаи «de lege ferenda» (қабули қонун);
- арзёбии ҳуқуқии ҳолатҳои низоӣ [299, с. 1168].

Меъёрҳои ҳуқуқӣ ба шуури одамон таъсир расонида, мақсади рафтори онҳоро муайян менамоянд, минбаъд рафтори онҳо ба тағйироти азими иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ оварда расонида метавонанд. Аз ин лиҳоз, шуури ҳуқуқӣ омили тағйир ва рушди ҷомеа мебошад. Донишманди рус Г.Д. Грисенко хеле дуруст ибрози назар намудааст: «Шуури ҳуқуқӣ мақсад, ҳавасмандӣ, маҳдуднамоии фаъолияти афродро ташаккул медиҳад, ҳамзамон бо ин, бевосита хусусият ва тарзи рафтори ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқро муайян менамояд» [335, с. 254]. Тағйироти ҳуқуқӣ худ тағйири шуури ҳуқуқист, минбаъд дар шакли консепсия, назария, дониш ва идеологияи ҳуқуқӣ таҷассум меёбанд. Ҳанӯз файласуфи олмонӣ Г. Гегел навишта буд, ки шуури ҳуқуқӣ «руҳияи даврони худро фаро мегирад» [49, с. 89] ва дар санадҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад.

Умуман, ҳуқуқ ва шакли ифодаи он – қонунҳо бе сатҳи кофии шуури ҳуқуқии шаҳрвандон самаранок амал карда наметавонанд. Эҳтиром нисбат ба

ҳуқуқ аз дониши ҳуқуқӣ оғоз мешавад. Ба андешаи ҷомеашиноси ватанӣ Р.Ҷ. Ҳайдарзода «Донише, ки дар раванди маърифати ҳуқуқӣ ба даст меояд, бояд ба эътиқоди шахсӣ, ба муносибати масъулиятшиносона, ба риояи қатъии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва баъдан, ба талаботи ботинӣ ва одати ҳамарӯзаи ҳар фард нисбат ба риоя намудани қонун, нишон додани фаъолияти ҳуқуқию сиёсӣ мубаддал гардад» [379].

Пеш аз он ки шахс рафтори ҳуқуқӣ содир намояд, бояд нахуст дониши ҳуқуқӣ дошта бошад ва мувофиқи қонун чӣ гуна амал карданро донад. Дар ҳолати паст будани сатҳи шуури ҳуқуқии аҳолӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи кофӣ амалӣ намегарданд ва ба рафтори одамон таъсири зарурӣ расонида наметавонанд. Одамоне, ки қонунҳои кишвари худро намедонанд, оҷизанд ва қобилияти истифодаи ҳуқуқҳои хешро аз даст медиҳанд. Тарзи ҳаёте, ки ба ҳуқуқ ва қонун афзалият намедиҳад, хатарнок буда, дар он ҳама гуна рафтори зиддииҷтимоӣ ва зиддиҳуқуқӣ роҳ ёфта метавонад.

Барои он ки ҳуқуқ ба қувваи ҳаётӣ табдил ёбад, бояд унсури асосии тарзи зиндагӣ ва ҷузъи таркибии олами маънавии одамон бошад, онро ҳамчун арзиши иҷтимоӣ омӯзанд, эътироф ва эҳтиром кунанд. Бояд одамон ба ҳуқуқ эътимод дошта бошанд ва ҳангоми содир намудани рафтори иҷтимоӣ талаботи ҳуқуқиро ба инобат гиранд. Таъиноти ҳуқуқ беҳтар намудани рафтори иҷтимоии инсон ва дар шуури ӯ ба вуҷуд овардани ҳавасмандӣ ва ангезаи ботинӣ мебошад. Ба андешаи ҷомеашиноси рус В.М. Сирих, «ҳуқуқ танҳо дар робитаи органикӣ бо шуури ҳуқуқӣ амал намуда, тамоми вазифаҳои ҷамъиятии худро иҷро мекунад» [168, с. 78].

Дар назари аввал чунин менамояд, ки сатҳи баланди шуури ҳуқуқии шаҳрвандон монеаи ҳуқуқвайронкуниҳо мегардад ва онҳо дар ҳаёти худ аз донишҳои ҳуқуқӣ самаранок истифода мебаранд, аммо дар ҳақиқат чунин нест. Дар шуури ҳуқуқӣ на танҳо донишҳои ҳуқуқӣ, балки эҳсосот, тасаввурот ва иродаи инсон инъикос мегарданд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки барои содир намудани рафтори ҳуқуқӣ донистани ҳуқуқ кофӣ нест, зеро донистани

ҳуқуқу озодиҳо дигар асту, истифода бурда тавонистани онҳо масъалаи дигар. Доштани ҳуқуқу озодиҳо кафолати дар амал тадбиқ гардидани ҳуқуқу озодиҳо нест, барои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо имконияту шароити мусоиди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ лозиманд. Масалан, шахси сарватманд ва бонуфуз имконияту шароити моддии татбиқи ҳуқуқу озодиҳои худро дорад. Зоҳиран, шахси камбизоат низ соҳиби ҳуқуқу озодиҳост, аммо барои амалӣ намудани ҳамаи онҳо имконияту шароити молиявӣ надорад [170, с. 330, 405].

Дар воқеият ба одамоне вохӯрдан мумкин аст, ки соҳиби донишҳои кофии ҳуқуқианд, аммо аз ин донишҳо маҳорати истифода бурданро надоранд ё онҳоро дидаю дониста бо мақсадҳои ғаразнок истифода мебаранд, «вайроншавии шуури касбии ҳуқуқӣ боиси суиистифода аз ҳуқуқ мегардад» [235, с. 27]. Баъдан, дар ҷомеаи муосир шакли дигари нигилизми ҳуқуқӣ – синизми ҳуқуқӣ хеле роиҷ аст. Хусусияти он «ба манфиати шахсӣ истифодаи принсипҳои ҳуқуқӣ, поймол кардани шаъну шарафи инсон, суиистифодаи худсаронаи ҳокимият, истифодаи таъқибу фишор бо баҳонаи ҳифзи кадом як арзишҳои муайян» [246, с. 110] аст. Синизми ҳуқуқӣ чунин маъно дорад, ки субъекти иҷтимоӣ донишҳои кофии ҳуқуқиро соҳиб аст, аммо ин донишҳоро барои поймол намудани талаботи қонунгузорӣ ва раҳоӣ ёфтан аз иҷрои уҳдадориҳо истифода мебарад.

Муҳаққиқи рус Я.Л. Петрова суиистифода аз ҳуқуқро амале номидааст, ки аз ҳудудҳои муқаррарнамудаи он берун мебарояд ва дар шаклҳои зерин зоҳир мегардад:

- аз ҷониби шахси ваколатдор истифода шудани ҳуқуққҳои субъективӣ бар хилофи таъиноти иҷтимоӣ;
- зиёдаравӣ ва берун баромадан аз ҳудуди меъёрҳои ҳуқуқии иҷозатдодашуда ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқу ваколатҳо;
- бо воситаҳои ғайриҳуқуқӣ амалӣ намудани ҳуқуқу ваколатҳо;
- вайрон кардани манфиатҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ ва хусусӣ, ба эътибор нагирифтани ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони дигар;

– анҷом додани харобкориҳо дар доираи намуди умумии рафтори иҷозатдодашуда;
– анҷом додани амал танҳо бо нияти расонидани зарар;
– беамалии шахси ваколатдор, ки дар натиҷа ба шахси дигар зарар мерасад [272, с. 17].

Дар ҷомеаи муосир ҳар як шаҳрванд дар ҷустуҷӯйи адолату қонуният аст, аммо дар амал баъзе шахсон ҳангоми фароҳам омадани имконият худ ба поймол намудани қонун ва адолат роҳ медиҳанд. Дар марҳилаи гузариши ҷомеа аксарияти одамон ба меъёру арзишҳои иҷтимоӣ баҳои зиддиятнок медиҳанд, аммо бо анҷом ёфтани давраи гузариш зиддиятнок будани шуури ҳуқуқӣ паёмадҳои манфиро ба бор меорад. Аз ин рӯ, меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд ба ангеза, одат ва боварии ботинии шаҳрвандон табдил ёбанд. Шахс бояд на танҳо донишҳои ҳуқуқӣ дошта бошад, балки меъёрҳои ҳуқуқиро эътироф ва риоя намояд, роҳҳои истифодаи онҳоро донад, ки ин ҷо сухан дар бораи маданияти ҳуқуқӣ меравад.

Агар шуури ҳуқуқӣ маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ бошад, пас маданияти ҳуқуқӣ дар воқеият татбиқ ва истифодаи ин донишҳоро ифода менамояд. Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» мафҳуми «маданияти ҳуқуқӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «Маданияти ҳуқуқӣ – як намуди маданияти ҷамъиятӣ буда, аз сатҳи шуури ҳуқуқӣ, қонуният, такмили қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқӣ дар ҷомеа гувоҳӣ медиҳад. Мазмуни онро арзишҳое ташкил медиҳанд, ки дар ҷараёни фаъолияти инсон дар соҳаи ҳуқуқ ташаккул ёфтаанд» [175, с. 268]. Донишманди тоҷик Э.С. Насриддинзода маданияти ҳуқуқиро ба шуур, анъана ва ҳувияти ҳуқуқии аҳолӣ алоқаманд дониста, ба хулосае омадааст, ки он «дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқӣ, фаъолияти тарбиявии ҳуқуқӣ, дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти судӣ, амалияи ҳуқуқӣ зоҳир мегардад» [120, с. 31].

Маданияти ҳуқуқӣ ба маданияти умумии ҷомеа алоқаманд буда, сифати ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаро инъикос менамояд. Аз тарафи шаҳрвандон истифодаи

самараноки шуури ҳуқуқӣ ва фаъолии иҷтимоии субъектҳои ҳуқуқӣ аз сатҳи рушди маданияти ҳуқуқии онҳо вобастагӣ дорад. Маҳз маданияти ҳуқуқӣ одамонро водор менамояд, ки донишҳои ҳуқуқии худро такмил диҳанд. Ба андешаи ҳуқуқшиноси тоҷик Р.Ш. Сативолдиев маданияти ҳуқуқӣ «гуногунрангии фарҳанги ҷамъиятӣ, ки ҳолати сифатии ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаро ифода мекунад, сатҳи шуури ҳуқуқиро нишон медиҳад, тамоми арзишҳои ҳуқуқиро дарбар мегирад» [162, с. 449].

Маданияти ҳуқуқӣ маҷмуи дониш, тасаввурот, боварӣ ва арзишҳои ҳуқуқии шахсро дар бар мегирад, ки дар раванди меҳнат, муошират, қабули қарорҳои муҳим ва муносибат ба арзишҳои моддию маънавии ҷомеа истифода мешаванд. Ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дигар масъалаҳои ҷамъиятӣ аз сатҳи рушд ва ҳолати сифатии маданияти ҳуқуқии ҷомеа ва шаҳрвандон вобаста аст. Самаранокии низоми ҳуқуқӣ, такмили фаъолияти ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқии ҷомеаро низ сатҳи маданияти ҳуқуқӣ муайян менамояд.

Маданияти ҳуқуқӣ ҳамчун қисмати таркибии маданияти ҷомеа, пеш аз ҳама, фарогири дониш, тасаввурот ва анъанаҳои ҳуқуқӣ, қоидаҳои қонунэҷодкунӣ, тарзу усулҳои кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиати қонунии шаҳрвандон мебошад. Ба маънои васеъ маданияти ҳуқуқиро ҳамчун дараҷаи рушд ва нақши ҳуқуқ, қонуният, муносибати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳуқуқ маънидод кардан мумкин аст. Маданияти ҳуқуқӣ маънои донистан, фаҳмидан ва дар ҳаёту фаъолияти рӯзмара ва муошират огоҳона истифодаи донишҳои ҳуқуқиро ифода менамояд. Ба гуфтаи А.А. Молчанов маданияти ҳуқуқӣ маҷмуи арзишҳоеанд, ки одамон дар раванди фаъолияти ҳуқуқии худ эҷод менамоянд, он «ба ғайр аз ҳуқуқ (объективӣ ва субъективӣ), шуури ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳолати қонуният, сатҳи бадастомадаи қонунгузорӣ, татбиқи ҳуқуқ ва дигар навъҳои фаъолияти ҳуқуқиро дар бар мегирад» [262, с. 69].

Маданияти ҳуқуқии шахс зери таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ташаккул ёфта, дар раванди амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо, истифодаи дастовардҳои ҳуқуқӣ ва иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад. Рушди маданияти ҳуқуқии шахс аз шароити гуногун, мисли доираи танзими ҳуқуқӣ дар ҷомеа, таҷрибаи амалии ҳуқуқӣ, сатҳи омодасозии ҳуқуқшиносони касбӣ, сохтори идоракунии ҳокимияти давлатӣ, инчунин, сатҳи зиндагии иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон вобастагӣ дорад. Донишманди рус В.М. Боер чунин дараҷаи маданияти ҳуқуқиро нишон додааст:

1. Шахс дар бораи ҳодисаҳои ҳуқуқӣ ахбори зарурӣ дорад, аммо барои дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа пурра иштирок кардан омода нест, меъёрҳои ҳуқуқиро бо дарназардошти манфиати худ дар сатҳи кофӣ истифода бурда наметавонад.
2. Шахс бо такя ба донишҳои кофии ҳуқуқии худ масъалаҳои ҳуқуқии ба миёномадаро ҳал карда метавонад. Дар ин марҳила шахс малака ва таҷрибаи ибтидоии рафтори ҳуқуқиро аз худ менамояд.
3. Шахс пайваста ба соҳаи ҳуқуқ таваҷҷуҳ зоҳир карда, талаботи ба даст овардани донишҳои нави ҳуқуқӣ ва густариши маърифати ҳуқуқӣ, инчунин, дар амал истифода намудани донишҳои мавҷудаи ҳуқуқии худро дарк менамояд.
4. Шахс соҳиби маърифати ҳуқуқии касбӣ гардида, ҳамчун ҳуқуқшинос ва мутахассиси касбӣ ташаккул меёбад ва донишҳои ҳуқуқии худро дар амалия татбиқ менамояд [330, с. 63].

Умуман, маданияти ҳуқуқӣ дар таҷрибаи истифодаи донишҳои ҳуқуқӣ, дар сифат ва самараи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, дар дараҷаи эҳтиромии шаҳрвандон ба ҳуқуқ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ифода меёбад. Ҳамзамон, маданияти ҳуқуқӣ ба амали самараноки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, риоя ва иҷрои талаботи қонунҳо ва рушди фаъолияти ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ низ зоҳир мегардад. Сатҳи баланди маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон ба раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ таъсири мусбат

расонида, ба фаъолияти самараноки қонунгузорон ва иҷрои қонунҳо мусоидат менамояд.

Шуур ва маданияти ҳуқуқӣ дар давраи гузариши ҷомеа зиддиятнок, тағйирёбанда ва нопурраю нокомил дониста мешавад. Махсусан, дар ин давра механизмҳои иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва интиқоли таҷрибаи ҳуқуқӣ аз як насли субъектҳои ҳуқуқ ба дигар насл дуруст татбиқ намегарданд, ки дар натиҷа фазои холии ҳуқуқӣ пайдо мешавад, фаҳмиш ва дарки меъёрҳои ҳуқуқӣ ба оммаи васеъ мушкил гашта, ба буҳронӣ ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Поймол намудани талаботи қонун на ҳама вақт ба вазъи номатлуби иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа вобастагӣ дорад, балки он натиҷаи сатҳи пасти шуур ва маданияти ҳуқуқӣ, инчунин, муътадил сурат нагирифтани раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ низ мебошад.

Паст будани сатҳи шуур ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон сабаб мегардад, ки онҳо ҳангоми дучор омадан ба мушкилоти гуногуни ҳаётӣ қарорҳои носаҳеҳ қабул намуда, ба амалҳои ғайриқонунӣ даст мезананд. Шаҳрвандон маҳз тавассути шуур ва маданияти ҳуқуқӣ аҳаммияти зуҳуроти ҳуқуқии барои ҳаёту фаъолияти амалии ҷомеа зарурро дарк мекунанд. Шуур ва маданияти ҳуқуқӣ бо тамоми шаклҳои зоҳиршавиашон (фардӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ) оқибатҳои рафтори зиддиҳуқуқиро нишон дода, рафтори қонунӣ ва ғайриқонунӣ, адолату беадолатиро аз ҳам ҷудо менамоянд. Ба таъкиди ҷомеашиноси рус Н.В. Никишова, ташаккули сатҳи зарурии шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ба танзими самараноки рафтори иҷтимоии онҳо мусоидат намуда, барои таҳкими қонуният ва устувории тартиботи ҷамъиятӣ замина фароҳам меорад. Ӯ ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавононро як роҳи мубориза ба муқобили нигилизми ҳуқуқӣ ва экстремизму терроризм номидааст: «Ба чунин зуҳуроти номатлуб, аз қабили ифротгароӣ ва умуман, ҷиноятқорӣ танҳо шахсе посухи муносиб дода метавонад, ки маданияти ҳуқуқии ба қадри кофӣ инкишофёфта дорад» [269, с. 332-333].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар давраи гузариш раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузориро дар як муҳлати кӯтоҳ тағйир додан мумкин аст. Аммо дар ин муддат шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандонро, ки давоми ҳаёт шакл гирифтаанд, зуд дигаргун кардан тақрибан номумкин мебошад, зеро «чӣ гунае, ки ба сари мардум бор кардани як идеяи нав мушкил аст, аз сари онҳо дур намудани идеяҳои куҳна аз он ҳам мушкилтар мебошад» [349, с. 311]. Ворисияти ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки одамон дар давраи гузариш то як муддати муайян аз захираи ҳуқуқии шуур ва маданияти худ истифода баранд. На ҳамаи донишҳо ва таҷрибаи ҳуқуқии қаблии шаҳрвандон нодаркору нолозим ва куҳнашудаанд.

Ба шарофати хусусияти консервативӣ доштани шуур ва маданияти ҳуқуқӣ меросият, пайвастагӣ ва таҳаввулоти ҳуқуқ ҳифз мешавад, институтҳои нави иҷтимоӣ ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа ботадриҷ мутобиқ мегарданд. Муҳаққиқи соҳа Э. Бланкенбург дар ин маврид дуруст баён намудааст: «Одатан, чунин мешуморанд, ки қонун на барои тағйир додан, балки барои муътадилсозӣ пешбинӣ шудааст. Аз ин рӯ, ҳуқуқшиносон намояндагони касби консервативӣ ҳисобида мешаванд. Бо вуҷуди ин, ба чунин ақида розӣ шудан мумкин нест. Ҳуқуқ аксар вақт барои тағйири сохтори иҷтимоӣ истифода мешуд ва дар ин кор бисёр ҳуқуқшиносон саҳм гузоштаанд» [211, с. 103]. Муҳаққиқон ба ин назаранд, ки тамоми тасаввурот ва меъёрҳои ҳуқуқии замони гузаштаро сарфи назар кардан зарур нест. Баръакс, қисме аз ин меъёрҳоро мутобиқ ба талаботи нави ҳуқуқӣ такмил дода, бо ин роҳ раванди таҳаввулоти низоми ҳуқуқиро таъмин кардан мумкин аст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳоли ташаккул қарор доранд. Ҳарчанд дар Тоҷикистон муносибатҳои нави иҷтимоӣ ташаккул ёфтанд, аммо то ҳол дар шуур ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ, махсусан, насли дар даврони шуравӣ ба воя расида ҳувият ва тасаввуроти ҳуқуқии пешин устуворанд ва онҳоро якбора


тағйир додан ғайриимкон аст. Чунин одамон ба воқеияти нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ, муносибатҳои нави иҷтимоӣ ва фазои ҳуқуқӣ мутобиқ нашудаанд ва пайваста ба зидди низоми ҳуқуқии муосири ҷомеа эътироз намуда, муносибати нигилистӣ доранд.

Мувофиқи натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ сабаби асосии ҳуқуқвайронкунии баъзе аз шаҳрвандони Тоҷикистон маҳз паст будани донишҳои ҳуқуқии онҳост. Масалан, натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон ё 21,6% Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро нахондаанд ва 1,8%-и дигари онҳо хондани Конститутсияро зарур намешуморанд. Ҳамзамон, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро 53,6%-и мусоҳибон қисман ва 23,0%-и онҳо пурра хондаанд *(нигаред ба расми 21)* [183, с. 93].

Соли 2015 коршиносони «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон»-и Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Сабабҳо ва ҳолатҳои қонуншиканӣ ва ҷиноятқорӣ дар байни ноболиғону ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида буданд. Натиҷаҳои ин таҳқиқот нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои ба ҷиноят даст задани ноболиғону ҷавонон сатҳи нокифояи маърифати ҳуқуқӣ (33,3%)-и онҳост *(нигаред ба расми 22)*.


Расми 21.

Шумо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро хондаед? *(n=600, %)*



Расми 22.

Сабабҳои ба ҷиноят даст задани ноболиғон ва ҷавонон *(n=1370, %)*



Дар Тоҷикистон масъалаи ҳуқуқвайронкунӣ, аз ҷумла ҷиноятқорӣ дар байни ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ҳамчун мушкилии ҷиддӣ боқӣ мемонад. Мувофиқи маълумоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 шумораи ҷиноятқорӣ ва дигар намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар Тоҷикистон нисбат ба соли гузашта зиёд гардидааст. Аз 21319 ҷинояте, ки соли 2023 дар Тоҷикистон содир гардидаанд, 4287 ҷиноят дар ш. Душанбе (20,1%), 3830 ҷиноят дар НТҶ (18,0%), 6354 ҷиноят дар вилояти Суғд (29,8%), 5903 ҷиноят дар вилояти Хатлон (27,7%), 758 ҷиноят дар ВМКБ (3,6%) ва 187 ҷиноят (0,8%) дар Сарраёсати корҳои дохилӣ оид ба нақлиёт ба қайд гирифта шудаанд [380].


Расмҳои 20 ва 21 нишон медиҳанд, ки таносуби байни ҷиноятҳо вобаста ба ҳиссаи аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ хеле ҷолиби диққат аст. Дар ш. Душанбе 12,1%-и аҳолии кишвар зиндагӣ мекунад, аммо дар ин ҷо 20,1%-и ҷиноятҳо ба қайд гирифта шудаанд, яъне сатҳи ҷиноятқорӣ нисбат ба шумораи аҳолӣ ба таври назаррас баланд аст. Ҳарчанд дар ВМКБ танҳо 2,3%-и аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, аммо 3,6%-и ҷиноятҳоро фаро мегирад, ки ин таносуб баландтар аз сатҳи миёна мебошад. Вилояти Суғд бо 28,4%-и аҳолӣ 29,8%-и ҷиноятҳоро дар бар мегирад, ки ин таносуб низ каме болотар аз меъёри миёна аст. Дар НТҶ 21,3%-и аҳолии ҷумҳурӣ ҷойгир аст, аммо дар ин


ҷо 18,0%-и ҷиноятҳо ба қайд гирифта шудааст, ки таносуб поёнтар аз меъёри миёна аст. Таносуби пастарин дар вилояти Хатлон ба назар мерасад, зеро дар ин вилоят 35,9%-и аҳолӣ зиндагонӣ менамояд, аммо 27,7%-и ҷиноятҳоро фаро мегирад, яъне сатҳи ҷинояткорӣ дар муқоиса бо шумораи аҳолӣ паст аст *(нигаред ба расмҳои 23 ва 24)* [59, с. 20].

Мувофиқи омори расмӣ аз 22 315 ҷинояти соли 2024 дар Тоҷикистон бақайдгирифташуда, 16 499 шахсони ҷиноят содир карда ошкор карда шудаанд, ки аз ин шумора 14 899 ҷиноят ба мардҳо ва 1600 ҷиноят ба занҳо рост меояд. Вобаста ба синну сол 141 ҷиноятро шахсони 14-15-сола, 616 ҷиноятро шахсони 16-17-сола, 2759 ҷиноятро шахсони 18-24-сола, 2855 ҷиноятро шахсони 25-29-сола ва 10118 ҷиноятро шахсони 30 сола ва аз он боло содир кардаанд [172, с. 82-83]. Соли 2023 дар Тоҷикистон 21 319 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят 13 095 нафар маълумоти миёна (пурра ва нопурра) ва 2235 нафар маълумоти олӣ ва миёнаи махсус доштанд. Аз рӯйи машғулият ҳангоми содир кардани ҷиноят 710 ҷиноят ба коргарон ва 829 ҷиноят ба хизматчиён ва 1 ҷиноят ба аъзоёни хоҷагҳои деҳқонӣ рост меояд [126, с. 199].

Расми 23. Шумораи ҷиноятҳо вобаста ба минатқаҳои ҷумҳурӣ

Расми 24. Шумораи аҳолии доимӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба аҳолии умумӣ





Дар нишасти матбуотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (12-уми феврали соли 2026) оид ба вазъи ҷинояту ҷиноятқорӣ дар ҷумҳурӣ муфассал маълумот дода шуд. Аз ҷумла зикр гардид, ки соли 2025 дар Тоҷикистон 23 448 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ҳарчанд ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 22 314 баробар буд. Аз шумораи умумии ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда, 74 ҳолатро одамкушӣ ва сӯйиқасд ба он, 32 ҳолатро роҳзанӣ, 107 ҳолатро ғоратгарӣ, 49 ҳолатро таҷовуз ба номус, 119 ҳолатро қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, 1 559 ҳолатро авбошӣ, 3 857 ҳолатро қаллобӣ, 3 902 ҳолат дуздӣ, 26 ҳолатро ғайриқонунӣ нигоҳ доштан ва тайёр кардани силоҳ, 56 ҳолатро тамаъҷӯӣ ва 905 ҳолатро муомилот, ғайриқонунӣ тайёр кардан, нигоҳ доштан ва интиқоли воситаҳои нашъадор ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, дар ҳамин давра аз ҷониби ноболиғон 715 ҷиноят ва аз ҷониби ҷавонон 3 116 ҷиноят содир шудаанд [362; 363].

Дар ҷадвали 1 таҳлили омории ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2025 нишон дода шудааст. Шумораи умумии ҷиноятҳо аз 21 957 ҳолат (соли 2018) то 24 118 ҳолат (соли 2021) зиёд гардида, сипас дар солҳои 2022-2023 коҳиш ёфта, боз дар соли 2024 ба 22 315 ҳолат ва соли 2025 ба 23 448 ҳолат афзудаанд *(нигаред ба ҷадвали 1)* [126, с. 198].

Ҷадвали 1.

Вазъи ҷинояту ҷиноятқорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар давоми солҳои 2018-2025 *(дар заминаи маълумоти нишастҳои матбуотӣ дар Вазорати корҳои дохилӣ ва Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024)*

№	Таснифи ҷиноятҳо	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2025
1.	Дар маҷмуъ	21 957	21 969	23 460	24 118	22 481	21 319	22 315	23448
2.	Сатҳи кушодашавии ҷиноятҳо (%)	88,2	90,0	83,5	80,5	82,3	-	-	78
3.	Одамкушӣ ва сӯйиқасд ба он	86	126	107	103	58	57	75	74
4.	Қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ	149	126	135	150	137	129	117	119
5.	Роҳзанӣ	37	28	33	38	37	19	28	32
6.	Ғоратгарӣ	171	140	161	138	130	107	86	107
7.	Таҷовуз ба номус	42	46	-	52	23	47	41	49
8.	Савдои одамон (одамрабоӣ)	37	5	-	52	24	-	10	9
9.	Авбошӣ	1 090	1 139	1 325	1 224	1 103	1 414	1 663	1559
10.	Қаллобӣ	3 161	2 294	2 866	3 263	1 856	2 762	3 480	3857
11.	Дуздӣ	5 078	5 328	6 197	6 425	4 868	4 241	3 858	3902
12.	Риоя нагардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»	350	299	-	-	450	533	1228	830
13.	Садамаи нақлиётӣ:	1 285	1 212	1 109	1 102	1 096	1 111	1 233	1373
14.	ҳалокшудагон дар садамаи нақлиётӣ (нафар)	395	391	-	395	416	519	552	643
15.	ҷароҳати ҷисмонӣ дар садамаи нақлиётӣ (нафар)	1 357	1 314	-	1 218	1 197	1 179	1 353	1542
16.	Ҳодисаи сӯхтор:	1 296	1 274	1 300	1 189	1 262	1 269	1 175	1324
17.	фавтидагон аз ҳодисаи сӯхтор (нафар)	22	23	25	10	19	23	17	14
18.	Ҷинояти ноболиғон	907	873	754	763	737	555	665	715
19.	Ҷинояти ҷавонон	5 188	5 035	4 913	4 759	3 572	3 020	3 194	3116

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷинояти одамкушӣ ва сӯйиқасд ба он агар дар соли 2018 то 86 ҳолатро ташкил медод, пас дар соли 2019 то ба 126 ҳолат афзуд. Минбаъд ин шумора то соли 2022 коҳиш ёфт, вале дар солҳои 2024-2025 дубора афзоиш ёфта, ба 75-74 ҳолат рафта расид. Дар ин даврaҳо ҷинояти

роҳзанӣ аз 37 ҳолат дар соли 2018 ба 19 ҳолат дар соли 2023 поён рафт, аммо соли 2024 ба 28 ҳолат ва соли 2025 ба 32 ҳолат афзудааст. Ҷинояти ғоратгарӣ аз 171 ҳолат дар соли 2018 ба 86 ҳолат дар соли 2024 коҳиш ёфтааст, яъне беш аз 50% кам шудааст, аммо боз дар соли 2025 ба 107 ҳолат боло рафтааст *(нигаред ба расми 25)*.

Расми 25.

Вазъи ҷинояту ҷинояткорӣ дар давоми солҳои 2018-2025 *(дар заминаи маълумоти нишасти матбуотӣ дар Вазорати корҳои дохилӣ)*




Ҷинояти дуздӣ аз соли 2018 (5 078 ҳолат) то соли 2021 (6425 ҳолат) меафзояд (махсусан, дар давраи паҳншавии пандемияи КОВИД-19 болоравии ҷиноятҳои дуздӣ ва қаллобӣ зиёд гардидааст), аммо дар солҳо 2022 (4 868 ҳолат) ва 2023 (4241 ҳолат) якбора тамоюли пастравӣ ба мушоҳида расида, соли 2024 то ба 3 858 ҳолат коҳиш ёфтааст (ҷинояти дуздӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2021 тақрибан 40% кам шудааст). Мутаассифона, дар соли 2025 боз болоравии ҷинояти дуздӣ мушоҳида мегардад (3902 ҳолат). Сатҳи ҷинояти қаллобӣ соли 2022 (1 856 ҳолат) якбора поён рафтааст, аммо дар солҳои баъдина афзуда, дар соли 2024 (3 480 ҳолат) ва соли 2025 (3857) ҳадди баландтарин расидааст, яъне қаллобӣ дар 6 соли охир беш аз 50% афзудааст.

Авбошӣ қариб дар тамоми ин даврaҳо афзоиш ёфта, аз 1090 ҳолати 2018 то ба 1663 ҳолати 2024 ва 1559 ҳолати соли 2025 рафта расидааст (беш аз 50% зиёд шудааст), ки хело нигаронкунанда мебошад *(нигаред ба расми 26)*.

Расми 26.

Вазъи ҷинояту ҷиноятқорӣ дар давоми солҳои 2018-2025 *(дар заминаи маълумоти нашрасти матбуотӣ дар Вазорати корҳои дохилӣ)*



То соли 2023 ҷиноятқории ноболиғону ҷавонон коҳиш ёфтааст, аммо дар солҳои 2024-2025 боз зиёд мегардад. Агар соли 2018 то 907 ҳолати ҷиноятқории ноболиғон ва 5188 ҳолати ҷиноятқории ҷавонон ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар соли 2023 ин таносуб ба 555 ва 3020 коҳиш ёфтааст. Аммо солҳои 2024-2025 боз тамоюли афзудани ҷиноятҳои ноболиғон ба мушоҳида мерасад (аз 665 ҳолати соли 2024 то ба 715 ҳолати соли 2025). Ҷиноятқории ҷавонон аз соли 2018 (5 188 ҳолат) то соли 2023 (3 020 ҳолат) қариб 42% кам шуда буд, аммо соли 2024 то ба 3 194 ҳолат меафзояд. Соли 2025 ин тамоюл каме коҳиш ёфта, ба 3116 ҳолат расидааст *(нигаред ба расми 27)*.

Расми 27.

Вазъи ҷинояту ҷиноятқорӣ дар давоми солҳои 2018-2025 *(дар заминаи маълумоти нашрасти матбуотӣ дар Вазорати корҳои дохилӣ)*



Ҳодисаи нангини таҷовуз ба номус низ дар ҳоли афзоиш аст, зеро мувофиқи таҳлили маълумоти дастрас аз 42 ҳолати 2018 ба 47 ҳолати 2023 зиёд гардида, боз дар соли 2024 то ба 41 ҳолат кам гардидааст. Соли 2025 ҷиноятӣ таҷовуз ба номус ба нишондиҳандаи баландтарин (49 ҳолат) расидааст, ки хеле нигаронкунанда аст.

Парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оид ба риоя накардани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ аз 350 ҳолати соли 2018 то ба 1 228 ҳолати соли 2024 зиёд гардидааст, аз соли 2022 то соли 2024 зиёда аз 170% афзудааст. Хушбахтона, соли 2025 ин намуди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ коҳиш ёфта, ба 830 ҳолат баробар гардидааст *(нигаред ба ҷадвали 1)*.


Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки аксарияти шаҳрвандон бо сабаби паст будани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқӣ барои расидан ба мақсадҳои гузоштаи худ талош намекунанд, худро мухтор, озод, масъулиятшиносу ташаббускор эҳсос намекунанд ва барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ мубориза бурда наметавонанд. Бо сабаби паст будани маърифати ҳуқуқӣ худро оҷизу нотавон эҳсос мекунанд ва онҳоро руҳияи пассивӣ ва конформизм фаро гирифтааст. Аз ин ҳолати шуур ва маданияти

ҳуқуқии шаҳрвандон баъзе аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида моҳирона истифода мебаранд.

Таҳқиқоти сотсиологӣ низ тасдиқ мекунад, ки ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии шаҳрвандон ба сатҳи донишҳои ҳуқуқии онҳо алоқамандӣ доштааст. Масалан, мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии МТС «Зеркало» мусоҳибоне, ки барои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии худ ягон амалеро ба анҷом нарасонидаанд, чунин сабабҳоро пеш овардаанд: 38,0% – надоштани тасаввуроти ҳуқуқӣ, 16,0% – хароҷоти зиёди молиявӣ, 10,0% – бенатиҷа будани нишон додани фаъолӣ, 4,0% – зарур будани вақти зиёд ва ғайра *(нигаред ба расми 28)* [135, с. 87].

Расми 28.

Сабабҳои фаъолӣ нишон надодани мусоҳибон дар ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ *(%, n=273)*



Дараҷаи маърифати ҳуқуқӣ ба навъи маҳалли аҳолинишин низ вобастагӣ доштааст. Масалан, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки дараҷаи маърифати ҳуқуқии аҳолии деҳот нисбат ба шаҳр поёнтар аст. Масалан, 57,4%-и аҳолии шаҳр ва 35,0%-и аҳолии деҳот ишора кардаанд, ки дар мавриди пайдо шудани масъалаҳои ҳуқуқӣ ба куҷо мурочиат карданашонро медонанд. Инчунин, сатҳи маърифати ҳуқуқии занон ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ

нисбат ба мардон пастар будааст. Дар маҷмуъ 21%-и мардон ва 14%-и занон дар бораи роҳҳои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии хеш ахбори кофии ҳуқуқӣ доштаанд ва 46%-и мардон медонистаанд, ки барои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ кадом ҳуҷҷатҳо ва амалҳо лозиманд [135, с. 92-93].

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии МТС «Зеркало» мусоҳибон барои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии худ дар ҳолатҳои зерин мавқеи фаъолро ишғол мекунанд:

- ҳар қадаре, ки мусоҳибон калонсол бошанд, барои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ эҳтимоли анҷом додани ягон амал ҳамон қадар камтар мешавад;
- ҳар қадаре, ки сатҳи таҳсилоти мусоҳибон баланд бошад, эҳтимоли ҳалли мушкилоти ҳуқуқии онҳо ҳамон қадар зиёд мешавад;
- ҳар қадаре, ки шумораи аъзоёни хонавода зиёдтар бошад, ҳамон қадар эҳтимоли ҳалли мушкилоти ҳуқуқӣ камтар мегардад;
- ҳар қадаре, ки сатҳи даромади иқтисодии мусоҳибон баландтар бошад, барои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ҳамон қадар эҳтимоли амали фаъоли мусоҳибон меафзояд [135, с. 72].

Таҳқиқоти сотсиологӣ тасдиқ менамояд, ки танҳо дар сурати баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ шаҳрвандон ҳуқуқу озодиҳои хешро ҳимоя карда метавонанд. Аз назари 52,5%-и мусоҳибон шаҳрвандон дар ҳоле ҳуқуқу озодиҳои хешро ҳимоя карда метавонанд, ки агар сатҳи дониши ҳуқуқиашон баланд бардошта шавад. Қариб нисфи мусоҳибон ё аниқтараш 48,1% қайд намуданд, ки бояд дар байни аҳолӣ оид ба роҳҳои ҳимояи ҳуқуқ ахбори бештар паҳн шавад. Аз чор як ҳиссаи мусоҳибон (27,7%) бар он ақидаанд, ки дар ҳолати зарурӣ бояд ба аҳолӣ кумаки ҳуқуқӣ расонида шавад. Ҳамзамон, 25,4%-и онҳо қайд кардаанд, ки сифати қонунҳоро беҳтар намоянд. Аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон (22,5%) пурзӯр намудани ҷазои ҳуқуқӣ ва 19,3% таъсиси ташкилотҳои ҷамъиятии ҳифзи ҳуқуқии шаҳрвандонро роҳҳои ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон медонанд *(нигаред ба расми 29)* [183, с. 105-106].

Расми 29.

Ба фикри Шумо чӣ бояд кард, ки то шаҳрвандон ҳуқуқҳои худро ҳимоя карда тавонанд?

(n=1100, %)



Сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандонро вазъи ҳаёти иқтисодӣ, даромади иқтисодӣ, дараҷаи қонеъ гаштани талаботи иқтисодии шаҳрвандон ва шароити моддии ҷомеа муайян менамоянд. Ҷомеашиноси россиягӣ М.И. Абдуллоев дар ин маврид хело бомаврид иброз доштааст, ки «маданияти ҳуқуқӣ аз ахлоқ, аз сатҳи рушди иқтисодии ҷомеа, аз некуаҳволии халқ ... вобастагӣ дорад» [195, с. 8]. Манфиату талаботи иқтисодии табақаҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида ба ҳавасмандии ҳуқуқӣ табдил ёфта, дар шакли тасаввурот ва баҳодиҳии ҳуқуқӣ ифода мегарданд. Талаботу манфиатҳои иқтисодӣ дар шуур ва маданияти ҳуқуқӣ ба сифати идеяҳо, эҳсосот ва тасавуроти ҳуқуқӣ инъикос гардида, ба қонунгузории амалкунанда роҳ меёбанд.

Аз ин сабаб, шаҳрвандон вобаста ба ҷавобгӯ будани қонунҳо ба дараҷаи қонеъ гаштани талаботи иқтисодӣ ба сифати ҳуқуқ ва самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баҳо медиҳанд. Барои он ки одамон ба ҳуқуқ эътимод пайдо намоянд, волоияти ҳуқуқро эътироф кунанд, қонуниятро сарманшаи рафтору фаъолият қарор дода, сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии худро ташаккул

диҳанд, бояд ҳуқуқ ва шакли олии ифодаи он – қонунҳо амалан манфиатовар бошанд, талаботи иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандонро қонеъ карда тавонанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои муҳимми иҷтимоиву иқтисодии ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон фароҳам овардани шароити зарурӣ барои қонеи талабот, манфиат ва ҳадафҳои ҳаётии онҳо бо роҳҳои қонунӣ ба шумор меравад. Агар низоми ҳуқуқӣ барои рушди ҷомеа шароити заруриро муҳайё гардонида тавонад, дар ҷомеа қонуният ҳукумфармо бошад, низоъҳои иҷтимоӣ бо роҳи ҳуқуқӣ ҳалли худро ёбанд, шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқӣ дастрасӣ дошта бошанд, пас барои рушди шуури ҳуқуқии аҳолӣ шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ фароҳам мегардад. «Шароити асосии иҷтимоие, ки ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ бевосита таъсир мерасонанд, пеш аз ҳама, шароити иҷтимоию иқтисодӣ, сохтори ҳуқуқии давлат, инчунин, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро дар бар мегиранд» [295, с. 241]. Муҳаққиқи соҳа Л.М. Нусратов масъалаи ташаккули шуури ҳуқуқиро дар Тоҷикистони муосир таҳқиқ намуда, ба хулосае расидааст, ки «чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ дар ҷомеа ҳамон вақт натиҷаи дилхоҳ дода метавонанд, агар онҳо дар ҳамбастагӣ бо баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ахлоқӣ ва маънавӣ, инчунин, некуаҳволии иҷтимоӣ ва иқтисодии одамон амалӣ гарданд» [342, с. 7].

Агар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талабот ва манфиати иқтисодии аъзоёни ҷомеа ҷавобгӯ бошанд, пас шаҳрвандон ба такмили донишҳои ҳуқуқии худ бештар кӯшиш намуда, фаъолияти худро мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба роҳ мемонанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора чунин ибрози назар намудаанд: «Қонун меъёрест, ки бо дарназардошти манфиатҳои умумиҷамъиятӣ, принсипҳои ҳақиқат ва адолат ҳамчун заминаи асосии пешравии ҷомеа, ризоияти умум ва суботу оромӣ таҳия карда мешавад.

Дар ин самт ба масъалаи эҷоди қонунҳо ва ҷараёни муҳокимаву мувофиқа кардани онҳо эътибори ҷиддӣ бояд дод. Мо бояд ҳамеша талош намоем, ки қонунҳои қабулшаванда бечунучаро мукаммал бошанд ва муносибатҳои ҷамъиятиро дақиқу аниқ танзим намоянд» [17].

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти илмии гузаронидашуда ва бо такя ба хулосабарориҳои илмӣ маълум мегардад, ки ташаккули шуур ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ба маҷмуи омилҳои зерини иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии бо ҳам алоқаманд вобастагӣ доранд:

1. Ваҳдати миллӣ, сулҳ ва оромии ҷомеа, таъмини амнияти сиёсии шаҳрвандон.
2. Вазъи иқтисодии ҷомеа ва сатҳи қонеъ гаштани талаботи моддии шаҳрвандон.
3. Сатҳи маданият ва ҳувияти миллӣ, маҷмуи таҷрибаи таърихию ҳуқуқии ҷомеаи мушаххас.
4. Сатҳи умумии таҳсилот ва ҷаҳонбинии илмии аъзоёни ҷомеа (донишҳои ҳуқуқӣ ба сатҳи донишҳои заминавӣ ва ҷаҳонбинии илмии шаҳрвандон алоқамандӣ доранд).
5. Тарғиби дониш, таҷриба ва огоҳии ҳуқуқии шаҳрвандон тавассути ВАО, ташкили тренингҳо, ташкили чорабиниҳои илмӣ ва омӯзишӣ, ба мисли мизи мудаввар, конференсия ва семинарҳо.
6. Амалишавии механизмҳои самараноки ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳалли баҳсҳо ва масъалаҳои ҳуқуқии шаҳрвандон.
7. Сатҳи ташкил ва татбиқи низоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ.
8. Сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҷавобгӯ будани онҳо ба талаботи рӯзафзуни иҷтимоии шаҳрвандон.
9. Фаъолияти шафоф ва қонунии намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.
10. Нодурустию носаҳеҳии раванди иҷтимоишавии ҳуқуқии аҳолӣ ва ғайра.

Шуур ва маданияти ҳуқуқии ҷомеаи Тоҷикистон хусусияти худро дорад, ки аз насл ба насл такрор мешавад. Аввалан, руҳияи нигилистӣ, нобоварӣ ба шаффофияти кори намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, татбиқи ғайрисамараноки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва нисбат ба ҳуқуқ арзиши баланд доштани дигар танзимгарони муносибатҳои иҷтимоӣ, мисли ахлоқ, дин, урфу одат ва анъанаҳо дар ҳама давру замон дида мешавад. Баъдан, шаҳрвандон аз ҳокимияти давлатӣ интизориҳои зиёд доранд, дар онҳо мустақилият, ташаббус ва ташкили кори шахсӣ кам мушоҳида мегардад. Ҳол он ки ба ақидаи ҷомеашиноси рус Р.С. Байниязов, дар шароити тамаддуни ғарбӣ шахс, пеш аз ҳама, ба неру, имконот ва иқтидори худ такя менамояд ва давлат бошад, ҳамчун «довар» баромад карда, озодии инсон, амният, моликияти хусусӣ ва дигар вазифаҳои ҳуқуқии худро бо сатҳи баланди шаффофият таъмин ва ҳифз мекунад [206, с. 38].

Аз ин лиҳоз, зарурат пеш омадааст, ки тавассути механизмҳои ҳуқуқӣ таъсири урфу одатҳои номатлуб маҳдуд карда шуда, дар ҷомеа мавқеи афзалиятноки ҳуқуқ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқ ҳамчун арзиши олӣ таҳким дода шавад. Рушди ҷомеа боиси ба миён омадани талаботи нави рафтори иҷтимоӣ мегардад. Хусусан, дар шароити имрӯза зарурат ба шахсони мансабдоре, ки дорои сатҳи баланди шуур ва маданияти баланди ҳуқуқиянд, ботадриҷ меафзояд. Дигар замоне нест, ки шахси камсаводу нолоиқ дурудароз ва бе мушкилӣ дар мансаби худ кор карда тавонад. Агар чунин бошад ҳам, ин гуна шахс доимо дар фишори виҷдон, шарму тарсу ҳарос ҳукумронӣ мекунад ва ин ҳолат зуд ошкор мегардад. Ҳамон давлатҳое, ки сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонашонро баланд бардошта тавонистанд, ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангӣ комёб гардиданд.

Хулоса, дар шароити рушди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистон ташаккули шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон омили асосии таъмини суботи иҷтимоӣ, волоияти қонун ва бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки сатҳи

пасти шуур ва маданияти ҳуқуқӣ боиси бесамарии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва афзоиши ҳуқуқвайронкуниҳо мегарданд. Беҳтар шудани шароити иқтисодии шаҳрвандон, маърифати ҳуқуқӣ, сифати қонунҳо ва шаффофияти фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба болоравии сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамоянд.

Низоми ҳуқуқии ҷомеаи Тоҷикистон бояд ҳар як тағйироти ҷомеа ва талаботи равандҳои ҷаҳонишавиро фавран инъикос намояд. Волоияти қонун танҳо дар он ҳолат воқеӣ мегардад, ки агар сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон мувофиқи талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ рушд намояд. Барои коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон бо дарназардошти талаботи замона, раванди самараноки иҷтимоишавии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

5.2. Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ҳамчун омили ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон

Рушди иқтисоди бозаргонӣ, пайдоиш ва ташаккули муносибатҳои нави ҳуқуқӣ ботадриҷ сохтори иҷтимоии ҷомеаро тағйир медиҳанд, барои худмуайянкунии иҷтимоии шаҳрвандон зарурати қонеъ гардонидани талаботи нави иҷтимоӣ ба миён меояд. Дигаргуниҳои иҷтимоии Тоҷикистон аз субъектҳои фаъоли муносибатҳои иҷтимоиро водор менамоянд, ки шуур ва маданияти ҳуқуқӣ хешро ташаккул диҳанд, ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадории худро хуб донанд, тавассути роҳҳои қонунӣ манфиати худро ба амал бароварда тавонанд, инчунин, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигаронро эҳтиром намоянд. Чунин субъектҳои иҷтимоӣ тавассути иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд.

Аз ин сабаб, донистани мафҳум, моҳият, механизмҳо, институтҳо ва хусусиятҳои раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ барои маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, рушду такмили шуур ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ, инчунин, идораи равандҳои мураккаби ҳуқуқии замони муосир кумак мерасонанд. Ба воситаи иҷтимоишавии ҳуқуқӣ шаҳрвандон меъёрҳои ҳуқуқии ҷомеаро аз худ

намуда, ба ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ворид мешаванд ва рафтору амали ҳуқуқӣ содир менамоянд.

Муайян шудааст, ки инсон новобаста аз хоҳиши худ берун аз ҷомеа ва озод аз он зиндагӣ карда наметавонад, аз ин рӯ, инсонро мавҷуди иҷтимоӣ меноманд. Ворид гардидани инсон ба низоми муносибатҳои мураккаби иҷтимоӣ натиҷаи иҷтимоишавӣ ва ҷараёни омӯзиш аст. Иҷтимоишавӣ раванди азхуднамоии меъёрҳои иҷтимоию фарҳангӣ, қоидаҳои муайяни рафтор ва иҷрои нақшҳои иҷтимоист, ки тавассути онҳо одамон ба шароити зарурии ҳаёт мутобиқ мешаванд.

Сотсиологи амрикоӣ Н. Смелзер (1930-2017) иҷтимоишавиро ҳамчун «раванди аз ҷониби одамон ҷамъ кардани таҷриба ва муносибатҳои иҷтимоӣ мувофиқ ба нақшҳои иҷтимоӣ» [150, с. 94] арзёбӣ намудааст. Дар ҷараёни иҷтимоишавӣ инсон тадриҷан аз мавҷуди биологӣ ба шахси фаъоли иҷтимоӣ ва таъсиргузор мубаддал мегардад. Ба андешаи сотсиологи англис Э. Гидденс, иҷтимоишавии шахс равандест, ки дар натиҷаи он «тифли оҷизу нотавон тадриҷан ба як мавҷуди худшиноси соҳибақл табдил меёбад» [50, с. 68].

Ҷомеашиноси ватанӣ Ш. Шоисматуллоев раванди такрористеҳсолии сохтори иҷтимоии ҷомеаро тавассути мафҳумҳои «иҷтимоишавӣ», «ташаккули шахс», «ҷойивазкунии иҷтимоӣ», «худмуайянкунӣ» ва ғайра шарҳ дода, онро ҳамчун раванди барқароршавӣ тавсиф менамояд. Дар натиҷаи ин раванд, шахс бештар на ба ҳайси субъекти фаъоли иҷтимоӣ, балки ҳамчун объекти таъсирпазир зоҳир мегардад. Ба андешаи донишманд, «инсон дар раванди иҷтимоӣ арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоиро меомӯзад, онҳо ба унсурҳои зарурии сохтори равонӣ, эҳтиёҷот, манфиатҳо ва ангезаҳояш табдил меёбанд ва ӯро ба амалҳои муайяни иҷтимоӣ водор мекунанд» [185, с. 44].

Асосҳои назариявии иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ҳанӯз аз ҷониби намояндагони сотсиологияи классикӣ, мисли Э. Дюркгейм [66], Т. Парсонс [128] ва Р. Мертон [112] таҳқиқ гардидаанд. Дар доираи равиши сотсиологии функсионализми сохторӣ, иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ҳамчун раванде маънидод

мегардад, ки дар он шахс ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ тадриҷан ба низоми меъёр, арзиш, идеал ва намунаҳои ҳуқуқии ҷомеа мутобиқ мешаванд. Омӯзиши илмии ин падида аз охири солҳои 60-уми асри XX дар ИМА оғоз ёфта, минбаъд аз ҷониби ҳуқуқшиноси франсавӣ Ж. Карбоне [82] идома дода шудааст. Ӯ ба ягон ҳодисаю муносибат ва ё далел характери ҳуқуқӣ доданро иҷтимоишавии ҳуқуқӣ номида буд.

Раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ яке аз ҷузъҳои муҳимму таркибии раванди иҷтимоишавии шахс буда, моҳияти он дар омӯзиши донишҳо, арзишҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин, табдили онҳо ба меъёрҳои рафтор ифода меёбад. Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ гуфта, раванди аз ҷониби шахс омӯзиши донишҳо, меъёр ва арзишҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки тавассути таълиму тарбия, таҷриба ва дигар воситаҳои таъсиррасонӣ сурат мегирад. Дар натиҷаи иҷтимоишавии ҳуқуқӣ шахс «донишҳои ҳуқуқии барои мутобиқшавии иҷтимоӣ зарурро ба даст меорад» [226, с. 68].

Мафҳумҳои «иҷтимоишавии ҳуқуқӣ» ва «маърифати ҳуқуқӣ» мазмунан бо ҳам алоқаманд буда, раванди мутобиқ шудани шахсро ба низоми ҳуқуқии ҷомеа ифода менамоянд. Аммо дар байни ин мафҳумҳо тафовути ҷиддӣ ба назар мерасанд. Агар иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ҳамчун раванди омӯзиши донишҳо, арзишҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ фаҳмида шавад, пас маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи муҳимми ин раванд ба шумор рафта, маҷмуи дониш, фаҳмиш ва тасаввуроти шахсро оид ба ҳуқуқ, қонун ва муҳити ҳуқуқии ҷомеа фаро мегирад. Дар натиҷаи иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ маърифати ҳуқуқии шахс ташаккул меёбад ва дар шуур ва маданияти ҳуқуқии ӯ таҷассум меёбад.

Мақсади ниҳоии иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ташаккули ҳиссиёти эҳтиром ба ҳуқуқ, рафтору фаъолияти ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Дар навбати худ шуур ва маданияти ҳуқуқӣ ба иҷтимоишавии ҳуқуқӣ мусоидат намуда, донишҳои ҳуқуқии шахсро пурра мегардонад. Ба ин маъно ҳуқуқшиноси рус И.П. Усимова навиштааст,

ки «маърифати ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқӣ ҳадафу натиҷаи тарбияи ҳуқуқӣ, иҷтимоишавии ҳуқуқии шахс ва дар айни замон муҳимтарин омилу шартҳои иҷтимоишавии ҳуқуқӣ мебошад» [356, с. 91].

Ҷомеашиноси рус Н.А. Славова вазифаҳои умумии тарбияи ҳуқуқиро, ки ҳамчун яке аз унсури муҳимми иҷтимоишавии ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад, чунин муайян намудааст:

- ба аҳолӣ тавассути усулҳои гуногуни муосир саривақт расонидани маълумоти ҳуқуқӣ;
- таҳким ва рушди фаъолияти ҳуқуқӣ;
- ташаккули рафтори ҳуқуқӣ;
- баланд бардоштани дараҷаи маданияти ҳуқуқӣ [290, с. 26-27].

Татбиқи амалии ҳуқуқу озодӣ ва иҷрои уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд, пеш аз ҳама, ба сатҳи огоҳӣ, эҳтиром ва истифодаи дурусти онҳо вобаста мебошад. Раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ чунин шароитеро фароҳам меорад, ки дар марҳилаи аввал меъёр ва арзишҳои ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон расонида мешаванд, баъдан, ин арзишҳо ба эътиқоди ботинии онҳо табдил меёбанд. Дар натиҷа, чунин раванд ба фаъолнокӣ ва рушди шахс мусоидат намуда, монеаи амалҳои зиддиҳуқуқӣ мегардад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи асосии баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро ба ҳукми одату анъана табдил ёфтани эътирофу эҳтиром, риоя ва иҷрои қонун номида, чунин таъкид менамоянд: «танҳо ҷомеае ба пешрафту тараққиёт ноил шуда метавонад, ки дар он Конститутсия ва қонунҳо бечунучаро риоя ва иҷро шуда, волоияти қонун ҳамчун арзиши муҳимми давлати ҳуқуқбунёд таъмин гардад» [24].

Раванди муътадил сурат гирифтани иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ба омилҳои зиёде, мисли муҳити иҷтимоӣ, фазои ҳуқуқӣ, вазъи иқтисодӣ ва маданияти ҳуқуқии ҷомеа вобастагӣ дорад. Инчунин, ба раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ олами маънавӣ, ирода ва қобилияти шахс низ таъсиргузор ҳастанд. Махсусан, худназоратнамоӣ ва худидоракунии шахс аз унсурҳои муҳимми олами

маънавии ӯ ба шумор рафта, ба ҷараёни муътадил ва самараноки иҷтимоишавии ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд.

Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, тавассути таълим, тарбия ва маърифати ҳуқуқӣ амалӣ мешавад. Аз ин рӯ, пеш аз он ки шахс рафторашро ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқ гардонад, нахуст бояд онҳоро донад. Ба андешаи ҳуқуқшиноси рус В.И. Гойман, «барои он ки дар қонун зиндагӣ кунем, пеш аз ҳама, бояд қонун дар мо зиндагӣ кунад» [54, с. 56]. То ҳуқуқ ба ҷузъи шуур ва тарзи ҳаёти шаҳрвандон табдил наёбад, дар ҷомеа самаранок амал намекунад. Ҳуқуқшиноси дигари рус И.А. Илин дар ин бора чунин навиштааст: «Барои мардум донистани қонунҳои кишвари худ зарур ва шоиста аст; он як қисми ҳаёти ҳуқуқӣ мебошад. Қонун бо забони шуур сухан мегӯяд ва ба мавҷудоти бошуур муроҷиат мекунад» [75, с. 160-161].

Дар раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ мушоҳида ва пайравӣ ба намунаҳои рафтори ҳуқуқии дигарон, таҷрибаи мустақими иштирок дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва азхудкунии таҷрибаи амалӣ низ аҳаммияти муҳим доранд. Шахсе, ки ба масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ шудааст ва дар ҳалли онҳо ширкат варзидааст, таҷрибаи бойи ҳуқуқӣ пайдо менамояд. Нисбат ба таҷрибаи ҳуқуқии шахс ҳуқуқшиноси рус В.М. Сапогов хеле дуруст ишора кардааст: «Дар соҳаи иҷтимоишавии ҳуқуқӣ таъсири таҷрибаи ҳуқуқӣ ба шахс, ки бо раванди таълими ҳуқуқӣ бо ҳам алоқаманд аст, нақши муҳим мебозад. Дар доираи охирин дониш дар бораи қонун, муносибат ба онҳо, инчунин, қобилияти татбиқи қонун ташаккул меёбад. Ҳамаи ин ҷузъи муҳимми таҷрибаи ҳуқуқӣ мебошад» [148, с. 15].

Ҷомеашиносони рус В.В. Касянов ва В.Н. Ничепуренко се намуди иҷтимоишавии ҳуқуқии шахсро номбар кардаанд: иҷтимоишавии ҳуқуқӣ тавассути омӯзиш; иҷтимоишавии ҳуқуқӣ тавассути интиқоли таҷриба ва иҷтимоишавии рамзӣ [85]. Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ тавассути омӯзиш дар азхудкунии донишҳои одитарини ҳуқуқӣ ифода меёбад. Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ тавассути интиқоли таҷриба дар асоси таҷрибаи ҳуқуқии худ ё дигарон

амалӣ мегардад. Иҷтимоишавии рамзӣ ба тасаввуроти шахс оид ба ҳуқуқ, давлат, қонун, адолат ва ғайра асос ёфтааст.

Муҳаққиқи дигари соҳа А.А. Соколова раванди иҷтимоишавии ҳуқуқии шахсро омӯхта, марҳилаҳои зерини онро махсус зикр кардааст:

1. Аз тарафи шахс қабули маълумот ва донишҳои ҳуқуқӣ.
2. Дарк ва азхуднамоии донишҳои ҳуқуқӣ.
3. Баҳодиҳии ахбори ҳуқуқӣ ва ташаккули тимсоли ҳуқуқӣ.
4. Пайдо шудани мавқеи ҳуқуқии шахс.
5. Амали ҳуқуқии шахс [351, с. 8].

Ҷомеашиносон В.Г. Баев [205, с. 147-149], Ю.В. Кузнесов ва И.Ю. Салмина [245, с. 432] низ ба масъалаи иҷтимоишавии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, чунин марҳилаҳои онро ном бурдаанд, ки дар натиҷа рафтори ҳуқуқии шахс шакл мегирад:

1. Дар марҳилаи аввали иҷтимоишавии ҳуқуқӣ фард меъёр ва арзишҳои заминавии ҳуқуқро меомӯзад ва оила ҳамчун агенти асосии иҷтимоишавӣ амал менамояд.
2. Дар марҳилаи минбаъда меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шуури ҳуқуқии шахс таҷассум меёбанд ва сифатҳои шахсӣ рушд мекунанд, инчунин, субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ мувофиқи фаҳмиши худ мутобиқати қонунҳоро ба вазъияти воқеии зиндагӣ арзёбӣ менамоянд.
3. Дар марҳилаи олии иҷтимоишавии ҳуқуқӣ муносибати шахс нисбат ба ҳуқуқ ташаккул ёфта, шахс ба равандҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ворид мегардад ва ба умумияти муайяни ҳуқуқӣ муттаҳид мешавад.

Ба раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ҳодиса ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ, мисли буҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ таъсири назаррас расонида метавонанд. Ба андешаи Ш. Шоисматуллоев барҳам хӯрдани низоми сотсиалистӣ сабаб гардид, ки институтҳои иҷтимоишавӣ вазифаҳои худро дар сатҳи кофӣ иҷро карда наметавонанд ва раванди иҷтимоишавӣ хусусияти назоратнашавандаро пайдо намудаанд. Муҳаққиқ ин равандро чунин тавсиф менамояд: «Барҳам

хӯрдани сотсиализм... фаъолияти институтҳои иҷтимоишавиро душвор гардонд. Ҳамаи онҳо таҳаввулоти душвореро аз сар мегузаронанд, ки бо суст шудани дастгирии ҷамъият ва давлат боз ҳам вазнинтар мегардад» [185, с. 38]. Донишманди рус А.И. Ковалева низ ба ин мушкилӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба ин ақида аст, ки «дар ҷомеаи буҳронӣ доираи боздоштшавии раванди иҷтимоишавӣ меафзояд, ҷомеа барои саривақт таъмин намудани иштироки кофии ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоӣ шароити кофӣ надорад» [241, с. 112]. Ҳарчанд имрӯз давлат барои фаъолияти самараноки институтҳои иҷтимоишавӣ, аз ҷумла иҷтимоишавии ҳуқуқӣ тамоми тадбирҳои заруриро меандешад (масалан, эълон гардидани Соли маърифати ҳуқуқӣ), аммо дар ин самт масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондаанд.

Самти раванди иҷтимоишавии ҳуқуқии муътадили шахс зери таъсири омилҳои гуногуни ҳаётӣ (мисли оғози зиндагии мустақилона, фавти волидайн, бекорӣ, муҳоҷират, дигаргуншавии вазъи сиёсию иқтисодии ҷомеа ва ғайра) тағйир ёфта метавонад. Дар натиҷа шахс қодир аст, ки қонунро поймол намояд, ба намудҳои гуногуни каҷрафтории иҷтимоӣ даст занад ва нисбат ба ҳуқуқ муносибати нигилистӣ пайдо намояд. Файласуфи олмонӣ Ф. Нитсше дар ин бора навишта буд: «Навъи ҷиноятқор намуди шахси қавӣ дар шароити номусоид аст, он шахси нерумандест, ки бемор шудааст» [124, с. 619].

Аз таҳлили боло маълум мегардад, ки рафтори зиддиҳуқуқии шахс натиҷаи иҷтимоишавии номуваффақонаи ҳуқуқӣ мебошад, зеро баъзе аз одамон на танҳо дар ҳолати буҳронии ҷомеа, балки дар муҳити солими иҷтимоӣ ва шароити мусоид ҳам каҷрафтории иҷтимоиро содир мекунанд. Баъзан рафтори шахс ба зидди қонунҳои амалкунанда нест, аммо ба интизориҳои иҷтимоӣ мувофиқ намеояд, мисли дурӯғгӯйӣ, фаъол набудан, танбалӣ, муфтхӯрӣ, дағалӣ, бемасъулиятӣ, бевиҷдонӣ ва дигар сифатҳои номатлуби шахсӣ.

Аксарияти шаҳрвандоне, ки раванди иҷтимоишавии ҳуқуқиро ба таври муътадил нагузаштаанд, талаботи иҷтимоии худро бо роҳҳои қонунӣ қонеъ

гардонида наметавонанд ва дар натиҷа, ба роҳу воситаҳои ғайриҳуқуқӣ рӯ меоранд. Хатаре ҳаст, ки маҳз чунин шахсон зери таъсири гурӯҳҳои ҷиноӣ ва экстремистию террористӣ монда, даст ба ҷиноятҳои гуногун мезананд. Аз ин рӯ, дар шуури ҷамъиятии қисме аз ҷавонон зуҳуроти нигилизми ҳуқуқӣ, майл ба экстремизм ва терроризм, инчунин, муносибати беэҳтиромона нисбат ба фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои таърихии ҷомеа тақвият меёбанд.

Иҷтимоишавии ҳуқуқии шахс раванди мураккабу дурударозест, ки тавассути институтҳо (оила, маориф, ВАО, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра) ва агентҳои иҷтимоӣ (падару модар, хешовандон, дӯстону ҳамкорон, ҳуқуқшиносону муаллимон ва ғайра) амалӣ мегардад. Ба андешаи муҳаққиқи соҳа К.Б. Сафонов, «иҷтимоишавӣ дар доираи институтҳои муайяне ба амал меояд, ки вазифаи интиқоли таҷриба ва муносибатҳои иҷтимоии аз наслҳои қаблӣ ҷамъшударо иҷро мекунанд» [374]. Ҳар як институт вобаста ба таъиноти худ тарафҳои гуногуни иҷтимоишавии ҳуқуқиро ба амал мебарорад.

Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқ, берун аз ҳуқуқ ва ё зиддиҳуқуқӣ сурат гирифта метавонад. Махсусан, дар ҳолати зиддиятҳои дохилии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ба самти ғайриҳуқуқӣ ва ё зиддиҳуқуқӣ равона мегардад. Дар ин бора ҳуқуқшиноси рус Д.В. Плаксин чунин навиштааст: «Дар шароити рушди зиддиятноки институтҳои ҳуқуқ тамоюли ивазшавии субъектҳои пешбари иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ташаккул меёбад: давлат ва ҷомеа ба гурӯҳҳои хурд ва реферантӣ роҳ медиҳанд» [346, с. 5]. Ин ҳолат, дар давраи буҳрони иҷтимоишавӣ, махсусан, давраи ҷавонӣ ва ворид шудан ба зиндагии мустақилона баръало мушоҳида мешавад.

Натиҷаҳои иҷтимоишавии ҳуқуқии шахс ба интизориҳои ҷомеа ва шахсони алоҳида мувофиқат намекунанд, зеро институтҳои иҷтимоӣ вазифаи иҷтимоишавии худро якхелаю баробар амалӣ намекунанд ва ҳамеша имконоти мавҷуда пурра истифода намешаванд. Раванди иҷтимоишавии

ҳуқуқии шахс раванди доимо пешраванда ва муътадил набуда, ҳама вақт аз рӯйи нақшаи қаблан таҳрезишуда ва мақсаднок сурат намегирад, балки ҷараёни мураккаб ва баъзан зиддиятноку стихиявӣ мебошад. Одатан, фард тамоми даврaҳои ҳаётӣ меъёрҳои ҳуқуқиро аз худ менамояд, ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ворид гашта, уҳдадориҳои худро дар назди ҷамъият иҷро мекунад. Аммо, чи тавре ки қаблан гуфта гузаштем, дар давоми ҳаёт самти иҷтимоишавии ҳуқуқии шахс тағйир ёфтанаш мумкин аст.

Дар ҷомеаи ноустувор, буҳронӣ ва аномиявӣ шумораи зиёди одамон «иҷтимоишавии буҳронӣ» [241, с. 112]-ро аз сар мегузаронанд. Дар натиҷаи чунин раванд, аксарияти онҳо ба рушди шахсӣ ва касбӣ ноил шуда наметавонанд, имкони ташкили зиндагии шоистаро аз даст медиҳанд ва аз мақоми иҷтимоии худ қаноатманд намегарданд, нақшҳои иҷтимоии худро дуруст, масъулиятнок ва самимона иҷро намекунанд ва ё дар баъзе ҳолатҳо аз доираи талаботу нишондодҳои нақшии худ берун мебароянд. Аз сабаби адами шароити мувофиқ раванди иҷтимоишавии онҳо тезонида мешавад, ба ибораи дигар нақшу мавқеъҳои иҷтимоиро ногузир ва пеш аз вақт аз худ менамоянд, мисли ба ҷойи таҳсил ба меҳнат рӯ овардани наврасону ҷавонон, никоҳи бармаҳал, тавлиди бармаҳал ва амсоли ин. Дар ҷомеаи буҳронӣ институтҳои иҷтимоишавӣ дуруст ва саривақт вазифаҳои худро иҷро карда наметавонанд, интихоби касбу пеша ва таҳсилу дарёфти ҷойи кор ба таври кӯр-кӯрона суръат мегиранд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки нақши институтҳои иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои ахбори ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон гуногун буда, бо мурури замон дараҷаи таъсири онҳо тағйир меёбанд. Масалан, агар то охири асри XX, махсусан, дар даврони шуравӣ сарчашмаи маълумоти ҳуқуқӣ ВАО-и анъанавӣ (телевизион, рӯзномаю маҷаллаҳо), адабиёти соҳавӣ, таҷрибаи амалии ҳуқуқӣ ва муошират бо атрофиён ба ҳисоб мерафтанд, дар шароити имрӯза бошад, нақши асосиро интернет, сомонаҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо ва дигар воситаҳои муосири иртиботӣ

ишғол намудаанд. Бо афзудани синну соли шахс таъсири институтҳои иҷтимоишавии ҳуқуқӣ низ тағйир меёбад. Агар дар давраи кӯдакӣ дар раванди иҷтимоишавии ҳуқуқии шахс нақши асосиро оила ва мактаб иҷро намоянд, пас дар марҳилаҳои ҷавонӣ ва калонсолӣ аҳаммияти ВАО ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бештар мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии шаҳрвандон сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ таъсири назаррас мерасонанд. Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ маълум мегардад, ки мусоҳибон ахбороти барояшон зарурро асосан аз телевизион (махсусан, насли калонсол) – 68,8%, сомонаҳои интернетӣ (31,6%) ва шабакаҳои иҷтимоӣ (18,9%) дастрас мекардаанд. Шумораи истифодабарандагони интернет дар байни ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ-демографии аҳолии Тоҷикистон пайваста афзоиш меёбад. Аз ҷумла, теъдоди истифодабарандагони интернети мобилӣ ба 4,5 миллион нафар [378] рафта расидааст. Дар чунин шароит шаҳрвандон барои дастрас намудани иттилооти зарурӣ бештар ба интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ рӯ меоранд *(нигаред ба расми 30)* [42, с. 23-24].

Расми 30.


Шумо аз кадом сарчашмаҳо дар бораи воқеаҳои ҷаҳон ва Тоҷикистон ахбороти заруриро дастрас мекунед? *(n=1241, %)*



Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии МТС «Зеркало» барои баст овардани ахбори зарурӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои бамиёномадаи ҳуқуқӣ 39,5%-и мусоҳибон ба сарчашмаҳои расмии иттилоот, аз ҷумла ҳуқуқшиносон, адвокатҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (ҷамоат) мурочиат менамоянд. Дар баробари ин, аксарияти мусоҳибон – 60,5% бештар ба сарчашмаҳои ғайрирасмии иттилоот, аз қабили хешовандон, дӯстон, раиси маҳалла, мутахассисони шинос ва дигар шахсони наздик такя мекунанд *(нигаред ба расми 31)* [135, с. 94]. Боварии бештари мусоҳибон ба сарчашмаҳои ғайрирасмии ахбор аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аҳолӣ оид ба хизматрасониҳои давлатӣ ахбори кофӣ надоранд ё муносибаташон нисбат ба сарчашмаҳои расмӣ нигилистӣ аст.

Расми 31.

Сарчашмаҳои ахбори ҳуқуқӣ *(n=636, %)*



Яке аз институтҳои муҳимми иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ВАО мебошад, ки дар интишори донишҳои ҳуқуқӣ, ташаккули шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон нақши назаррас доранд. Маҳз ВАО тамоми ҳодисаҳои ҳуқуқии ҷомеаро инъикос намуда, дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сатҳи ҷиноят ва ҷинояткорӣ, оқибатҳои ҳуқуқвайронкунӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, тағйири фазои ҳуқуқии ҷомеа ва амсоли ин саривақт ахбори заруриро интишор менамояд. ВАО, мисли телевизион, радио, маҷаллаю рӯзномаҳо дар шаклгирии шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Дар телевизион ва маҷаллаю рӯзномаҳо ҳуқуқвайронкунандагон, ҷинояткорон ва каҷрафторон маҳкум мегарданд. Шаҳрвандон ҳамеша талош менамоянд, ки барои каҷрафторие мавриди танқиди рӯзноманигорон қарор нагиранд ва қаҳрамони барномаҳои телевизионӣ нагарданд. Ғайр аз ин, корафтодагон ва ҷабрдидагон тавассути навиштани мақолаҳо дар рӯзномаҳо ба мақомоти дахлдор ва шахсони алоҳидаи мансабдор мурочиат менамоянд. Шаҳрвандон аз барномаҳои телевизионие, ки ҳодисаҳои ҷиноӣ ва саҳнаҳои равандҳои судӣ ба намоиш гузошта мешаванд, панд мегиранд ва донишашон дар бораи шаклҳои ҳуқуқвайронкунӣ меафзояд.

Дар шароити рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон сарчашмаи ахбори ҳуқуқии аҳолӣ интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва зеҳни сунъӣ мебошанд. Имрӯз аҳолӣ ахбори зиёди ҳуқуқиро тавассути технологияи коммуникатсионӣ ва

шабакаҳои иҷтимоӣ дастрас менамоянд. Бо рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва фарогир гардидани дастарасии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба интернет, сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ иттилооти ҳуқуқӣ дар муддати кӯтоҳ миёни шаҳрвандон паҳн мегардад. Маҳз хабарҳои матнӣ, наворҳои видеоӣ ва видеоблогҳое, ки дар фазои шабакаҳои иҷтимоӣ, аз қабили YouTube, Instagram, Facebook, Telegram ва дигар платформаҳои иттилоотӣ интишор мегарданд, ба ташаккули сатҳи шуур ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, махсусан, наврасону ҷавонон таъсири назаррас мерасонанд.

Шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон, барои дастрас намудани иттилооти ҳуқуқӣ дар навбати аввал ба технологияи муосири иттилоотию иртиботӣ муроҷиат менамоянд. Масалан, дар сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (mmk.tj) тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дарёфт ва истифода бурдан мумкин аст. Ё ин ки дар сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (president.tj) дар бораи вохӯриҳо, суханрониҳо, сафарҳо, паёмҳо, барқияҳо, суҳбатҳои телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумоти расмии муътамадро дастрас карда метавонем. Дар чунин шароит шахс бояд малакаҳои истифодаи технологияи рақамӣ ва платформаҳои ҳуқуқии онлайнӣ, қобилияти таҳлили ахбори муътамади ҳуқуқӣ ва масъалаҳои ҳифзи маълумоти шахсиро дар фазои рақамӣ омӯзад. Аз ин рӯ, ташаккули саводи рақамӣ ва маърифати ҳуқуқии рақамӣ ҷузъи муҳимми иҷтимоишавии ҳуқуқии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Дар сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ қариб тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии заруриро саривақт ва фавран дастрас намудан мумкин аст. Эътимоди аҳолӣ ба маълумоти ҳуқуқии интернетӣ меафзояд ва интернет ҳамчун сарчашмаи муҳимми дастрасӣ ба иттилооти ҳуқуқӣ эътироф мегардад. Зери таъсири сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ тасаввуроти ҳуқуқии аҳолӣ шакл мегирад, интернет ба институти нисбатан мустақили иҷтимоишавии ҳуқуқӣ табдил меёбад. Агар дигар институтҳои


иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ба шахс таъсири фаъол расонанд ва шахс объекти институтҳои иҷтимоишавӣ бошад, аммо нисбат ба интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ вазъият дигар аст. Дар сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ шахс ҳамчун субъекти иҷтимоишавии ҳуқуқӣ низ баромад карда метавонад.

Аҳолӣ аз сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ бештари вақт ахбори зарурии ҳуқуқиро ройгон ва мустақим дастрас менамоянд, баъзе аз ҳуқуқшиносон дар саҳифаҳои интернетии худ ба саволҳои мустақими шаҳрвандон ҷавоб медиҳанд. Дар сомонаҳои интернетии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ захираҳои ғании иттилооти ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷой дода шудаанд, ки шаҳрвандон аз онҳо мустақим ва ба таври фаврӣ истифода бурда метавонанд. Ҳуқуқшиноси рус А.Н. Медушевский дар бораи афзалиятҳои интернет чунин ибрози назар намудааст: «Интернет бори нахуст дар таърих вазъиятеро ба вуҷуд меорад, ки назорати мустақими давлатӣ ё сензураро аз болои иттилоот маҳдуд мегардонад. Ба шарофати интернет маълумотро дар муддати кӯтоҳтарин дар ҳар гӯшаи ҷаҳон дастрас кардан мумкин аст» [111, с. 149].

Ҳоло бо рушди интернет майдонҳои гуногуни иттилоотӣ, мисли YouTube, Facebook, Telegram, WhatsApp, Instagram ва ғайра ба миён омада, дар раванди иҷтимоишавии ҳуқуқии аҳолӣ таъсири назаррас мерасонанд. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ соли 2025 дар панҷгонаи аввали воситаҳои иттилоотию иртиботӣ шабакаҳои иҷтимоии WhatsApp (88,2%), Facebook (56,9%), Telegram (54,9%), Instagram (49,9%) ва YouTube (43,1%) ҷой гирифтаанд *(нигаред ба расми 32)* [113, с. 18-19].

Расми 32.

Шумо ба кадом шабакаҳои иҷтимоӣ аъзо ҳастед? *(умумӣ, n=500)*



Бо пешрафти технологияи иттилоотию иртиботӣ таъсири блогҳо ва блогерҳо ба шуур ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ меафзояд, ҳоло бештари ҷавонон ба сарчашмаҳои расмии ахбор таваҷҷуҳи зиёд надоранд ва барои дастрас намудани ахбори зарурӣ видеороликҳо ё пахши мустақими блогерҳоро тамошо мекунанд ва ё мустақиман дар режими онлайн робита менамоянд. Ба андешаи муҳаққиқ Д.А. Воропаев розӣ шудан мумкин аст: «Бе муболиға, таъсири блогерҳо-инфлюенсерҳо ба аудиторияашон хеле бузург аст. Шубҳае нест, ки онҳо ба иҷтимоишавии шахс дар маҷмуъ ва алалхусус иҷтимоишавии ҳуқуқӣ таъсири бевосита доранд, муносибатҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва равонии одамонро ислоҳ мекунанд» [223, с. 38].

Ҳарчанд интернет, сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба шуур ва маданияти ҳуқуқии ҷомеа таъсири мусбат мерасонад, аммо таъсири номатлуби онҳоро низ ба фазои ҳуқуқӣ ва сиёсии ҷомеа ёдрас намудан лозим аст. Гурӯҳҳои экстремистию террористӣ бештар дар муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолияти густурда доранд ва тавассути ташвиқоту тарғибот ҷавононро ба амалҳои ифротгароёна ҷалб месозанд. Баъзе аз ҷавонон маҳз дар зери таъсири чунин муҳит амалҳои ҷиноӣ, шаҳвонӣ ва дигар каҷрафториро меомӯзанд. Ба қавли сиёсатшиноси тоҷик Х.Қ. Сафарализода, «тӯли солҳои охир террористону экстремистон бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ

ҷавонону наврасонро мағзшӯй карда, ба доми фиреб меафтонанд ва барои пурра гардонидани сафҳои худ онҳоро барои анҷом додани ҷиҳод ва ҳимояи арзишҳои радикализми динӣ ҷалб месозанд» [349, с. 352].

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон (22,2%) ба ин андешаанд, ки истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ сабабгори ҳамроҳшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои каҷрафтор мегарданд *(нигаред ба расми 33)* [184, с. 70].

Расми 33.

Ҷиҳатҳои манфии истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ *(n=1100, %)*



Аз таҳлили боло маълум мегардад, ки ВАО ба раванди иҷтимоишавии ҳуқуқии одамон таъсири номатлуб низ расонида метавонанд. Дар ВАО бо мақсадҳои тиҷоратӣ ва ба даст овардани фоидаи молиявӣ аз нашру намоиши маводди мухталиф (аз қабили саҳнаҳои қатлу зӯроварӣ ва фаҳши филмҳои бадеӣ) худдорӣ намешавад. ВАО барои ҷалби аудиторияи хеш филму барномаҳои дорои саҳнаҳои қатлу куштор ва фаҳшро низ ба намоиш мегузоранд. Наврасону ҷавонон, ки тафаккури онҳо то ба охир шакл нагирифтаанд, зери таъсири чунин филмҳо ва барномаҳо монда, баъзе аз амалҳои дидаю шунидаи худро тақлид менамоянд ва дар онҳо каҷрафторӣ ва нигилизми ҳуқуқӣ меафзояд.

Айни замон дастрасии шаҳрвандонро бо интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ маҳдуд намудан тақрибан номумкин аст, бинобар ин, дар шаклгирии шуури ҳуқуқии шаҳрвандон аз ин воситаҳои иттилоотӣ самаранок истифода бурдан лозим аст. Махсусан, гузариш ба ҳукумати электронӣ, интишори ахбори расмии ҳуқуқӣ, вокуниши саривақтӣ нишон додан ба хабару овозаҳои бардурӯғ, ба роҳ мондани машваратҳои ҳуқуқӣ дар режими онлайн, ташкили блогҳои ҳуқуқӣ ва монанди инҳо. Дар ин бора ҷомеашиноси ватанӣ Р.Ҷ. Ҳайдарзода хело бомаврид изҳори назар намудааст: «Дар ҳар давру замон танҳо он миллатҳо қодир ба ҳимояти худ буданд, ки аз ҷиҳати зеҳнӣ ва технологӣ пешрафту дастовардҳо доштанд. Яъне онҳо пеш аз ҳама, ба таҳқими зарфияти зеҳнӣ ва технологиашон камар бастанд» [379].

Дар шароити имрӯза бояд давлат ба фаъолияти озоди ВАО-и мустақил, ки хусусияти тарбиявӣ ва созанда доранд, шароити заруриро фароҳам созад, шаҳрвандон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар онҳо назари худро дар бораи масъалаҳои иҷтимоӣ озод баён карда тавонанд. Ташаккули ВАО-и мустақил барои ҳокимияти давлатӣ манфиатҳои зиёде дорад, зеро онҳо саривақт дар бораи мушкилоти ҷойдоштаи ҷамъият хабардор мешаванд. ВАО «оина»-е мебошад, ки дар он тамоми табақаҳои аҳолӣ «симо»-и воқеии худро мебинанд ва камбудиҳои хешро ислоҳ менамоянд. Ба шарофати рушди технологияи навини иртиботӣ ВАО ба майдони фаъолияти институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил меёбанд.

Дар Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии озодии сухан ва ибрози ақида дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидааст. Мувофиқи моддаи 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад... Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст» [3, с. 17]. Баъдан, мувофиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» дар Тоҷикистон ВАО озоданд, ҳар як шахс дар доираи қонунгузорӣ

ҳуқуқи дар ВАО озодона изҳори ақида, ҷустуҷӯ, дастрас ва интишор намудани ахборро дорад [7].

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон суиистифода намудан аз озодии ВАО ва озодии баёни ақида манъ гардидааст. Озодии сухан ва изҳори ақида дар ҷомеаи демократӣ номаҳдуд нест, дар шароити мушаххас ва ба мақсадҳои муайяни барои миллату давлат муҳим маҳдуд мешавад. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн намудани ҳар гуна маводи таблиғотӣ ё ташвиқотие, ки ба барангехтани бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва ё забонӣ равона гардидааст, қатъиян манъ мебошад. Ба ҳамин маъно мутобиқи талаботи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» паҳн намудани маълумоте, ки дорои сирри давлатӣ ё дигар ахбори ба қонун ҳифзшаванда мебошад. Инчунин, маводе, ки ба тағйири сохти конститутсионӣ бо роҳи зӯрӣ, содир намудани ҷиноят, барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ ё забонӣ, тарғиби ҷанг ва зӯроварӣ, фаъолияти экстремистию террористӣ, халалдор намудани тамомияти арзӣ ва мустақилияти давлат даъват менамояд, қатъиян манъ гардидааст.

Ҳарчанд талаботи аҳолӣ ба ахбори ҳуқуқӣ хеле зиёд аст, аммо китобҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маҷаллаҳои ҳуқуқиро доираи маҳдуди аҳолӣ мутолиа менамоянд. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ маълум мегардад, ки яке аз сабабҳои кам мутолиа шудани сарчашмаҳои ахбори ҳуқуқӣ мушкилфаҳм будани мазмуни онҳост. Албатта, забони қонун дорои хусусияти худ буда, аз истилоҳоти хоси ҳуқуқӣ иборат аст, вале бо вуҷуди ин, моҳият ва мазмуни он бояд барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ фаҳмо бошад.

Ҳуқуқшиноси тоҷик М.З. Раҳимзода забони қонунро яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани сифати қонунгузорӣ арзёбӣ намуда, масъалаи таҳия ва истифодаи дурусти истилоҳоти ҳуқуқиро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз самтҳои афзалиятноки такмили фаъолияти қонунэҷодкунӣ мешуморад. Ба андешаи ӯ, ҳангоми дар қонунгузории амалкунанда истифодаи

истилоҳот ба сода, равону фаҳмо, доираи фарогирӣ ва мазмуни онҳо эътибор додан зарур аст. Ивази калимаҳои сирф ҳуқуқӣ ба дигар калимаҳо боиси тағйири моҳияту мазмуни онҳо мегардад, ки дар натиҷа меъёри қонун дар амал нодуруст татбиқ шуда, оқибатҳои номатлуби ҳуқуқиро ба миён меорад. Ба таъкиди ҳуқуқшинос, дар баъзе мавридҳо дар қонунгузории амалкунандаи кишварамон истилоҳот бо забони тоҷикӣ номушаххас ва гуногунмаъно истифода шудаанд. Аз ин рӯ, забони ҳуқуқӣ бояд ба талаботи дақиқии истилоҳот ҷавобгӯ бошад ва хусусиятҳои якхелагӣ, мушаххасӣ, расмият, касбият ва функсионалиро таъмин намояд: «Барои қонунгузории ҳозиразамон зиёд шудани шумораи мафҳумҳои гуногуни ҳамон як истилоҳот ва мафҳумҳо характернок мебошад, ки ин боиси гуногунфаҳмии истифодаи онҳо гардидааст. Ин дар навбати худ боиси душворӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонунҳо ба забони давлатӣ мегардад» [276, с. 7-9].

Айни замон соҳаҳои нави фаъолияти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада, барои танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ теъдоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ меафзоянд. Бо зиёд шудани қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ масъалаи омӯзиш ва донистани онҳо ба миён меояд, зеро мувофиқи моддаи 42 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад» [3, с. 21]. Ҳоло мутахассисон бо барномаҳои компютерӣ ба тартиб даровардани маҷмуи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пешниҳод менамоянд, ки шаҳрвандон тавассути амалиётҳои ҷустӯҷӯӣ ахбори зарурии ҳуқуқиро аз сомонаҳои интернетӣ дастрас карда метавонанд.

Дар раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ оила нақши бузург мебозад, зеро маҳз дар муҳити оилавӣ шахс меъёрҳои ибтидоии ҳуқуқӣ, қоидаҳои рафтор, намунаҳои аввалини рафтори ҳуқуқӣ, тарзи муносибат бо дигар аъзои ҷомеа, оқибатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқиро меомӯзонад. Тарбияи ҳуқуқии шахс аз муҳити оилавӣ оғоз мешавад, зеро нахустин таҷрибаи ҳуқуқиро шахс дар муносибати падару модар ва аъзоёни оила нисбат ба ҳуқуқ дастрас менамоянд. Маҳз волидайн чӣ будани ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷазоро ба

фарзандон мефаҳмонанд ва шуури ҳуқуқии онҳоро ташаккул медиҳанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки сатҳи баланди саводи ҳуқуқии волидайн ба тарбияи ҳуқуқии оилавӣ таъсири назаррас мерасонад ва ба ташаккули шуур ва маданияти ҳуқуқии фарзандон мусоидат мекунад. Донишҳо ва тасаввуроти ҳуқуқие, ки кӯдакон дар доираи оила аз худ мекунанд, дар хотираи онҳо устувор ҷой мегиранд. Агар падару модар ва дигар аъзои оила нисбат ба қонун эҳтиром зоҳир намоянд, фарзандон низ чунин ҷаҳонбинӣ ва арзишҳоро ҳамчун меъёри рафтори худ қабул мекунанд.

Ҳарчанд, дар оила ба аъзоён намунаи рафтори ҷоиз ва қонунӣ тарғиб мешавад, аммо муҳити оилавӣ на ҳама вақт ба раванди муътадили иҷтимоишавии ҳуқуқӣ мусоидат карда метавонад. Иҷтимоишавии муътадили ҳуқуқӣ дар муҳити оила ба як қатор омилҳо, аз ҷумла ба сохтори оила, иқтидори тарбиявӣ, фазои равонӣ ва сатҳи некуаҳволии он, дараҷаи саводи ҳуқуқии волидайн ва дигар омилҳои объективию субъективӣ вобастагӣ дорад. Махсусан, дар баъзе аз оилаҳои осебпазир ва носолим ин раванд ба таври зарурӣ ба роҳ монда намешавад ва ҳатто ба шаклгирии каҷрафторӣ мусоидат менамояд. Дуршавии робитаҳои байни фарзандону волидайн, муносибати беэҳтиромона миёни аъзои оила, набудани назорати кофӣ нисбати фарзандон, зӯроварии оилавӣ, низоъҳои дохилиоилавӣ ва ғайра ба рафтори ғайриҳуқуқии аъзои оила сабаб шуда метавонанд. Падару модароне, ки ба шароити тағйирёбандаи ҷомеа мутобиқ шуда наметавонанд, дар шуури онҳо нигилизми ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст ва рафтори зиддиҳуқуқӣ содир менамоянд, раванди мусбати иҷтимоишавии фарзандони худро ба роҳ монда наметавонанд.

Дигар институти муҳимми иҷтимоишавии ҳуқуқӣ маориф ба шумор меравад, ки ба насли наврас донишҳои заминавии ҳуқуқиро меомӯзонад ва мероси ҳуқуқии дар тӯли асрҳо ташаккулёфтаро аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳад ва дар рушди шууру маданияти ҳуқуқии наврасону ҷавонон нақши ҳалкунанда мегузорад. Пас аз оила шахс донишҳо ва таҷрибаи ҳуқуқии худро дар муассисаҳои таълимӣ ташаккул медиҳанд ва сатҳи рушди шуур ва

маданияти ҳуқуқии онҳо пурра ба таълиму тарбияи ҳуқуқии мактабу донишгоҳҳо ҳамбастагӣ дорад. «Дар ҳолате, ки оила нотавон аст ва иҷтимоишавии самараноки ҳуқуқии наврасонро таъмин карда наметавонад, институти маориф аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад» [201, с. 129]. Наврасону ҷавонон дар муассисаҳои таълимӣ илми ҳуқуқро аз худ мекунанд ва огоҳона ба моҳияти меъёрҳои ҳуқуқӣ сарфаҳм мераванд. Хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ на танҳо донишҳои ҳуқуқӣ мегиранд, балки маҳорат ва таҷрибаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худро дарёфт менамоянд.

Маориф ҳамчун «манбаи асосии ташаккули захираҳои инсонӣ дар кишвар» [27, с. 223] тавассути амалӣ намудани вазифаи иҷтимоишавии худ ба раванди ҷойивазкунии иҷтимоии амудии шаҳрвандони аз ҷиҳати иқтисоди фаъол мусоидат менамояд, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури илмии ҷавононро ташаккул медиҳад, ба каҷрафтории гуногуни иҷтимоӣ монеа мегардад. Маҳз маърифати ҳуқуқӣ ба густариши ақидаҳои хурофотию устуравӣ ва ифротӣ ҷой намегузорад. Маърифати ҳуқуқӣ дар шуури наврасону ҷавонон чунин ҳувият ва ҷаҳонбиниеро ташаккул дода метавонад, ки онҳо ба ҳама гуна ташвиқоту тарғиботи носолими сиёсӣ ва хурофоти динӣ муқобилият карда метавонанд.

Пас аз хатми муассисаҳои таълимӣ иҷтимоишавии шахс дар алоқамандӣ ба таҷрибаи ҳуқуқии шахсӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ ташаккул меёбад. Муносибати шахс ба қонун пурра дар партави фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шахсони мансабдори давлатӣ ва рафтори ҳуқуқии шаҳрвандони дигар шакл мегирад.

Дар иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани шуур ва маданияти шаҳрвандон нақши қишри бомаърифати ҷомеа ва ё табақаи зиёӣ бағоят бузург аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни тоҷик оид ба ин масъала чунин ибрози назар намуданд: «Ман ба ақидаи иддае аз равшанфикрон розӣ ҳастам, ки ба гуфти онҳо аҳли зиё бояд ҳамчун як қишри ҷомеа шакл гирад ва парчамбардори маънавиёт дар байни халқ бошад. Барои

ин, пеш аз ҳама, зарур аст, ки зиёӣ бо тамоми ҳастӣ рисолат ва масъулияти хешро дар назди миллат ва гузаштаву имрӯзаву фардои он дарк намояд. Танҳо дар ҳамин сурат зиёӣ воқеан виҷдон, номус, дардошнои ҷомеа ва чашми бедори миллат хоҳад буд» [26].

Вазифаи асосии зиёиён дастгирӣ аз рафтору амалҳои ҳуқуқӣ, изҳори эътироз ба кирдорҳои ғайриқонунӣ, муқовимат ба ҳолатҳои поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, пешбурди фаъолияти маърифати ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи донишу ҷаҳонбинии илмии аҳолӣ ва тарбияи ҳуқуқии насли ҷавон мебошад. Зиёиён ҳифзкунанда ва интишоркунандаи дидгоҳҳои пешқадам, арзишҳои демократӣ ва ҳуқуқиянд. Мутаассифона, ба аксарияти зиёиёни муосири тоҷик нигилизми ҳуқуқӣ хос буда, дар бартарафсозии масъалаҳои ҳуқуқӣ саҳми назаррас намегузоранд.

Вақти он расидааст, ки зиёиён ба саҳнаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва иҷрои рисолати худ бозгарданд, зеро ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ ва пешгирию бартарафсозии таҳдиду хатарҳои нави иҷтимоӣ ба неруи зеҳнии зиёиён ниёз дорад. Дар ин бора сиёсатшиноси тоҷик С. Ятимов хеле бомаврид ишора намудааст: «Нақши зиёиён дар рушди маънавии миллат – мавзуи алоҳида аст. Дар баробари ин, қайд кардан ҷоиз аст, ки агар дар муборизаи идеологии замони муосир ин қишри нисбатан саводноки ҷамъият бепарвоӣ зоҳир кунад, тақдири миллат ба дасти ҷоҳилони зиёимаоб мегузарад... Маҳз барои ҳамин зиёиёни миллат набояд нисбат ба манфиатҳои миллӣ бетараф бошанд» [191, с. 39].

Дар шароити эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, пеш аз ҳама, бояд раванди иҷтимоишавии ҳуқуқии шаҳрвандон дуруст ба роҳ монда шавад, ба раванди мақсаднок, муташаккил ва танзимшаванда табдил ёбад. Рушди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, эҳтиром ба қонун ва риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ натиҷаи иҷтимоишавии дурусти ҳуқуқианд. Раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ба шахс имконият медиҳад, ки ба доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ ворид гардад ва рафтори ҳуқуқӣ содир намояд. Ба ин маъно

ҳуқуқшинос З.Ш. Ғафуров чунин навиштааст: «Эътирофи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии инсон... ба маънои ҳуқуқиаш натиҷаи равандҳои «иҷтимоишавӣ»-и тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, ҳуқуқӣ мебошад» [224, с. 13].

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Дар «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» чунин навишта шудааст: «Баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад» [2, с. 17]. Зарурати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ арзёбӣ мегардад. Ба таъкиди Сарвари давлат, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ яке аз роҳҳои муҳимми таъмини волоияти қонун, пешгирии ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ба ҳисоб меравад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи аҳаммияти маърифати ҳуқуқӣ чунин нуқтаи назар доранд: «Ҳаёт нишон медиҳад, ки баъзе шаҳрвандони кишвар маҳз бо сабаби надонистани талаботи қонун ба ҳуқуқвайронкуниҳо роҳ медиҳанд. Дар шароити ҷаҳони имрӯза шаҳрвандон бояд дорои сатҳи баланди донишҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ бошанд, то ки вазъияти кунунии ҷаҳон ва минтақаро ҳамаҷониба дарк карда, мавқеи худро дуруст муайян карда тавонанд» [23].

Хулоса, Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад ва дар чунин шароит аз шаҳрвандон маърифати баланди ҳуқуқӣ талаб карда мешавад. Барои он ки шахс ба субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои иҷтимоӣ табдил ёбад, пеш аз ҳама, зарур аст, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои худро хуб донад ва талаботи моддӣ ва маънавии хешро бо роҳҳои қонунӣ қонеъ гардонида тавонад. Аз худ намудани донишҳои ҳуқуқӣ раванди мураккабу ботадриҷе

мебошад, ки аз шахс хоҳишу кӯшиш ва омӯзиши пайвастаро талаб менамояд. Аз дидгоҳи сотсиологӣ, раванди омӯзишу даркнамоӣ ва истифодаи низоми донишҳои ҳуқуқиро иҷтимоишавии ҳуқуқӣ меноманд, ки дар натиҷаи он маърифати ҳуқуқии шахс ташаккул меёбад.

Раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ яке аз қисмҳои раванди иҷтимоишавӣ буда, дар натиҷаи он субъектони муносибатҳои иҷтимоӣ ба фазои ҳуқуқии ҷомеа ворид ва мутобиқ мешаванд. Пайдоишу ташаккули шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон низ натиҷаи раванди иҷтимоишавии ҳуқуқист. Мақсади ниҳоии иҷтимоишавии ҳуқуқӣ тарбияи шахси қонунпазир ва фаъоли ҷамъиятӣ мебошад, ки бо неруи хеш қобилияту малакаҳояшро шинохта, дар амал татбиқ менамояд ва ба пешрафти шахсию касбӣ ноил мегардад. Муътадил гузаштани раванди иҷтимоишавии ҳуқуқии шахс ба як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ ҳамбастагӣ дорад. Аллакай собит гардидааст, ки ҳуқуқвайронкунӣ ва дигар каҷрафториҳои шахс натиҷаи иҷтимоишавии номуваффақи ҳуқуқист.

Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ падидаи мусбату ногузир аст, зеро дар раванди он шаҳрвандон донишҳои ҳуқуқиро омӯхта, рафтору фаъолияти худро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва арзишҳои ҳуқуқӣ ба роҳ мемонанд. Раванди муътадил ва самараноки иҷтимоишавии ҳуқуқӣ боиси ташаккули шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон мегардад. Маърифати баланди ҳуқуқӣ, дарк намудани зарурати ҷамъиятии риояи қонунҳо ва мувофиқ намудани рафтори одамон ба талаботи онҳо таълиму тарғиби доимию муташаккили ҳуқуқӣ ё иҷтимоишавии ҳуқуқиро тақозо менамояд.

5.3. Ҳувияти ҳуқуқӣ ва нақши он дар ҳамгироии иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон

Дар мавҷудият, муттаҳидӣ, устуворӣ ва пешрафти ҳар як миллат якчанд омилҳои асосии бо ҳам алоқаманд мусоидат мекунанд. Агар омили муҳимми пешрафти миллат вазъи иқтисодӣ ва омили муттаҳидию устуворӣ миллат ваҳдати миллӣ бошад, пас омили мавҷудияти миллат ҳувият ба ҳисоб меравад.

Маҳз ҳувият мавҷудияти миллатро ҳифз менамояд, намояндагони миллатро новобаста аз макони зиндагӣ ба ҳам меорад ва муттаҳид месозад.

Шахс аз ҷомеа берун зиндагӣ карда наметавонад ва ҳамзамон аъзои бетарафи ҷомеа ҳам намебошад, ғайриихтиёрӣ дар ҳаёти ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ иштирок мекунад, таъсир мерасонад ва таъсир мепазирад. Ҳамеша худро ба умумияти иҷтимоие, ки узви он аст, шабеҳ медонад ва ҳамзамон, барои итоат ба меъёр ва арзишҳои он розигӣ медиҳад. Ҳувият дар мадди аввал мансубияти шахс ба ягон гурӯҳ ва ё дигар умумияти иҷтимоиро ифода менамояд. Ба воситаи ҳувият шахс гузаштаи худ, пайдоиш ва рушди худ, робитаи худ ба замони гузашта ва гузаштагони худро мефаҳмад. Сотсиолог ва сиёсатшиноси амрикоӣ С. Хантингтон низ ба омӯзиши ҳувият таваҷҷуҳ дода, мазмуни онро чунин арзёбӣ намудааст: «Ҳувият аз худогоҳии фард ё гурӯҳ иборат буда, маҳсули худшиносист, дар ин маънист, ки ман ё шумо вижагиҳои хосе дорем, ки манро аз шумову шуморо аз онҳо фарқ менамояд» [177, с. 51].

Аз диди ҷомеашиноси тоҷик М. Абдуллоҳ, инсон дар натиҷаи дарк ва шинохти мансубияти худ ба гурӯҳ ё табақаи иҷтимоӣ ва бо ташаккули эҳсосоти муайян тадриҷан соҳиби ҳувият мегардад ва «бинобар бо воридшавӣ ба дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ сатҳи ҳувияти дар худ доштаро такмил медиҳад» [29, с. 40]. Муҳаққиқи дигари соҳа П.Д. Шозимов ҳувиятро яке аз сифатҳои муҳимми шуур арзёбӣ намудааст, ки робитаи субъект ё гурӯҳро бо рӯйдодҳои муҳимми таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, устураҳою анъанаҳои авлодӣ ва гурӯҳи этникӣ инъикос менамояд. Ба андешаи донишманд, маҳз ҳувият «боиси таъсиси амсилаҳои амалу рафтори иҷтимоии субъект ё гурӯҳҳои дар ҷараёни ҷустуҷӯйи ҳувияти худ мегардад» [359, с. 15].

Муҳаққиқи тоҷик А.К. Пиров мафҳуми «ҳувият»-ро бо мафҳумҳои «айният» ва «худшиносӣ» алоқаманд, раванди шабеҳсозӣ, монандсозӣ ва мансубият донистааст. Аз назари муҳаққиқ, «Ҳувият падидаест, ки ғояи субот, худшиносии шахсӣ, дарки мансубият ба гурӯҳҳои муайяни иҷтимоиро фаро мегирад» [345, с. 22]. Ба андешаи муҳаққиқ, шахс дорои ҳувияти чандсатҳӣ, аз

ҷумла ҳувияти этникӣ, минтақавӣ, миллӣ, геополитикӣ ва тамаддунӣ мебошад. Ҳамзамон, ӯ ба якчанд умумияти иҷтимоӣ тааллуқ дошта метавонад. Шахс тавассути мубрам гардонидани ҳувият худро аз дигарон фарқ намуда, эҳтиёҷи худтатбиққуниро амалӣ месозад. Сотсиологи ватанӣ Ш. Шоисматуллоев низ дар бораи алоқамандии ҳувиятҳои иҷтимоӣ таҳқиқот гузаронида, чунин навиштааст: «ҳувияти миллӣ дар ҳамаи ҷамъият ба шакли аслӣ вуҷуд дошта наметавонад ва бояд ба ҳувиятҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ мувофиқат намояд» [152, с. 98].

Ҳувияти миллӣ дар эҳсоси мансубияти шахс ба умумияти муайяни иҷтимоию этникӣ, ҳаммонандсозии тарзи зиндагии худ ба миллати мушаххас, пайравӣ ба фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳои таърихӣ, донистану эҳтироми таърих, забон ва умуман, фарҳанги миллӣ ифода меёбад. Маҳз ҳувияти миллӣ меҳвар ва нуқтаи марказиест, ки шаҳрвандон ба он такя карда, бо ҳам меоянд, муттаҳид мешаванд ва барои рушди оянда неру, имконот ва иқтидори худро сафарбар менамоянд. Унсурҳои асосии ҳувияти миллӣ таърих, урфу одат, ҷашну маросим, забон ва умуман, фарҳанги миллат мебошанд.

Масъалаи таносуби анъана ва азнавсозиро дар раванди таҳкими ҳувияти миллӣ Х.У. Усмонзода анъана ва фарҳангро омили муайянкунандаи худшиносии таърихӣ ва миллӣ номидааст. Ба андешаи ҷомешинос, маҳз анъана ва сохтори анъанавии ҷомеа механизми муҳимми нигоҳдошти ягонагии қисмҳои ҳаёти иҷтимоӣ мебошанд, ҳарчанд онҳо на ҳама вақт ба раванди азнавсозии ҷомеа таъсири мусбат мерасонанд. Агар азнавсозӣ бо арзишҳои анъанавӣ алоқаманд бошад, он бе монеаи зиёд аз тарафи ҷомеа эътироф, қабул ва аз худ мешавад.

Мувофиқи нуқтаи назари Х.У. Усмонзода, устувории муносибатҳои иҷтимоӣ дар сохтори анъанавӣ ба он вобастагӣ дорад, ки аҳли ҷомеа то кадом дараҷа маросими мавҷударо риоя ва иҷро менамоянд, имрӯз дар атрофи хотираи иҷтимоӣ ва таърихи гузашта бо дарназардошти талаботи замони муосир ва ҳаёти воқеӣ ҷустуҷую машруияти аломатҳои ҳувияти умумимиллӣ

сурат мегирад: «Ҳамин тариқ, сохтори анъанавии ҷомеаро на ҳамчун объекти ғайрифаъоли таъсирпазир, балки, баръакс, онро ҳамчун муайянкунандаи самти рафтори иҷтимоии афрод баррасӣ намудан лозим аст» [72, с. 109].

Дар шароити ҷаҳони муосир одамон бо «ҳувиятҳои зиёд» (иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, тамаддунӣ, этникӣ, миллӣ, шаҳрвандӣ, гендерӣ, динӣ, касбӣ ва ғайра) рӯ ба рӯ мешаванд, ки ба рафтори иҷтимоӣ ва тарзи зиндагии онҳо таъсири назаррас мерасонанд. Ҳамзамон, таркиби сохтори ҳувияти шахс гуногун аст, дар давоми ҳаёт вобаста ба шаҳрвандӣ, ҷойи истиқомат, вазъи оилавӣ, ҷинс, касб, дин ва ғайра тағйир меёбад, яъне «ҳувият соҳае мебошад, ки дар он шахс дар маҷмуъ вуҷуд дорад ва амал мекунад» [280, с. 225]. Бо пешрафти ҷамъият ҳувият хусусияти меросӣ будани худро аз даст медиҳад, аллакай одамон дар ҷаҳони чандҳувият ҳуқуқи интихоби ҳувияти дилхоҳашонро пайдо менамоянд. «Ҳувият ҳамчун сохтори интихобҳою имконоти воқеии рафтор ва ҷаҳонбинии фард мувофиқи ҷойгоҳи ишғолкардааш дар сохтори ҷомеа муоина мешавад» [209, с. 170].

Махсусан, раванди ҷаҳонишавӣ боиси омезиши ҳувиятҳои мухталиф гардида, дар баъзе ҳолатҳо ба заифшавии унсурҳои бунёдии ҳувияти миллӣ оварда мерасонад. Ба андешаи файласуф ва сиёсатшиноси маъруф Ф. Фукуяма, талаботи эътироф, ки ҷавҳари ҳувияти миллӣ ба шумор меравад, сохтори сиёсии тамоми ҷаҳонро тағйир медиҳад. Бо сабаби ташаккули босуръати раванди муҳоҷират ва омехташавии миллӣ гурӯҳҳои этникӣ ҳувияти миллиро муайян карда наметавонанд ва фарқият дар дохили як фарҳанги миллӣ низ торафт баръало намудор мегардад.

Тибқи андешаи Ф. Фукуяма яке аз омилҳои муттаҳидкунандаи одамон дар дохили давлат ҳувияти шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, чунин шакли ҳувият монеаи ихтилофоти динӣ ва фарҳангӣ гардида наметавонад. Аз ин рӯ, донишманд пешниҳод менамояд, ки бояд бар пояи арзишҳои умумии либералӣ, волоияти қонун ва дигар арзишҳои ҳуқуқӣ шакли ҳувияти либералӣ ё ҳуқуқӣ ташаккул дода шавад. Ба ақидаи ӯ, чунин ҳувият ҳамчун омили коҳиш

додани тафриқаандозии фарҳангӣ ва таҳкими ҳамгироии таҳаммулпазиронаи иҷтимоӣ хизмат карда метавонад.

Ф. Фукуяма зимни баррасии масъалаи ҳувияти ҳуқуқӣ таъкид менамояд, ки дар шароити ҷомеаи демократӣ интихоб бояд хусусияти озодона дошта бошад, ба арзишҳои таҳаммулпазирӣ нисбат ба шахсоне, ки аз лиҳози этникӣ ва фарҳангӣ фарқ доранд, такя намояд. Ҳамзамон, чунин интихоб бояд ба қабули принсип ва арзишҳои бунёдии ҷомеаи нав, аз ҷумла волоияти қонун ва дигар принсипҳои заминавии ҳуқуқӣ асос ёбад. Мутафаккир дар ин маврид чунин менависад: «Фикр мекунам, инчунин, ҳувияти мусбати шакли либералӣ вуҷуд дорад, ки ба қабули гуногуни одамон асос ёфтааст. ... Ин шакли ҳувият на тафриқаи одамон вобаста ба нажод, мансубияти этникӣ ва заминаҳои таърихист, балки ҳамгироӣ мебошад» [377].

Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ давлатҳои соҳибистиқлоли пасошуравӣ аз идеологияи коммунистӣ даст кашида, ба таърих ва фарҳанги миллии худ рӯ оварда, бо ҳар роҳу восита унсурҳои ҳувияти миллии худро ҳифз менамоянд. Махсусан, ҳифзи ҳувияти миллӣ дар сиёсат ва стратегияҳои рушди давлатҳои миллӣ яке аз ҳадафҳо ва афзалиятҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Имрӯз мушоҳида мегардад, ки давлатҳои миллӣ тавассути роҳу воситаҳои гуногун, аз қабили дар сатҳи баланд таҷлили иду ҷашҳои миллӣ, гиромидошти шахсиятҳои бузурги таърихӣ, ба воситаи мусиқӣ, кино, меъморӣ ва сохтмони биноҳо, либос, хӯроки миллӣ ва ғайра унсурҳои фаромӯшшуда ва мавҷудаи ҳувияти миллии худро аз нав зинда мегардонанд, азнавсозӣ мекунанд ва ташаккул медиҳанд.

Бояд иқрор шавем, ки бо вуҷуди андешидани тадбирҳои гуногун дар ҳифзи ҳувият ва худшиносии миллӣ боз масъалаҳои зиёди ҳалталаб вуҷуд доранд. Махсусан, раванди ҷаҳонишавӣ, интишор ва дастрасгардии интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва зеҳни сунъӣ ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, никоҳҳои байниэтникӣ (омехташавии этникӣ) ва дигар

падидаҳои иҷтимоӣ бо вуҷуди манфиати зиёд доштанашон, унсурҳои ҳувияти миллиро заиф месозанд ва ҳатто ба аз байн рафтани онҳо таҳдид менамоянд.

Ҳувияти миллӣ ҳамчун эҳсоси мансубият ба халқу миллат, фарҳанги миллӣ ва давлат дар шароити ҷаҳонишавӣ ба яке аз масъалаҳои меҳварӣ табдил меёбад. Раванди ҷаҳонишавӣ, ки ба ҳамсоншавии тадриҷии муносибатҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад, ҷомеаро ба буҳрони ҳувият рӯ ба рӯ месозад. Мафҳуми «буҳрони ҳувият» [187, с. 235]-ро Э. Эриксон барои тавсифи чунин ҳолати рафтори инсон истифода бурдааст, ки дар он шахс эҳсосу дарки шабеҳияту мансубияти худро нисбат ба таърих ва фарҳанги миллат аз даст медиҳад. Ба ақидаи донишманд, инсонҳо дар ҷанги ҷаҳонӣ ба буҳрони ҳувияти шахсӣ гирифтор гардиданд ва «ҳисси ҳувияти шахсиятро аз даст доданд» [187, с. 25].

Буҳрони ҳувият ба буҳрони шадиди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ алоқамандӣ дорад. Сотсиологи англис Э. Гидденс навиштааст, ки «дар ҳолати заифгардии таъсири анъанаҳо ва урфу одат дар сатҳи ҷаҳонӣ асосҳои шинохти ҳувияти инфиродӣ, яъне эҳсоси худ ҳамчун шахсият низ тағйир меёбанд» [51, с. 63]. Дар ҳақиқат, густариши низоми умумиҷаҳонии иқтисодӣ, сиёсию ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ ба коҳиши нақши давлатҳои миллӣ ва пайдоиши буҳрони ҳувият мусоидат намудааст. Ба андешаи сотсиологи англис З. Бауман, «масъалаи ҳувият он вақт ба миён меояд, ки агар низоми куҳнаи сохтори иҷтимоӣ вайрон шавад» [39, с. 18].

Дар шароити тағйироти куллии ҷомеа шахс борҳо ҳувияти худро бозбинӣ менамояд. Фазои иттилоотӣ босуръат дигаргун мешавад ва шахс ба саволҳои асосӣ, аз қабили «ман кӣ ҳастам?», «ба куҷо равонаам?», «чӣ мақсад дорам?», «ба кӣ пайравӣ намоям?» на ҳамеша ҷавоби қонеъкунанда пайдо карда метавонад. Аз ин рӯ, заиф ё аз байн рафтани ҳувияти ягонаи ҷомеа боиси парокандашавии фазои иҷтимоӣ ба бахшҳои ҷудогона ва зуҳури фарҳангҳои мухталиф мегардад. Чунин раванд ба фарҳанги миллӣ ва ваҳдати ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби хеш «Уфуқҳои истиқлол» ба масъалаҳои ҳувияти миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳифзи ҳувияти миллиро дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ масъалаи усулии давлатдории ояндаи мо номидаанд. Сарвари давлат раванди ҷаҳонишавии босуръатро сабабгори омезиши арзишҳо, андешаҳо ва фарҳангҳо ҳисобида, ба ин назаранд, ки дар шароити нобаробариҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва технологӣ миллатҳои аз назари иқтисодию технологӣ заифтар фарҳангу арзишҳои миллии худро аз даст дода, ҳувияти миллиашон заиф мегардад ва миллатро хатари нобудӣ таҳдид менамояд. «Имрӯз танҳо бо сабаби қарор гирифтан дар вазъияти нобаробари рушди иқтисодӣ ва технологӣ бисёре аз арзишҳои асили миллии мо низ мавриди таҳдид қарор гирифтаанд. Маҳз бо дарназардошти ин воқеият, имрӯз фарҳангу арзишҳои миллӣ ва ҳувияти миллии мо эҳтиёҷ ба дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ дорад. Зеро дар шароити ҷаҳонишавии босуръат ҳифзи арзишҳои миллӣ фақат бо ҳимояи ҷиддии давлатӣ имконпазир мебошад» [27, с. 429-430]. Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, масъалаи ҳифзи ҳувият ва арзишҳои миллӣ на танҳо хусусияти фарҳангӣ ва тамаддунӣ дорад, балки дорои аҳаммияти воқеии сиёсӣ ва давлатӣ низ мебошад. Ба таъкиди Роҳбари давлат, дар шароите, ки арзишҳои муттаҳидсозандаи миллат заиф мегарданд, хатари ноустувор гардидани ваҳдати миллӣ ба миён омада, ин раванд ба суст гардидани пояҳои давлатдорӣ ва халалдор шудани суботу амнияти миллӣ оварда расонида метавонад.

Дар давлатҳое, ки умумиятҳои гуногуни этникӣ зиндагӣ мекунанд, мисли ИМА, омили муттаҳидкунандаи аҳолӣ ҳувияти шаҳрвандӣ мебошад. Ҳувияти шаҳрвандӣ эҳсоси мансубият нисбат ба ин ё он давлат буда, ҳамзистии муштараки намояндагони халқу миллатҳои гуногунро дар ҳудуди як давлат таъмин менамояд. Солҳои охир мушоҳида мегардад, ки ҳувияти шаҳрвандӣ низ дигар низоъҳои этникию диниро пешгирӣ ва ҳал карда наметавонад.

Аллакай дар ин давлатҳо бо шиорҳои худшиносӣ ва истиқлолхоҳӣ низоъҳои динию этникӣ авҷ мегиранд. Ҷаҳонишавӣ ва дигар падидаҳои умумиҷаҳонӣ ин равандро боз ҳам шиддат мебахшанд. Дар чунин шароит неру ва воситае лозим аст, ки рисолати ҳувияти миллӣ ва шаҳрвандиро иҷро намояд, муттаҳидии шаҳрвандонро дар ҳудуди давлати мушаххас таъмин карда тавонад. Ба андешаи баъзе аз ҷомеашиносон, ба сифати чунин неру ва ё восита ҳувияти ҳуқуқӣ баромад менамояд.

Як бахши муҳимми ҳувияти иҷтимоӣ ҳувияти ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки хотираи ҳуқуқии миллатро ифода намуда, ҳамчун арзиши ҳуқуқӣ дар рафтору фаъолияти ҳуқуқии одамон ҳувайдо мегардад. Дар баъзе аз сарчашмаҳои илмӣ омадааст, ки аввалин маротиба мафҳуми «ҳувияти ҳуқуқӣ»-ро Э. Дюркгейм барои дарёфти асосҳои ҳамбастагии ҳуқуқии одамон истифода бурдааст [263, с. 340]. Ҷомеашиноси франсавӣ Г. Лебон дар бораи ҳувияти ҳуқуқӣ чунин навиштааст: «Ҳар як миллат мисли вижагиҳои анатомияш сохти руҳонии устувор дорад, ки аз он эҳсосот, андешаҳо, ниҳодҳо, эътиқодҳо, қонунҳо ва ҳунарҳо сарчашма мегиранд» [98, с. 12]. Ҳувияти ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии шуури ҳуқуқӣ буда, ба амалу рафтори ҳуқуқии шахс роҳнамоӣ менамояд, асоси тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният мебошад.

Нақшҳои иҷтимоие, ки шахс дар ҷомеа иҷро мекунад, ниҳоят гуногунранганд ва на ҳама вақт бо ҳам мувофиқат доранд. Баъзан дар байни нақш ва мақоми иҷтимоии як шахс зиддиятҳо рӯй дода, ба рафтору фикрронии ӯ таъсири номатлуб мерасонанд. Ин гуна шароит шахсро водор месозанд, ки аз миёни нақшҳои сершумори иҷтимоӣ муҳимтаринашонро интихоб намояд ё онҳоро дар асоси муайян бо ҳам мувофиқ созад. Дар чунин раванд ҳуқуқ ҳамчун унсури пайвасткунанда ва устуворсозандаи нақшҳои иҷтимоӣ баромад мекунад. Маҳз ҳувияти ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир яке аз роҳҳои асосии ҳалли масъалаи ихтилофоти ҳувиятҳо ба ҳисоб меравад. Торафт ҳувиятҳои иҷтимоӣ, мисли ҳувияти динӣ ва этникӣ ба арзишҳои шахсии одамон табдил меёбанд ва

ҷойи онҳоро тадриҷан ҳувияти ҳуқуқӣ ҳамчун шакли расмӣ ва меъёрӣ ишғол мекунад.

Афзалияти ҳувияти ҳуқуқӣ дар муқоиса ба дигар навъҳои ҳувият дар он ифода меёбад, ки мазмун ва моҳияти онро меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ муайян намуда, нисбатан устувор мебошад. Бо вуҷуди ин, ҳувияти ҳуқуқӣ ҳамеша ба олами ботинии шахс пайвастагӣ надорад ва ташаккулу таҳкими он, пеш аз ҳама, ба раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ вобаста аст. Аз назари донишманди рус А.Ю. Мордовсев, ҳувияти ҳуқуқӣ дар маҷмуи расму оин ва таҷрибаи чандинасраи андӯхташуда таҷассум ёфта, тавассути шаклҳои гуногуни мероси маънавӣ, аз қабили зарбулмасалу мақолҳо, афсона ва эпосҳо ҳифз гардида, сатҳи маданияти ҳуқуқии ҷомеаро инъикос менамояд. Минбаъд, «хусусиятҳои миллии ҳувияти ҳуқуқӣ дар мафҳумҳои миллии ҳуқуқӣ, дар муносибатҳои воқеияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, давлат, ҳокимияти маҳаллӣ, ҳуқуқ, ҷиноят ва ҷазо зоҳир мешаванд» [263, с. 340].

Ҳувияти ҳуқуқӣ барои аксарияти муҳаққиқон мавзуи нав аст. Бояд таъкид намуд, ки мафҳуми «ҳувияти ҳуқуқӣ» бо мафҳумҳои «ҳувияти шаҳрвандӣ» ва «ҳувияти сиёсӣ» робитаи зич дошта, дар баъзе ҳолатҳо ҳатто ҳамчун мафҳумҳои ҳаммаъно истифода мегардад. Бо вуҷуди ин, дар байни ин мафҳумҳо аз нигоҳи мазмунӣ фарқиятҳои муайян мавҷуданд. Донишманди рус Н.В. Исаев зери мафҳуми «ҳувияти ҳуқуқӣ» аз ҷониби давлат эътироф ва қонунигардонии шахсро фаҳмидааст, ки дар натиҷа шахс ба ҳифзи ҳуқуқии давлат ва амалӣ гардидани ҳуқуқҳои худ умед баста метавонад. Ӯ, ҳувияти ҳуқуқиро чунин таъриф додааст: «Ҳувияти ҳуқуқӣ сифати субъекти ҳуқуқ мебошад, ки ҳолати муайяни ӯро тавассути худмуайянкунии ҳуқуқӣ дар категорияҳои ҳуқуқ, озодӣ, уҳдадориҳо ва масъулият ҳамчун арзишҳои ҳуқуқӣ тавсиф медиҳад ва шуури мусбати ҳуқуқӣ ва фаъолии ҳуқуқиро таъмин менамояд» [76, с. 14; 337, с. 83].

Донишманди дигар Е.В. Резников ҳувияти ҳуқуқиро ҳамчун падидаи огоҳона, ихтиёрӣ, интихобӣ ва чунин ҳолати иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд, дар

он шахс на танҳо мансубияти худро ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ дарк мекунад, балки ба ин мансубият аҳаммияти махсус дода, онро ҳамчун яке аз сифатҳои асосии шахсияти худ қабул мекунад. Ҳамзамон, «ин гурӯҳи иҷтимоӣ бояд расмӣ эътироф гардида, иштирокчиёни он дорои мақоми махсуси ҳуқуқӣ бошанд» [371]. Ба ақидаи ҷомеашинос, аҳаммияти ҳувияти ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки «ҳуқуқ дар ҷомеаи муосир воситаи асосӣ ва универсалии ҳифзи манфиатҳои иҷтимоӣ ва даъвоҳои қонунӣ мебошад, дар ҳоле ки ҳар як ҳувият барои таъмини худ аз воситаҳои ҳуқуқӣ истифода мебарад» [348, с. 12].

Муҳаққиқи соҳа Е.В. Астапова зери мафҳуми «ҳувияти ҳуқуқӣ» ҳувияти давлатиеро фаҳмидааст, ки ба ҳуқуқ алоқамандӣ дорад [327]. Муҳаққиқи дигар Ю.Ю. Ветютнев ҳувияти ҳуқуқӣ гуфта, мансубияти шахсро ба умумияти иҷтимоӣ ва бо ин восита соҳиб шудан ба ҳуқуққои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқиро фаҳмидааст. Муаллиф ҳувияти ҳуқуқиро бо мақоми ҳуқуқии шахс алоқаманд дониста, таъкид менамояд, ки шахс бо гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ворид шуда, ҳувияти иҷтимоии онро қабул менамояд, аммо то аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мақом наёбад, яъне ҳувияти ҳуқуқӣ нагирад, ҳуқуқу уҳдадориҳои худро амалӣ ва иҷро карда наметавонад. Ҳувияти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки байни шуури ҳуқуқӣ ва мақоми ҳуқуқии шахс алоқамандии қавӣ вуҷуд дорад [371].

Ҳувияти ҳуқуқӣ ҳамчун мансубияти шахс ба як умумияти муайяни иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ фаҳмида шуда, тавассути он шахс соҳиби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххас мегардад. Таркиб ва мазмуни ҳувияти ҳуқуқиро меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд ва аз ин сабаб, ҳувияти ҳуқуқӣ нисбат ба дигар ҳувиятҳои иҷтимоӣ аниқ, муайян, дақиқ, устувор ва иҷроишашон ҳатмӣ мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқи рус Ю. Ветютнев, ҳувияти ҳуқуқӣ аз се унсур таркиб ёфтааст:

1. Худшиносӣ – эҳсосоти субъективии мансубият ба як умумияти мушаххаси ҳуқуқӣ.

2. Эътирофнамоӣ – дар шакли расмӣ ва ҳуҷҷатӣ аз ҷониби давлат ва умумияти ҳуқуқӣ эътироф шудани мақоми ҳуқуқии шахс (ҳувияти иҷтимоӣ танҳо дар он ҳолат хусусияти ҳуқуқӣ пайдо менамояд, ки агар давлат гурӯҳи муайяни иҷтимоиро ҳамчун умумияти ҳуқуқӣ расман эътироф намуда, барои аъзои он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххасро муқаррар созад).
3. Таъминнамоӣ – кафолат додани ҳуқуқу манфиати шахс аз ҷониби давлат тавассути механизмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ [364].

Бо дарназардошти ҷанбаи таърихӣ ҳувияти ҳуқуқӣ «як падидаи консервативӣ ба шумор меравад, ки дорои маҷмуи мушаххаси қолабҳо, мавқеъгирӣ, ғояҳо ва намунаҳои рафтор мебошад» [136, с. 92]. Ҳувияти ҳуқуқӣ ба тағйироти иҷтимоӣ мутобиқ шуда, рушд менамояд ва арзишҳои ҳуқуқии таърихию этникиро ҳифз намуда, онҳоро аз як насл ба насли дигар интиқлол медиҳад. Мутобиқи дидгоҳи ҳуқуқшиноси тоҷик Э.С. Насриддинзода, ҳувият ҳамчун падидаи маънавӣ ва психологӣ ба таври мустақим ё ғайримустақим ба шаклгирии шуури ҳуқуқӣ таъсир расонида, заминаи маънавии фаъолияти ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, ҳувият дар шароити Тоҷикистон дорои заминаҳои қадима буда, таҳаввулоти таърихиро аз сар гузаронида, зери таъсири омилҳои дохилию беруна ба тағйироти иҷтимоӣ дучор гардидааст: «Ба рушди ҳувияти тоҷикон, аз як тараф, омилҳои дигаргуниҳо ҳангоми иваз шудани дин ва низоми динӣ, аз ҷумла ҳангоми гузариш аз зардуштия ба ислом, сипас ба тарзи зиндагии дунявӣ таъсир расонидаанд» [266, с. 48]. Муҳаққиқ ба ин назар аст, ки ҳувияти тоҷикон хусусиятҳои худро дорад, ки дар давоми садсолаҳо шакл гирифтааст, ба тарбияи ҳуқуқӣ, сатҳи шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ таъсири ҳалкунанда расонидааст.

Аз назари мо, робитаи шахс ба низоми ҳуқуқии ҷомеа, боварӣ ба неруи олии ҳуқуқ, такя ба қонун ва эҳтироми он ҳамчун арзиши иҷтимоӣ, интихоби рафтори ҳуқуқӣ ва тарзи ҳаёти қонунпазирро ҳувияти ҳуқуқӣ номидан мумкин аст. Ҳувияти ҳуқуқӣ як ҷузъи сохтори иҷтимоӣ ҷомеа буда, ба воситаи он шахс

дар ҷомеа мавқеи худро пайдо менамояд, ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои худро мефаҳмад, эътироф мекунад, амалӣ ва иҷро менамояд.

Яке аз ҷузъҳои муҳимми ҳувияти ҳуқуқӣ одатҳои ҳуқуқӣ маҳсуб меёбанд. Дар давлатҳои миллӣ халқ ва миллатҳои гуногун на танҳо забон, фарҳанги маънавӣ ва тарзи зиндагии анъанавии худро нигоҳ доштаанд, балки одат ва анъанаҳои ҳуқуқии хешро низ ҳифз намудаанд. Ин одатҳои ҳуқуқӣ, новобаста аз шароити иҷтимоӣ ва таърихӣ, ба шуур, рафтор ва муносибатҳои иҷтимоии онҳо таъсир мерасонанд. Одатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун як навъи меъёрҳои иҷтимоӣ ва неруи таъсиргузор дар шуури одамон ҷой гирифта, рафтору фаъолияти онҳоро ба танзим медароранд.

Дар ҷаҳони муосир зарурати ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ ба тақвият ёфтани равандҳои муҳоҷират (меҳнатӣ, таълимӣ ва ғайра) ҳамбастагӣ дорад. Ҳарчанд муҳоҷират падидаи нав нест, аммо он солҳои охир шаклу мазмуни нав ба навро соҳиб мегардад. Муҳоҷирон ба давлатҳои дигар рафта, дар ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳатто сиёсии он ҷо фаъолона иштирок мекунанд. Шахсони муҳоҷир аз сабаби номуайянии мақоми ҳуқуқии худ, маҳдуд будани имконоти иҷтимоишавӣ ва шуғлмандӣ дар муҳити бегона ба мушкилоти ҳувияти ҳуқуқӣ ва вокуниши ҷиддии аҳолии таҳҷоӣ гирифтор мегарданд.

Дар раванди муҳоҷират масъалаҳои ҳувият бисер тезу тунд мегардад, махсусан, мутобиқ шудан ба муҳити нави фарҳангӣ, муносибати бадбинонаи аҳолии таҳҷоӣ ва низоъҳои этникӣ ба ҳаёту фаъолияти муътадили муҳоҷирон мушкилиҳо эҷод менамоянд. Ҳодисаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки дар ҳамаи давлатҳои пешрафта масъалаи ҳувияти миллӣ ва ҳифзи фарҳанги миллӣ мубрам гардида, аллакай қоидаҳои будубоши муҳоҷирон торафт мураккаб мегарданд. Аллакай дар давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, мисли ИМА, Аврупо ва Россия сиёсати давлатии зидди муҳоҷирон шакл гирифта, вазъи мушкили муҳоҷиронро боз ҳам мушкилтар мегардонад.

Масъалаи дигари муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон манфиати аҳолии таҳҷоии давлат ҳангоми қабули муҳоҷирон мебошад. Аҳолии таҳҷоӣ бо

сабабҳои фарқи забонӣ, миллӣ, динӣ, фарҳангӣ, тақсим накардани захираҳои иҷтимоӣ, ҷойи кор, нигоҳдошти «тозагӣ»-и ҳувияти миллии худ ва ғайра муҳоҷиронро қабул кардан намехоҳанд, ки дар натиҷа шиддати иҷтимоӣ афзуда, сатҳи ҷиноятқорӣ боло меравад. Ба андешаи сиёсатшиноси ватанӣ Х.Қ. Сафарализода, «Дар кишварҳои муҳоҷирпазир муҳоҷирон сабаби ба амал омадани низоъҳои гуногун мешаванд. Пеш аз ҳама, аз ҳузури муҳоҷирон аҳолии таҳҷоӣ нороҳат шуда, ҳизбу ҳаракатҳои миллатгароию мазҳабиро ташкил менамоянд» [349, с. 183].

Муҳоҷирон масъалаҳои мутобиқшавӣ ба муҳити нави фарҳангиро тавассути ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ ҳал карда метавонанд. Масалан, имрӯз муҳоҷирони меҳнатии хориҷии Тоҷикистон тавассути омӯхтан, эътироф ва риояи қонунҳои давлати қабулкунанда ва худро як узви ин ҷомеаи ҳуқуқӣ донистан масъалаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияташонро ҳал мекунанд. Барои мутобиқшавии онҳо дар муҳити нави иҷтимоӣ, инчунин, донистани забон ва фарҳанги давлати қабулкунанда мусоидат менамояд. Баъзе аз муҳоҷирони Тоҷикистон тавассути қабули шаҳрвандии давлати қабулкунанда махсусан, Россия, мушкилоти будубоши худро дар муҳоҷират ҳал намоянд, ҳарчанд солҳои охир ин роҳ ҳам натиҷаҳои дилхоҳ намедиҳад.

Бо дарназардошти таҳлили боло ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ барои давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва шиддати масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ бояд ҳувияти ҳуқуқӣ ҳамчун васила ва сарчашмаи бартарафсозии низоъҳои этникию фарҳангӣ ва ҳалли дигар мушкилоти иҷтимоию сиёсӣ табдил ёбад.

Масъалаҳои ҳувияти ҳуқуқӣ ба афзудани таваҷҷуҳ ба ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои шахс низ алоқамандӣ дорад, зеро ҳуқуқ ба заминаи фаъолияти субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ табдил меёбад. Муносибати шахс ба воқеияти ҳуқуқӣ мақоми онро дар низоми ҳуқуқӣ муайян менамояд. Ахбори зиёди ҳуқуқие, ки дар ҷомеа вуҷуд дорад, аз тарафи субъектҳо на ба пуррагӣ,

балки интихобӣ вобаста ба зарур будан ба ҳаёту фаъолияти онҳо қабул мешавад. Ҳувияти ҳуқуқӣ чунин ҳолати шахс аст, ки ӯ на танҳо аъзои ягон гурӯҳи иҷтимоӣ аст, балки худ ба ин мансубият аҳаммияти калон медиҳад ва бо ҳамроҳшавӣ ба ин гурӯҳ сифатҳои муайяни ҳуқуқиро соҳиб мегардад. Агар шахс ба ҳувияти ҳуқуқии гурӯҳҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳ накунад, дар фаъолияти худ ба мушкилиҳо гирифтор мегардад. Аз ин рӯ, сабаби пайдоиши рафтору амалҳои зиддиҳуқуқии шахс (нигилизми ҳуқуқӣ, ҷиноятқорӣ)-ро тавассути ҳувияти ҳуқуқӣ шарҳ додан мумкин аст.

Ҳувияти ҳуқуқии шахс дар ҷараёни аз худ намудани нақшҳои иҷтимоие, ки хусусияти ҳуқуқӣ доранд, ташаккул меёбад ва рафтори ҳуқуқӣ яке аз ҷузъҳои асосии ин ҳувият ба шумор меравад. Ҳувияти ҳуқуқӣ, махсусан, дар ҳуқуқшиносон рушд меёбад, зеро онҳо ба аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқ баҳои баланд дода, худро як ҷузъи ҷудонопазири олами ҳуқуқӣ мепиндоранд. Ба сифати субъекти комили ҳувияти ҳуқуқӣ одамоне баромад мекунанд, ки соҳиби шуур ва маданияти рушдёфтаи ҳуқуқӣ мебошанд, моҳият, нақш ва аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқро дарк карда метавонанд.

Омилҳои асосие, ки дар ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ таъсир доранд, пеш аз ҳама, институтҳои иҷтимоӣ (оила, маориф, дин, ВАО ва ғайра), фазои ҳуқуқии ҷомеа (яъне сатҳи амалу татбиқи ҳуқуқҳо дар ҷомеа, қонуният, адолати иҷтимоӣ ва ғайра), сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии ҷомеа ва аз ҳама муҳим, вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон ба ҳисоб мераванд. Нақши давлат дар раванди ташаккули ҳувияти ҳуқуқии шаҳрвандон хеле муҳим ва ҳалкунанда аст. Маҳз тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла қабули қонунҳои босифт, таъмини ҳифз ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ба роҳ мондани раванди муътадили иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, рушди маърифати ҳуқуқӣ ва татбиқи пайгиронаи сиёсати ҳуқуқӣ барои ташаккули ҳувияти ҳуқуқии аҳолӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Ҳувияти ҳуқуқӣ як сифати иҷтимоии шахс аст ва ҳар нафаре, ки ҳувияти ҳуқуқии баланд дорад, дар робитаю муносибатҳои иҷтимоӣ худро нисбатан

озод, бехатар ва бомасъулият ҳис мекунад [213]. Соҳиби ҳувияти ҳуқуқӣ будан маънои ба худмуайянкунии ҳуқуқӣ расидани шахс аст, ки минбаъд ба рафтору фаъолияти ҳуқуқии ӯ мусоидат менамояд. Ҳувияти ҳуқуқӣ натиҷаи фаъолияти зеҳнии инсон аст, ҳамчун унсури асосии механизми иҷтимоишавии ҳуқуқӣ амал менамояд, буҳрони ҳувияти ҳуқуқӣ дар нигилизми ҳуқуқӣ, сатҳи пасти шуур ва маданияти ҳуқуқии одамон ифода меёбад.

Меҳвари асосии ҳувияти ҳуқуқиро низоми арзишҳои маънавӣ ташкил медиҳад, зеро ҳар як ҷомеа чунин маҷмуи арзишҳоро ташаккул медиҳад, ки бо фарҳанг, ормонҳо ва талаботи аъзоёни он мувофиқ меоянд. Арзишҳои маънавии анъанавие, ки дар таърихи тӯлонӣ ташаккул ёфтаанд, яке аз сарватҳои муҳимми стратегӣ дар фарҳанги тоҷик маҳсуб гардида, хусусиятҳои фарқкунандаи миллатро инъикос мекунанд. Барои фарҳанги суннатии халқи тоҷик чунин арзишҳо, аз қабили эътиқоди динӣ, виҷдон, шаъну шараф, ватандӯстӣ, муносибатҳои оилавӣ, боинсофӣ, меҳмондӯстӣ, муҳаббат, дустӣ ва ғайра нисбатан аҳаммиятнок ва афзалиятноканд.

Давоми даҳсолаҳои охир дар доираи фарҳанги маънавии ҷомеаи Тоҷикистон тамоюлҳои нигаронкунандаи манфӣ мушоҳида мешаванд, ки дар маҷмуъ онҳоро буҳрони фарҳангӣ номидан мумкин аст, ки барои таъмини амнияти миллӣ, пойдории ҷомеа, рушди минбаъдаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии кишварамон хатари ҷиддӣ доранд. Махсусан, «коҳиш ёфтани эҳсоси ватандӯстӣ дар байни ҷавонон, бартарӣ пайдо намудани сарвати моддӣ, поён рафтани аҳаммиятнокии арзишҳои оилавӣ ва дастгирии иҷтимоӣ, поён рафтани сатҳи ахлоқи ҷамъиятӣ, ташаккул ёфтани бепарвогию рӯҳафтодагии ҷамъиятӣ, интишори унсурҳои фарҳанги бегона, рушди каҷрафториҳои иҷтимоӣ ва коррупсия, муфтхӯрии иҷтимоӣ ва ғайра» [323, с. 73].

Дар арсаи ҷаҳонӣ ҳувияти ҳуқуқӣ замоне аҳаммияти бештар пайдо намуд, ки шаҳрвандони давлатҳои рӯ ба инкишоф ба кишварҳои пешрафта муҳоҷират карданд ва масъалаи мутобиқшавии онҳо ба муҳити нави ҳуқуқӣ

ба миён омад. Дар Тоҷикистон ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ ба танзими ҳуқуқии урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, инчунин, танзими муносибатҳои анъанавие, ки қаблан тавассути меъёрҳои ахлоқӣ ва динӣ танзим мешуданд, алоқамандӣ дорад. Махсусан, риоя ва иҷрои муқаррароти қонунҳои миллӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз шаҳрвандон сатҳи баланди ҳувияти ҳуқуқиро тақозо менамояд.

Масъалаи дигар ҳангоми таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дар баробари такя ба шуур ва талаботи ҳуқуқии ҷомеа, бояд ҳувияти ҳуқуқӣ, сохтори ақлонӣ ва равонӣ, асоси таърихӣ, фарҳангӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии халқу миллат ба инобат гирифта шаванд. Албатта, дар шароити эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳангоми ҳуқуқэҷодкунӣ қонунгузорон бештар ба намунаи низоми ҳуқуқии ғарбӣ такя мекунанд, ки тақозои замон аст. Ягон ҳуқуқи миллӣ мустақилона ва бе истифодаи арзишҳои ҳуқуқии умумиҷаҳонӣ рушд карда наметавонад, аммо ҳангоми таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон аз афкори боғановати ҳуқуқии ниёгон ва захираҳои ҳувияти миллии худ истифода намудан барои амали самараноки иҷтимоии ҳуқуқ мусоидат менамояд. «Татбиқи ҳуқуқ танҳо замоне муяссар мешавад, ки он бо тарзи ҳаёт, ҳувият ва манфиатҳои ҷомеа созгор бошад» [136, с. 50].

Ҳуқуқи миллӣ арзишҳои таърихии ҳуқуқӣ, урфу одат ва анъанаҳои манфиатбахши миллиро дар робита бо фарҳанги умумиҷаҳонӣ ҳифз намуда, имконият фароҳам меорад, ки дар доираи танзими ҳуқуқӣ қонунҳои миллӣ қабул шаванд. Қонунҳои миллӣ дар фарқият аз дигар қонунҳои ватанӣ мазмунан ба ҳастии маънавӣ ва тарзи зиндагии миллат такя карда, асосан масъалаҳои миллӣ, мисли танзими ҷашну маросим, таълиму тарбияи насли наврас ва тарбияи ватандӯстиро ҳал менамоянд. Дар масъалаи ҳуқуқи миллӣ ва ба назар гирифтани таҷрибаи пешқадами таърихи ҳуқуқи миллат назари

ҳуқуқшиноси тоҷик А.Ғ. Холиқзода қобили дастгирист. Ба андешаи ҳуқуқшинос, ҳуқуқи миллӣ «ҳуқуқест, ки дар он арзишҳои пешқадами илми ҳуқуқшиносӣ бо арзишҳои миллӣ бо ҳам омада, дар заминаи он дастовардҳои пешқадами таърихи ҳуқуқи миллат, ахлоқи миллат, урфу одат ва анъанаҳои миллию диние, ки қодиранд барои имрӯзу фардои шаҳрвандони кишвар хизмат намоянд, роҳ ба сӯйи қонунгузории кишварро ёфтааст» [179, с. 555]. Донишманд таъкид менамояд, ки ҷанбаи дигари муҳимми ҳуқуқи миллӣ ирсият дар эҷоди қонун ва сарчашмаҳои ҳуқуқист, яъне ҳангоми таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар баробари таҷрибаи пешқадами кишварҳои тараққикарда, инчунин, таҷрибаи таърихии ҳуқуқии миллат ба инобат гирифта шавад.

Ба андешаи А.Ғ. Холиқзода, тоҷикон аз халққҳои қадимаи мардуми ориёиянд, дар таърихи тамаддуни худ рисолати давлату давлатдорӣ ва ҳуқуқу ҳуқуқэҷодкуниро бар уҳда доштанд, решаҳои бузурги таърихии давлатдории миллати тоҷик саршори фарҳанги ғанӣ ва ҳуқуқи ақлгаро буда, хотираҳои олии ҳуқуқии халқи тоҷик бо ҳар роҳу восита ба низоми ҳуқуқии давлатҳои имрӯз роҳ ёфтааст, сабақҳои таърихи ҳуқуқӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии гузаштагони мо ҳамчун халқи ҳуқуқэҷодкунанда дар такмили низоми ҳуқуқии имрӯзаи Тоҷикистон хизмат карда метавонанд. Дар ин бора ҳуқуқшинос чунин навиштааст: «Ҳар як арзиши ҳуқуқӣ, ғояи ҳуқуқӣ, падида ва воситаҳои ҳуқуқие, ки дар ниҳоди миллату халқе сабзидааст, шаҳодати нуқтаи баланди маърифати воқеии ҳуқуқии ҳамон қавм аст... Агар қонунгузор дар раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ ба ин арзишҳои ҳуқуқӣ бештар диққат диҳад, ба ҳамон андоза таъмини иҷрои қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба пояи зарурӣ баланд мебардорад» [179, с. 329].

Ҳуқуқшиноси тоҷик М.З. Раҳимзода бар он назар аст, ки дар баробари воридшавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ, масъалаи таносуб ва мутобиқати онҳо ба низоми ҳуқуқи миллӣ мубрам мегардад. Дар ин раванд ба баъзе хусусиятҳои асосии меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ

таваҷҷуҳ кардан лозим аст, зеро бе таҳлили ҳаматарафаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба тасвиб расонидани онҳо боиси мухолифат, номутобиқатӣ ва холигии қонунгузорӣ гардида метавонад. Ба андешаи ӯ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низоми ҳуқуқи миллӣ дар иртиботи зич бо дигар низомҳои ҳуқуқии ҷаҳон рушд намуда, дар ҷараёни такомул зери таъсири мутақобилаи онҳо қарор мегирад: «Чунин раванд зарурати баҳамназдикшавии онҳо, аз ҷумла ҳамоҳангсозӣ, якҷояшавӣ ва воридшавии меъёрҳои як низоми ҳуқуқиро ба меъёрҳои низомҳои ҳуқуқии дигар тақозо менамояд. Ҳамзамон бо ин, чунин раванд зарурати нигоҳ доштани хусусияти ба худ хос, беназирӣ ва мустақилияти низоми ҳуқуқии моро низ талаб менамояд» [276, с. 8].

Ҳуқуқшиноси дигари тоҷик Л.М. Нусратов пешниҳод намудааст, ки ташаккул ва татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлат дар шароити ҷаҳонишавӣ бояд ба ҳувияти ҳуқуқии мардуми тоҷик асос ёбад. Дар раванди ислоҳоти низоми ҳуқуқи миллӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст, ки хусусиятҳои ҳувияти ҳуқуқии халқ ҳамаҷониба ба назар гирифта шаванд: «Муҳим аст, ки ислоҳоти гузаронидашуда ва санадҳои қабулшуда ба ҳувияти аслии таърихии ҳуқуқии мардум мухолифат накунанд, аз ҷониби «касе аз берун» таҳмил карда нашаванд, балки ба таври объективӣ талаб карда шаванд, то ки онҳо аз ҷониби баъзе ташкилотҳои байналхалқӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ бо мақсадҳои ғаразнок таҳмил нагарданд» [342, с. 22].

Дар шароите, ки миллати тоҷик ба ҳифзу таҳкими ҳувият ва фарҳанги миллии худ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд, барои муқовимат ба оқибатҳои номатлуби ҷаҳонишавӣ ҳамгироӣ ва мутобиқ намудани низоми ҳуқуқии миллӣ ба унсурҳои пешрафтаи ҳуқуқии байналмилалӣ мубрам мегарданд. Албатта, нусхабардорӣ ва татбиқи намунаҳои низоми ҳуқуқии давлатҳои ғарбӣ бе дарназардошти ҳувияти ҳуқуқӣ ва фарҳанги миллӣ натиҷаи зарурӣ ва самараи дилхоҳ намедиҳад. Баъдан, бояд фаромӯш насозем, ки «дар тӯли

таърих, яке аз шаклҳои муқобилияти як миллат алайҳи миллати дигар – мубориза барои заиф ва нобуд кардани ҳувияти миллии рақиб аст» [193, с. 41].

Бе ташкили дурусти таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули ҳувияти ҳуқуқии шахс ғайриимкон аст. Қобилияти худмуайяннамоии ҳуқуқӣ бояд ба яке аз ҷанбаҳои муҳимми худтатбиқнамоии шахс табдил ёбад. Такя ба ҳувияти ҳуқуқӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии нав замина гузошта метавонад. Ҳуқуқ бояд ба объекти мустақили ҳувият ва омили муҳимми ташаккули шахс табдил ёбад. Имрӯз дар Тоҷикистон ҳувияти ҳуқуқии қисми зиёди падару модарон ҳанӯз ба сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтааст. Аз ин рӯ, онҳо на ҳамеша ҳамчун агенти асосӣ ва аввалиндараҷаи иҷтимоишавии ҳуқуқии фарзандон баромад карда метавонанд. Аз ин рӯ, ҳувияти ҳуқуқии фарзандони онҳоро дар муассисаҳои таълимӣ ташаккул додан мумкин аст.

Ҳувияти ҳуқуқӣ як тасаввуроти оддии аҳолӣ дар бораи ҳуқуқ нест, он вақт ҳувияти ҳуқуқии аҳолӣ ташаккул меёбад, ки агар онҳо пайваста рафтори ҳуқуқӣ содир намоянд, таҷрибаи ҳуқуқӣ дошта бошанд, дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа фаъолона иштирок кунанд ва ҳамчун субъекти ҳуқуқӣ баромад карда тавонанд. Аз ҷониби дигар, бояд ҷомеаи ҳуқубунёд ташаккул ёбад, қонуният ва фазои ҳуқуқии солим ҳукумфармо бошад, ҳуқуқу озодиҳои одамон ҳифз ва татбиқ гарданд. Дар чунин ҳолат шаҳрвандон нисбат ба ҳуқуқ, қонун ва дигар падидаҳои ҳуқуқӣ эҳтиром ва эътимод пайдо намуда, нақшаҳои ояндаи зиндагии худро дар доираи талаботи қонун муайян мекунанд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки талаботи худро бо роҳи қонунӣ қонеъ гардонанд, аз андешаи амалҳои коррупсионӣ ва содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ дур бошанд ва ҳамчун субъекти иҷтимоии қонунпазир дар асоси талаботи қонун ва арзишҳои умумиинсонӣ фаъолият намоянд.

Албатта, дар ҳоле ҳувияти ҳуқуқӣ дар сатҳи ҷомеа ва давлат ташаккул меёбад, ки аксарияти шаҳрвандон дар доираи талаботи қонун ва арзишҳои умумиинсонӣ рафтор ва фаъолият кунанд, яъне рафтори қонунпазир ба зуҳуроти иҷтимоии фарогир ва сартосарии ҷомеа табдил ёбад. Бояд дар хотир

дошта бошем, ки маҳз ҳуқуқ тамаддунро ба вуҷуд овард, бо шарофати ҳуқуқ зиндагии шоистаю сазовори шаҳрвандон имконпазир гардид, маҳз ҳуқуқ пеши ҳамаи зӯроварию беадолатиро гирифт ва имкон дод, одамон қобилияту истеъдоди хешро дарк кунанд ва ба дастовардҳои шахсию касбӣ ноил гарданд. Ҳуқуқ ба намояндагони ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ шароит фароҳам овард, ки дар раванди рушди ҷомеа иштироки фаъол дошта бошанд ва самҳи назарраси хешро гузоранд. Аз ин рӯ, ташаккули ҳувияти ҳуқуқии шаҳрвандон, дар навбати худ, яке аз шартҳои муҳимми бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад ва барои расидан ба ин мақсади муҳим бояд тамоми тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Ҳамин тариқ, ҳувияти ҳуқуқӣ қобилияти шинохт ва татбиқи худ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ дар шароити мушаххаси ҳуқуқӣ, мансубияти фард ба ҷамъияти мушаххас ва қабули сифатҳои ҳуқуқии он мебошад. Ҳувияти ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки шахс ҳам ба низоми алоқаҳои иҷтимоӣ мутобиқ гардад ва ҳам нисбат ба дигарон озодӣ, мустақилият, уҳдадориҳо ва масъулиятро эҳсос намояд. Ҳувияти ҳуқуқӣ як бахши маданияти ҳуқуқиест, ки дар он муносибати мусбати шахс ба ҳуқуқ ва қонун инъикос мегардад, намояндагони дигар ҳувиятҳо (этникӣ, динӣ, шаҳрвандӣ, сиёсӣ, гендерӣ ва ғайра)-ро бо ҳам муттаҳид менамояд, ҳамчун як нуқтаи ҳамгироии байни ҳувиятҳо амал менамояд.

Дар шароити демократишавӣ ва ҷаҳонишавӣ муносибат ба масъалаи ҳувиятҳои гуногуни иҷтимоӣ бояд эҳтиёткорона сурат гирад, зеро шахсоне, ки ба фазои ҳувияти нав ворид мегарданд, ҳатман ҳувияти миллии худро муҳофизат менамояд. Аз ин рӯ, барои пешгирии зиддиятҳои ҳувиятӣ бояд танзими ҳуқуқӣ ба ҳувияти ҳуқуқӣ такя кунад. Давлат бояд низоми ҳуқуқии ҷомеаро такмил дода, бо ин восита барои худмуайянкунии ҳуқуқӣ ва рушди ҳувияти ҳуқуқии шаҳрвандон шароити мусоидро фароҳам созад.

Дар анҷоми боби панҷуми диссертатсияи докторӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон раванди

барқароршавӣ ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд муайян менамояд. Шуури ҳуқуқӣ донишҳои ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро таҷассум менамояд. Маданияти ҳуқуқӣ маҳорату қобилияти истифодаи шуури ҳуқуқӣ дар амалия ва фаъолияти иҷтимоиро ифода менамояд, ки асосан дар рафтори ҳуқуқӣ ва қонунпазирии шаҳрвандон инъикос мегардад. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ сатҳи баланди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон ба волоияти қонун, бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва татбиқи самараноки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҷомеа мусоидат менамоянд.

Омили асосии рушди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон дуруст ба роҳ мондани раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ мебошад. Маҳз дар раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ шаҳрвандон донишҳо ва арзишҳои ҳуқуқии ҷомеаро омӯхта, дар фаъолияти иҷтимоии худ истифода мебаранд. Маърифати ҳуқуқӣ ва қонунпазирии шахс маҳсули иҷтимоишавии дурусти ҳуқуқӣ мебошанд. Айни замон ба раванди иҷтимоишавии самараноки шахс вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии оила, сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ, муҳити иҷтимоӣ (доираи ҳамсолон, ҳамкорон ва дигар субъектҳои иҷтимоӣ), ВАО, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва ғайра таъсири назаррас мерасонанд.

Дигар масъалае, ки ба сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, инчунин раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад, ҳувияти ҳуқуқист. Дар замони ҳозира ҳувияти ҳуқуқӣ яке аз воситаҳои муҳимми ҳамгироии иҷтимоӣ буда, мансубияти шахсро ба умумияти мушаххаси ҳуқуқӣ ифода менамояд ва ҳувиятҳои иҷтимоиро бо ҳам муттаҳид мегардонад. Таҳаввулоти иҷтимоӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ, муҳоҷират ва афзоиши нақшҳои иҷтимоии ҷомеаи муосир зарурати ташаккули ҳувияти ҳуқуқиро ба миён овардааст. Дар шароити буҳрони ҳувият ва заифгардии таъсири арзишҳои анъанавӣ маҳз ҳувияти ҳуқуқӣ воситаи муҳимми мутобиқшавии шахс ба муҳити иҷтимоӣ мебошад. Ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон бо одатҳои ҳуқуқии миллӣ, шуури таърихӣ, фарҳанги миллӣ, таҷрибаи ҳуқуқии ниёгон ва

муносибатҳои нави ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дастгирии давлатӣ ба ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ мусоидат карда метавонанд.

Ҳамин тариқ, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва дигаргуниҳои босуръати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мувофиқати низоми ҳуқуқии миллӣ бо фазои ҳуқуқии байналмилалӣ зарурати ногузир буда, ин раванд бояд бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, ҳувияти миллӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии миллӣ амалӣ гардад. Дар ин замина, ҳуқуқ на танҳо воситаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, балки воситаи ҳифз ва густариши фарҳанг ва арзишҳои миллӣ арзёбӣ мешавад. Айни замон ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ воситаи асосии таъмини суботу устувории ҷомеа, мутобиқшавии иҷтимоӣ, таҳаввулоти иҷтимоӣ ва ҳамзамон бо ин, омили ҳифзи ҳувият ва арзишҳои миллӣ амал мекунад.

ХУЛОСА

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотӣ масъалаҳои асосии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ таҳлил гардида, хулосаҳои он ба тариқи зайл пешниҳод мешаванд:

1. Дар илми сотсиология ва равишҳои сотсиологӣ ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ таҳқиқ гардида, асосан ба вазифаҳои иҷтимоии он таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Равиши сотсиологии омӯзиши ҳуқуқ аз он ҷиҳат мубрам аст, ки Тоҷикистон роҳи эъмори ҷомеаи соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва шаҳрвандиро пеш гирифтааст ва барои расидан ба ин ҳадафи стратегӣ институти иҷтимоии ҳуқуқ мусоидат менамояд. Инчунин, ҳуқуқ падидаи иҷтимоист, ки дар ҳамбастагӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ташаккул ёфта, таҳқиқи фазои ҳуқуқии ҷомеа барои шарҳу таъбири ҳодисаҳои ҳуқуқӣ кумак мерасонад [10-М].

2. Ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ҳанӯз аз давраҳои қадим таваҷҷуҳи равшанфикрон, файласуфон ва намояндагони мактабҳои илмӣ-фалсафиро ҷалб намудааст. Сарчашмаи хаттии таърихии андешаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии мардуми ориённажод китоби «Авесто» мебошад, ки барои ташаккули таълимоти ҳуқуқӣ ва низоми ҳуқуқии давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ хизмат кардааст. Таҳаввулоти минбаъдаи таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ба фаъолияти донишмандон, файласуфон ва ҳуқуқшиносони Рими Қадим, Юнони Қадим, Эрони Қадим, мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик, Давраҳои Эҳё ва Нав, фалсафаи классикии Олмон, фалсафаи марксизм ва давраи шуравӣ марбутанд. Дар таълимоти мухталифи иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҳамаи онҳо як умумият ба назар мерасад: ҳуқуқ падидаи иҷтимоӣ буда, муносибати байни одамонро ба танзим ва ба ин восита, мавҷудияти ҷомеаи инсониро ҳифз менамояд [6-М], [7-М].

3. Дар асоси таҳлили назария, таълимот ва дидгоҳҳои гуногуни донишмандон ва мактабу равияҳои илмӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳуқуқ, пеш аз ҳама, институти иҷтимоӣ ва як намуди меъёри иҷтимоист. Ҳуқуқ

ирода ва манфиати гурӯҳҳо ва табақаҳои мухталифи иҷтимоиро ифода, раванди қонеъ гардидани талаботи иҷтимоии одамонро танзим менамояд. Фарқи асосии меъёрҳои ҳуқуқӣ аз дигар меъёрҳои иҷтимоӣ дар он аст, ки давлат ба манфиати шаҳрвандон меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, раванди риоя ва татбиқи онҳоро зери назорат мегирад. Ҳуқуқ низоми меъёрҳои махсусест, ки аз тарафи давлат муқаррар, тасдиқ ва ҳифз мешавад, қувваи махсуси давлатии таъсиру маҷбурсозӣ дорад ва муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамояд. Таъмини ҳамзистии осоиштаи аҳолӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ мақсади ниҳоии ҳуқуқ мебошад [10-М]; [35-М].

4. Аввалин сотсиологҳои классик, мисли О. Конт, Г. Спенсер, Э. Дюркгейм, М. Вебер ва дигарон дар рушди сотсиологияи ҳуқуқ саҳми назаррас гузоштаанд. Аз назари О. Конт ҳуқуқ ҳамчун унсури асосии сохтори иҷтимоии ҷомеа барои нигоҳдошти ҳамоҳангии иҷтимоӣ муҳим аст, аммо дар марҳилаи рушди позитивии ҷомеа ҷойи онро уҳдадориҳо мегиранд. Г. Спенсер ҳуқуқро ҳамчун воситаи таҳаввулоти ҷомеа ва нигоҳдошти тавозуни иҷтимоӣ таҳқиқ кардааст. Э. Дюркгейм меъёрҳои ҳуқуқиро дар шароити тағйироти куллии ҷомеа ва давраи гузариши ҷомеа тавассути назарияи аномия шарҳ додааст. Дар рушди сотсиологияи ҳуқуқ саҳми ҷомеашиносони асрҳои XIX-XX-и Россия С.А. Муромсев, Б.А. Кистяковский, Л.И. Петражиский, П.А. Сорокин ва дигарон хеле назаррас аст. П. Сорокин ҳуқуқро ба сифати механизми тавонои тағйироти иҷтимоӣ ва танзими равандҳои иҷтимоӣ таҳқиқ кардааст. Омӯзиши ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар равиши функсионализми сохторӣ ва назарияи низоъ ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Т. Парсонс ҳуқуқро воситаи неруманди назорати иҷтимоӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ, нигоҳдошти устувории низоми иҷтимоӣ арзёбӣ намудааст. Умуман, дар таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқии сотсиологҳои классик ва равишҳои муосири сотсиологӣ институти ҳуқуқ бо дарназардошти вазифаҳои иҷтимоии он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [1-М]; [10-М].

5. Ҳуқуқ ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии он дар шароити давраи гузариши ҷомеа хусусияти худро дорад. Давраи гузариши ҷомеа ҳолати буҳрониест, ки бо сабаби зуд тағйири сохтори ҷамъиятӣ ба миён меояд, дар натиҷа меъёрҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи зарурӣ амал намекунанд, ҷомеаро аномия фаро мегирад. Чунин марҳилаҳои гузариши ҳуқуқӣ дар таърихи халқи тоҷик борҳо рӯй додаанд, мисли низоми ҳуқуқи зардуштӣ, ҳуқуқи исломӣ, ҳуқуқи шуравӣ, низоми нави ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Давраи гузариши низоми ҳуқуқи шуравӣ ба низоми нави ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол буҳрони иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, бекорӣ ва камбизоатии сартосариро ба вуҷуд овард. Ба андешаи ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносони ватанӣ дар Тоҷикистон давраи гузариши ҳуқуқ аллакай дар зинаи анҷомёбист [9-М]; [13-М]; [21-М].

6. Моҳияти иҷтимоии ҳуқуқ дар иҷрои вазифаҳои иҷтимоии он таҷассум ёфта, нақш ва аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқ, доираи таъсири ҳуқуқ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро ифода менамоянд. Ҳуқуқ дар ҷомеи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ вазифаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, назорати иҷтимоӣ, ҷойивазкунии иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ ва ғайраро ба анҷом мерасонад. Муҳимтарин вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ фароҳам овардани шароити зарурӣ барои қонеъ гардидани талаботи иҷтимоии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Иҷрои муътадили вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ барои ташкили зиндагии шоистаю сазовори шаҳрвандон мусоидат менамояд [2-М]; [34-М]; [35-М].

7. Муҳимтарин вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ танзими муносибатҳои иҷтимоист. Дар ҷомеаи ибтидоӣ муносибатҳои иҷтимоӣ тавассути меъёрҳои ахлоқӣ ва динӣ танзим мегардиданд, аммо бо пайдоиши моликияти хусусӣ ва мураккаб гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар низоми танзимгарони ҷамъиятӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ бартарӣ пайдо намуданд. Бартарии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо аз тарафи давлат муқаррар мешаванд

ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (муносибатҳои иҷтимоии уфуқӣ ва амудӣ)-ро ба танзим дароварда метавонанд. Бо пешрафти ҷомеа меъёрҳои ҳуқуқӣ доираи муносибатҳои ахлоқӣ ва диниро низ фаро мегиранд. Ҳуқуқ тавассути қонунҳое, ки воқеан манфиату талабот ва арзишҳои ҳаётии одамонро таҷассум мекунанд, муносибатҳои иҷтимоиро танзим менамояд [10-М]; [34-М]; [35-М].

8. Ба вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ ҷойивазкунии иҷтимоӣ низ дохил мешавад. То асри XX бо сабаби пӯшида будани низоми табақабандии иҷтимоӣ ва ҳуқуқи табақавӣ ҷойивазнамоии иҷтимоии амудии аксарияти аҳолӣ хеле мушкил буд. Ба шарофати соҳиби ҳуқуқу озодиҳо шудани намояндагони ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ низоми табақабандии иҷтимоӣ кушода гардида, аксарияти шаҳрвандон имконият ёфтанд, ки қобилияту истеъдоди хешро дар амал татбиқ, вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии худро тағйир диҳанд. Имрӯз ҳуқуқ то дараҷае ба ҳама шаҳрвандони Тоҷикистон имконияти якхелаю баробари худмуайяннамоии шахсӣ ва касбиро фароҳам овардааст ва воситаҳои ҷойивазкунии амудӣ ба ҳамаи намояндагони табақаҳои иҷтимоӣ дастрас ҳастанд. Дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон низоми табақабандии иҷтимоӣ кушода буда, ҳар як шаҳрванд имконият дорад, ки аз восита ва роҳҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ (масалан, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба интихоби касб ва ғайра) истифода барад [29-М]; [34-М]; [35-М].

9. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати ҷомеа мутобиқати низоми ҳуқуқии миллӣ ба низоми ҳуқуқи байналхалқӣ, инъикоси талаботи нави иҷтимоӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳувият ва фарҳанги миллӣ ба зарурати афзалиятнок табдил меёбад. Азнавсозии ҳуқуқ раванди таҷассуми дастовардҳо ва таҷрибаи пешқадами ҳуқуқии ҷаҳонӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ва такмили низоми ҳуқуқии ҷомеа вобаста ба талаботи нави иҷтимоист мебошад. Баъдан, ҳуқуқ ҳамчун воситаи азнавсозии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ амал менамояд. Тамоми тағйироти иҷтимоӣ аз тағйири меъёрҳои ҳуқуқӣ оғоз мегардад, агар ҳуқуқ саривақт муносибат ва талаботи нави иҷтимоиро инъикос карда натавонад, ба рушди устувори ҷомеа монеа

мешавад. Аз ин рӯ, азнавсозии ҳуқуқ як падидаи муҳимми ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, ба рушди устувори ҷамъият замина мегузорад [1-М]; [14-М]; [34-М].

10. Ҳуқуқ ва синфи миёна ду зуҳуроти иҷтимоиеанд, ки бо ҳамдигар ҳамбастагии қавӣ доранд. Иҷрои самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ба афзудани намояндагони синфи миёна оварда мерасонад ва ташаккули синфи миёна барои амали самараноки ҳуқуқ мусоидат менамояд. Дар натиҷаи рушди синфи миёна сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон боло меравад, аксарияти аҳолӣ қонунпазир мегардад, сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ ва ҳуқуқпоймолнамоӣ коҳиш меёбад. Намояндагони синфи миёна манфиатҳои қонунии худро ҳифз карда метавонанд, барои ноил шудан ба пешрафти шахсию касбӣ фаъолона аз ҳуқуқу озодиҳои хеш ва роҳҳои тамаддунӣ (таҳсилот, меҳнати шабонарӯзӣ ва ғайра) истифода мебаранд. Хушбахтона, синфи миёна дар Тоҷикистон ботадриҷ рушд менамояд ва барои устувор гардидан ба дастгирии давлатӣ (иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра) ниёз дорад, ки дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» пешбинӣ гардидааст [23-М], [24-М]; [43-М].

11. Бунёди ҷомеи шаҳрвандӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, зеро иштироки фаъоли шаҳрвандонро дар идораи давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ таъмин менамояд. Моҳияти иҷтимоии ҳуқуқ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ дар он зоҳир мегардад, ки шаҳрвандон бо истифода аз ҳуқуқу озодиҳои хеш ба субъекти фаъолу мустақил ва ташаббускор табдил меёбанд, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пайдо мешаванд. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ шаҳрвандон тавассути ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятии созмондодаи хеш манфиату талаботашонро қонеъ гардонида, некуаҳволияшонро бо неруи худ таъмин кардан мехоҳанд, манфиати шахсӣ бо воситаи манфиатҳои гурӯҳию ҷамъиятӣ зоҳир мегарданд. Имрӯз дар Тоҷикистон ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ, мисли эъмори ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, озодии фаъолияти иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликият,

ҳуқуқи ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра ташаккул меёбанд [16-М]; [22-М], [28-М]; [39-М]; [41-М].

12. Яке аз падидаҳои иҷтимоие, ки дар шуури ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон зоҳир мегардад, нигилизми ҳуқуқист. Нигилизми ҳуқуқӣ коҳиши арзиши иҷтимоии ҳуқуқ, инкори меъёрҳои ҳуқуқӣ, нобоварӣ ба волоияти ҳуқуқ ва қонунро ифода менамояд. Агар қонунҳо дар ҷамъият пурра ё қисман амал накунанд, талаботи қонун аз тарафи шаҳрвандон ва намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ риоя ва иҷро нагарданд, нигилизми ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Нигилизми ҳуқуқӣ ба сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мувофиқат накардани онҳо ба талаботу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон низ вобастагӣ дошта метавонад. Дар Тоҷикистон нигилизми ҳуқуқӣ дар байни баъзе аз намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва зиёиён низ паҳн шудааст. Бо сабаби нигилизми ҳуқуқӣ баъзе шаҳрвандон барои ҳалли мушкилоти худ аз механизмҳои ғайриҳуқуқӣ истифода мебаранд [4-М]; [19-М], [44-М].

13. Нигилизми ҳуқуқӣ оқибатҳои номатлуби иҷтимоиро ба вуҷуд меорад, аз ҷумла ба раванди иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ халал мерасонад, ба амнияти миллӣ таҳдид менамояд, боиси паҳншавии рафтори ғайриқонунӣ мегардад, ба раванди иҷтимоишавӣ ва маърифати ҳуқуқӣ таъсири манфӣ мерасонад, ба ҷойивазкунии иҷтимоии шаҳрвандон монеа мегардад. Коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ ба татбиқи маҷмуи чорабиниҳои махсуси давлатие вобастагӣ дорад, ки барои бартарафсозии омилҳои объективию субъективии пайдоиш ва интишори он равона шудаанд. Волоияти ҳуқуқ, қонуният, баланд бардоштани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон тавассути иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ қадамҳои муҳимме мебошанд, ки барои паст намудани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ мусоидат карда метавонанд [18-М]; [44-М].

14. Баланд бардоштани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон барои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ ва эъмори ҷомеаи

демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ хеле зарур аст. Маҳз паст будани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқӣ боис мегардад, ки шаҳрвандон дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа фаъолона ширкат намекунанд ва ҳангоми дучор шудан ба мушкилоти ҳаётӣ қарорҳои нодуруст мебароранд. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ собит месозад, ки сабаби асосии қонуншиканӣ ва ё ба гурӯҳҳои экстримистию террористӣ ҳамроҳ шудани баъзе аз шаҳрвандон паст будани сатҳи донишҳои ҳуқуқии онҳост. Донишҳои зарурии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки ҳуқуқу озодиҳои хешро татбиқ ва ҳифз намоянд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъолу неруманд бошанд [15-М], [20-М].

15. Омили дигари коҳиши каҷрафтории иҷтимоӣ ва ташаккули сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон дуруст ба роҳ мондани раванди иҷтимоишавии ҳуқуқист. Тавассути иҷтимоишавии ҳуқуқӣ шаҳрвандон меъёрҳои ҳуқуқии ҷомеаро аз бар намуда, ба фазои ҳуқуқии ҷомеа ворид мешаванд. Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ асосан тавассути маърифати ҳуқуқӣ сурат мегирад. Шаҳрвандоне, ки раванди муътадили иҷтимоишавии ҳуқуқиро гузаштаанд, шуур ва маданияти кофии ҳуқуқиро соҳибанд, талаботи иҷтимоии худро бо роҳҳои қонунӣ қонеъ гардонида, рафтори қонунпазирро интихоб менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки бо пешрафти технологияи иттилоотию иртиботӣ интернет ба институти мустақили иҷтимоишавии ҳуқуқӣ табдил меёбад. Махсусан, зери таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва блогҳо тасаввуроти аҳолӣ дар бораи ҳуқуқ ва ҳодисаҳои ҳуқуқии ҷомеа шакл мегирад [5-М]; [11-М]; [37-М].

16. Ҳамгироии низоми ҳуқуқии миллӣ бо фазои ҳуқуқии ҷаҳонӣ бояд бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, ҳувият ва таҷрибаи ҳуқуқии миллӣ сурат гирад. Ҳувияти ҳуқуқӣ мансубияти шахс ба умумияти мушаххаси ҳуқуқӣ ва соҳиб шудан ба ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян мебошад. Бо шарофати ҳувияти ҳуқуқӣ фарҳанги ҳуқуқӣ ва таърихии миллат ҳифз гардида, қонунҳои миллӣ таҳия мегарданд ва муносибатҳои одамон ҳангоми иҷрои ҷашну маросимҳо ба танзим дароварда мешаванд. Дар ҷаҳони муосир тавассути ҳувияти ҳуқуқӣ

буҳрони ҳувият, нигилизми ҳуқуқӣ, масъалаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти муҳоҷирони меҳнатиро ҳал кардан мумкин аст. Ҳувияти ҳуқуқӣ ҳамчун як меҳвари ҳамгироӣ намояндагони ҳувиятҳои гуногунро муттаҳид карда метавонад [14-М]; [25-М]; [30-М]; [36-М].

ТАВСИЯҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

